Бист гуфтор

Муртазо Мутаҳҳарӣ

Баргардон ва таҳия аз:

Сайидюнуси Истаравшанӣ

Феҳрист

Феҳрист 2
Гуфтори 1: **9**
Адолат аз назари Алӣ (а) **9**
Адл аз усули дин 10
Алӣ, шаҳиди адолат 10
Чӣ адолате мӯҷиби шаҳодати Алӣ шуд? 11
Ҷуд беҳтар аст ё адл? 12
Ҷуд ва адл аз дидгоҳи ахлоқи фардӣ 13
Адл ва ҷуд аз назари иҷтимоӣ 13
Фарқи ҷуд бо эҳсон 15
Адолат, фалсафаи иҷтимоӣ 16
Ибрози нигаронӣ ва итмоми ҳуҷҷат 17
Қатойеъи Усмон 17
Атфи ба мосабақ 18
Дунёи кушоди адолат ва дунёи танги зулм 18
Ихтори муҳим 19
Оғози канорагириҳо ва баҳонагириҳо 20
Тақозои дӯстон 20
Мусодираи амвол 21
Номаи Амри Ос ба Муовия 21
Чӣ гуна адолаташ ӯро ба куштан дод? 22
Алӣ ва истифода аз унвони хилофат 22
Гуфтори 2: **25**
Асли адл дар ислом **25**
Иллати аслии инҳирофи мусалмонон аз адли исломӣ 25
Бад тафсир шудани адолат 25
Решаи каломӣ 26
Адли илоҳӣ 26
Ҳусну қубҳи ақлӣ 28
Асари амалӣ ва иҷтимоии баҳси ҳусну қубҳ 29
Далелҳои чаҳоргона 31
Истидлолҳои шармовар 31
Пирӯзии мункирони адл 32

Вожаи суннӣ 32
Авомписандии андешаи ашъарӣ 33
Ашъаригарии исломӣ ва суфастоигарии юнонӣ 34
Ҷанги ҷумуд ва равшанандешӣ 34
Алӣ, қурбонии ҷумудҳо 35
Хаворичқ 35
Шароити амр ба маъруф 38
Ақидаи Хаворичқ дар амр ба маъруф 39
Масоибе, ки Хаворичқ барои ислом ба вуҷуд оварданд 39
Гуфтори 3: 42
Мабонии аввалияи ҳуқуқ аз назари ислом 42
Натиҷаи асосии баҳси адл 43
Асли адл дар мазҳаби шиъа 43
Мабонии аввалияи ҳуқуқи исломӣ 43
Робитаи ҳуқуқ ва ҷаҳонбинӣ 44
Алоқаи ғоӣ байни ҳаққ ва зиҳаққ 45
Алоқаи фоъилӣ миёни ҳаққ ва зиҳаққ 48
Робитаи ғоӣ мӯҷиби ҳаққи билқуввa аст 48
Нақши ақл ва ихтиёр дар думарҳилаӣ шудани ҳаққи инсон 49
Ҳаққи замин бар инсон 50
Талозуми ҳаққ ва таклиф 50
Ҳаққи зуъафо 51
Як тафовути асосӣ 52
Ҳаққи иҷтимоъ 52
Ҳаққи ҳамсафар 53
Номи Алӣ, қарини адолат 54
Гуфтори 4: 58
Эҳтироми ҳуқуқ ва таҳқири дунё 58
Арзиши зотӣ ва арзиши нисбӣ 58
Мантиқи олии инсонӣ 60
Мантиқи иҷтимоӣ 61
Нақши ҳаққ ва адолати иҷтимоӣ дар умури маънавӣ 62
Таъсири адолати иҷтимоӣ дар афкор ва ақоид 63
Решаи пайдоиши андешаи бахт 64
Бадбинии рӯзгор 65

Адолати иҷтимоӣ ва ахлоқи фардӣ 66
Афроди истисноӣ 66
Осори ахлоқии табъизҳо 68
Ахлоқи мутаъодил дар ҷомеаи мутаъодил 69
Рози муваффақияти ислом 71
Таъсири адолат дар рафтори умумӣ 72
Гуфтори 5: 77
Тафовутҳои баҷо ва тафовутҳои беҷо 77
Таърифи адолат аз назари Алӣ (а) 77
Ҷомеа монанди як андоми зинда аст 78
Ихтилофи ҷомеа бо андоми зинда 79
Маънии “маданӣ биттабъ” будани инсон 80
Танозӯъи бақо ё мусобиқаи бақо 82
Даврқуни мусобиқа 83
Адолат ё мусовот 84
Ихтилофоти афрод аз назари истеъдодҳо 87
Мусовоти ҳақиқӣ 87
Ҷомеаи бетабақаи исломӣ 89
Ҷувайбар ва Зулфо 89
Иноятии Расули Акрам ба аз байни бурдани ноҳамвориҳо 93
Ҷанбаи иҷтимоии сираи набавӣ 93
Хулосаи сухан 95
Гуфтори 6: 96
Раззоқияти илоҳӣ 96
Дахолат дар кори Худо 96
Қиёси Худо ба инсон 97
Асли танзеҳ 97
Таъаҳҳуд ва замонати илоҳӣ 98
Интибоқи рӯзӣ ва рӯзихӯр 101
Инсон ва рӯзии ӯ 103
Таваккул 104
Гуфтори 7: 106
Имом Содиқ (а) 106
Фурсати тиллоӣ 106
Сира ва равиши Имом 108

Фоидаи сираҳои гуногуни маъсумин 108
Таъорузи зоҳирии сираҳо ва зарурати ҳалли онҳо 109
Дарс ва таълим на таъоруз 110
Фалсафаи зуҳд 110
Усули собит ва усули мутағайир 113
Қиём ё сукут? 114
Авзоъи сиёсӣ дар аҳди Имом Содиқ (а) 114
Иллати имтиноъи Имом 115
Авзоъи иҷтимоии аҳди Имом 116
Гуфтори 8: 120
Имом Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) 120
Осори зиндонҳои ба ҷурми озодагӣ 123
Қонуни тазодд ва тасодум 124
Зайнаби Кубро 124
Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) 125
Омадани маъмур ба аҳволпурсии имом (а) 127
Гуфтори 9: 129
Шадоид ва гирифториҳо 129
Шадоид, алтофи Худованд 129
Созандагии шадоид 130
Имтиҳони илоҳӣ 132
Нозпарвардагӣ 133
Фалсафаи таколифи душвор 135
Ъусру ҳараҷ 136
Гуфтори 10: 137
Фавоид ва осори имон 137
Сармоя ё сарбор? 137
Пуштвонаи ахлоқ 139
Саломати ҷисму ҷон 142
Интибоқ бо муҳит 143
Мафҳуми ризо ва таслим 144
Тасаллут бар нафс 144
Илм ва маҳорат 145
Гуфтори 11: 147
Назари дин дар бораи дунё 147

Тафсири ғалат аз зуҳд ва тарки дунё.....147
Зуҳд дар Қуръон.....148
Оё алоқа ба дунё мазмум аст?.....149
Роҳи ҳалҳо.....151
Мантиқи Қуръон.....151
Решаи ин мантиқ дар ҷаҳонбинии исломӣ.....154
Ахлоқ ва дунёпарастӣ.....154
Гуфтори 12:.....156
Назари ислом дар бораи илм.....156
Тавсия ба илм дар ислом.....157
Кадом илм?.....158
Сираи имомони дин.....159
Мантиқи Қуръон.....160
اقْرَأْ بِاسْمِ رَبِّكَ الَّذِي خَلَقَ. خَلَقَ الْإِنْسَانَ مِنْ عَلَقٍ. اقْرَأْ وَرَبُّكَ الْأَكْرَمُ. الَّذِي عَلَّمَ بِالْقَلَمِ.....160
Тавҳид ва илм.....161
Оё илм васила аст ё ҳадаф?.....161
Гуфтори 13:.....163
Пурсишҳои динӣ.....163
Ғаризаи пурсиш.....163
Пурсиш, калиди дониш аст.....164
Пурсиш аз чӣ?.....165
Ифроту тафрит дар пурсишҳо.....166
Гуфтори 14:.....169
Ақл ва дил.....169
Инсон, мавҷуди дуконунӣ.....169
Ҷиҳоди асғар ва ҷиҳоди акбар.....170
Таъсири дил дар қазовати ақл.....171
Хушбинӣ ба худ ва бадбинӣ ба дигарон.....173
Одат ба тафаккур ва таъаққул.....174
Гуфтори 15:.....177
Дарсе, ки аз фасли баҳор бояд омӯхт.....177
Майл ба танаввӯъ ва таҷаддуд.....177
Саҳми инсон аз фасли баҳор.....178
Ҳақиқат ва осори ҳаёт.....179
Ҳақоиқи номаҳсус.....180

“Лубб “дар Қуръон 181
Маҳдудияти ҳавосс 183
Қуръон ва фасли баҳор 185
Гуфтори 16: 187
Қуръон ва масъалаи тафаккур 187
Асли тафаккур 187
Инҳирофи мусалмонон аз масири тафаккури исломӣ 189
Муҷодилоти каломӣ 190
Ягонагии масъалаи вуҷуд ва ваҳдати сонеъ дар Қуръон 190
Сухане дар бораи Алӣ (а) 191
Гуфтори 17: 194
Истидлоли Қуръон ба масъалаи ҳаёт бар тавҳид 194
Баҳор ва растохез 194
Ҳаёт, воқеияте аст бартар аз модда 195
Оё ҳаёт хоссияти модда аст? 196
Низом ва суннати мавҷуд 197
Ҷустуҷӯи Худо дар маълумот, на дар маҷҳулот 198
Масъалаи оғози ҳаёт 200
Дорвин ва нафхаи илоҳӣ 200
Достони Одам дар Қуръон 201
Гуфтори 18: 204
Дуо 204
Руҳонияти дуо 204
Роҳе аз дил ба Худо 205
Инқитоъи изтирорӣ, инқитоъи ихтиёрӣ 206
Шароити дуо 206
Имон ва эътимод ба истиҷобат 207
Мухолиф набудан бо суннатҳои таквин ва ташреъ 209
Ҳамоҳангии соири шуъуни дуокунанда 209
Мавриди дуо натиҷаи гуноҳ набошад 210
Дуо набояд ҷонишини фаъолият қарор гирад 211
Дуо ва масъалаи қазо ва қадар 212
Дуо ва ҳикмати болиға 212
Дуо ва мақоми ризо 212
Шабҳои қадр 212

Лаззати дуо ва инқитоъ 213
Гуфтори 19: 215
Дастгоҳи идрокии башар 215
Шинохти ашё аз роҳи зидди онҳо 215
Моҳӣ ва об 217
Худо, нури мутлақ ва зоҳири мутлақ 218
Башар хаёл накунад, Худо аз ӯ махфӣ шуда 220
Башари маҳдуд, Худоро бо осори маҳдудаш мешиносад 221
Зиндагии мӯрча аз назари Алӣ (а) 222
Гуфтори 20: 226
Инкорҳои бечо 226
Ғурури илми ноқис 226
Ду паймони Худо аз башар 227
Ҳаддшиносӣ 229

بسم الله الرحمن الرجيم

Гуфтори 1:

Адолат аз назари Алӣ (а)

لَقَدْ أَرْسَلْنَا رُسُلَنَا بِالْبَيِّنَاتِ وَأَنْزَلْنَا مَعَهُمُ الْكِتَابَ وَالْمِيزَانَ لِيَقُومَ النَّاسُ بِالْقِسْطِ ۖ وَأَنْزَلْنَا الْحَدِيدَ فِيهِ بَأْسٌ شَدِيدٌ وَمَنَافِعُ لِلنَّاسِ وَلِيَعْلَمَ اللَّهُ مَنْ يَنْصُرُهُ وَرُسُلَهُ بِالْغَيْبِ ۚ إِنَّ اللَّهَ قَوِيٌّ عَزِيزٌ

(*Ҳадид/25*)

إِنَّ اللَّهَ يَأْمُرُ بِالْعَدْلِ وَالْإِحْسَانِ وَإِيتَاءِ ذِي الْقُرْبَىٰ وَيَنْهَىٰ عَنِ الْفَحْشَاءِ وَالْمُنْكَرِ وَالْبَغْيِ ۚ يَعِظُكُمْ لَعَلَّكُمْ تَذَكَّرُونَ

(*Наҳл/90*)

Ин ду ояти карима аз ду сура аст ва ҳар кадом дар як ҷойе аз Қуръон аст.

Ояти аввал ояти 25-ум аз сураи Ҳадид аст ва ояти дуввум ояти 90-ум аз сураи Наҳл аст.

Дар ҳар ду оят аз як матлаб ёд шуда ва он мавзӯъи адолат аст.

Албатта ҳар оят матлаби изофаӣ нисбат ба дигаре дорад.

Дар ояти аввал мефармояд: ”*Мо пайғамбарони худро бо далоили равшан фиристодем ва ҳамроҳи онҳо китоб ва миқёс ва василаи андозагирӣ фиристодем, то мардум бар мизони адолат амал кунанд. Оҳан фиристодем, ки филизи муҳкам ва босалобат аст ва манофеъе барои ҳаёти башар дарбар дорад. Иллати дигари фиристодани пайғамбарон ин аст, ки омадани онҳо василаи имтиҳоне бошад ва маълум ва равшан шавад, ки чӣ касе ба ёрии ҳақ ва аҳли ҳақ мешитобад ва чӣ касе намешитобад. Худованд нерӯманд ва ғолиб аст*.“

Дар ояти дуввум мефармояд: “*Худо амр мекунад ба адолат ва ба некӣ ва кӯмак ва силаи раҳм ва наҳй мекунад аз корҳои зишт ва бад ва зулм. Худованд панд медиҳад, то шумо мутазаккир бишавед*.”

Дар ояти аввал ҳадафи куллии адёни осмониро барқарор шудани мавозини адолат зикр мекунад ва дар ояти дуввум ба унвони як асл аз усул ва мабонии куллии ислом ва ба унвони муаррифии руҳи ислом мефармояд, Худованд ба адл ва эҳсон амр мекунад ва аз фаҳшо ва зиштқориҳо ва бадиҳо ва зулмҳо наҳй мекунад.

Мавзӯъи адл ва эҳсон, хусусан мавзӯъи адл, гузашта аз ин ки дар худи Қуръони Карим мукаррар зикр шуда, дар таърихи ислом ва дар миёни мусалмонон фасле тӯлонӣ дорад — чӣ аз назари илмӣ дар таърихи улуми исломӣ ва чӣ аз назари амалӣ ва иҷроӣ дар таърихи иҷтимоӣ ва сиёсии ислом ва чун воқеан яке аз аркони ислом асли адл аст,

шоиста аст, ки дар атрофи он сӯҳбат шавад, махсусан мо, шиъаён, ки яке аз усули динро адл медонем.

Адл аз усули дин

Усули динро панҷ чиз мешуморем: тавҳид, адл, нубувват, имомат, маъод. Адл ва имомат ихтисосан дар шиъа аз усули дин шумурда шуда ва гоҳе ин дуро ба номи ду асли мазҳаб меноманд, ки албатта мақсуд ин аст, ки аз назари исломшиносии ин мазҳаб ва аз назари диди пешвоёни ин мазҳаб, адл ва имомат ҳам аз усули ислом аст.

Пас маълум мешавад аз назари мазҳаб ва тариқаи мо, асли адл бисёр муҳим аст ва дар радифи масоиле аз қабили масоили ахлоқӣ нест. Аз ин рӯ ба ҳамин муносибат дар ин шабҳои азиз, ки фурсате ҳаст, то ҳадде, ки мақдур аст, дар атрофи ин асл ва таърихчаи он, ки бо сарнавишти мо ва вазъи ҳозири мо бастагӣ дорад, матолибе ба арзи шунавандагон мерасонам.

Ба илова ин ки ин шабҳо таъаллуқ дорад ба имоми одили ъалалитлоқ, муҷассамаи адл ва мусовот, шефтаи ҳақ ва инсоф, намунаи комили башардӯстӣ ва раҳмат ва муҳаббат ва эҳсон, мавлои муттақиён Алӣ (а), ки ҳатто дигарон дар борааш гуфтанд, қотили ӯ ҳамон адл ва мусоваташ буд:

وقتل في محرابه لشدة عدله

Душмани товус омад парри ӯ,
Эй басе шаҳро бикушта фарри ӯ.
Гуфт: ман он оҳуям, к-аз нофи ман
Рехт ин сайёд хуни софи ман.
(*Мавлоно*)

Алӣ, шаҳиди адолат

Ростӣ, ки Алии Муртазо муҷассамаи адл ва намунаи раҳмат ва муҳаббат ва эҳсон буд. Имшаб шаби зарбат хӯрдани ин шаҳиди адолат аст; зарбате, ки дар роҳи тасаллуб ва инъитофнопазирӣ аз ҳақ ва адолат ва дифоъ аз ҳуқуқи инсон хӯрд ва дар айни ҳол ҳамин зарбат ба мароратҳо ва муҷоҳидатҳо ва машаққатҳо ва ранҷҳои ӯ дар ин роҳ хотима дод ва ӯро дар ҳоли анҷоми вазифа аз по даровард; зарбате, ки худи ӯро осуда кард, аммо ҷаҳони исломиро то абад дар марги ҳамчу имоми одиле, ки агар ҳукуматаш муддате идома пайдо мекард, ҷомеаи намунаи комил ва дурахшони исломӣ ҷомаи амал мепӯшид, сӯгвор сохт.

Ин ки худи ӯро осуда ва роҳат кард ва аз назари шахси худаш осоиш ёфт, таъбире аст, ки аз каломи худаш иқтибос кардаам. Дар ҳамон ҳол, ки дар асари он зарбат дар бистар афтода буд, фармуд: мисли ман мисли ташнае аст, ки дар шаби торик дар саҳрои бепоёне дар ҷустуҷӯи оби равон бошад ва ногаҳонӣ ба об бирасад ва ман ҳамеша аз Худованд мехостам, ки ҳар вақт муқаррар шуда бимирам, дар бистар намирам, дар роҳи Худо кушта шавам ва ин орзуи ман буд, ки ба он расидам:

وما كنت إلا كقارب ورد وطالب وجد

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи 23*)

Чӣ адолате мӯҷиби шаҳодати Алӣ шуд?

Ба ҳар ҳол, чун имшаб ҳамчу шабе аст, дар талиъаи суханам дар ин чанд шаб шаммае аз адолатҳо ва эҳсонҳои мавлои муттақиён арз мекунам ва дар атрофи ин калима тавзеҳ медиҳам, ки чӣ гуна адолати Алӣ (а) қотилаш шуд ва чӣ гуна тасаллубаш дар ин роҳ, ошӯбҳо ва фитнаҳо аз тарафи онҳое, ки адолати Алӣ мустақиман бар зарари онҳо буд бапо кард ва ин адолат чӣ ҷур адолате буд.

Оё як адолати сирфан ахлоқӣ буд назири он чи мегӯем имоми ҷамоат ё қозӣ ё шоҳиди талоқ ё байинаи шаръӣ бояд одил бошад? Ин ҷур адолатҳо, ки боиси қатли касе намешавад, балки бештар боиси шӯҳрат ва маҳбубият ва эҳтиром мегардад.

Он навъ адолати мавло, ки қотилаш шинохта шуд, дар ҳақиқат, фалсафаи иҷтимоии ӯ ва навъи тафаккури махсусе буд, ки дар адолати иҷтимоии исломӣ дошт ва худаш шадидан исрор меварзид, ки адолати иҷтимоии ислом ва фалсафаи иҷтимоии ислом сирфан ҳаминро иқтизо мекунад.

Ӯ танҳо одил набуд, адолатхоҳ буд. Фарқ аст байни одил ва адолатхоҳ, ҳамон тавре, ки фарқ аст байни озод ва озодихоҳ. Яке озод аст, яъне худаш шахсан марди озоде аст ва яке озодихоҳ аст, яъне тарафдори озодии иҷтимоъ аст ва озодӣ ҳадаф ва идеяи иҷтимоии ӯст. Илм ҳам ҳамин тавр аст: яки шахсан олим аст, яке илова бар ин, тарафдори умумияти илм ва савод ва таълими умумӣ аст. Ҳамин тавр аст адолат: яке шахсан одами одиле аст ва яке адолатхоҳ аст, адолат фикри иҷтимоии ӯст. Боз мисли ин ки яке солеҳ аст ва дигаре ислоҳталаб. Дар ояти каримаи Қуръон мефармояд:

كُونُوا قَوَّامِينَ بِالْقِسْطِ

(*Нисо/135*) Қиём ба қист яъне иқома ва бапо доштани адл ва ин ғайр аз одил будан аз ҷанбаи шахсӣ аст.

Ҷуд беҳтар аст ё адл?

Аввал, ҷумлае аз худаш дар ҷавоби суоле нақл мекунам: касе аз Алии Муртазо (Саломуллоҳи алайҳ!) пурсид: оё ҷуд (бахлу бахшиш) беҳтар аст ё адолат?

أيهما أفضل؟ العدل أو الجود؟ فقال عليه السلام: العدل يضع الأمور مواضعها، والجود يخرجها من جهتها

Фармуд: адл беҳтар аст аз ҷуд, ба далели ин ки адл, ҳар чизеро дар ҷойи худ қарор медиҳад ва ҳар ҳаққеро ба зиҳаққи воқеии худ мерасонад, аммо ҷуду бахшиш умурро ва ҷараёнҳоро аз маҳалли худашон ва мадорашон хориҷ мекунад; ҷуд ин аст, ки одамӣ аз ҳаққи мусаллами худ сарфи назар кунад, ба дигаре, ки зиҳақ нест ҷуд кунад. Пас ҷуд ашёро аз мавзеъи худ хориҷ мекунад.

Адл вазъи неъмате дар мавзиъаш,

На ба ҳар бехе, ки бошад обкаш.

(Мавлоно)

Мавзеъи рух шаҳ ниҳӣ, вайронӣ аст,

Мавзеъи шаҳ асб, ҳам нодонӣ аст.

(Мавлоно)

والعدل سائس عام، والجود عارض خاص

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 429*) Дигар ин ки адолат соис ва идоракунандаи умум аст; чизе аст, ки поя ва мабнои зиндагии умумӣ ва асоси муқаррарот аст, аммо ҷуду бахшиш як ҳолати истисноӣ аст, ки дар мавқеъи хосс касе ба касе ҷуд мекунад ва эсор мекунад. Ҷуду эсорро наметавон мабнои асли зиндагии умумӣ қарор дод ва бар асоси онҳо муқаррарот ва қонун вазъ ва онро иҷро кард. Агар ҷуду эҳсону эсор таҳти қонун ва муқаррароти лозимуличро дарояд, дигар ҷуду эҳсону эсор ном надорад, ба истилоҳ аз вуҷудаш адамаш лозим меояд. Ҷуду эсор вақте ҷуду эсор аст, ки ҳеч қонун ва муқаррароти ҳатмӣ ва лозимуличро надошта бошад ва одамӣ сирфан ба хотири карам ва бузургворӣ ва гузашт ва навъдӯстӣ ва балки ҳаётдӯстӣ ҷуд кунад. Пас бинобар ин адл аз ҷуд афзал аст.

Ин буд ҷавоби Алии Муртазо (а) дар мавриди афзалияти адл аз ҷуд.

Ҳаргиз як инсоне, ки тафаккури иҷтимоӣ надорад ва бо миқёсҳои фардӣ андозагирӣ мекунад, ин тавр ҷавоб намедиҳад; намегӯяд, адл аз ҷуд болотар аст. Имом Алӣ (а) дар ин сухани бисёр пурқимати худ, ба адл аз назари иҷтимоӣ нигоҳ мекунад ва бо миқёси иҷтимоӣ андозагирӣ мекунад. Ин сухан, сухани касе аст, ки фалсафаи иҷтимоии равшане дорад.

Ҷуд ва адл аз дидгоҳи ахлоқи фардӣ

Уламои ахлоқ ҷудро аз адл болотар донистаанд, аммо Алии Муртазо (а) дар камоли сароҳат мегӯяд, адл ба ин далел ва он далел аз ҷуд болотар аст. Албатта ин ду назар аз ду зовия ва ду дидгоҳ аст.

Агар танҳо аз ҷанбаи фардӣ ва ахлоқи шахсӣ матлабро мутолеа кунем, ҷуд аз адл болотар аст. Аз назари малакоти ахлоқӣ, малакаи ҷуд ва эсор болотар аст аз малакаи адолат. Зеро шахси одил аз он ҷиҳат, ки шахсан ва аз назари ахлоқи шахсӣ ва фардӣ одил аст, дар ин ҳадд аз камоли инсонӣ аст, ки ба ҳаққи дигарон таҷовуз намекунад, моли касеро намебарад, мутаъарризи номуси касе намешавад. Аммо он ки ҷуд мекунад ва эсор менамояд, на танҳо моли касеро намебарад, балки аз моли худ ва дастранҷи худ ба дигарон ҷуд мекунад. На танҳо навбати касеро намегирад, навбати худро ҳам аҳёнан ба дигарон медиҳад. На танҳо бар касе ҷароҳате ворид намеоварад, балки дар бемористонҳо ва майдонҳои ҷанг ва дар кулбаҳо ва хонаҳои бенавоён ба сари беморон ва маҷрӯҳин меравад, доруе ба комашон мереазад, марҳаме ба ҷароҳаташон мегузорад, маҷҷонан шуғли парастории беморонро барои худ интихоб мекунад. На танҳо хуни касеро намереазад, балки ҳозир аст хуни худро фидои хайри ҷомеа кунад.

Пас, аз назари малакоти ахлоқӣ ва сифоти шахсӣ албатта ҷуд аз адл болотар аст, балки тарафи қиёс нестанд.

Адл ва ҷуд аз назари иҷтимоӣ

Аммо аз назари зиндагии иҷтимоӣ чӣ тавр? Аз назари зиндагии иҷтимоӣ ва аз ҷанбаи умумӣ, ки афроди иҷтимоъро ба сурати як воҳид дармеоварад, аз ин назар, ки бингарем, мебинем, ки адл аз ҷуд болотар аст.

Адл дар иҷтимоъ, ба манзилаи пояҳои сохтмон аст ва эҳсон аз назари иҷтимоъ ба манзилаи рангомезӣ ва наққошӣ ва зинати сохтмон аст. Аввал бояд поя дуруст бошад, баъд навбат ба зинат ва рангомезӣ ва наққошӣ мерасад. Агар “хона аз пойбаст вайрон аст”, дигар чӣ фоида, ки “хоҷа дар банди нақши айвон” бошад?[1] Аммо агар поя муҳкам бошад, дар сохтмони бенаққошӣ ва берангомезӣ ҳам метавон зиндагӣ кард. Мумкин аст

[1] *Хоҷа дар банди нақши айвон аст,*

Хона аз пойбаст вайрон аст.

Саъдӣ

сохтмон фавқулъода наққошии хуб дошта бошад ва зоҳираш ҷолиб бошад, аммо чун поя хароб аст, як борон кофӣ аст онро бар сари аҳлаш хароб кунад.

Ба илова, ҳамин ҷудҳо ва эҳсонҳо ва эсорҳое, ки дар мавоқеъе хуб ва муфид аст ва аз назари ҷудкунанда фазилати бисёр олӣ аст, аз назари гиранда фазилат нест. Ҳисоби ӯро ҳам бояд кард, ҳисоби иҷтимоъро ҳам бояд кард. Агар риояти мувозанаи иҷтимоӣ нашавад ва ҳисоб накарда сурат бигирад, ҳамин фазилати ахлоқӣ мӯҷиби бадбахтии умумӣ ва харобии иҷтимоъ мегардад. Садақоти зиёд ва авқофи зиёд ва ҳисобнакарда, нузуроти зиёд ва ҳисобнакарда дар ҳар ҷо, ки ворид шуда, монанди сел ҷомеаро хароб карда, руҳияҳоро танбал ва фосидулахлоқ бор оварда, латмаҳо ва хасороте ворид оварда, ки камтар аз латамот ва хасороти як сипоҳи ҷаррор набуда, мисдоқи каломи Худо буда дар бораи баъзе инфоқот, ки мефармояд:

مَثَلُ مَا يُنْفِقُونَ فِي هَٰذِهِ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا كَمَثَلِ رِيحٍ فِيهَا صِرٌّ أَصَابَتْ حَرْثَ قَوْمٍ ظَلَمُوا أَنْفُسَهُمْ فَأَهْلَكَتْهُ ۚ وَمَا ظَلَمَهُمُ اللَّهُ وَلَٰكِنْ أَنْفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ

(*Оли Имрон/117*) Масали инфоқҳое, ки дар ин дунё мекунанд ва унвони инфоқ ва садақа ва амсоли инҳо ба онҳо медиҳанд, айнан мисли боди сахте аст, ки бо сармо ҳамроҳ аст ва мерасад ба зироъати мардуме, ки зулм ба нафс кардаанд ва ҳамаи он зироъатҳоро аз байн мебарад. Худованд ба онҳо ситам накарда, худашон ба худашон ситам кардаанд.

Ҷомеаро ҳаргиз бо ҷуду эҳсон наметавон идора кард. Пояи созмони иҷтимоъ адл аст. Эҳсону ҷудҳои ҳисобнашуда ва андозагиринашуда корҳоро аз мадори худ хориҷ мекунад. Имом Саҷҷод (а) фармуд:

كم من مفتون بحسن القول فيه، وكم من مغرور بحسن الستر عليه وكم من مستدرج بالإحسان إليه

(*Туҳафул-ъуқул, с.281*) Бисёре аз мардум аз бас хубиашонро ва мадҳашонро гуфтанд фосид шуданд, бисёре аз мардум чун аз айбашон чашмпӯшӣ шуд ва мавриди интиқод қарор нагирифтанд, мағрур шуданд, бисёре аз мардум ҳам чун ба онҳо эҳсон шуд ва аз роҳи эҳсон зиндагӣ ва корашон идора шуд, тадриҷан дар ғафлат фурӯ рафтанд.

Ин аст маънии сухан Алии Муртазо (а), ки фармуд:

العدل يضع الأمور مواضعها والجود يخرجها من جهتها

“*Адл ҷараёни корҳоро дар маҷрои худ қарор медиҳад, аммо ҷуд ҷараёнҳоро аз маҷрои аслӣ хориҷ мекунад*.” Бисёре аз мардум ибтидо, ки мешунаванд Алӣ, мазҳари комили ҷуду сахо, адлро аз ҷуд бартар дониста таъаҷҷуб мекунанд, ки чӣ тавр мешавад адл аз ҷуд болотар бошад? Яъне чӣ Алӣ (а), ки саромади аҳли ҷуду эсору карам аст, дар бораи ҷуду карам мефармояд, ки ҷуду карам корҳоро аз ҷараёни худаш хориҷ мекунад?

Аммо бо баёне, ки кардам ва ду ҷанбае, ки тавзеҳ додам, маълум шуд, ки мо то кунун ба адлу ҷуд аз як ҷанба нигоҳ мекардаем ва он, ҷанбаи ахлоқӣ ва ҷанбаи фазилати шахсӣ ва нафсонии қазия буда ва албатта аз ин ҷиҳат матлаб ҳамон тавр аст. Аммо ҷанбаи дигар муҳим аст ва он, ҷанбаи иҷтимоии қазия аст ва мо то кунун камтар аз ин ҷанба фикр мекардаем. Ва иллати ин ки камтар фикр мекардаем ин аст, ки муддати зиёди нест, ки башар ба арзиши мутолеоти иҷтимоӣ пай бурда ва қонунҳои иҷтимоиро шинохта, дар собиқ каму беш баъзе аз муфаккирони олиқадри мо таваҷҷӯҳ доштаанд, аммо ба сурати улуми мудавване набудааст, бинобар ин дар қазоё фақат ба ҷанбҳҳои ахлоқӣ ва фардии онҳо нигоҳ мекардаанд. Ман ёд надорам то кунун касе дар китобе дар атрофи ин ҷумла, ки арз кардам, баҳсе карда бошад ва ҳол он ки ин ҷумла дар “Наҳҷул-балоға” аст ва дар дастраси ҳама буда.

Ба назарам, иллаташ ин аст, ки ин ҷумла бо миқёсҳои ахлоқӣ наметавониста дар назарҳо маънии дуруст ва қобили таваҷҷӯҳе дошта бошад, аммо имрӯз, ки ба баракати пешрафти улуми иҷтимоӣ, миқёсҳои дигар ғайр аз миқёсҳои ахлоқӣ ба дасти мо расида, мефаҳмем, ки чӣ каломи пуразрзише аст ва чӣ қадр ин сухан аз замони худаш, балки аз замони Сайид Разӣ (р), ки суханони Алӣ (а)-ро гирдоварӣ кард ва ба номи “Наҳҷул-балоға” ба сурати китобе даровард, ҷилавтар ва болотар аст.

Ҳеч мумкин набуд дар он замон, худи Сайид Разӣ, ки ҷамъкунандаи ин калимот аст ва ҳатто Бӯалӣ Сино, ки бузургтарин файласуфи асри гирдоварии “Наҳҷул-балоға” аст, битавонад ҳамчу ҳақиқати иҷтимоии олиро баён кунад.

Фарқи ҷуд бо эҳсон

Ҷуду эҳсон аз лиҳози маънӣ наздик ба якдигаранд. Дар ояти Қуръони Карим адл қарини эҳсон зикр шуда:

إِنَّ اللَّهَ يَأْمُرُ بِالْعَدْلِ وَالْإِحْسَانِ

(*Наҳл/90*) Ин соил, ки дар бораи адлу ҷуд аз Амирулмӯъминин (а) суол карда, дар ҳақиқат мисли ин аст, ки пурсида бошад, ин ки Қуръон мефармояд:

إِنَّ اللَّهَ يَأْمُرُ بِالْعَدْلِ وَالْإِحْسَانِ

— оё адл беҳтар аст ё эҳсон? Албатта ҷуду эҳсон наздик ба якдигаранд, на айни ҳам, зеро эҳсон аъамм аст аз ҷуд; ҳам шомили бахшишҳои молӣ аст ва ҳам шомили соири некӣ расонданҳо. Масалан, агар шумо дасти оҷизеро бигиред ва ӯро аз ин тарафи хиёбон ба он тарафи хиёбон бибаред, ҷуд накардаед, эҳсон кардаед ва агар ҷоҳилеро таълим ё гумроҳеро иршод кунед, боз эҳсон кардаед, на ҷуд.

Адолат, фалсафаи иҷтимоӣ

Ғаразам аз нақли ин суолу ҷавоб ин буд, ки таваҷҷӯҳ пайдо шавад, ки Алии Муртазо (а) ба адл аз чӣ дидае менигариста? Оё аз ҷанбаи фардӣ ва шахсӣ нигоҳ мекарда ё бештар ба ҷанбаи иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ дошта?

Ин суолу ҷавоб ва таҳлиле, ки дар ҷавоб фармуд, маълум шуд, ки ба ҷанбаи иҷтимоии матлаб таваҷҷӯҳ дошта. Ин аст, ки аз як тараф аз суханони Алӣ (а) ва аз тарафи дигар аз амали ӯ — махсусан аз тарзи амале, ки дар давраи заъомат ва ҳукумати худ анҷом дод — маълум мешавад, ки адолат ба сурати як фалсафаи иҷтимоии исломӣ мавриди таваҷҷӯҳи мавлои муттақиён буда ва онро номуси бузурги исломӣ талаққӣ мекарда ва аз ҳар чизе болотар медониста, сиёсаташ бар мабнои ин асл таъсис шуда буд, мумкин набуд ба хотири ҳеч манзуре ва ҳадафе кӯчактарин инҳироф ва инъитофе аз он пайдо кунад.

Ва ҳамин амр, ягона чизе — бале ягона чизе — буд, ки мушкилоти зиёд барояш эҷод кард. Ва зимнан ҳамин матлаб як мифтоҳ ва калиде аст барои як нафар муаррих ва муҳаққиқ, ки бихоҳад ҳаводиси хилофати Алиро таҳлил кунад. Алӣ (а) фавқулъода дар ин амр тасаллуб ва таъассуб ва инъитофнопазирӣ ба харҷ медод.

Дар бораи тасаллуби Алӣ (а) дар амри адолат — ки аз назар ва таъбире бояд гуфт, адолат ва аз назар ва таъбире бояд гуфт, ҳуқуқи башар — ҳамин бас, ки фалсафаи пазируфтани хилофатро баъд аз Усмон, баҳам хӯрдани адолати иҷтимоӣ ва мунқасим шудани мардум ба ду табақаи сери сер ва гуруснаи гурусна зикр мекунад ва мефармояд:

لولا حضور الحاضر، وقيام الحجة بوجود الناصر، وما أخذ الله على العلماء أن لا يقاروا على كظة ظالم ولا سغب مظلوم، لألقيت حبلها على غاربها، ولسقيت آخرها بكأس أولها

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 3*) Агар набуд, ки иддае ба унвони ёру ёвар ба дари хонаам омаданд ва бар ман итмоми ҳуҷҷат шуд, дигар ин ки Худованд аз доноён ва равшанзамирон аҳду паймон гирифта, ки ҳар вақт авзоъе пеш ояд, ки гурӯҳе он қадр амвол ва сарватҳо ва мавҳибатҳои илоҳиро ба худашон ихтисос бидиҳанд ва он қадр бихӯранд, ки аз пурхӯрӣ бемор шаванд ва иддае он қадр ҳуқуқашон поймол бишавад, ки мояи садди ҷӯъе ҳам надошта бошанд, дар ҳамчу авзоъ ва аҳвол, ин доноён ва равшанзамирон наметавонанд биншинанд ва тамошочӣ ва ҳадди аксар мутаассиф бошанд. Агар ҳамчу вазифаеро дар ҳоли ҳозир эҳсос намекардам, канор мерафтам ва афсори хилофатро дар даст намегирифтам ва монанди рӯзи аввал паҳлъ тиҳӣ мекардам.

Ибрози нигаронӣ ва итмоми ҳуҷҷат

Ва чун ин тавр барномае дар даврони ҳукуматаш дошт, ки на танҳо ин буд, ки дар давраи худаш нагузорад ҳайфу майл бишавад ва ҳуқуқи мардум поймол шавад, балки барномааш ин буд, ки ҳуқуқи поймолшудаи гузаштаро, ки иҷҳофгарҳо моли худ ва милки худ медонистанд баргардонад, рӯйи ин ҳисоб ва ин нақша, худаш медонист, ки чӣ ҷанҷоле бапо хоҳад шуд, бинобар ин бо тардид ва нигаронӣ зери бори хилофат рафт ва ба мардуме, ки омаданд байъат кунанд, гуфт:

دَعُونِي وَ الْتَمِسُوا غَيْرِي، فَإِنَّا مُسْتَقْبِلُونَ أَمْراً لَهُ وُجُوهٌ وَ أَلْوَانٌ لَا تَقُومُ لَهُ الْقُلُوبُ وَ لَا تَثْبُتُ عَلَيْهِ الْعُقُولُ

“*Маро раҳо кунед, суроғи касе дигар биравед, ояндае рангоранг ва нособит дар пеш аст, итминоне ба мавқеият дар иҷрои он чи вазифаи исломии ман ба ӯҳдаи ман гузошта нест, ошуфтагиҳо дар ҷилав аст, ки дилҳо собит наемонад ва афкор мутазалзил мегардад ва ҳамин шумоҳо, ки имрӯз омадаед, вақте, ки дидед роҳи бисёр душворе аст, аз васати роҳ мумкин аст баргардед*.”

وَإِنَّ الْآفَاقَ قَدْ أَغَامَتْ وَالْمَحَجَّةَ قَدْ تَنَكَّرَتْ

Уфуқҳоро абру маҳ гирифта ва хуршед дар пушти абрҳо монда, корҳое шуда ва тасбит гашта, ашхосе дар ин таърихи кӯтоҳ, ки аз умри ислом мегузарад, ба сурати бут даромадаанд, барҳам задани равиши онҳо бисёр душвор аст.

Он гоҳ барои ин ки бо ин мардум, ки имрӯз бо исрор аз ӯ мехоҳанд хилофатро бипазирад, итмоми ҳуҷҷат кунад, фармуд:

وَاعْلَمُوا أَنِّي إِنْ أَجَبْتُكُمْ رَكِبْتُ بِكُمْ مَا أَعْلَمُ

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 91*) Бидонед, агар ман ин даъватро пазируфтам, он тавр, ки худам медонам ва мефаҳмам ва тибқи барномае, ки худам дорам амал мекунам ва ба ҳарфу тавсияи аҳаде ҳам гӯш нахоҳам кард. Бале, агар маро ба ҳоли худ вогузоред ва масъулияти ҳукумат ва хилофатро бар ӯҳдаи ман нагузоред, ман маъзурам ва мисли гузашта ҳукми як мушовир хоҳам дошт.

Қатойеъи Усмон

Роҷеъ ба қатойеъи Усмон, яъне заминҳое, ки мутаъаллиқ ба оммаи мусалмонон аст ва Усмон онҳоро дар тасарруф ашхос қарор дода буд, фармуд:

وَاللَّهِ لَوْ وَجَدْتُهُ قَدْ تُزُوِّجَ بِهِ النِّسَاءُ وَمُلِكَ بِهِ الْإِمَاءُ لَرَدَدْتُهُ

“*Ба Худо қасам, заминҳое, ки мутаъаллиқ ба оммаи мусалмонон аст ва Усмон ба ину он дода пасхоҳам гирифт, ҳарчанд онҳоро маҳри занонашон қарор дода бошанд ё бо онҳо канизаконе харида бошанд*.”

Атфи ба мосабақ

Мушкилоти зиёде барои Амирулмӯъминин дар хилофат пеш омад. Иллати асосии матлаб ин буд, ки атфи ба мосабақ (гузашта) мекард. Намегуфт, бар гузаштаҳо салавот! Мегуфт, ба гузаштаҳо ҳам кор дорам, гузашта аст, ки созандаи ҳол ва истиқбол аст, бар рӯйи пояи хароб ва мунҳариф ва фарсуда, биное олӣ ва муҳкам наметавон сохт.

Дунёи кушоди адолат ва дунёи танги зулм

Баъд фармуд:

إن في العدل سعة، ومن ضاق عليه العدل فالجور عليه أضيق

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 15*) Адолат, беш аз ҳар чизи дигар гунҷоиш дорад, ки ҳамаро розӣ кунад. Ягона зарфияти васеъе, ки метавонад ҳамаро дар худ ҷамъ кунад ва заминаи ризояти умум воқеъ гардад, адолат аст. Агар касе дар асари инҳирофи табиат ва дар асари ҳирсу оз, ба ҳаққи худ ва ҳадди худ қонеъ набошад ва қаноат ба ҳақ бар ӯ фишор биёварад, ҷавру зулм ба ӯ бештар фишор хоҳад овард.

Зеро ду навъ фишор ба руҳи одамӣ ворид мешавад: яке, фишорҳое аст, ки омилҳои муҳит ва иҷтимоъ ворид меоваранд, зарба ва шаллоқе аст, ки дигаре ворид меоварад, ҳабс ва зиндоне аст, ки дигари ӯро гирифтор кардааст. Як навъи дигар, фишорҳое аст, ки аз дохили руҳ бар одамӣ ворид меояд, мисли фишори ҳасад, фишори кина, фишори интиқомҷӯӣ, фишори ҳирсу оз ва тамаъ.

Агар адолати иҷтимоӣ барқарор шавад, аз лиҳози омилҳои хориҷӣ таъмин падид меояд, зеро дар он сурат касе наметавонад ба ҳаққи дигаре таҷовуз кунад, аз ин ҷиҳат касе наметавонад руҳи ӯро дар тангӣ ва фишор қарор диҳад. Ва аммо агар адолат барқарор нашуд ва майдон, майдони зӯру зулм ва ғорату чаповул шуд, онҳо, ки таҳти фишори омилҳои руҳии ҳирсу тамаъ ҳастанд, матомеъашон бештар таҳрик мешавад ва бештар таҳти фишори қавии ин омилҳо қарор мегиранд ва ранҷ мебаранд. Пас, касе, ки муҳити адолат, бар ӯ фишор оварад, муҳити зулм бештар ӯро мефишорад.

Ибни Абилҳадид мегӯяд, баъд аз қатли Усмон мардум дар масҷид ҷамъ шуда буданд, ки бибинанд, кори хилофат ба куҷо мекашад. Ва чун ғайр аз Алӣ (а) касе дигар набуд, ки мардум ба ӯ таваҷҷӯҳе дошта бошанд ва аз тарафе ҳам иддае буданд, ки расман хитоба мехонданд ва суханронӣ мекарданд ва дар атрофи шахсияти Алӣ (а) ва савобиқи ӯ дар ислом сӯҳбат мекарданд, мардум ҳуҷум оварданд ва бо Алӣ (а) байъат карданд. Он суханонро, ки фармуд, маро раҳо кунед ва дигареро бигиред, зеро авзоъи оянда чунину чунон аст ва ба илова ман касе нестам, ки аз он чи худ медонам кӯчактарин инҳирофе пайдо кунам, дар ҳамин вақт буд, ки омада буданд байъат кунанд ва ба унвони итмоми ҳуҷҷат дар аввали кор худ, он суханонро эрод кард.

Ихтори муҳим

Мегӯяд: дар рӯзи дуввум расман дар масҷид болои минбар рафт ва ба он чи рӯзи гузашта бо ишора гуфта буд, тасреҳ кард ва фармуд: Худованд худаш медонад, ки ман алоқае ба амри хилофат аз он ҷиҳат, ки риёсате ва қудрате аст, надорам. Аз Пайғамбари Акрам шунидам, ки фармуд: ҳар кас баъд аз ман зимоми умури умматро ба даст бигирад, рӯзи қиёмат ӯро бар сирот нигаҳ хоҳанд дошт ва малоикаи илоҳӣ номаи амали ӯро боз мекунанд, агар ба адолат рафтор карда бошад, Худованд ӯро ба мӯҷиби ҳамон адолат наҷот хоҳад дод, вагарна сирот таконе мехӯрад ва ӯро ба қаъри ҷаҳаннам меандозад.

Баъд ба тарафи росту чап нигоҳе кард ва ашхосеро, ки дар гӯшаву канор буданд, аз зери назар гузаронд ва он гоҳ фармуд: он иддае, ки дунё онҳоро дар худ ғарқ карда ва амлок ва наҳрҳо ва асбони олӣ ва канизакони нозукандом барои худ таҳия кардаанд, фардо, ки ҳамаи инҳоро аз онҳо мегирам ва ба байтулмол бармегардонам ва ба онҳо ҳамон қадр хоҳам дод, ки ҳақ доранд, наёянд ва нагӯянд, ки Алӣ моро иғфол кард, аввал чизе мегуфт ва ҳоло таври дигаре амал мекунад, Алӣ омад ва моро аз он чи доштем, маҳрум кард. Ман аз ҳамин алъон барномаи равшани худро эълом мекунам.

Баъд миқдоре сӯҳбат кард. Ва чун иддае, ки барои худ имтиёз қоил буданд ва мавриди иттиҳом буданд, далелашон ин буд, ки мо ҳаққи сӯҳбат ва мусоҳибати Пайғамбарро дорем ва дар роҳи ислом чунину чунон заҳмат кашидаем, ба онҳо фармуд: ман мункири фазилати сӯҳбат ва собиқаи хидмати афрод нестам, аммо инҳо чизҳое аст, ки Худованд худ аҷру подоши онҳоро хоҳад дод. Инҳо муҷаввиз намешавад, ки имрӯз мо миёни онҳо ва дигарон фарқ бигузорем. Ин умур милоки табъиз воқеъ намешавад.

Оғози канорагириҳо ва баҳонагириҳо

Рӯзи дигар онҳо, ки медонистанд машмули ҳукми Алӣ хоҳанд шуд, омаданд ва ба каноре нишастанд ва муддате бо ҳам машварат карданд, намояндае аз тарафи худ фиристоданд. Он намоянда Валид ибни Ъуқба ибни Абимуъит буд. Омад ва изҳор дошт: ё Абалҳасан! Аввалан худат медонӣ, ки ҳамаи мо, ки ин ҷо нишастаем, ба воситаи савобиқе, ки бо ту дар ҷангҳои ислом дорем, дилхушӣ аз ту надорем ва ғолибан ҳар кадом аз мо як нафар дорем, ки дар он вақтҳо ба дасти ту кушта шуда, вале мо аз ин ҷиҳат сарфи назар мекунем ва бо ду шарт ҳозирем бо ту байъат кунем: яке ин ки атфи ба мосабақ накунӣ ва ба гузашта ҳар чи шуда коре надошта бошӣ, баъд аз ин ҳар тавр мехоҳӣ амал кун. Дуввум он ки қотилони Усмонро, ки алъон озод ҳастанд, ба мо таслим кун, ки қасос кунем. Ва агар ҳеч кадомро қабул намекунӣ, мо ночорем биравем ба Шом ва ба Муовия мулҳақ шавем.

Фармуд: аммо мавзӯъи хунҳое, ки дар собиқ рехта шуда, хуне набуда, ки ба воситаи кинаи шахсӣ рехта шуда бошад, ихтилофи ақида ва маслак буд, мо барои ҳақ меҷангидем ва шумо барои ботил, ҳақ бар ботил пирӯз шуд, шумо агар эътироз доред, хунбҳое мехоҳед, биравед аз ҳақ бигиред, ки чаро ботилро дарҳам шикаст ва нобуд сохт?! Аммо мавзӯъ ин ки ман ба гузашта коре надошта бошам ва атфи ба мосабақ накунам, дар ихтиёри ман нест, вазифае аст, ки Худо ба ӯҳдаи ман гузошта ва аммо мавзӯъи қотилини Усмон агар ман вазифаи худ медонистам, ки онҳоро қасос кунам худам ҳамон дирӯз қасос мекардам. Валид баъд аз шунидан ин баёноти сареҳ ва қотеъ бозгашт ва ба миёни ҳаммаслаконаш рафту суханони Имомро ба онҳо гуфт. Онҳо ҳам ҳаракат карданд ва рафтанд ва тасмими худро бар мухолифат ва душманӣ, яктарафӣ ва аланӣ карданд.

Тақозои дӯстон

Баъд менависад: иддае аз асҳоби Алӣ (а) ҳаминки аз ҷараёнҳо воқиф ва мутталеъ шуданд, ки гурӯҳе ташкил шуда ва алайҳи заъомати Алӣ тахрибу таҳрик мекунанд, омаданд хидмати Алӣ (а) ва арз карданд, омили умдае, ки сабаб шуда инҳо норозӣ бишаванд ва гурӯҳе ташкил бидиҳанд, масъалаи исрори туст бар адлу мусовот, ҳатто қазияи таслими қотилини Усмон ҳам баҳона ва сарпӯшест рӯйи ин тақозо, мехоҳанд мардуми авомро ба ин васила таҳрик кунанд. Баъзе гуфтаанд, Молики Аштар яке аз ин пешниҳодкунандагон буд ва ё аслан пешниҳодкунанда ӯ буд.

Ба ҳар ҳол, мақсуд аз ин пешниҳод ин буд, ки агар метавонӣ дар ин тасмими худ таҷдиди назар кун.

Алӣ (а) донист, ки ин фикр шояд дар димоғи оммаи мардум пайдо шавад, ки ҳоло ин қадр исрор ба ин матлаб лузуме надорад. Ҳаракат кард ва рафт ба масҷид ва барои як хитобаи умумӣ омода шуд. Дар ҳоле, ки фақат як порча рӯйи шона андохта, як порчаи дигар монанди лунгӣ ба камар баста ва шамшере низ ҳамоил карда буд, истод болои минбар ва ба камонаш такя зад. Шурӯъ ба сӯҳбат кард ва фармуд:

Худовандро, ки парвардигори мо ва маъбудм мост шукр мекунем… Тамоми неъматҳои ӯ миннат аст, ки бар мо гузоштааст бидуни ин ки мо аз худ истиқлоле дошта бошем.

Он гоҳ фармуд: афзали мардум дар назди Худо он кас аст, ки беҳтар ӯро итоат кунад, суннати пайғамбарашро беҳтар ва бештар пайравӣ кунад, китоби Худо яъне Қуръонро беҳтар эҳё кунад. Мо барои аҳаде нисбат ба аҳаде фазле қоил нестем магар ба мизони тоъат ва тақво. Ин Қуръон аст, ки ҷилави мо ҳозир аст ва ин сираи пайғамбар аст, ки ҳама медонем бар мабнои адолат ва мусовот барқарор буд, бар аҳаде махфӣ нест магар он ки касе бихоҳад ғаразварзӣ кунад ва муъонадат биварзад, ки он матлаби дигаре аст.

Он гоҳ ин ояти Қуръонро тиловат кард:

يَا أَيُّهَا النَّاسُ إِنَّا خَلَقْنَاكُمْ مِنْ ذَكَرٍ وَأُنْثَىٰ وَجَعَلْنَاكُمْ شُعُوبًا وَقَبَائِلَ لِتَعَارَفُوا ۚ إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِنْدَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ

(*Ҳуҷурот/13*) Ин оятро ба ин манзур хонд, ки бифаҳмонад, ман ба ҳукми ин оят имтиёзоти шуморо лағв мекунам.

Мусодираи амвол

Ва низ Ибни Абилҳадид дар шарҳи он ҷумлаҳо, ки фармуд: “Заминҳоро бармегардонам ҳарчанд ки маҳрияи занон ва ё баҳои хариди канизон қарор гирифта бошад”, мегӯяд, ҳамон тавре ки гуфта буд, ҳамаи амволро забт кард магар онҳое, ки ҳозир набуданд ва фирор карда буданд ва аз таҳти ихтиёраш хориҷ шуда буданд.

Асли “қонуни атфи ба мосабақ мекунад”-ро дар заминаи ҳуқуқ иҷтимоӣ бо ин ҷумла, ки мегуфт:

إن الحق القديم لا يبطله شيء

(*Шарҳи “Наҳҷул-балоға”, Ибни Абилҳадид, ҷ.1, с.90*) (*“Ҳаққи қадимро ҳеч чизе аз байн намебарад, ҳаққи мусаллами собит машмули мурури замон намешавад*.”) ботил хонд.

Номаи Амри Ос ба Муовия

Дар ин байнҳо Амри Ос номае навишт барои Муовия:

ما كنت صانعا فاصنع قبل إذ قشرك ابن أبي طالب من كل مال تملكه كما تقشر عن العصا لحاها

(*Ҳамон китоб ва ҳамон сафҳа*) Навишт, ҳар коре, ки аз ту сохта аст бикун, ки писари Абӯтолиб ҳар чи дорӣ ва дар ин муддат ҷамъ кардай, аз ту хоҳад гирифт ва аз ту чудо хоҳад кард, он тавр ки пӯсти асои дастиро аз он чудо мекунанд.

Чӣ гуна адолаташ ӯро ба куштан дод?

Ин ки гуфтаанд:

قتل في محرابه لشدة عدله

("*Мунтаҳои тасаллуб ва таъассуб дар адолаташ буд, ки қотилаш шуд*") маъниаш ин аст, ки арз кардам. Маълум мешавад, соир масоил аз қабили таслими қотилини Усмон ва масъалаи ин ки дар ҷангҳои ислом ва ҷоҳилият чунину чунон шуда, баҳона буда, ҳамаи ҳарфҳо бар сари масъалаи иҷрои адолати иҷтимоӣ буда, хусусан аз ин назар, ки Алӣ (а) қонеъ набуд, ки ба гузашта коре надошта бошад ва аз ҳол барои оянда шурӯъ кунад, атфи ба мосабақ мекард ва мегуфт:

إن الحق القديم لا يبطله شيء

Алӣ ва истифода аз унвони хилофат

Дар охири сухан, қисматҳои ҷузъе аз корҳои шахсӣ ва сахтгириҳое, ки бар худаш дар ин мавзӯъ мекард, арз мекунам.

Алӣ (а) ба ҳеч вачҳ ҳозир набуд на худаш ва на каси дигар аз бастагонаш ва ёронаш аз унвони хилофат суистифода кунанд. Ҳатто гоҳе суистифода ҳам ҳисоб намешуд, филҷумла авлавияте ба шумор мерафт, он ҳам авлавияте, ки дигарон дар бораи ӯ қоил мешуданд, на худаш. Агар ба бозор мерафт, ки чизе бихарад, кӯшиш мекард касеро пайдо кунад, ки ӯро нашиносад, ки ӯ халифа Амирулмӯъминин аст, барои он ки мабодо мулоҳизаи ӯро бикунад ва байни ӯ ва дигарон фарқ бигузорад. Ҳамин қадр ҳам ҳозир набуд аз унвони худаш истифода бикунад.

Маносиби иҷтимоӣ аз назари касе, ки воқеан вазифаи худашро анҷом диҳад ва нахоҳад аз унвони худаш истифода бикунад, набояд гуфт, ҳақ аст, бояд гуфт, таклиф аст. Фарқ аст байни ҳақ ва таклиф. Ҳақ яъне истифода ва баҳра, таклиф яъне вазифа. Агар мо суистифодаҳоро аз маносиби иҷтимоӣ бигирем, он вақт мебинем наметавонем унвони ҳақ ба онҳо бидиҳем, бояд унвони таклиф ба онҳо бидиҳем. Он вақт аст, ки агар бихоҳем дар бораи баъзе маносиб баҳс кунем, ки оё шомили фалон даста ва фалон синф мешавад,

бояд бигӯем, оё ин таклиф шомили онҳо ҳаст ё нест? На ин ки оё ин ҳақ ба онҳо мерасад ё хайр? Сурати масъала ба куллӣ иваз мешавад.

Масалан мегӯем, “сарбозӣ” таклиф аст, на ҳақ, бинобар ин мегӯем, “сарбозвазифа“, намегӯем “ҳаққи сарбозӣ”. Агар бино шавад аз ановин суистифода нашавад ва холис амал шавад, маълум мешавад, ҳамаи инҳо таклиф аст, на ҳақ. Шароити таклиф ҳам ғайр аз шароити ҳақ аст.

Барои Алӣ, ки ҳеч гуна суистифодае аз хилофат намекард, хилофат ва ҳукумат таклиф буд, на ҳақ. Агар бино шавад аз таклиф ва вазифае истифодаҳои номашрӯъ бишавад, ҳар таклиферо мешавад ба ғалат номи ҳақ рӯяш гузошт.

Агар намоз хондан, ки сад дар сад таклиф аст, мавриди суистифода воқеъ шавад ва манбаъи даромади зиндагии касе бишавад, аз назари он шахси истифодачӯ намоз хондан ё имомати ҷамоат ҳақ аст, на таклиф. Бузургтарини ҳаққҳо ҳам мумкин аст бошад, аммо ҳақиқат ин тавр нест.

Вақте Алӣ Муртазо (а)-ро мебинем, ки ҳатто ҳозир нест ин қадр аз унвони худ истифода кунад, ки вақте чизе мехоҳад бихарад, аз касе мехарад, ки ӯро нашиносад — мабодо ба эҳтироми мақоми хилофат, ба ӯ арзонтар бифурӯшад — бояд бигӯем, ҳатто хилофат ҳам таклиф аст, на ҳақ. Чӣ таклифе, ки болотар аз он таклифе нест, аз таклиф ҳам болотар аст, риёзат аст. Дар рӯзҳои гарм меомад беруни дорулимора ва дар соя менишаст, мабодо муроҷеакунандае биёяд ва дар он ҳавои гарм ба ӯ дастрасӣ пайдо накунад. Ин дар воқеъ риёзат буд, пурмашаққаттарини таклифҳо буд. Дар номае ба Қусам ибни Аббос, ки аз тарафи худаш волии Ҳиҷоз буд менависад:

واجلس لهم العصرتين، وأفت المستفتي، وعلم الجاهل، وذاكر العالم، ولا يكن لك إلى الناس سفير إلا لسانك، ولا حاجب إلا وجهك

(*“Дар ҳар бомдоду шом соате барои расидагӣ ба умури раъият муайян кун ва ба суолоти онҳо шахсан ҷавоб деҳ ва нодону гумроҳашонро мутаваҷҷеҳ соз. Бо донишмандон дар тамос бош. Ҷуз забонат воситае байни худ ва мардум қарор мадеҳ ва ҷуз чеҳраат ҳоҷибе.” (“Наҳҷул-балоға”, номаи 67)*)

Ба Молики Аштар менависад:

واجعل لذوي الحاجات منك قسما تفرغ لهم فيه شخصك، وتجلس لهم مجلسا عاما فتتواضع فيه لله الذي خلقك، وتقعد عنهم جندك وأعوانك من أحراسك وشرطك حتى يكلمك متكلمهم غير متعتع، فإني سمعت رسول الله صلى الله عليه وآله يقول في غير موطن: لن تقدس أمة حتى يؤخذ للضعيف فيها حقه من القوي غير متعتع

(*“Барои арбоби руҷӯъ вақте муқаррар кун ва худ шахсан ба гирифториҳояшон бирас ва барои ин мавзӯъ, маҷлисе умумӣ ташкил деҳ ва дар он маҷлис барои Худоят, ки туро офарида ва ин мақом дода фурӯтанӣ кун. Ва дар ин мавқеъ артиш ва маъмурон ва посбононро аз ҷилави чашми мардум дур кун, то бидуни парво ва ҳарос бо ту сухан гӯянд, зеро мукаррар аз Расули Худо шунидам, ки мефармуд: ҳаргиз миллате ба қадосат ва покӣ нахоҳад расид магар он ки дар миёни онҳо ҳаққи зуъафо аз ақвиё ва нерӯмандон бидуни лукнат ва парво гирифта шавад.” (“Наҳҷул-балоға”, номаи 53*)

Боз дар бораи манъи эҳтиҷоб менависад:

فلا تطولن احتجابك عن رعيتك فإن احتجاب الولاة عن الرعية شعبة من الضيق

(*“Худро аз раъият зиёд дар пинҳон мадор, ки ин пинҳон доштан, худ навъе фишор ва тангӣ аст.” (Ҳамон нома)*)

Саъдӣ дар ҳамин мазмун дар “Бӯстон” мегӯяд:

Ту кай бишнавӣ нолаи додхоҳ,

Ба Кайвон — барат киллаи хобгоҳ?!

Чунон хусб, к-ояд фиғонат ба гӯш,

Агар додхоҳе барорад хурӯш.

Гуфтори 2:

Асли адл дар ислом

Иллати аслии инҳирофи мусалмонон аз адли исломӣ

Вақте ин суол матраҳ мешавад, ки чаро бо ин ки дар ислом ин қадр ба асли адолат тавсия шуд, ба он амал нашуд ва балки тӯле накашид, ки ҷомеаи исломӣ сахт дучори беадолатӣ шуд ва анвоъи беадолатиҳо ва табъизҳо ба вуҷуд омад, вақте, ки ин суол матраҳ мешавад, он чизе, ки дар дараҷаи аввал ва зуд ба фикри ҳама мерасад ин аст, ки масъули ин кор иддае аз хулафо буданд ва онҳо сабаб шуданд, ки ин дастур хуб иҷро ва танфиз нашуд. Зеро иҷрои ин дастур, аввал бояд аз тарафи хулафо ва зуъамои мусалмонон бишавад ва онҳо суиният доштанд ва шоистагии он мақоми бузургро надоштанд ва монеъи иҷро ва танфизи ин асл шуданд ва дар натиҷа дар ҷомеаи исломӣ анвоъи беадолатиҳо ва табъизҳо ба вуҷуд омад.

Ин ҷавоб дуруст аст, аммо ба ин маънӣ, ки яке аз иллатҳо ин буд, ки онҳо, ки мебоист иҷро кунанд, иҷро накарданд ва бар зидди он амал карданд, таърихи хулафои умавӣ ва аббосӣ гувоҳи содиқи ин матлаб аст.

Бад тафсир шудани адолат

Аммо тамоми иллат ин нест. Як иллати муҳимми дигар ҳам ҳаст, ки асараш аз иллати аввал агар бештар набошад, камтар нест. Имшаб мехоҳам дар атрофи ин иллат баҳс кунам.

Он иллат ин аст, ки асли адл дар ислом аз тарафи иддае аз пешвоён ва уламои ислом бад тафсиру тавзеҳ дода шуд ва бо он ки иддаи дигаре дар муқобили онҳо муқовимат карданд, фоидае накарда ва дастаи аввал пеш бурданд.

Як қонуни хуб ва олӣ дар дараҷаи аввал бояд хуб тафсир шавад ва дар дараҷаи дуввум бояд хуб иҷро ва танфиз гардад. Агар хуб тафсир нашавад, фаразан онҳо, ки мутасаддии иҷро ва танфиз ҳастанд, бихоҳанд хуб иҷро кунанд, фоида надорад, зеро ҳамон тавре иҷро мекунанд, ки тафсир шуда ва агар ҳам қасди хуб иҷро кардан надошта бошанд, барои онҳо чӣ беҳтар. Вақте мутасаддиёни тафсири қонун, мутобиқи бо ниёти суъи иҷрокунандагон тафсир карданд, амалан ва натиҷатан хидмате ба онҳо кардаанд ва онҳоро аз заҳмат ва дарди сари мардум наҷот додаанд, хоҳ он ки тафсиркунандгон аз аввал қасдашон ин бошад, ки ба қонун ва мардум хиёнат кунанд ва ё ҳамчун қасде надошта бошад, фақат рӯйи каҷфаҳмӣ бад тафсир кунанд.

Дар тафсири асли адл ҳамин тавр шуд. Ғолибан ва шояд ҳамаи касоне, ки мункири ин асл дар ислом шуданд — ба шарҳе, ки арз хоҳам кард — суъинияте надоштаанд, фақат рӯйи қишрӣ фикр кардан ва мутаъаббидмаобона фикр кардан, мусалмононро ба ин рӯз андохтанд. Ин буд, ки барои ислом ду мусибат пеш омад:

Яке, мусибати суъиният дар ичро ва танфиз, ки аз ҳамон авоил дар асари қарор нагирифтани чархи хилофат рӯйи меҳвари аслии худ, ба сурати тафзили нажоди араб бар ғайри араб ва тафзили Қурайш бар ғайри Қурайш ва ба сурати озод гузоштани дасти иддае дар ҳуқуқ ва амвол ва маҳрум кардани иддаи дигар пеш омад ва қиёми Алӣ (а) дар хилофат бештар барои мубориза бо ин инҳироф буд ва билохира ҳам мунҷар ба шаҳодаташ шуд ва баъд ҳам дар замони Муовия ва соири хулафо шиддат ёфт.

Мусибати дигар аз тарафи иддае қишримаоб ва мутаъаббидмаоб ворид шуд, ки рӯйи як силсила афкори хушк, ба як навъ тавзеҳҳо ва тафсирҳои кач ва муъвач пардохтанд, ки осораш ҳанӯз ҳам боқӣ аст.

Решаи каломӣ

Тавзеҳ ин ки: ин асли ичтимоӣ як решаи каломӣ дорад. Илми калом аз нимаи дуввуми қарни аввали ҳичрӣ пайдо шуд. Иддае ба баҳс дар усули дин ва ба мабоҳиси марбут ба тавҳид ва сифоти Худованд ва таклиф ва маъод пардохтанд. Инҳо ба номи мутакаллимин хонда шуданд.

Дар ин ки чаро инҳо ба ин исм хонда шуданд, муаррихин вуҷуҳе зикр кардаанд. Баъзе гуфтаанд, иллат ин буд, ки муҳимтарин масъалае, ки фикри инҳоро муддате машғул карда буд, баҳс дар ҳудус ва қидами Қуръони Мачид буд, ки каломи Аллоҳ аст. Баъзе гуфтаанд, инҳо худашон исми каломро барои фанни худашон дар муқобили исми мантиқ, ки тоза роич шуда буд, интихоб карданд ва хостанд исме муродиф бо исми мантиқ интихоб кунанд, чун мантиқ ба маънии нутқ аст, инҳо исми каломро интихоб карданд, ки ба маънии сухан аст. Баъзе гуфтаанд, чун зиёд ба муҷодила ва мубоҳиса мепардохтанд, мутакаллим хонда шуданд. Ба ҳар ҳол, ҳамчу дастае пайдо шуданд.

Адли илоҳӣ

Яке аз масоиле, ки дар илми калом мавриди баҳс воқеъ шуда, масъалаи адли илоҳӣ буд, ки оё Худованд одил аст ё на? Ин масъала хеле аҳаммият пайдо кард ва шохаҳо ва мутафарреъоти зиёд пайдо кард. Ва доманааш қаҳран ба масъалаи асли адолати ичтимоӣ, ки мавриди баҳси мост низ кашида шуд.

Ин масъала аз масъалаи ҳодис будан ва қадим будани каломи Аллоҳ ҳам, бо он ки он масъала фитнаҳо бапо кард ва хунҳо барояш рехта шуд, бештар аҳаммият пайдо кард, ба тавре, ки ба воситаи нафю исбот дар ин масъала, яъне масъалаи адл, мутакаллимин ду ниҳла шуданд: адлия ва ғайри адлия.

Адлия яъне тарафдорони асли адли илоҳӣ ва ғайри адлия яъне мункирини асли адли илоҳӣ. Мутакаллимини шиъа умуман аз адлия ҳастанд ва ба ҳамин ҷиҳат аз ҳамон замони қадим маъмул шуд, ки шиъа бигӯяд усули дини ислом панҷтост: тавҳид, адл, нубувват, имомат, маъод. Яъне аз назари исломшиносии шиъӣ, усули ислом панҷтост.

Дар масъалаи адли илоҳӣ, дар ду қисмат баҳс шуд: яке ин ки оё хилқат ва таквини олам аз осмону замин, аз ҷамоду набот ва ҳайвон, аз дунё ва охират, бар мавозини адолат ва мувофиқи адолат аст ва дар хилқат ва офариниш ба ҳеч мавҷуде зулм намешавад ва ин олам ба адл барпост? Оё –

بالعدل قامت السموات والأرض

Ё ин ки Худованд чун ирода ва машияташ мутлақ аст ва ҳеч чиз наметавонад иродаи ӯро маҳдуд кунад, фаъоли мояшоъ аст –

يفعل ما يشاء ويحكم ما يريد

— хилқаташ тобеъи ҳеч мизон ва ҳеч қоъида ва қонуне наметавонад бошад ва ҳар чи ӯ бикунад, адл аст, на ин ки ҳар чи муқтазои адл аст, ӯ мекунад.

Бинобар ин, дар ҷавоби ин суол, ки “оё Худованд дар қиёмат бар вифқи мавозине, ки мавозини адл аст рафтор мекунад ва тибқи ҳисобу қоъидаҳое, якеро ба биҳишт мебарад ва дигареро ба ҷаҳаннам? Ё ин тавр нест?“ Онҳо гуфтанд, ин тавр нест, ҳеч қонун ва номусе наметавонад ҳоким бар феъли Ҳақ бошад, ҳар қонун ва номусе тобеъи феъли ӯ ва амри ӯст, адлу зулм ҳам тобеъи феъли ӯст, агар ӯ мутеъро ба биҳишт бибарад ва осиро ба ҷаҳаннам, боз ҳам чун ӯ карда адл аст, иродаи ӯ ва феъли ӯ тобеъи мизоне ва хозеъ дар баробари қонуне нест, ҳамаи қонунҳо ва мавозин тобеъи иродаи ӯ ҳастанд.

Ин як қисмат дар бораи асли адл, ки роҷеъ ба асоси хилқати мавҷудот ва низоми олам буд, ки оё мувофиқ бо мизони адл аст ё на?

Қисмати дигаре марбут ба низоми ташреъ аст, марбут ба дастурҳои динӣ аст, марбут ба ин аст, ки дастурҳои илоҳӣ, ки ба василаи Пайғамбари Акрам (с) расида ва ба номи шариат ва қонуни исломӣ хонда мешавад чӣ тавр? Оё низоми ташреъ тобеъи мизони адл аст ё на? Оё одилона вазъ шуда ва ҳар ҳукме тобеъи як ҳақиқат ва як маслиҳат ва мафсадаи воқеӣ аст, ё ин тавр нест?

Вақте, ки ба қонунҳои шариати ислом нигоҳ мекунем, мебинем як силсила чизҳо таҳлил ва тачвиз ва балки воҷиб шуда ва як идда умури дигар баръакс таҳрим шуда ва мамнӯъ шинохта шуда: ба дурустӣ ва амонат амр шуда ва аз дурӯғу хиёнат ва зулм наҳй шуда.

Шак надорад, ки билфеъл бояд гуфт, он чи амр карда хуб аст ва он чи наҳй карда бад аст. Аммо оё чун хубҳо хуб буда ва бадҳо бад будаанд, ислом ба он амр карда ва аз ин наҳй карда, ё он ки чун ислом ба ин яке амр карда, хуб шуда ва чун аз он яке наҳй карда, бад шуда? Ва агар баръакс карда буд, агар ба дурӯғ ва хиёнат ва зулм амр карда буд, инҳо воқеан хуб мешуданд ва агар аз ростӣ ва амонат ва адолат наҳй карда буд, инҳо воқеан бад буданд, яъне бад мешуданд?!

Шореъи ислом дастур дода, ки байъ ҳалол аст ва рибо ҳаром. Шак надорад, ки байъ хуб аст ва рибо бад. Ҳоло оё байъ биззот ва ба худии худ чизи хубе буда ва барои башар нофеъ ва муфид буда? Ва чун хуб ва муфид буда, дар ислом ҳалол шумурда шуда?

Ва аммо рибо биззот чизи баде буда ва ба ҳоли ҷомеаи башар зарар дошта. Ва чун бад ва музир буда, ислом онро ҳаром шумурда ва гуфта:

الَّذِينَ يَأْكُلُونَ الرِّبَا لَا يَقُومُونَ إِلَّا كَمَا يَقُومُ الَّذِي يَتَخَبَّطُهُ الشَّيْطَانُ مِنَ الْمَسِّ

(Бақара/275) ва ё баръакс аст, байъро чун ислом гуфта ҳалол аст, хуб шуда ва чун риборо гуфта ҳаром аст, бад шуда?

Ҳусну қубҳи ақлӣ

Ин буд, ки ду даста дар миёни уламои исломӣ ба вуҷуд омаданд: як даста тарафдори ҳусну қубҳи ақлӣ шуданд ва гуфтанд, фармони шореъ тобеъи ҳусну қубҳ ва салоҳу фасоди воқеъии ашё аст. Ва дастаи дигар мункири ҳусну қубҳи ақлии ашё шуданд ва гуфтанд, ҳусну қубҳи ашё тобеъи дастури шаръӣ аст.

Дар бораи адл ва зулм ҳам, ки марбут ба ҳуқуқ ва ҳудуди мардум аст ва як мавзӯъи иҷтимоӣ аст, ин ҳисоб пеш омад. Мутобиқи назари адлия, дар воқеъ ва нафсуламр ҳаққе ҳаст ва зиҳаққе (ҳақдоре) ва зиҳаққ будан ва зиҳаққ набудан худаш як воқеияти аст. Қабл аз он ҳам ки дастури ислом бирасад, ҳаққе ва зиҳаққе буд, яке ба ҳаққи воқеъии худ мерасад ва яке маҳрум мемонад. Ислом омад ва дастурҳои худро тавре танзим кард, ки ҳар ҳаққе ба зиҳаққи худ бирасад. Ислом дастурҳои худро мутобиқи ҳаққ ва адолат танзим кард, адолат яъне:

إعطاء كل ذي حق حقه

Ҳаққ ва адолат амре аст, ки агар ислом ҳам дастур намедод, боз ҳақиқате буд ва ҳақиқат буданаш тавре намешуд.

Ва мутобиқи назари дастаи дуввум, ҳаққ ва зиҳаққ будан ва зиҳаққ набудан ва ҳамчунин адл ва зулм, ҳақиқат надорад, тобеъи ин аст, ки шореъи ислом чӣ гуна қонун вазъ кунад. Ба ақидаи ин даста, ҳамон тавре, ки низоми таквин ба мӯҷиби ин ки феъли Ҳақ ва мавлуди иродаи мутлақ ва машияти мутлақи Худованд аст, нисбат ба ҳеч қонуне ва қоъидае хозеъ ва тобеъ нест, низоми ташреъ ҳам ба ҳамин мӯҷиб, тобеъи ҳеч асле нест ва нисбат ба ҳеч қонуне хозеъ нест. Ҳар чи қонуни ислом вазъ бикунад, ҳақ аст, яъне ҳақ мешавад ва ҳар тавр, ки ӯ қарор диҳад, адолат аст. Агар дастури ислом ин тавр мебуд, ки ҳамаи мардум ҳар чи заҳмат мекашанд ва ранҷ мебаранд ва тавлид мекунанд, ҳеч як аз онҳо ҳақ надоранд ва зиҳақкро як нафари дигар, ки ҳеч ранҷе набурда ва заҳмате накашида муаррифӣ кунад, воқеан ҳам ин тавр хоҳад буд, зиҳаққи воқеъӣ онҳо нестанд, балки ин аст.

Асари амалӣ ва иҷтимоии баҳси ҳусну қубҳ

Мумкин аст гуфта шавад, ки ин баҳс чӣ самараи амалӣ дорад? Ба ҳар ҳол, ҳар ду даста дар бораи қонунҳои мавҷуди исломӣ мӯътақиданд, ки мақрун ба салоҳ ва мувофиқи ҳаққу адолат аст. Чизе, ки ҳаст, як даста мӯътақиданд, аввал ҳусну қубҳ ва салоҳу фасод ва ҳаққу ноҳаққе буд ва баъд шореъи ислом дастурҳои худро тибқи онҳо танзим карда. Ва дастаи дигар мегӯянд, ки инҳо аз аввал набудаанд ва ба дунболи дастурҳои дин пайдо шудаанд. Як идда мегӯянд, ҳусну қубҳ ва ҳаққу ноҳақ ва адолату зулм, миқёси дастурҳои дин аст, як идда мегӯянд, дин миқёс инҳо аст, ҳоло чӣ Хоҷаалӣ ва чӣ Алихоҷа, натиҷа яке аст. Бинобар ин уламои ҳар ду даста, ки вориди масоили фиқҳ ва усул шудаанд, дар атрофи маслиҳати аҳком ва тақдими маслиҳате бар маслиҳати дигар, баҳс кардаанд.

Дар ҷавоб арз мекунам: хайр, ин тавр нест, асари амалии муҳимме дорад. Ва он, масъалаи дахолат ақл ва илм дар истинботи аҳкоми исломӣ аст.

Агар назарияи аввалро бипазирем, ки ҳаққе ва адолате буда ва ҳусну қубҳи воқеӣ буда ва шореъи ислом ҳамеша он воқеиётро манзур медошта, қаҳран дар мавориде, ки бармехӯрем ба ҳукми сареҳи ақл ва илм, ки муқтазои ҳаққ чист ва муқтазои адолат чист? Салоҳ кадом аст ва фасод кадом?

Ночорем ин ҷо таваққуф кунем ва ақлро ба унвони як роҳнамо дар мавориде, ки метавонад салоҳу фасодро дарк кунад, бипазирем ва қоъидаеро, ки адлия гуфтаанд, ки:

كل ما حكم به العقل حكم به الشرع

— ё гуфтаанд:

— ба кор бибандем. Гирам зоҳири як далели нақлӣ хилофи он бошад, зеро рӯйи он мабно мо барои аҳкоми исломӣ руҳе ва ғаразе ва ҳадафе қоилем, яқин дорем, ки ислом ҳадафе дорад ва аз ҳадафи худ ҳаргиз мунҳариф намешавад, мо ба ҳамроҳи ҳамон ҳадаф меравем, дигар дар қазоё тобеъи шакл ва сурат нестем. Ҳамин ки масалан фаҳмидем рибо ҳаром аст ва беҷиҳат ҳам ҳаром нест, мефаҳмем ҳар андоза, ки бихоҳад тағйири шаклу сурат бидиҳад, боз ҳурматаш ҷойе намеравад, моҳияти рибо рибо аст ва моҳияти зулм зулм ва моҳияти дуздӣ дуздӣ ва моҳияти гадоӣ ва калл бар иҷтимоъ будан гадоӣ аст, хоҳ он ки шаклу сураташ ҳамон шакли рибо ва зулм ва сирқат ва гадоӣ бошад ё он ки шаклу қиёфаро иваз кунад ва ҷомаи ҳаққу адолат бар тан намояд.

Аммо бино бар назарияи дуввум, ақл ба ҳеч ваҷҳ наметавонад роҳнамо бошад, қонунҳо ва муқаррароти исломӣ як руҳе ва маъное надорад, ки мо ин руҳ ва маъноро асл қарор диҳем, ҳар чи ҳаст, ҳамон шаклу сурат аст ва бо тағйири шаклу сурат, ҳама чиз иваз мешавад. Усулан мутобиқи ин назария, ҳарчанд номи ҳаққ ва адл ва ном маслиҳат ва тақдими маслиҳате бар маслиҳати дигар бурда мешавад, аммо як мафҳуми воқеӣ надорад, номи ҳамон шаклу суратро маслиҳат ва адолат ва ҳаққ ва амсоли инҳо гузоштаанд.

Пас мутобиқи назарияи аввал, мо ба ҳаққ ва адолат ва маслиҳат ба унвони як амри воқеӣ нигоҳ мекунем, аммо бино бар назарияи дуввум, ба унвони як фарзи хаёлӣ.

Як сабаби гумроҳии мардуми ҷоҳилият ҳамин буд, ки қувваи дарки хубӣ ва бадӣ аз онҳо салб шуда буд ва ҳар қабеҳ ва зиштеро таҳти унвони дин қабул мекарданд ва номи амри динӣ ва шаръӣ рӯйи он мегузоштанд. Қуръони Карим ин ҷиҳатро аз онҳо интиқод мекунад ва мегӯяд, шумо бояд ин қадр бифаҳмед, ки корҳои зишт дар зоти худ зиштанд ва мумкин нест Худованд кори зиштеро таҷвиз кунад ва ба ӯ дастур диҳад.

Зиштии як чиз кофӣ аст барои ин ки шумо бифаҳмед, Худованд ба он амр намекунад. Мефармояд:

وَإِذَا فَعَلُوا فَاحِشَةً قَالُوا وَجَدْنَا عَلَيْهَا آبَاءَنَا وَاللَّهُ أَمَرَنَا بِهَا قُلْ إِنَّ اللَّهَ لَا يَأْمُرُ بِالْفَحْشَاءِ أَتَقُولُونَ عَلَى اللَّهِ مَا لَا تَعْلَمُونَ. قُلْ أَمَرَ رَبِّي بِالْقِسْطِ

(*Аъроф/28-29*) Яъне вақте, ки муртакиби фаҳшо шаванд, ду далел барои кори худ зикр мекунанд: яке ин ки суннати обову аҷдодӣ аст, дигар ин ки мегӯянд, дастури Худо ҳамин аст ва Худо иҷоза дода. Ба онҳо бигӯ: Худованд ҳаргиз фаҳшоро иҷоза намедиҳад. Худи фаҳшо ва ифоф ҳақиқатҳое ҳастанд, воқеият доранд. Бо амру наҳйи Худо фаҳшо ифоф намешавад ва ифоф фаҳшо намешавад. Худо ҳаргиз ба фаҳшо амр намекунад ва онро

иҷоза намедиҳад. Худованд ба адл ва эътидол ва миёнаравӣ амр мекунад. Инро худатон бояд бифаҳмед ва ташхис диҳед ва миқёс қарор диҳед ва бо ин миқёс, ташхис бидиҳед, ки Худованд ба чӣ чиз амр мекунад ва аз чӣ чиз наҳӣ мекунад.

Далелҳои чаҳоргона

Ин буд, ки уламои адлия гуфтанд: далелҳои шаръия чаҳор аст: Қуръон, суннат, иҷмоъ — яъне иттифоқи уламои исломӣ бо шароити махсус — чаҳорум ақл. Аммо аз назари ғайри адлия, ҳеч маънӣ надорад, ки ақл аз далелҳои шаръия шумурда шавад ва як поя аз пояҳои иҷтиҳод ва истинботи аҳкоми шаръӣ қарор гирад. Аз назари онҳо, таъаббуди маҳз ҳукмфармо аст.

Истидлолҳои шармовар

Хеле асбоби таъаҷҷуб мешавад агар касе бишнавад дар ислом дастае пайдо шуданд, ки воқеан мусалмон буданд, балки худро аз дигарон мусалмонтар ва муқаддастар мешумурданд ва хеле мутаъаббид буданд ва худро сад дар сад тобеъи суннати пайғамбар медонистанд. Он вақт ҳаминҳо барои ба курсӣ нишондани ҳарфҳои худ мабнӣ бар инкори адолати илоҳӣ, ҳам дар таквиниёт ва ҳам дар ташреъиёт, ба истидлол пардохтанд. Аз тарафе намунаҳое ба хаёли худ аз беадолатиҳо дар хилқат ва офариниш зикр кардаанд, ки шармовар аст. Ба бемориҳо ва дардҳо мисол заданд, хилқати шайтонро далел оварданд; гуфтанд, агар ҷараёни олам бар тибқи адолат мебуд, намебоист Алӣ ибни Абӯтолиб кушта шавад ва баъд ҷойи ӯро Зиёд ибни Абиҳ ва Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф бигиранд ва амсоли ин мисолҳо. Ин дар қисмати таквиниёт ва низоми таквин.

Дар қисмати ташреъиёт ва низоми ташреъ ҳам барои ин ки собит кунанд қонунҳои ислом тобеъи қоъидаву қонун ва салоҳу фасод ва ҳусну қубҳе нест, гуфтанд: бинои шаръ бар ҷамъи мутафарриқот ва тафриқи муҷтамеъот аст, бинобар ин ин ҳама танақуз дар дастурҳои дин вуҷуд дорад, дар бисёре маворид дида мешавад шореъи ислом як ҷур ҳукм дода ва ҳол он ки мисли ҳам нестанд ва дар бисёре маворид дида мешавад, баръакс, ду чиз, ки камоли мушобеҳат доранд ва бояд як ҷур ҳукм дошта бошанд, ду ҷур ҳукм доранд. Гуфтанд, чаро ислом байни зану мард фарқ гузошта ва барои мардон то чаҳор занро таҷвиз карда ва барои занон беш аз як шавҳар иҷоза надода? Чаро дар бораи дузд гуфта, дасти ӯро, ки олати ҷурм аст бибурранд, аммо барои дурӯғгӯ нагуфта, ки забонашро, ки олати ҷурм аст бибурранд? Ҳамчунин зинокор ва ғайра…

Шармовар аст инсон дар таърих бихонад иддае пайдо шуданд, ки худро тобеъи Қуръон медонистанд ва Қуръон ин ҳама дар бораи адли илоҳӣ, ҳам дар низоми таквин ва ҳам дар низоми ташреъ сухан гуфта ва аммо ин даста дар нафйи ҳикмат ва беадолатии низоми офариниш ва дар беҳикматии дастурҳои ислом, доди сухан додаанд.

Пирӯзии мункирони адл

Аз он шармовартар ин ки пас аз як қарн заду хӯрд ва мубоҳиса ва муҷодила ва фитнаҳо ва хунрезиҳо, оқибат пеш бурданд ва фоиқ омаданд, сиёсати вақт онҳоро ҷилав андохт. Ин кор ба дасти Мутаввакили Аббосӣ сурат гирифт. Мутаввакил ин фикрро ҳимоят кард, ё аз он назар, ки мувофиқи майлу сиёсаташ буд ё аз он назар, ки нафаҳмид. Дар "Муруҷуз-заҳаб"-и Масъудӣ менависад:

لما أفضت الخلافة إلى المتوكل أمر بترك النظر والمباحثة في الجدال والترك لما كان عليه الناس في أيام المعتصم والواثق، وأمر الناس بالتسليم والتقليد، وأمر الشيوخ المحدثين بالتحديث وإظهار السنة والجماعة

(*"Муруҷуз-заҳаб", ҷ.4, с.86*) Яъне ҳаминки кор ба Мутаввакил мунтаҳӣ шуд ва ба хилофат расид, дастур дод ҷилави баҳсҳои ақлӣ гирифта шавад, дастур дод мардум дар масоили дин таъаббуди сирф дошта бошанд ва ҳаққи фикр кардан ва таъаққул дар дастурҳои динро аз мардум гирифт, дастур дод шуюухи аҳли ҳадис, ки мункири асли адл буданд, ба кори нақли ҳадис бидуни изҳори назар бипардозанд ва суннат ва ҷамоатро изҳор кунанд.

Мутаввакил аз шуюъ фалсафа низ, ки муддате шойеъ шуда буд, ба ҷурми ин ки баҳси ақлӣ аст ҷилавгирӣ кард.

Вожаи суннӣ

Ин нукта ҳам хуб аст гуфта шавад: калимаи "суннӣ", ки феълан дар муқобили "шиъа" истилоҳ шуда, дар собиқ ба ин маънӣ гуфта намешуд, балки ин калимаро ба онҳое мегуфтанд, ки мункири асли адл ва ҳусну қубҳи воқеии ашё буданд ва чун адлия мунҳасир буд ба шиъа ва мӯътазила ва мӯътазила аз замони Мутаввакил таҳлил рафтанд ва ба сурати як мактаби мушаххас натавонистанд қад алам кунанд ва танҳо мутакаллимини шиъа буданд, ки ақидаи худро ҳифз карданд, баъдҳо ҳамаи мусалмонони ғайри шиъаро аҳли суннат ва ҷамоат гуфтанд.

Ин нуктаи дигарро ҳам бояд донист: ин тавр нест, ки ҳамаи уламои аҳли суннат, ки баъд омаданд, маслаки ашъариро интихоб карданд. На! Бисёре аз уламои аҳли суннат, ки баъд

омаданд, асли адлро пазируфтанд. Масалан, Замахшарӣ, ки аз акобири уламои аҳли суннат аст, мӯътазилӣ аст ва асли адлро қабул дорад, ҳамчунин бисёре дигар. Кам-кам муҷодилоти каломӣ костӣ гирифт ва ақоиди ҳар дастае дар дастаи дигар роҳ ёфт. Феълан маҷоли шарҳи ин қисмат нест, ки чӣ тавр ақоиди адлия дар ғайри адлия ва ақоиди ғайри адлия дар адлия роҳ ёфт ва ба чӣ шакле даромад ва мусибати умумият пайдо кард.

Авомписандии андешаи ашъарӣ

Оммаи мардум дар он замон фикри ғайри адлияро меписандиданд, чун ин фикр мабнӣ бар таслим ва таъаббуд ва табаъияти маҳз буд. Авомуннос чун тафаккур надоранд, табъан фикру таъаққулро хатарнок медонанд ва аз он ваҳшат доранд. Аз назари авомуннос, агар бигӯем, ҳукми шаръ тобеъи қонуни ақл нест, як навъ азамат ва аҳаммияте аст барои дин.

Ба ҳамин ҷиҳат, ин амали Мутаввакил, ки ҷилави озодии фикрро гирифт, хеле дар назари оммаи мардум писандида омад ва ба унвони ҳимоят аз дин ва суннати пайғамбар талаққӣ шуд. Бо ин ки Мутаввакил марде фосиқ ва шарир ва ситамгар буд, бисёре аз мардум ба ӯ алоқаманд шуданд, маҳбубияте пайдо кард ва ашъора дар мадҳаш суруданд мабнӣ бар ташаккур аз ин амал, ки ба ақидаи онҳо дини Худоро ёрӣ кард. Оммаи мардум он рӯз, ки дар воқеъ рӯзи фоҷеаи илмӣ ва фикрии ислом буд ва мусибати бузурге барои ҳаёти ақлии ислом буд, ҷашн гирифтанд ва шодиҳо карданд.

Яке аз шуъаро дар мадҳаш гуфт: “*Имрӯз дигар суннати пайғамбар, азиз ва мӯҳтарам шуд, мисли ин ки хор нашуда буд. Ҳоло дигар суннати пайғамбар бо камоли ифтихор худнамоӣ ва таҷаллӣ мекунад ва нишонаҳои ботил ва зӯрро аз боло ба замин меафканад. Ин бидъатгузорон (яъни адлия) пушт карданд ва ба ҷаҳаннам рафтанд ва дигар барнахоҳанд гашт. Худованд ба василаи халифа Мутаввакил, ки тобеъи суннати пайғамбар ва алоқаманд ба суннати пайғамбар аст, доди дили мусалмононро аз ин бидъатгузорон гирифт. Мутаввакил ҳамон касе аст, ки халифаи парвардигори ман аст, писарамуи Расули Худост ва беҳтарин фарди хонадони аббосӣ аст; ҳамон касе аст, ки динро ёрӣ кард ва аз тафриқа наҷот дод. Худованд умри ӯро зиёд кунад ва сояи ӯро бар мо мустадом бидорад ва ӯро саломат нигаҳ дорад ва ба подоши ин ёрии бузург, ки аз дин кард, ӯро дар биҳишти барин ҳамнишини пайғамбари худ қарораш диҳад*.”

Ин буд мухтасаре аз ҷараёни таърихии ин масъала, ки дар асари баҳс аз адли илоҳӣ ва пирӯзии мункирини асли адли илоҳӣ ва дар асари сироят кардани афкори ғайри адлия

дар адлия, асли адли иҷтимоии ислом ҳам ба рӯзгори баде афтод ва сарнавишти шуме пайдо кард. Ин изтироб ва ташвиши фикрӣ барои олами ислом гарон тамом шуд.

Ашъаригарии исломӣ ва суфастоигарии юнонӣ

Ин фикр, ки дар ислом миёни ду даста дар мавзӯъи ҳақ пайдо шуд, ки оё ҳаққу адолат миқёси дин аст ё дин миқёси ҳаққу адолат аст, шабеҳ аст ба он чи дар миёни фалосифа аз қадимулайём дар бораи ҳақиқат пайдо шуд: оё ҳақиқате дар воқеъ ва нафсуламр ҳаст ва зеҳни мо як идроки ҳақиқӣ аст? Ва ё ин ки амр ба акс аст ва ҳақиқат тобеъи зеҳни мост; ҳар тавр, ки мо дарк бикунем, он ҳақиқат аст? Ва чун ашхоси мухталиф мумкин аст ба наҳвҳои мухталиф як матлабро дарк кунанд, ҳақиқат нисбат ба ҳар кадом аз онҳо як чиз аст ғайр он чи барои дигаре аст, пас ҳақиқат нисбӣ аст?

Дар Юнони қадим гурӯҳҳое пайдо шуданд, ки андешаи инсонро миқёси ҳақиқат донистанд, на ҳақиқатро миқёси андешаи инсон. Ва гуфтанд: миқёси ҳама чиз инсон аст. Инон дар таърихи фалсафа “суфастоиён“ хонда мешаванд.

Онҳо аз лиҳози замон муқаддаманд бар мутакаллимини исломӣ ва далоиле бар муддаъои худ овардаанд назири далоили мункарини асли адл дар ислом. Мункирини асли адл, ба хаёли худ танақузҳо ва ҷамъи мухталифот ва тафриқи муташобеҳоте дар дастурҳои исломӣ пайдо карданд ва гуфтанд: ба далели ин танақузот намешавад салоҳу фасоди воқеӣ миқёси дастурҳои динӣ бошад, балки дастурҳои исломӣ миқёси хубӣ ва бадӣ ва салоҳу фасод аст. Онҳо ҳам ба далели танақузҳо ва хатоҳое, ки дар ақлу ҳисс пайдо мешавад, гуфтанд: мумкин нест ҳақиқат миқёси зеҳн бошад, балки зеҳн миқёси ҳақиқат аст.

Ҷавобҳое, ки фалосифа ба он шаккокони юнонӣ ва ғайри юнонӣ, ки дар асрҳои ахир ҳам каму беш будаанд додаанд, айнан шабеҳи ҷавобҳое аст, ки уламои адлия ба он дастаи дигар, ки хуб аст онҳоро шаккокон ва суфастоиёни динӣ бихонем додаанд. Вориди тафсили ин мабҳас намешавам.

Ҷанги ҷумуд ва равшанандешӣ

Дидем, ки ҷараёни адлия ва ғайри адлия, ҷанг байни ҷумуд ва рукуди фикрӣ ва байни равшанбинӣ ва равшанандешӣ ва таъаққул буд. Мутаассифона ҷумуд ва рукуд ва торикандешӣ фоиқ омад ва аз ин роҳ хасоратҳо бар олами ислом ворид шуд, на хасорати моддӣ, балки хасорати маънавӣ.

Дар одамӣ ҳиссе ҳаст, ки гоҳе ба хаёли худ, мехоҳад дар баробари умури динӣ зиёд хузӯъ кунад, он вақт ба сурате хузӯъ мекунад, ки бар хилофи иҷозаи худи дин аст, яъне чароғи ақлро дур меандозад ва дар натиҷа роҳи динро ҳам гум мекунад. Аз Расули Акрам ривоят шуда:

قصم ظهري رجلان: جاهل متنسّك وعالم متهتّك

Ё:

قطع ظهري اثنان: جاهل متنسّك وعالم متهتّك

(*"Ду нафар пушти маро ва пушти дини маро шикастанд: нодони мутаъассибу зоҳид ва дигар олими лоубол*ӣ.")

Дар ҳадис аст: Худованд ду ҳуҷҷат дорад: яке ҳуҷҷати ботин, дигар ҳуҷҷати зоҳир. Ҳуҷҷати ботин, ақл аст ва ҳуҷҷати зоҳир, пайғамбарон.

Алӣ, қурбонии ҷумудҳо

Достони шаҳодати Алӣ (а) ва умуре, ки мӯҷиб шуд он ҳазрат шаҳид шавад, аз ҳамин назар, ки имшаб сӯҳбат кардам, яъне аз назари инфикоки таъаққул аз тадайюн, достони ибратангезе аст. Алӣ (а) дар масҷид, дар ҳоле, ки машғули намоз буд, ё омодаи намоз мешуд, зарбат хӯрд ва дар асари ҳамон зарбат шаҳид шуд. Дуруст аст, ки —

وقتل في محرابه لشدة عدله

— он тасаллуб ва инъитофнопазирӣ дар амри адолат барояш душманҳо дуруст кард, ҷанги Ҷамал ва ҷанги Сиффин бапо кард, аммо дар ниҳоят, дасти ҷаҳолат ва ҷумуд ва рукуди фикрӣ аз остини мардуме, ки ба номи Хавориҷ номида мешуданд берун омад ва Алӣ (а)-ро шаҳид кард.

Хавориҷ

Дар Сиффин достони ҳакамият пеш омад; як даста аз ёрон ва асҳоби Алӣ (а) аз итоаташ сарбоз заданд ва мазҳаби хориҷиро ба вуҷуд оварданд. Шамшере, ки бар фарқи Алӣ хӯрд, ба дасти як марди хориҷимазҳаб буд. Хавориҷ аз фироқи исломӣ ҳастанд; гӯ ин ки тибқи ақидаи мо, онҳо кофиранд, аммо онҳо худро мусалмон медонистанд, балки фақат худашонро мусалмон медонистанд ва дигаронро бедин ва хориҷ аз дин ба ҳисоб меоварданд. Ҳеч кас иддаъо накарда, ки Хавориҷ ба ислом ақида надоштаанд, балки ҳама эътироф доранд, ки онҳо шадидан ва бо таъассуби зиёде ба ислом мӯътақид буданд. Хислати боризи инҳо дуриашон аз фикру таъаққул аст. Худи Алӣ (а), ки аз онҳо ном

мебарад, онҳоро мардуми мўътақид, вале ҷоҳилу қишрӣ муаррифи мекунад. Мардуме буданд мутаъаббид, шабзиндадор ва қории Қуръон, аммо ҷоҳил ва сабукмағз ва камтаъаққул ва балки мухолифи фикру таъаққул дар кори дин.

Алӣ (а) дар он итмоми ҳуҷҷате, ки бо онҳо фармуд, ба онҳо гуфт:

وقد كنت نهيتكم عن هذه الحكومة، فأبيتم عليّ إباء المخالفين المنابذين، حتى صرفت رأيي إلى هواكم، وأنتم معاشر أخفاء الهام، سفهاء الأحلام

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 36*) Шумо имрўз ба ман эътироз доред дар амри ҳакамият ва мегўед, хато буд ва мо тавба кардем ва ту ҳам тавба кун ва қарорро нақз кун. Ман аввали кор ба шумо гуфтам, ки таслими ҳакамият нашавем ва шумо он вақт сахт истодед ва шамшер кашидед ва гуфтед, мо ба хотири Қуръон меҷангем ва инҳо Қуръонро ҷилав овардаанд, то ман курҳан ва иҷборан тан додам ва паймон бастам. Ҳоло мегўед, ғалат буд ва ба ман таклиф мекунед онро нақз кунам. Чӣ тавр нақз кунам ва ҳол он ки дар Қуръон фармуда:

أَوْفُوا بِالْعُقُودِ

Пайғамбар бо мушрикин, ки паймон мебаст, ҳаргиз нақз намекард. Ҷоиз намедонист бо тараф ғадру макр шавад ва бар хилофи паймон рафтор шавад, тараф ҳар кас буд, ҳарчанд мушрик ва бутпараст буд, ҳоло шумо баъд аз ақди паймон, ба ман таклиф мекунед нақз кунам.

Ин матолибро Алӣ (а) дар мавоқеъи мухталиф ба онҳо фармуд. Он ҷумлае, ки дарди аслии онҳост ҳамин буд, ки фармуд:

وأنتم معاشر أخفاء الهام، سفهاء الأحلام

Шумо гурўҳе ҳастед сабукмағз ва камхирад ва нодон. Айби кори шумо ҳам ҳамин аст, як рўз бо шиддат аз ҳакамият тарафдорӣ мекунед ва як рўз ба ин шиддат онро куфру иртидод мехонед.

Таърихи Хаворичҷ, аҷиб ва ибратангез аст аз ин назар, ки вақте ақидаи динӣ, бо ҷаҳолат ва нодонӣ ва таъассуби хушк омехта шавад, чӣ мекунад!

Ибни Аббос вақте, ки ба фармони Амирулмўъминин (а) маъмур шуд биравад бо онҳо сўҳбат кунад, вазъе дид, ки ҳайрат кард:

رأى منهم جباها قرحة لطول السجود، وأيديا كثفنات الإبل، عليهم قمص مرخصة وهم مشمرون

(*Ҳиқдул-фарид, ҷ.2, с.389*) Гурўҳеро мебинад осори саҷда дар пешониҳои онҳо, кафи дастҳояшон мисли зонуи шутур пина баста, пероҳанҳои шустаи мундарис пўшида ва доманҳо ба камар зада, омодаи корзоранд.

Муаррихин навиштаанд, инҳо мардуме буданд, ки аз гуноҳоне аз қабили дурӯғ парҳез доштаанд — ҳатто дар ҳузури ҷабборoне мисли Зиёд ақидаи худашонро кетмон намекарданд, бо аҳли маъсият мухолиф буданд, баъзеҳо қоимуллайл ва соимуннаҳор буданд. Аз он тараф, ақоиде қишрӣ ва сатҳӣ доштанд. Дар мавриди хилофат мӯътақид буданд, лузуме надорад як нафар халифа бошад, Қуръон ҳаст, мардум ба Қуръон амал кунанд. Ибни Абилҳадид мегӯяд, баъд, ки диданд наметавонанд бидуни заъим ва раис бошанд, аз ин ақида удул карданд ва бо Абдуллоҳ ибни Ваҳби Росибӣ, ки аз худашон буд байъат карданд. Ҳамон тавре, ки муқтазои камақлӣ ва сабукмағзӣ аст, бисёр дар ақоиди худашон тангназар буданд. Аксари Хаворичҳамаи фиракиро мусалмононро кофир медонистанд, бо онҳо намоз намехонданд, забеҳаи онҳоро намехӯрданд, ба онҳо зан намедоданд ва аз онҳо зан намегирифтанд, амалро ҷузъи имон мешумурданд ва ҳамин ҷиҳат, ки амалро ҷузъи имон медонистанд, онҳоро тангназар карда буд ва ба ҳамин сабаб аз ҳар кас гуноҳи кабирае медиданд, мегуфтанд, кофир шуд, мегуфтанд, ҷуз мо боқӣ ҳама кофир ва аҳли ҷаҳаннаманд.

Хаворичдар ҳақиқат аз назари худашон қиёмашон барои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар буд. Аввалин иҷтимоъашон баъд аз яъс аз ҳамақида кардани Алӣ (а) бо худашон дар яке аз хонаҳои Куфа шудааст. Дар он хона яке истод ва ин хитобаи муҳайиҷро эрод кард:

أما بعد، فو الله ما ينبغي لقوم يؤمنون بالرحمن وينيبون إلى حكم القرآن أن تكون هذه الدنيا آثر عنده من الأمر بالمعروف والنهي عن المنكر والقول بالحق وإن من وضر، فإنه من يمن ويضر في هذه الدنيا فإن ثوابه يوم القيامة رضوان الله والخلود في جنانه، فأخرجوا بنا إخواننا من هذه القرية الظالم أهلها إلى بعض كور الجبال أو إلى بعض هذه المدائن منكرين لهذه ابدع المضلة

(*“Ал-имома вас-сиёса”, с.121, Комили Мубаррад, ҷ.2*) Яъне сазовор нест барои мардуме, ки ба Худои Раҳмон имон доранд ва марҷаъашон Қуръон аст, ин ки дунёро бар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ва изҳори сухани ҳақ муқаддам бидоранд, ҳарчанд ин умур сабаби заъф ва зарар гардад. Ҳар касе дар ин дунё заъфу зарареро бибинад, дар қиёмат подошаш ризо ва хушнудии Ҳақ аст. Пас бародарон! Биёед аз ин шаҳр, ки конуни фасод ва ситамгарӣ аст берун биравем ва ба доманаҳои кӯҳҳо ё баъзе аз нуқот ва шаҳрҳое, ки ин тавр нест биравем ва бо ин бидъатҳои гумроҳкунанда мубориза кунем.

Шароити амр ба маъруф

Дар амр ба маъруф шароите ҳаст, ки фуқаҳои шиъа ва фуқаҳои суннӣ зикр кардаанд, аз ин рӯ фуқаҳо барои ҳар касе ҷоиз намедонанд ба унвони амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мутаъарризи дигарон бишавад, хусусан агар он таъарруз шадид бошад ва пойи музоҳимат ва заду хӯрд ва хунрезӣ бошад, ки он вақт шароити зиёде дорад.

Ду шарт аз шароити амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, аз шароити аввалия аст, ки дар ҳамаи маворид лозим аст ва Хаворичҷ фоқиди ҳар ду шарт буданд, балки мункири яке аз ин ду шарт буданд. Он ду шарт яке басират дар дин аст ва яке басират дар амал.

Басират дар дин яъне иттилоъи кофӣ ва саҳеҳ дар умури динӣ дошта бошад, ҳалолро аз ҳаром, воҷибро аз ғайри воҷиб ташхис бидиҳад ва инҳо надоштанд, бинобар ин як ояти Қуръонро, ки мефармояд:

إِنِ الْحُكْمُ إِلَّا لِلَّهِ يَقُصُّ الْحَقَّ وَهُوَ خَيْرُ الْفَاصِلِينَ

(*Анъом/57*) дастовез қарор доданд ва ҷумлаи:

لا حكم إلا لله

— ро шиори худ сохтанд, дар сурате, ки ин оят рабте надорад ба мавзӯъоте аз қабили мавзӯъи ҳакамият ва амсоли он.

Аммо басират дар амал: дар боби амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, шарте зикр мекунанд таҳти унвони эҳтимоли асар ва шарте зикр мекунанд таҳти унвони адами тараттуби мафсада, яъне амр ба маъруф ва наҳй аз мункар барои ин аст, ки маъруф ривоҷ бигирад ва мункар маҳв шавад, пас дар ҷойе бояд амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кард, ки эҳтимолан ин кор асар дошта бошад ва агар медонем, ки қатъан беасар аст, воҷиб нест.

Дигар ин ки ин амал барои ин аст, ки як маслиҳате анҷом шавад, пас дар ҷойе бояд сурат бигирад, ки мафсадаи болотаре бар он мутараттиб нашавад.

Лозимаи ин ду шарт, басират дар амал аст. Одаме, ки дар амал басират надорад, наметавонад пешбинӣ кунад, ки оё асаре бар ин кор мутараттиб ҳаст ё нест ва оё мафсадаи болотаре ҳаст ё нест?

Ин аст, ки амр ба маъруфҳои ҷоҳилона ҳамон тавре, ки дар ҳадис омада ифсодаш беш аз ислоҳаш аст. Дар мавриди соири таколиф гуфта нашуда, ки шарташ ин аст, ки бидонӣ ё эҳтимол бидиҳӣ ин кори ту фоида дорад, агар эҳтимоли фоида медиҳӣ, бикун ва агар эҳтимол намедиҳӣ, накун ва ҳол он ки дар ҳар таклифе чунонки қаблан арз кардам, фоидае ва маслиҳате манзур шуда, зеро ташхиси он маслиҳатҳо бар ӯҳдаи мардум гузошта нашуда. Дар бораи намоз гуфта нашуда агар дидӣ ба ҳолат муфид аст бихон ва

агар дидӣ муфид нест нахон. Ҳатто дар рӯза ҳам гуфта нашуда агар эҳтимол медиҳӣ фоида дорад бигир ва агар эҳтимол намедиҳӣ нагир. Дар рӯза гуфта шуда агар дидӣ ба ҳолат музир аст нагир. Ҳамчунин дар ҳаҷ ё закот ё ҷиҳод ин тавр қайде нашуда, аммо дар боби амр ба маъруф ин қайд ҳаст, ки бибин чӣ асаре ва чӣ аксулъамале дорад ва оё кори ту ва амали ту дар ҷиҳати салоҳи ислом ва мусалмонон аст ё на?

Дар ин таклиф, ҳар касе ҳақ дорад, балки воҷиб аст, ки мантиқро ва ақлро ва басират дар амалро ва таваҷҷӯҳ ба фоидаро дахолат диҳад. Ин амал, ки ба номи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар хонда мешавад, таъаббуди маҳз нест.

Ақидаи Хаворичҷ дар амр ба маъруф

Ин ҷиҳат, ки эъмоли басират дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар воҷиб аст, мавриди иттифоқи ҷамиъи фирақи исломӣ аст ба истиснои Хаворичҷ. Хаворичҷ рӯйи ҳамон ҷумуд ва хушкӣ ва таъассуби хоссе, ки доштанд, мегуфтанд, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар таъаббуди маҳз аст, шарти эҳтимоли асар ва адами тараттуби мафсада надорад, набояд нишаст дар атрофаш ҳисобгирӣ кард, таклифе аст, ки бояд чашмбаста анҷом дод.

Хаворичҷ тибқи ҳамин ақида, бо илм ба ин ки кушта мешаванд ва хунашон ҳадар меравад ва бо илм ба ин ки ҳеч асари муфиде бар қиёмашон мутараттиб нест, қиём мекарданд, террор мекарданд, шикампора мекарданд.

Ва бинобар ин инҳо на фақат дар амал басират надоштанд, балки мункири басират дар амал дар боби амр ба маъруф ва наҳй аз мункар буданд ва аз ин роҳ, мусибате бузург барои олами ислом ба вуҷуд оварданд.

Масоибе, ки Хаворичҷ барои ислом ба вуҷуд оварданд

Чӣ мусибате болотар ва бузургтар аз қатли Алӣ ибни Абӯтолиб? Алии Муртазо (а) ба дасти онҳо кушта шуд. Абдурраҳмон ибни Мулҷам хориҷимазҳаб буд. Ҳамон тавре, ки худи Амирулмӯъминин фармуд, ҳеч гуна кудурати шахсӣ ва норизоятӣ байни ӯ ва Амирулмӯъминин набуд, Амирулмӯъминин эҳсонҳо ба ӯ карда буд, вале ин марди ҷоҳили бебок тибқи ақидаи хориҷии худ, мӯътақид шуда буд, ки Алӣ кофир шуда ва яке аз се нафаре аст, ки мӯҷиби фитна ва ошӯб миёни мусалмонон шуда, бинобар ин дар Макка бо ду нафари дигар ҳамаҳд шуданд, ки маҷмӯъан Алӣ ва Муовия ва Амри Осро дар як шаб бикушанд ва он шабро ҳам шаби 19-уми Рамазон ё 17-уми Рамазон муайян карданд. Чаро ин шабро муайян карданд? Ибни Абилҳадид мегӯяд, биё ва таъаҷҷуб кун аз таъассуб дар ақида, ки агар тавъам бо ҷаҳолат шавад, чӣ мекунад? Мегӯяд, инҳо ин

шабро интихоб карданд, чун шаби азиз ва мубораке буд ва шаби ибодат буд, хостанд, ин ҷиноятро, ки аз назари онҳо ибодат буд, дар шаби азиз ва мубораке анҷом диҳанд. Ҷумлаи:

لا حكم إلا لله

— шиори инҳо шуд. Алӣ (а) чун медонист инҳо бадбахту бечораанд ва фақат ба иштибоҳ афтодаанд, бо он ки ҳамеша музоҳимаш буданд, бо онҳо сахтгирӣ намекард ва ҳатто дастур дод баъд аз ман Хаворичро накушед:

لا تقتلوا الخوارج بعدي، فليس من طلب الحق فأخطأه كمن طلب الباطل فأدركه

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 60*) Баъд аз ман инҳоро накушед, инҳо бо Муовия ва асҳобаш фарқ доранд, инҳо ҳақ ва диёнатро мехостанд ва чун ҷоҳил ва бетамйиз буданд, ба иштибоҳ афтоданд. Аммо Муовия ва Амри Ос ва ёронашон аз аввал дунболи дунёталабӣ рафтанд ва ба дунёи худ ҳам расиданд.

Бо ин ки инҳо расман Алиро такфир мекарданд, вале ӯ ба ҳамин ҷиҳат, ки инҳо ҷоҳиланд саҳмияи онҳоро аз байтулмол қатъ накард. Дар масҷид меомаданд ва дар гӯшаву канор менишастанд. Гоҳе, ки ҳазрат хутба мехонд, дар васати хутба фарёд мекарданд:

لا حكم إلا لله

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 40 ва ҳикмати 189*) ё мегуфтанд:

الحكم لله لا لك يا علي

Як вақт Алӣ (а) намоз ба ҷамоат мехонд ва машғули қироат буд. Дар ин ҳол, яке аз инҳо, ки дар масҷид ҳузур дошт, ин ояти Қуръонро хонд:

وَلَقَدْ أُوحِيَ إِلَيْكَ وَإِلَى الَّذِينَ مِنْ قَبْلِكَ لَئِنْ أَشْرَكْتَ لَيَحْبَطَنَّ عَمَلُكَ

(*Зумар/65*) — киноя аз ин ки ту кофир шудӣ ва мушрик. Алӣ (а) ба ҳукми ин ки вақте Қуръон тиловат мешавад, бояд хомӯш буд, хомӯш шуд, то ӯ оятро тамом кард, баъд машғул шуд. Бори дуввум он шахс ҳамон оятро хонд. Боз Алӣ (а) ба эҳтироми ояти Қуръон хомӯш шуд, то ӯ тамом кард, он гоҳ машғули қироат шуд. Бори севвум боз он шахс ҳамон оятро хонд. Боз ҳам Алӣ (а) хомӯш шуд. Ҳамин ки тамом кард, Алӣ (а) ин оятро аз охири сураи Рум хонд:

فَاصْبِرْ إِنَّ وَعْدَ اللَّهِ حَقٌّ وَلَا يَسْتَخِفَّنَّكَ الَّذِينَ لَا يُوقِنُونَ

(*Рум/60*) Дигар он мард такрор накард.

Инҳо дар асари шиддати амале, ки ба харҷ медоданд, ваҳшати аҷибе эҷод карда буданд. Ҷумлаи:

لا حكم إلا لله

— дилҳоро пур аз ваҳшат мекард. Абдурраҳмон ибни Мулҷам ба Куфа омад ва ду нафари дигар ҳам аз ҳамақидаҳо ва ҳаммаслакони худ пайдо кард ва шаби мавъудро дар масҷид ба сар бурданд. Он вақте, ки зарбат ба фарқи мубораки Алӣ (а) ворид шуд, фарёде шунида шуд ва барқе дар он торикӣ ба чашмҳо хӯрд: фарёд, фарёди:

لا حكم إلا لله

— ва барқ, барқи шамшер.

Гуфтори 3:

Мабонии аввалияи ҳуқуқ аз назари ислом

Шаби 21-уми Рамазон аст. Ҳам шаби ибодат аст ва ҳам шаби шаҳодат; шаби шаҳодати мавлои муттақиён, абди холис ва мухлиси Худо, Амирулмӯъминин Алӣ (а) ва шаби қадр ва эҳё ва шаби зиндадорӣ. Аз Худованди Мутаъол саодат ва тавфиқи ибодат ва таҷдиди паймони убудияти ҳамагиро дар ин шабҳои азиз масъалат мекунам!

Сухани мо дар асли адл буд, ки яке аз усул ва аркони дини ислом аст. Арз кардам, ин асл таърихчае дар ҷаҳони ислом дорад ва ҳарчанд ибтидо масъалаи адли илоҳӣ матраҳ буда, аммо худ ба худ доманааш то масъалаи адли иҷтимоӣ ҳам кашида шуда ва мунтаҳӣ шуда ба ин ҷо, ки адолате, ки ислом амр карда ва дастур дода, ки равобити мардум бо якдигар бар асоси адолат ва ҳифзи ҳуқуқ ва адами таҷовуз ба ҳуқуқи якдигар буда бошад ва касе ба касе зулм ва таҷовуз накунад, оё ба худии худ ҳақиқате дорад ё на? Оё мардум табъан ва бо қатъи назар аз ин ки шореъи ислом дастуре бидиҳад ва баён кунад, як ҳуқуқи воқеӣ доранд ва ислом баёнкунанда ва тавзеҳдиҳандаи ҳуқуқи воқеии онҳост ва адолат иборат аст аз риоят ва ҳифзи ҳуқуқи воқеии мардум?

Ва ё ин ки дар воқеъ ва қатъи назар аз дастурҳои дин, ҳаққе ва адолате фарз надорад, ҳаққ ва адолат маълул ва мавлуди дастурҳои дин аст? Ҳар чиро, ки дин, ҳаққ ва адолат қарор дод, ӯ ҳаққ ва адолат аст ва ҳар чиро зулм ва ноҳаққӣ ва таҷовуз қарор дод ва ба ин унвон ӯро муаррифӣ кард, ӯ ноҳақ ва зулм аст?

Гуфтам, иддае дар миёни мусалмонон пайдо шуданд, ки мункири асли адл шуданд, қонуни Худоро, ҳам дар низоми таквин ва хилқат ва ҳам дар низоми ташреъ, фавқи адл донистанд ва гуфтанд, феъли Худо ва амри Худо ҳаргиз аз қонуне пайравӣ намекунад, ҳеч ҳисоб ва қоъидае дар кор нест, он чи Худованд мекунад, адл ва ҳаққ аст, на ин ки Худованд он чи ҳаққ ва адолат аст мекунад. Ва ҳамчунин он чи Худованд дар дин дастур медиҳад, ҳаққ ва адл аст, на ин ки дин ба он чи ҳаққ ва адл аст дастур медиҳад. Ва натиҷа гирифтанд, ки дар низоми олам, ҳеч монеъе надорад, ки як нафар мутеъ, дар айни камоли итоат ва некӣ ва некӯкорӣ, дар охират муъаззаб гардад ва як нафар осӣ, дар айни камоли исён ва тамарруд, ба биҳишт бурда шавад ва мутанаъим гардад. Ва ҳамчунин монеъе надорад, ки ислом дастур бидиҳад, иддае бидуни мӯҷибе, аз ҳамаи мавҳибатҳои ин олам баҳраманд шаванд ва иддае дигар маҳрум бимонанд. Ва чун адл ва зулм, воқеӣ ва ақлӣ нест, балки шаръӣ аст ва тобеъи дастури шаръ аст, ҳамин дастур айни адл мешавад.

Гуфтам, ин фикр чун зоҳираш ин буд, ки шаръ тобеъи ақл ва муқайяд ба қонуни ақл нест, дар назари авомуннос як навъ аҳаммият ва азамат барои шаръ талаққӣ мешуд ва ҷанбаи авомписандии хубе дошт ва ба ҳамин далел мавҷе азим дар олами ислом ба вуҷуд овард.

Натиҷаи асосии баҳси адл

Натиҷаи бузурге, ки ин баҳс дорад ин аст, ки бино бар назарияи аввал, ки дастурҳои ислом тобеъи ҳусну қубҳи воқеӣ аст ва ҳаққ ва адолат воқеият доранд ва ислом, воқеӣ будани инҳоро ба расмият шинохтааст, мо метавонем як фалсафаи иҷтимоии исломӣ ва як ришта мабонии ҳуқуқии исломӣ дошта бошем ва метавонем биншинем ва ҳисоб кунем бибинем ислом чӣ мабонии ҳуқуқӣ дорад? Чӣ усуле дар ин замина дорад? Чӣ чизеро мабнои зиҳаққ будан медонад ва бар тибқи чӣ мабно қонун вазъ карда? Ва он вақт метавонем инҳоро дар бисёре аз маворид роҳнамои худамон қарор диҳем.
Вале бино бар назарияи дуввум, ислом фалсафаи иҷтимоӣ надорад ва усул ва мабонии ҳуқуқӣ надорад, балки мункир усул ва мабонии ҳуқуқӣ аст, таъаббуди маҳз ҳукмфармост.

Асли адл дар мазҳаби шиъа

Барои мо аз он назар, ки шиъа ҳастем, асли адл эҳтиёҷ ба исбот надорад, зеро ин асл яке аз усули аввалия ва аз зарурёти ташайюъ аст. Ин ҷумла аз қадим маъруф буда:

العدل والتوحيد علويان، والجبر والتشبيه أمويان

Асли адл ва асли тавҳид алавӣ ва ҷабру ташбеҳ умавӣ ҳастанд. Манзур аз адл ҳамон аст, ки гуфтам ва мақсуд аз тавҳид муназзаҳ донистани Худованд аст аз сифоти аҷсом ва аз муғойирати зот бо сифот ва аммо ҷабр ба маънии маҷбур будан ва ихтиёр надоштани инсон дар корҳост, чун яке аз фурӯъи асли адл, ихтиёр аст ва аз фурӯъи инкори адл, ҷабр аст. Мақсуд аз ташбеҳ яъне Худоро шабеҳи мумкинот донистан ва сифоти мумкинотро барои Худо донистан.

Мабонии аввалияи ҳуқуқи исломӣ

Ба ҳар ҳол, мутобиқи маслаки адлия, ки шиъа низ аҳли ин маслак аст, балки рукни аслии ин маслак аст, ислом як силсила мабонии ҳуқуқӣ дорад ва дар ин замина усуле дорад ва қонунҳои худро бар асоси он усул ва мабонӣ вазъ кардааст. Ва чун адолат иборат аст аз:

إعطاء كل ذي حق حقه

— яъне расондани ҳар ҳаққе ба соҳибаш, бояд бибинем, мутобиқи усуле, ки аз Қуръони Карим ва дастури пешвоёни дин истинбот мешавад, мабонии аввалии ҳуқуқи исломӣ чист? Чӣ тавр мешавад, ки байни инсон ва байни як шайъи дигар алоқаи хоссе пайдо мешавад, ки номи он ҳаққ аст ва агар касе он чизро аз дасти ӯ бигирад, гуфта мешавад ҳаққи ӯро аз ӯ салб карда? Муҷиди (ба вуҷуд оварандаи) ин алоқа чист?

Гуфтам, муҷиди ин алоқа чист. Муҷид яъне ба вуҷуд ованда, яъне иллат ва сабаб. Низоми олам, низоми иллату маълул ва сабабу мусаббаб аст.

Муҷид, ё иллат ё сабаб ё ҳар исме мехоҳед рӯяш бигузоред, бар ду қисм аст: ё фоилӣ аст ё ғоӣ. Яъне чизе, ки сабаби ба вуҷуд омадани чизе мешавад, ё аз он ҷиҳат аст, ки фоили ӯ ва кунандаи ӯст масалан инсон, ки такаллум мекунад, фоили каломи хеш аст ва албатта агар ин фоил набуд, он феъл яъне калом ва сухан ҳам набуд. Ё аз он ҷиҳат аст, ки ғоят ва мақсади он феъл аст ва он феъл муқаддима ва васила аст барои ба вуҷуд омадани он ғоят ва мақсад. Боз мисли ҳамон касе, ки сухан мегӯяд, ки як мақсади муайяне аз сухани худ дорад, мехоҳад, тарафро қонеъ кунад ва водор кунад ба як коре, ё як матлаберо мехоҳад ба иттилоъи ӯ бирасонад, ё мехоҳад чизе аз ӯ бипурсад ва амсоли инҳо. Агар ин мақсад ва ин ҳадаф набуд ва агар набуд ин ки ин сухан василае аст барои он мақсад, ҳаргиз ин сухан гуфтан ба вуҷуд намеомад. Пас сухане, ки касе мегӯяд, як алоқа бо худаш дорад, ки алоқаи феъл бо фоил аст, як алоқа ҳам бо мақсадаш дорад, ки алоқаи васила ва муқаддима бо мақсад ва зилмуқаддима аст. Ҳар кадом аз ин ду сабаб агар набуд, ин амал яъне сухан гуфтан ба вуҷуд намеомад, пас ҳар кадом аз инҳо муҷид ва ба вуҷуд оварандаи ӯ ҳастанд.

Дар боби ҳаққ ва зиҳаққ, ки мегӯем як навъ алоқаи хосс байни башар ва махлуқоти ин олам пайдо мешавад ва башар дар ин олам ҳуқуқе барои худ қоил мегардад, бояд бибинем ин алоқа аз куҷо пайдо мешавад ва чӣ робитае байни он дуто ҳаст? Оё аз навъи алоқаи васила ва мақсад ва муқаддима ва зилмуқаддима аст, ё аз навъи алоқаи феъл бо фоил аст?

Робитаи ҳуқуқ ва ҷаҳонбинӣ

Бидуни шак, ақоиди куллии як мактаб дар боби инсон ва олам ва ҳаёт ва ҳастӣ, таъсир дорад дар эътиқод ба навъи алоқаи ҳуқуқӣ, ки байни инсон ва соири мавҷудот пайдо мешавад. Масалан бино бар фалсафаҳои моддӣ, маънӣ надорад, ки бигӯем, алоқаи ғоӣ байни инсон ва мавоҳиби олам аст. Чун алоқаи ғоӣ ин аст, ки бигӯем, мавоҳиби олам, ки

ба вуҷуд омада барои инсон ва ба хотири инсон буда ва ин фаръ бар ин аст, ки қабул кунем як навъи шуъури куллӣ бар навомиси олам ҳукмфармост ва он шуъури куллӣ чизеро барои чизе ва ба хотири чизи дигар ба вуҷуд меоварад ва агар он чизи дигар ва ба хотири он чизи дигар набуд, ин чиз ба вуҷуд намеомад, мисли ин ки мегӯем, дандон дар даҳон ба вуҷуд омада барои мазғ ва ҷавидан, барои ин ки ғизо ба кӯмаки ҷавидан ва тарашшӯҳоти ғуддаҳои зери забон як марҳилаи ҳазмро дар даҳон пайдо кунад ва барои мароҳили баъдӣ вориди меъда ва рӯда бишавад. Аммо бино бар фалсафаҳои моддӣ, ҳеч навъ алоқаи ғоӣ байни ашё вуҷуд надорад, ҳеч намешавад гуфт, ки фалон чиз ба хотир фалон чизи дигар ба вуҷуд омада, ҳеч чизе барои ҳеч чиз ба вуҷуд наомада, ҳеч чизе муқаддима ва василаи чизи дигар нест, агар аҳёнан як мавҷуд аз мавҷуди дигар истифода мекунад, на аз он ҷиҳат аст, ки он яке барои ин яке ба вуҷуд омада, балки тасодуфан он яке барои истифодаи ин яке муфид воқеъ шуда. Мо феълан рӯйи ақоиди куллии соири равишҳо кор надорем. Мехоҳем бибинем рӯйи ақоиди куллии исломӣ чӣ бояд бигӯем?

Алоқаи ғоӣ байни ҳаққ ва зиҳаққ

Тибқи ақоиди куллӣ ва тарзи ҷаҳонбинии исломӣ дар боби инсон ва олам ва ҳаёт ва ҳастӣ, байни инсон ва мавоҳиби олам алоқаи ғоӣ вуҷуд дорад, яъне байни инсон ва мавоҳиби олам дар матни хилқат ва дар нақшаи куллии хилқат алоқае ва робитае аст, ба тавре, ки агар инсон ҷузъи ин нақша набуд, ҳисоби ин нақша ҳисоби дигар буд.

Дар Қуръони Карим мукаррар тасреҳ мекунад, ки ба ҳасби асли хилқат, мавоҳиби олам барои инсон офарида шуда. Пас, аз назари Қуръони Карим, қабл аз он ки башар битавонад фаъолияте бикунад ва даст ба коре бишавад ва қабл аз он ки дастурҳои дин ба василаи пайғамбар ба мардум эълом шавад, як навъ алоқа ва иртибот байни инсон ва мавоҳиби хилқат ҳаст ва ин мавоҳиб моли инсон ва ҳаққи инсон аст, мисли ин ки мефармояд:

خَلَقَ لَكُمْ مَا فِي الْأَرْضِ جَمِيعًا

(*Бақара/29*) Худо ҳар чи дар замин аст, барои шумо ва ба хотири шумо офарид.

Ё дар сураи Аъроф дар муқаддимаи достони хилқати Одам мефармояд:

وَلَقَدْ مَكَّنَّاكُمْ فِي الْأَرْضِ وَجَعَلْنَا لَكُمْ فِيهَا مَعَايِشَ ۗ قَلِيلًا مَا تَشْكُرُونَ

(*Аъроф/10*) Мо шуморо дар замин ҷо додем ва мустақар кардем ва дар ин замин барои шумо мавҳибатҳое қарор додем, ки мояи маъишат ва зиндагии шумост, аммо шумо кам қадри ин неъматро мешиносед ва кам шукри ин неъматро бачо меоваред.

Шукри ҳар неъмат яъне аз ӯ ҳамон истифодаро бикунанд, ки барои он истифода офарида шуда. Бисёре аз оёти Қуръон ин ҳақиқатро баён мекунад.

Қатъи назар аз тасреҳе, ки Қуръони Карим фармуда, агар дар худи низоми олам диққат кунем ва фикр кунем, ҳис мекунем ва мефаҳмем, ки як навъ робитаи ғоӣ байни ҷамод ва набот ва ҳамчунин байни ҳар дуи инҳо бо ҳайвон ва ҳамчунин байни ҷамод ва набот ва ҳайвон ва байни инсон ҳаст. Дар ин замин, аз як тараф як силсила маводди ғизоӣ ҳаст ва аз тарафе ҳайвонҳо тавре ҳастанд, ки фақат бо он маводди ғизоӣ метавонанд зиндагӣ кунанд, агар он маводди ғизоӣ набошад, наметавонанд ба ҳаёти худ идома диҳанд. Ҳол, оё мешавад гуфт, дар низоми куллии коинот ҳеч алоқа ва иртиботе байни маводди ғизоии ин олам ва байни тарзи сохтмони ҷиҳозоти тағзияи инсон ё соири ҳайвонҳо вуҷуд надорад ва тасодуфан мувофиқате байни инҳо ва онҳо ҳаст? Уламои маърифатулҳаёт (зистшиносон), ки мегӯянд ба ҳеч ваҷҳ наметавон асли иллати ғоиро дар мавриди мавҷудоти зинда инкор кард. Ҳамчу алоқа ва иртиботе ҳаст, хоҳ он ки бигӯем он маводди ғизоӣ мутаносиб бо ин эҳтиёҷот сохта шуда ва хоҳ он ки бигӯем сохтмони ҷиҳозоти тағзия тавре сохта шуда, ки битавонад аз маводди ғизоии мавҷуд истифода кунад.

Ба ҳар ҳол, алоқаи ғоӣ ҳаст ва ин ду ба якдигар татбиқ дода шудаанд. Чӣ фарқ мекунад, ки бигӯем, агар инсон ё ҳайвон бо ин навъ эҳтиёҷот набуд, он маводди ғизоӣ ба вуҷуд намеомад ва ё бигӯем, агар он маводди ғизоӣ ба ин наҳв набуд, сохтмони инсон таври дигар буд? Ба ҳар ҳол, низоми хилқат нишон медиҳад, инҳо барои якдигар офарида шудаанд.

Пас ин ҳаққро қонуни хилқат ва офариниш, ки муқаддам бар қонуни шаръ аст қарор дода ва чун ҳар ду аз ҷониби Худованд аст, Худованд қонуни динро ҳамоҳанги қонунҳои фитрат ва хилқат муқаррар фармуда, қонуни хилқатро тавре ва қонуни шаръро тавре дигар муқаррар нафармуда. Ҳамоҳангии он дуро сареҳан дар як ояти Қуръон зикр мекунад:

فَأَقِمْ وَجْهَكَ لِلدِّينِ حَنِيفًا ۚ فِطْرَتَ اللَّهِ الَّتِي فَطَرَ النَّاسَ عَلَيْهَا ۚ لَا تَبْدِيلَ لِخَلْقِ اللَّهِ

(*Рум/30*) Чеҳраи худро ба сӯйи ин дин собит нигаҳ дор; ин дин мабное муҳкам ва халалнопазир дорад ва он фитрат ва сириште аст, ки Худованд мардумро бар он сиришт офарида. Қонуни офариниш тағйирнопазир аст.

Пас, гузашта аз баёни Қуръони Карим, худи низоми хилқат гувоҳи содиқе аст бар ин ки офариниш, инсон ва ин мавоҳибро барои якдигар офаридааст. Навзодро, ки тоза аз модар мутаваллид мешавад, дар назар бигиред. Ин навзод дар чӣ ҳоле аст? Чӣ қадр метавонад худаш барои худаш талош кунад? Чӣ ғизоеро метавонад бихӯрад? Меъдаи ӯ чӣ навъ

ғизоеро, ки метавонад ҳазм кунад? Аз он тараф бибинед Худованд ду манбаъи ғизоӣ ба номи ду пистон рӯйи синаи модар қарор дода ва ҳаминки таваллуди тифл наздик мегардад, тадриҷан бо вазъи ҳайратангезе беҳтарин моддаи муносиб бо ҷиҳози ҳозимаи кӯдак дар он ҷо сохта мешавад ва ҳаминки мутаваллид шуд, аз ғизои омода истифода мекунад. Оё метавон гуфт, дар қонуни хилқат ҳеч робитае байни кӯдак ва эҳтиёҷоти кӯдак аз як тараф ва байни сохтмони аҷиби пистон ва шир аз тарафи дигар ва ҳатто байни дукмаи махсуси сари пистон ва байни лабҳои кӯчаки кӯдак, нест? Оё он ширҳо моли он тифл нест?

Ин истеҳқоқ ва ин ҳаққро чӣ касе қарор дода? Қонуни хилқат. Чӣ алоқа ва робитае байни кӯдак ва байни он шир мавҷуд аст? Робитаи ғоӣ. Яъне он шир ва он дастгоҳ ва корхонаи ширсозӣ барои кӯдак ва ба хотири кӯдак ба вуҷуд омада, пас худи хилқат он ширро ҳаққи тифл қарор дода. Ғуддаҳои пистон, ки тарашшӯҳ мекунад, барои кӯдак тарашшӯҳ мекунад, на барои чизи дигар ва на бечиҳат. Ҳукамо истилоҳе доранд дар мавриди мавҷудот ва махлуқоти ин олам. Онҳо аз маҷмӯъи мавҷудоти табиат таъбир мекунад ба “обои сабъа” (падарони ҳафтгона) ва ”уммаҳоти арбаъа” (модарони чаҳоргона) ва ”маволиди салоса” (фарзандҳои сегона). Яъне ҳафт падар ва чаҳор модар ва се фарзанд. Мақсудашон аз ҳафт падар, афлок аст, ки қудамо қоил буданд, мақсуд аз чаҳор модар, аносири аввалия аст, ки ақидаи қудамо ин буд, ки аносир ва басоит чаҳортост: об, хок, ҳаво ва оташ. Мақсуд аз се фарзанд, мураккаботи ин олам аст, ки ба се қисмати куллӣ тақсим мешавад: ҷамод, набот, ҳайвон (инсон ҳам ҷузъи ҳайвон аст).

Аз ин ҷиҳат таъбир ба падару модар ва фарзанд мекарданд, ки мегуфтанд, аз асари таъсири омилҳои фалакӣ дар аносири чаҳоргона, ки омилҳои фалакӣ, фоиланд ва аносир, қобили мураккабот (яъне ҷамодот ва наботот ва ҳайвонот) пайдо мешавад. Пас мураккабот фарзандони мавҷудоти ъилвӣ ва аносири чаҳоргона мебошанд. Ин таъбир аз назари мураккабот бисёр таъбири дурусте аст, чӣ он ки чаҳор модар яъне чаҳор унсур дар олам бошад ё сад модар яъне сад унсур ва чӣ афлоке ба он тартиб ва чӣ набошад, ба ҳар сурат мураккабот фарзандони ин замин ва ин обу ин ҳаво ва ин нуру гармост.

Инсон ҳамон фарзанди аршади ин падарону модарон аст. Фарзанд табъан бар ӯҳдаи падару модар ҳуқуқе дорад. Ҳамон тавре, ки дар вуҷуди мо заминаҳое ҳаст барои муддате, ки бояд дар раҳим бошад ва заминаҳое ҳаст барои вақте, ки ҳанӯз навзод аст ва дар домани модар аст, дар вуҷуди ин модарбузург, ки номаш ҷаҳон аст низ заминаҳое ҳаст ва ҳамаи онҳо рӯйи иноят сурат гирифта. Масалан навзод вақте, ки мехоҳад мутаваллид бишавад, дастгоҳи пистон ба фаъолият меафтад, ғуддаҳо шурӯъ мекунанд ба тарашшӯҳ кардан ва ҳамаи инҳо ба хотир ва барои навзод аст. Ҳамин тавр аст ин

низоми чаҳор фасли замин ва ҳаракати абрҳо ва резиши боронҳо ва пайдоиши фасли баҳор ва ғайра. Ин боронҳо ҳамон тарашшӯҳоте аст, ки муқаддамитан пистони мо дар ҷаҳон барои фарзандонаш мекунад. Дар сураи муборакаи Наҳл ояти 10 ва 11 мефармояд:

هُوَ الَّذِي أَنْزَلَ مِنَ السَّمَاءِ مَاءً لَكُمْ مِنْهُ شَرَابٌ وَمِنْهُ شَجَرٌ فِيهِ تُسِيمُونَ. يُنْبِتُ لَكُمْ بِهِ الزَّرْعَ وَالزَّيْتُونَ وَالنَّخِيلَ وَالْأَعْنَابَ وَمِنْ كُلِّ الثَّمَرَاتِ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَآيَةً لِقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ

Ӯст, ки аз болои сари шумо бар рӯйи заминҳои шумо об мепошад. Аз ин об, ҳам оби ошомиданӣ барои шумо таҳия мешавад ва ҳам аз он, дарахтҳо барои шумо мерӯянд ва аз баргҳои он дарахтҳо истифода мекунед. Бо он об киштҳо ва зироъатҳо ва дарахтҳо аз зайтун ва аз нахлистон ва аз ангур мерӯянд ва анвоъи меваҳоро дар ихтиёри шумо қарор медиҳад ва ҳамаи инҳо оятҳост барои касоне, ки бихоҳанд ба андеша ва тафаккур бипардозанд.

Оёти Қуръон дар ин замина, ки як навъ иртибот ва пайвастагӣ ва ҳамоҳангӣ байни гардиши куллии авзоъи замин ва эҳтиёҷоти инсон вуҷуд дорад зиёд аст.

Аз Алӣ (а) нақл шуда, ки фармуд:

لكل ذي رمق قوت ولكل حبة آكل

(“*Ҳар соҳиби рамақ ва ҳаёте қуте ва ҳар донае хӯрдандае дорад*.”) Манзур ин аст, ки байни хӯранда ва моддаи хӯрданӣ алоқа ва иртиботе дар матни хилқат ҳаст, вуҷуди онҳо дар матни хилқат ба якдигар марбут аст. Ин як навъ алоқа ва иртибот, ки аз назари усули куллӣ ва ҷаҳонбинии умумии исломӣ байни ҳаққ ва зиҳаққ ҳаст.

Алоқаи фоъилӣ миёни ҳаққ ва зиҳаққ

Навъи дигар аз алоқа, алоқаи фоъилӣ аст, яъне ин ки зиҳаққ мавриди ҳаққро худаш барои худаш ба вуҷуд оварда бошад, фоъили ӯ ва ба вуҷуд оварандаи ӯ бошад. Масалан, касе дарахте ба замин мекорад ва он дарахтро муроқибат мекунад ва обёрӣ мекунад, то он дарахт мева медиҳад. Робитае, ки байни ин шахс ва он мева ҳаст, робитаи феъл ва фоъил аст. Яъне фаъолияти ӯ сабаб шудааст, ки ин мева ба вуҷуд ояд. Агар ӯ фаъолият намекард, он мева ба вуҷуд намеомад. Худи ин робита, эҷоди ҳаққ мекунад.

Робитаи ғоӣ мӯҷиби ҳаққи билқуввa аст

Робитаи аввал, яъне робитаи ғоӣ миёни инсон ва мавоҳиби олами хилқат, як робитаи куллӣ ва умумӣ аст. Аз он назар касе билфеъл ҳаққи ихтисосӣ надорад. Ҳамаи мардум чун махлуқи Худо ҳастанд ва фарзанди ин замин ва ин обу хок ҳастанд, ҳаққе ба ӯҳдаи

ин замин доранд ва чун ҳама билқувва ҳаққ доранд, касе наметавонад ба як унвон монеъи истифои дигарон бишавад ва ҳамаро ба худ ихтисос диҳад.

Аммо ин ки ин ҳуқуқро ба чӣ наҳв истифо кунад, марҳилаи дуввум аст. Дар ин марҳила аст, ки таклиф ва ҳаққ замимаи якдигар мешаванд ва ҳуқуқ дар асари анҷоми таклиф ва вазифа, феълият пайдо мекунад ва ҳар касе ба ҳаққи ихтисосии худ мерасад.

Аввал, ояте, ки дар ин замина аз Қуръон мехонам. Дар сураи Ҳуд мефармояд:

هُوَ أَنْشَأَكُمْ مِنَ الْأَرْضِ وَاسْتَعْمَرَكُمْ فِيهَا فَاسْتَغْفِرُوهُ

(*Ҳуд/61*) Ӯст, ки шуморо аз замин офарида ва аз шумо хост, ки заминро обод кунед. Пас, аз саркашӣ бозгардед ва тавба кунед ва омурзиши гуноҳони худро бихоҳед.

Дар ин ҷо аввалан нафармуда:

أنشأكم في الأرض

Яъне нафармуда, шуморо дар замин офарида, фармуд:

أَنْشَأَكُمْ مِنَ الْأَرْضِ

Яъне шуморо аз замин офарид, шуморо аз шиками замин берун овард. Мисли ин ки ишора аст ба ҳамон маънӣ, ки замини мо дар думи шумост. Сониян фармуд:

وَاسْتَعْمَرَكُمْ فِيهَا

Аз шумо умрон ва ободии ин заминро мехоҳад. Яъне танҳо фарзанди замин будан кофӣ нест, ки ҳаққи шумо ба феълият бирасад ва зиҳаққ бишавед, ҳаққи шумо мафруз ва ҷудо шинохта шавад, чизи дигар лозим аст ва он, амал ва фаъолият ва умрон ва эҳёи замин аст. То ин таклиф амалӣ нашавад, он ҳаққ ба феълият намерасад ва мӯҳраз ва мафруз намегардад. Чаро? Чун ба инсон ақл ва ирода ва ихтиёр дода шуда ва ақл ва ихтиёр аст, ки вусъати доираи амали ӯро зиёд карда.

Нақши ақл ва ихтиёр дар думарҳилаӣ шудани ҳаққи инсон

Низоми зиндагии инсон бо зиндагии соири ҷондорон фарқ дорад. Онҳо ба ҳукми ғариза зиндагӣ мекунанд, фарзанди замин будан кофӣ аст, ки ҳаққи онҳоро мусаллам кунад. Аммо инсон ақл ва ирода дорад ва бо нерӯи таклиф ва ақл ва ирода бояд кор кунад, бинобар ин то таклифи худро анҷом надиҳад, наметавонад аз ҳаққи Худододии худ истифода кунад. Бале, то марҳила марҳилаи ғариза аст ва таклифе дар кор нест, ҳаққ ҳам собит ва мусаллам аст. Тифл бар пистони модар бидуни замонати ҳеч таклифе ҳаққ дорад ва шири пистон ҳаққи ӯст, аммо он гоҳ, ки инсон мехоҳад аз пистони модар-замин шир бихӯрад, шир ба он омодагӣ нест, бояд бо амал ва умрон ва эҳё ва фаъолият, онро

омода кунад, аз ин рӯ дар муқобили ҳаққе, ки бар ӯҳдаи модар-замин дорад, як масъулияте ҳам дар баробари ӯ дорад, балки метавон гуфт, як ҳаққе ҳам ин модар яъне замин бар ӯҳдаи ӯ дорад ва он ин ки: заминро обод кунад ва умрон намояд.

Ҳаққи замин бар инсон

Алӣ (а) дар ҳамон рӯзҳои аввали хилофат ҷумлае фармуд ба мардум:

إنكم مسؤولون حتى عن البقاع والبهائم

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 166*) Шумо масъулият доред ва мукаллафед ва ҳуқуқе бар ӯҳдаи шумо ҳаст ҳатто нисбат ба чорпоён ва нисбат ба замин.

На танҳо дар баробари Худо ва мардум масъулед, балки дар бораи ҳайвонот ва заминҳо ҳам масъулед. Хаёл накунед, ки ин ҳайвони боркаши шумо ба далели ин ки милки шумост, ҳар тавр рафторе, ки бихоҳед, метавонед бикунед, ҳар андоза бор, ҳарчанд фавқи қудрати он ҳайвон, метавонед пушташ бигузоред, агар хостед алаф бидиҳед ва агар нахостед, надиҳед, ташна монд монд, гурусна монд монд, захм шуд шуд, шумо ҳеч масъули сер кардан ва об додан ва ҳифзи саломати он ҳайвон нестед. Хайр! Ин тавр нест. Дигар ин ки шумо масъули ин заминҳо ҳастед, ки онҳоро вайрон нагузоред ва обод кунед. Худованди Мутаъол ободии онро аз шумо хоста.

Боз Алӣ (а) дар фармони маъруфи Молики Аштар, унвони куллӣ, ки ба фармони худ медиҳад ин аст:

هذا ما أمر به عبد الله علي أمير المؤمنين مالك بن الحارث الأشتر في عهده إليه حين ولاه مصر جباية خراجها، وجهاد عدوها، واستصلاح أهلها، وعمارة بلادها

(*"Наҳҷул-балоға", номаи 53*) Яъне ин дастуре аст, ки бандаи Худо Алӣ, амири мӯъминон барои Молик ибни Ҳорис маъруф ба Аштар менависад, ҳангоме, ки устондории Мисрро ба ӯ медиҳад, ки дар он ҷо хироҷ ва молиётро ҷамъ кунад, амният эҷод ва душманони Мисрро саркӯб кунад ва мардуми Мисрро аз лиҳози тарбият ва ахлоқ ва ғайра ба салоҳ оварад ва дигар ин ки сарзаминҳои он ҷоро обод кунад.

Талозуми ҳаққ ва таклиф

Дар бораи талозуми таколиф ва ҳуқуқ мефармояд:

لا يجري لأحد إلا جرى عليه، ولا يجري عليه إلا جرى له

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 207*) Ҳаққе барои касе нест, магар он ки ба ӯҳдааш ҳам ҳаққе ҳаст ва ба ӯҳдаи касе ҳаққе нест, магар он ки барои ӯ ва ба нафъи ӯ ҳам ҳаст. Яъне таклиф

ва ҳаққ аз якдигар ҷудо нестанд. Агар касе ҳаққе дорад, таклифе ҳам ҳамроҳи он ҳаққ дорад.

Чаро пайғамбар фармуд:

ملعون من ألقى كله على الناس

(*Кофӣ, ҷ.5, с.72*) Аз раҳмати Худо дур ва машмули лаънати Худованд аст он кас, ки сангинии худро рӯйи дӯши мардум бигузорад, аз ҳуқуқи умумӣ истифода бикунад ва таклифе анҷом надиҳад.

Дар ин ҷо матлабе зикр кунам, ки таъйидкунандаи матолиби гузашта аст ва зимнан ҷавоби суол ва шубҳае, ки мумкин аст пеш биёяд низ ҳаст.

Ҳаққи зуъафо

Дар ислом воқеан барои фуқаро ва оҷизон ва зуъафо ҳаққе дар амволи дигарон манзур шуда.

Дар сураи Исро мефармояд:

وَآتِ ذَا الْقُرْبَىٰ حَقَّهُ وَالْمِسْكِينَ وَابْنَ السَّبِيلِ

(*Исро/26*) Ҳаққи хешовандон ва фуқаро ва бечораагонро бидеҳ.

Ва дар сураи Маъорич мефармояд:

وَالَّذِينَ فِي أَمْوَالِهِمْ حَقٌّ مَعْلُومٌ. لِلسَّائِلِ وَالْمَحْرُومِ

(*Маъорич/24-25*) Аз барои суолкунандагон ва маҳрумон баҳрае муайян дар амволи мӯъминин ҳаст.

Заъифон ва оҷизон ва бенавоён, ки қодир ба кору касб нестанд ва ё касбу корашон вофӣ нест, мукаллаф ба кору заҳмат нестанд, ё беш аз он андоза, ки кор мекунанд ва тавоноӣ доранд, мукаллаф нестанд, пас таклиф аз онҳо соқит аст. Аз тарафи дигар, дуруст аст, ки онҳо тавлидкунанда нестанд ва вазифаи кор ва умронро наметавонанд анҷом диҳанд, аммо наметавон онҳоро маҳрум кард, зеро ба ҳукми асли аввалӣ ва ба ҳукми робитаи ғоӣ, ки байни онҳо ва маводди ин олам аст, ин суфра, ки паҳн шуд, барои онҳо ҳам паҳн шуда.

وَالْأَرْضَ وَضَعَهَا لِلْأَنَامِ

(*Ар-раҳмон/10*) Яъне Худованд ин заминро барои ҳама (на барои баъзе) қарор дода, инҳо агар қодир буданд ва вазифаи худро анҷом намедоданд, ҷаримашон ин буд, ки аз ин суфра маҳрум бошанд, вале ҳоло, ки қодир нестанд, ҳаққи аввалии онҳо сари ҷойи худ боқӣ аст. Воқеан зуъафо ва фуқаро ва бенавоён дар амволи ағниё зиҳаққанд.

Як тафовути асосӣ

Фарқ байни фалсафаи иҷтимоӣ ва мабонии ҳуқуқии исломӣ, ки бар асли иллати ғоӣ мубтанӣ аст, бо мабонии ҳуқуқии моддӣ, яке дар ҳамин ҷост. Мутобиқи мабонии ҳуқуқии илоҳии исломӣ воқеан бенавоён зиҳаққанд, аммо тибқи мабонии ҳуқуқии ғайри илоҳӣ, ҳуқуқ фақат ва фақат бо фаъолият ва тавлид ва кор ва санъат эҷод мешавад.

Дар зимни суханонам ҷумлае аз Алӣ (а) нақл кардам мабнӣ бар робитаи ғоӣ байни инсон ва маводди ғизоии олам, ки фармуд:

لكل ذي رمق قوت، ولكل حبة آكل

Як ҷумла ҳам аз он ҳазрат нақл мекунам дар робитаи фоъилии ҳаққ ва зиҳаққ. Шахсе аз шиъаёни ҳазрат омад ва аз файъ ва ғаноими мусалмонон, ки сарбозҳои исломӣ бо ҷонбозӣ ба даст оварда буданд, чизе мутолиба кард. Ҳазрат дар ҷавоб фармуд: ин мол, файъи мусалмонон аст, агар ту бо онҳо будаӣ ва монанди онҳо ранҷҳо ва таъабҳо таҳаммул кардаӣ, метавонӣ шарик бошӣ ва ҳаққе дошта бошӣ,

فَجَنَاةُ أَيْدِيهِمْ لَا تَكُونُ لِغَيْرِ أَفْوَاهِهِمْ

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 223*) Вагарна маҳсули дастҳо ва бозуҳои онҳо моли даҳонҳои худашон аст, на моли даҳонҳои дигарон. Яъне ҳар бозуе, ки заҳмат мекашад ва ранҷ мебарад ва аз як роҳи машрӯъ чизе ба даст меоварад, табиӣ аст, ки моли даҳони худаш аст ва таъаллуқ ба шахси худаш дорад; маънӣ надорад, ки дасте ва бозуе кор кунад ва чизеро таҳсил кунад ва он гоҳ даҳони шахси дигар бо он маҳсул биҷунбад.

Ҳаққи иҷтимоъ

Ҳаққ дар ислом хеле мӯҳтарам аст, ҳуқуқи мардум фавқулъода эҳтиром дорад, адолат фавқулъода муқаддас аст. Хиёнат дар ҳуқуқ билахасс ҳуқуқи умумӣ аз назари ислом болотарини хиёнатҳост. Алии Муртазо фармуд:

إن أعظم الخيانة خيانة الأمة

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи 26*) Бузургтарини хиёнатҳо хиёнат ба уммат аст…

Ислом дар муддати бисёр каме ва бо суръати фавқулъодае ҷаҳонгир шуд ва ҷойи худашро дар дунё боз кард. Чаро? Оё танҳо ба хотири як силсила дастурҳои соддаи ахлоқӣ буд? Агар ислом ба ислоҳоти иҷтимоӣ ҳиммат намегумошт, имкон надошт аз дастурҳои ахлоқии худ натиҷа бигирад.

Ислом мунодии адл ва мунодии ҳаққ ва мунодии озодӣ ва мусовот ва илғои имтиёзот буд, ба ин далелҳо ҷаҳоне нав ба вуҷуд овард. Латамот ва хасороте ҳам, ки дид, аз ноҳияи масх шудан ва зеру рӯ шудани ҳамин масъала буд.

Оре, дар ислом ҳуқуқ мӯҳтарам аст, адолат, ки ҳифзи ҳуқуқ аст муқаддас аст.

Мӯҳтарам шумурдани ислом ҳуқуқ ва адолатро муҳимтарин омили пешрафти наҳзати исломӣ буда. Дар ислом ҳуқуқе пешбинӣ шуда ва бар мабнои онҳо муқаррароте вазъ шуда, ки аз мунтаҳои латофат ва бориқбинии ин дин ҳикоят мекунад. Ҳуқуқи падару модар ва муаллим ва ғайра ба ҷой худ, ба мавориде бармехӯрем хеле дақиқ ва латиф.

Ҳаққи ҳамсафар

Алӣ (а) дар айёми хилофат, рӯзе барои коре аз шаҳри Куфа, ки маркази хилофат буд ба хориҷи шаҳр берун рафт. Тибқи маъмули худ, ки иҷоза намедод ҷамъе ба унвони ҳамроҳ ӯро ҳамроҳӣ кунанд, он рӯз низ содда ва танҳо рафта буд. Ҳангоми баргаштан, бо як нафар китобӣ яъне як нафар масеҳӣ ё яҳудӣ ё зардуштӣ дар роҳ мусодиф шуд. Он мард Алиро намешинохт. Мақсади якдигарро пурсиданд, маълум шуд, миқдори зиёде аз роҳашон муштарак аст. Тавофуқ карданд, ки бо ҳам тайи масофат кунанд.

Сӯҳбаткунон роҳро тай карданд, то расиданд ба сари дуроҳӣ, ки роҳи Куфаро аз мақсаде, ки он марди китобӣ дошт, ҷудо мекард. Он мард ба роҳи худ рафт. Алӣ (а) шоҳроҳро, ки ба Куфа мерафт раҳо кард ва аз ҳамон роҳ, ки ҳамсафараш рафт, оҳанги рафтан кард. Ӯ гуфт: магар ту нагуфтӣ, ман ба Куфа меравам? Фармуд: чаро. Гуфт: пас чаро аз он роҳ намеравӣ? Фармуд: пайғамбари мо фармудааст, ки ҳар гоҳ ду нафар бо ҳам мусофират кунанд ва аз мусоҳибати ҳам баҳраманд шаванд, ҳаққе бар ӯҳдаи якдигар пайдо мекунанд, бинобар ин чун ман аз вуҷуди ту дар ин сафар баҳраманд шудам, ту ба гардани ман ҳаққ пайдо кардаӣ, ман мехоҳам ба хотири ин ҳаққ, туро миқдоре мушояъат кунам. Он мард ба фикри амиқе фурӯ рафт, сар боровард ва гуфт: иллати ин ки ислом бо ин суръат ривоҷ гирифт ва тавсиъа ёфт, ахлоқи бузургворонаи пайғамбари шумо буд.

Он мард дар он вақт Алиро намешинохт, то як рӯз ба Куфа омад ва Амирулмӯъмининро дар маснади хилофат дид, мутаваҷҷеҳ шуд, ки ҳамсафари он рӯзи ӯ Алӣ ибни Абӯтолиб, халифаи вақт будааст, бедиранг мусалмон шуд ва дар зумраи асҳоби он ҳазрат даромад.

Номи Алӣ, қарини адолат

Номи Алӣ (а) баъдҳо бо номи адолат қарин шуд. Умр ибни Абдулазиз гуфт: Алӣ пешиниёнро фаромӯшонд ва баъдиҳоро дар заҳмат андохт, мардум сира ва равиши ӯро василаи маломати хулафо қарор медоданд.

Дар яке аз солҳо, ки Муовия ба ҳаҷ рафта буд, суроғи яке аз занонро, ки савобиқе дар тарафдории Алӣ ва душмании Муовия дошт гирифт. Гуфтанд, зинда аст. Фиристод, ӯро ҳозир карданд. Аз ӯ пурсид: ҳеч медонӣ, чаро туро эҳзор кардам? Туро эҳзор кардам, ки бипурсам, чаро Алиро дӯст дорӣ ва маро душман? Гуфт: беҳтар аст аз ин боб ҳарфе назанӣ. Муовия гуфт: на, ҳатман бояд ҷавоб бидиҳӣ. Он зан гуфт: ба иллати ин ки ӯ одил ва тарафдори мусовот буд ва ту беҷиҳат бо ӯ ҷангидӣ. Алиро дӯст медорам, чун фуқароро дӯст медошт ва туро душман медорам, барои ин ки ба ноҳақ хунрезӣ кардӣ ва ихтилоф миёни мусалмонон афкандӣ ва дар қазоват зулм мекунӣ ва мутобиқи ҳавои нафс рафтор мекунӣ.

Муовия хашмнок шуд ва ҷумлаи зиште миёни ӯ ва он зан радду бадал шуд, аммо баъд хашми худро фурӯ хӯрд ва ҳамон тавре, ки одаташ буд, охири кор рӯйи мулойимат нишон дод, пурсид: ҳеч Алиро ба чашми худ дидӣ? Гуфт: бале, дидам. Гуфт: чӣ гуна дидӣ? Гуфт: ба Худо савганд, ӯро дар ҳоле дидам, ки мулку салтанат, ки туро фирефта ва ғофил карда ӯро ғофил накарда буд. Гуфт: овози Алиро ҳеч шунидаӣ? Гуфт: оре, шунидаам, дилро ҷило медод ва кудуратро аз дил мебурд он тавр, ки равған зангорро мезудояд.

Муовия гуфт: ҳоҷате дорӣ? Гуфт: ҳар чи бигӯям, медиҳӣ? Гуфт: медиҳам. Гуфт: сад шутури сурхмӯ бидеҳ. Гуфт: агар бидиҳам, он вақт дар назари ту монанди Алӣ хоҳам буд? Гуфт: абадан! Муовия дастур дод, сад шутур ҳамон тавр, ки хоста буд ба ӯ доданд ва ба ӯ гуфт: ба Худо қасам, агар Алӣ зинда буд, яке аз инҳоро ба ту намедод. Ӯ гуфт: ба Худо қасам, як мӯйи инҳоро ҳам ба ман намедод, зеро инҳо моли умуми мусалмонон аст.

Удай ибни Ҳотами Тоӣ яке аз кибори саҳоба ва аз алоқамандон ва шефтагони мавлои муттақиён аст. Ин мард дар охирҳои умри Расули Худо (с) ислом оварда ва исломаш некӯ шуд. Дар замони хилофати Алӣ (а) дар хидмати он ҳазрат буд ва се писараш ба номи Тариф ва Турфа ва Ториф дар рикоби он ҳазрат дар Сиффин шаҳид шуданд. Баъд аз шаҳодати Алӣ ва истиқрори хилофат барои Муовия, иттифоқ афтод, ки бар Муовия ворид шуд. Муовия барои ин ки балки битавонад бо ёдоварӣ кардани доғи фарзандони

Удай ӯро водор кунад, ки дар бораи Алӣ (а) мутобиқи майли Муовия ҳарфе бизанад, ба ӯ гуфт:

أين الطرفات

(Писаронат Турфа ва Тариф ва Ториф чӣ шуданд?) Удай бо камоли матонат ва хунсардӣ гуфт:

قتلوا بصفين بين يدي علي بن أبي‌طالب

"*Дар Сиффин пешопеши Алӣ шаҳид шуданд*."

Махсусан калимаи "пешопеши Алӣ"-ро изофа кард, ки ризоят ва ифтихори худро бирасонад. Муовия гуфт:

ما أنصفك ابن أبي‌طالب إذ قدم بنيك وأخر بنيه

"*Алӣ дар бораи ту инсофро риоят накард, ки писарони туро пешопеши ҷабҳа фиристод, то кушта шуданд ва писарони худро дар пушти ҷабҳа нигаҳ дошт, ки зинда монданд*."

Удай гуфт:

بل أنا ما أنصفت عليا إذ قتل وبقيت

"*Балки ман дар бораи Алӣ инсофро риоят накардам, ки ӯ кушта шуд ва ман зинда мондам.*"

Муовия дид, аз нақшаи худ натиҷа намегирад, лаҳни худро иваз кард ва гуфт:

صف لي عليا

"*Авсофи Алиро барои ман бигӯ.*" Удай гуфт: маро маъзур бидор. Гуфт: мумкин нест. Удай гуфт:

كان والله بعيد المدى، شديد القوى، يقول عدلا ويحكم فضلا، تنفجر الحكمة من جوانبه، والعلم من نواحيه، يستوحش من الدنيا وزهرتها، ويستأنس بالليل ووحشته. وكان والله غزير الدمعة، طويل الفكرة، يحاسب نفسه إذا خلا، ويقلب كفيه على ما مضى. وكان فينا كأحدنا: يجيبنا إذا سألناه ويدنينا إذا أتيناه، ونحن مع تقريبه لنا وقربه منا لا نكلمه لهيبته، ولا نرفع أعيننا إليه لعظمته، فإن تبسم فعن اللؤلؤ المنظوم، يعظم أهل الدين، ويتحبب إلى المساكين، لا يخاف القوي ظلمه، ولا ييأس الضعيف من عدله، فأقسم لقد رأيته ليلة وقد مثل في محرابه وأرخى الليل سربال، ودموعه تتحادر على لحيته وهو يتململ السليم ويبكي بكاء الحزين، فكأني أن أسمعه وهو يقول: يا دنيا إلي تعرضت، أم إلي أقبلت؟.. قال: فوكفت عينا معاوية وجعل ينشفهما بكمه ثم قال: يرحم الله أبا الحسن كان كذلك، فكيف صبرك عنه؟ قال: كصبر من ذبح ولدها في حجرها فهي لا ترقأ دمعتها، ولا تسكن عبرتها

(*“Сафинатул-биҳор”, ч.2, с.170, бо ҳазфи бархе фақарот*) “*Ба Худо қасам, Алӣ жарфназар ва нерӯманд буд, ба адолат сухан мегуфт ва бо қотеъият файсала медод, илму ҳикмат аз атрофаш меҷӯшид, аз зарқу барқи дунё мутанаффир ва бо шаб ва танҳоии шаб маънус буд, зиёд ашк мерехт ва бисёр фикр мекард, дар хилватҳо аз нафси худ ҳисоб мекашид ва бар гузашта дасти надомат (мешуст), либоси кӯтоҳ ва зиндагии фақиронаро меписандид, дар миёни мо, ки буд, монанди яке аз мо буд, агар чизе аз ӯ мехостем, мепазируфт ва агар ба ҳузураш мерафтем, моро наздик худ мебурд ва аз фосила намегирифт. Бо ин ҳама… он қадр боҳайбат буд, ки дар ҳузураш ҷуръати такаллум надоштем ва он қадр азамат дошт, ки чашмҳоро ба тарафаш баланд намекардем. Вақте, ки лабханд мезад, дандонҳояш монанди як риштаи марворид ба назар меомад, аҳли диёнат ва тақворо эҳтиром мекард ва нисбат ба бенавоён меҳр меварзид. На нерӯманд аз ӯ бими ситам дошт ва на нотавон аз адолаташ навмед мешуд. Ба Худо қасам, як шаб ба чашми худ дидам, ки дар меҳроби ибодат истода буд дар ҳоле, ки шаб, торикии худро ҳама ҷо кашида буд, ашкҳояш бар ришаш мечалтид, монанди моргазида ба худ мепечид ва монанди мусибатдидаҳо мегирист. Алъон мисли ин аст, ки овозашро бо гӯшам мешунавам, ки мегуфт: эй дунё! Оё мутаъарризи ман шудаӣ ва ба ман рӯ овардаӣ? Бирав дигареро бифиреб, вақти ту нарасидааст. Туро сеталоқа кардаам ва руҷӯъе дар кор нест. Лаззати ту ночиз ва аҳаммияти ту андак аст. Оҳ-оҳ аз тӯшаи андак ва сафари тӯлонӣ ва аниси кам!*”

Сухани Удай, ки ба ин ҷо расид, ашки Муовия сарозер шуд –

وجعل ينشفهما بكمه

Шурӯъ кард бо остини худ ашки худро пок кардан. Он гоҳ гуфт: Худованд раҳмат кунад Алиро, ҳамин тавр буд, ки гуфтӣ. Акнун бигӯ, ҳолати ту дар фироқи ӯ чӣ гуна аст? Гуфт: монанди зане, ки фарзандашро дар доманаш сар бурида бошанд. Муовия гуфт: оё ҳеч фаромӯшаш мекунӣ? Ва Удай гуфт: магар рӯзгор мегузорад фаромӯшаш кунам?!

Шайх Муфид дар “Иршод” менависад: муддати имомати Амирулмӯъминин баъд аз Пайғамбар 30 сол буд, ки аз он ҷумла фақат 5 солу 6 моҳ мутасаддии амри хилофат буд. Дар ин муддати кам машғули заду хӯрд бо аҳли нифоқ ва иддае зоҳирмусалмон буд. То он ҷо, ки мегӯяд, вафоти Амирулмӯъминин шаби ҷумъа 21-уми моҳи Рамазон наздики тулӯъи фаҷр воқеъ шуд ва он ҳазрат дар асари шамшери писари Мулҷами Муродӣ аз дунё рафт.

Дар “Кофӣ” пас аз он ки васияти машрӯҳ ва маъруфи Амирулмӯъмининро зикр мекунад; ҳамон васияте, ки хитоб буд ба фарзандон ва асҳоб ва соири мардуме, ки он васият то рӯзи қиёмат ба онҳо мерасад, менависад: дар поёни он васият гуфт:

حفظكم الله من أهل بيت، وحفظ فيكم نبيّكم

(*Кофӣ, ҷ.7, с.52, китоби ал-васоё*) Яъне Худованд шумо, аҳли байтро маҳфуз бидорад ва бо маҳфуз ва мӯҳтарам будани шумо дар миёни уммат, эҳтироми пайғамбарро маҳфуз бидорад!

أستودعكم الله

Ҳама шуморо ба Худо меспорам.

Дар “Кофӣ” менависад: аз ин пас яксара калимаи:

لا إله إلا الله

— аз забонаш қатъ нашуд, то руҳи муқаддасаш ба олами аъло шитофт.

صلوات الله عليه وعلى آله الطاهرين

Гуфтори 4:

Эҳтироми ҳуқуқ ва таҳқири дунё

Аз маҷмӯъи муқаррароте, ки ислом дар боби хиёнатҳо ва мазолими афрод дар бораи якдигар ва дар бораи адл ва зулм ва вазоифи ҳоким ва соис (сиёсатмадор) ва дар бораи қазоват ва вазоифи қозӣ ва душвории вазифаи қозӣ ва дар бораи шоҳид ва дар мавориди дигар дорад, маълум мешавад, ки аз назари ин дин чӣ андоза ҳуқуқи мардум нисбат ба якдигар мӯҳтарам ва воҷибурриъоя аст.

Ин ҷо суоле ва шубҳае дар зеҳнҳо пайдо мешавад, ки чӣ тавр мешавад дар ислом ин қадр ҳуқуқ мӯҳтарам бошад ва ҳол он ки мантиқи ислом ҳамон тавре, ки маълум аст, бар асоси таҳқири дунё ва матоъи дунёст. Ҳуқуқи мардум бар якдигар марбут ба шуъуни зиндагии ҳамин дунёст, масалан марбут ба ин аст, ки касе моли дигареро набарад ва нахӯрад. Ва агар чизе аз назари касе беқимат бошад, умуре ҳам, ки аз тавобеъи ӯст, беқимат хоҳад буд. Пас вақте, ки худи дунё ва зиндагии дунё аз назари ислом беарзиш ва беэҳтиром аст, бояд ҳуқуқе ҳам, ки марбут ба ин зиндагии беарзиш аст, арзишу эҳтиром надошта бошад.

Арзиши зотӣ ва арзиши нисбӣ

Посух ин аст, ки аввалан, беарзиш будани дунё дар назари дин бояд равшан шавад, ки ба чӣ маънӣ аст. Ибҳоми ин матолиб маншаъи хеле шубҳаҳо ва суолҳо аз ин қабил мешавад. Арзиш доштан ва надоштани як чиз, агар аз назари худи он чиз мулоҳиза шавад, ҳама чиз боарзиш аст, яъне ҳар чизе худаш барои худаш боарзиш аст, зеро ҳар чизе мартибае аз ҳастӣ аст ва ҳастии як чиз барои худи он чиз айни арзиш аст ва ба таъбири фалосифа, вуҷуд мусовӣ бо хайр аст.

Аммо агар як чизро на аз назари худи он чиз, балки аз назари робитааш бо чизи дигар ва аз назари таъсираш дар як ҳастии дигар дар назар бигирем, ин аст, ки мумкин аст чизе нисбат ба чизе беарзиш бошад, таъсире дар суду зиёни ӯ надошта бошад ва мумкин аст таъсири манфӣ ё мусбат дошта бошад. Агар таъсири мусбат дошта бошад, мегӯем: ин чиз барои он чизи дигар боарзиш аст.

Ин навъ арзиш, ки арзиши нисбӣ аст, яъне арзиши чизе барои чизе аст, боз ду гуна аст: як вақт арзиши он шайъ ба танҳоӣ дар назар гирифта мешавад, масалан мегӯем: пул барои инсон боарзиш аст ва як вақт арзиши он шайъ барои як шайъ дар муқоиса бо

арзиши як шайъи севвум дар назар гирифта мешавад, масалан арзиши пул барои инсон дар муқоиса бо арзиши саломат ё илм ё ахлоқ барои инсон чӣ арзише аст?

Акнун мегӯем: арзиши як мушт рег ё як пашша ё як магас аз назари як нафар инсон ҳеч нест, зеро буду набуди ӯ таъсире ба ҳоли ӯ надорад, албатта ҳамчу чизи беарзише ҳаққе ҳам, ки ба ӯ таъаллуқ дорад, беарзиш аст. Аммо пул барои инсон боарзиш аст, чун метавонад муфид ба ҳоли инсон воқеъ шавад ва коргушои ӯ гардад. Аммо ҳамин пул дар муқоиса бо саломат ё шарофат ва маноъат, арзиши худро аз даст медиҳад ва шайъе беарзиш мешавад, на камарзиш, балки беарзиш. Яъне чунин нест, ки маблағи пул агар зиёд бошад, бо шарофат ҳарчанд ҷузъӣ бошад, қобили муқоиса бошад. Бинобар ин агар касе пулро дӯст дошта бошад ва аз тарафе дигар ҳамин шахс табъи манеъ ва нафсе карим дошта бошад, ҳамчу шахсе то он ҷо дар пайи таҳсили пул меравад, ки шарофат ва ҳайсият ва обрӯяш маҳфуз бимонанд, аммо ҳаминки пойи латма хӯрдан ба шарофат ва маноъат ба миён омад, аз пул мегузарад, чӣ кам бошад ва чӣ зиёд, тамоми сарвати дунёро ҳам, ки ба ӯ бидиҳанд, ҳозир нест ба баҳои шарофат ва каромати нафс бипазирад. Дар назари ин шахс, пул ё мақом арзиш дорад, аммо на дар баробари обрӯ ва ҳайсият ва шараф, дар ин мақом, ба куллӣ арзиши худро аз даст медиҳад. На ин ки камаш баробарӣ намекунад, вале зиёдаш баробарӣ мекунад, на, ҳатто зиёди ӯ бо ками ин ҳам баробарӣ намекунад.

Алӣ (а) ҳолати худаш ва руҳияи худашро ин тавр шарҳ медиҳад:

والله لو أعطيت الأقاليم السبعة بما تحت أفلاكها على أن أعصي الله في نملة أسلبها جلب شعيرة ما فعلته

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 215*) Ба Худо қасам, агар тамоми он чи дар зери қуббаи осмон аст, ба ман бидиҳанд барои ин ки ба як мӯрча зулм кунам ба ин ки пӯсти ҷаверо аз ӯ бигирам, намекунам. Яъне тамоми дунё дар назари ман, он миқдор арзиш надорад, ки ба як мӯрча зулм бикунам.

Алӣ дар ин ҷумлаи худ арзиши дунё ва мулки дунёро пойин наёварда, арзиши ҳаққ ва адолатро боло бурда. Намехоҳад бигӯяд, дунё ва он чи дар зери осмон аст чун хеле беқимат аст, ман онро дар изои як амали кӯчак, ки зулм ба мӯрча аст намехоҳам, балки мехоҳад бифармояд, ки зулм ин қадр бузург аст, ки тамоми мулки дунё бо кӯчактарин афроди зулм, ки зулм ба мӯрча аст, ба гирифтани пӯсти ҷаве аз даҳонаш, баробарӣ намекунад. Саъдӣ дар ҳамин мазмун мегӯяд:

Дунё наярзад он ки парешон кунӣ диле,

Зинҳор бад макун, ки накардаст оқиле.

Саъдӣ ҳам намехоҳад бигӯяд, ки дунё ин қадр камарзиш аст, ки ба як парешон кардани дил, ки чизи кӯчаке аст намеарзад, мехоҳад бигӯяд: парешон кардани дил он қадр муҳим аст, ки ба баҳои тамоми дунё ҳам набояд қабул кард. Ин маънии беарзишии муқоисаӣ аст.

Дунё, ки аз назари дин беарзиш аст, ба маънии беарзишии муқоисаӣ аст, яъне дунё арзиш надорад, ки шумо ба хотири ӯ усули ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ва маънии инсоният ва бузургвориро аз даст бидиҳед, ба хотири манофеъи дунявӣ ва моддӣ дурӯғ бигӯед, хиёнат бикунед, паймоншиканӣ бикунед, зулм бикунед, ҳуқуқи дигаронро поймол бикунед. Арзиш надорад, ки ба хотири матомеъ ва манофеъи дунё, дилҳоро парешон кунед ё ҳатто ҳаққи мӯрчаеро помол кунед.

Мантиқи олии инсонӣ

Ин мантиқ, мантиқ бисёр хуб ва мантиқи бисёр олӣ аст. Ин ғалат аст, ки бигӯем, дин гуфтааст дунё он қадр беқимат аст, ки ҳатто як дурӯғ ҳам барояш набояд гуфт, як хиёнат ва зулм ҳам барояш набояд кард. Тафсири саҳеҳаш ин аст, ки дин ин қадр ба усул ва ба ҳуқуқ ва ба ақида ва ба имон ва ба ахлоқ аҳаммият медиҳад, ки мегӯяд: ба хотири инҳо аз дунё ва мо фиҳо бояд гузашт.

Воқеан ҳам ҳамин аст. Агар инсон ва инсоният ва арзишҳои маънавиро дарк кунем, чуз ин набояд бигӯем. Дар ҳамаи дунё ҳатто моддимаслакҳо ночоранд ба усул ва ҳуқуқ аҳаммият бидиҳанд, матомеъ ва манофеъи моддиро дар муқобили ақида ва маслак ва усул ва ҳуқуқ кӯчак бишуморанд.

Ин матлаб дар забони дин, ки забони махсусе ҳаст, ба беарзишӣ ва беаҳаммиятии дунё таъбир мешавад.

Танҳо бо мабонии дин ин мантиқро метавон ба башар дод ва метавон башарро мӯътақид кард, ки ақида ва маслак ва усул ва ҳуқуқ, фавқи манофеъ ва матомеъ аст. Агар мабонии динро аз башар бигирем, поя ва мабноӣ барои ин ҳақиқат, ки инсоният бартар аз манофеъ аст, боқӣ наменомад.

Дунёро агар ба худии худ дар назар бигирем, қатъи назар аз ин ки бихоҳем ба хотири дунё гуноҳе муртакиб шавем, усулеро мухолифат кунем, ҳуқуқеро поймол кунем, аз ин назар дунё барои мо бисёр боарзиш аст. Ба таъбири Расули Акрам (с):

الدنيا مزرعة الآخرة

(*“Кунуз ал-ҳақоиқ”) “Дунё мазраъа ва киштгоҳи охират аст*.”

Ба таъбири Амирулмӯъминин (а):

مسجد أحباء الله، ومصلى ملائكة الله ومهبط وحي الله، ومتجر أولياء الله

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 126*) аст, киштгоҳи охират аст, маркази ибодати Худост, маҳалли ҳубут ва нузули ваҳйи илоҳӣ аст, тиҷоратхонаи авлиёи Худост.

Ҳамчу ҷойеро, ки намешавад гуфт, ҷойи бефоида ва беарзише аст.

Дин бо ин мантиқи олии худ арзиши дунёро аз он чи ҳаст ва ҳама мефаҳманд, пойин наёварда, арзиши маънавият ва тақво ва фазилат ва ҳуқуқи иҷтимоиро, ки камтар мардум ба он пай мебаранд, муаррифӣ карда ва боло бурдааст. Пас, беарзишии дунё беарзишии муқоисаӣ аст. Беарзишии муқоисаӣ бо мӯҳтарам будани ҳуқуқи марбут ба зиндагии дунё мунофот надорад, балки айни эҳтиром ба ҳуқуқ аст.

Ҳамон тавре, ки арз кардам, ҳамин муқаррароти ҳуқуқии муҳками ислом далел аст бар ин ки беарзишии дунё беарзишии муқоисаӣ аст. Ин аввалан.

Мантиқи иҷтимоӣ

Сониян, дар ҷавоби он суол арз мекунам, ислом магар намехоҳад ҷомеаи исломӣ боқӣ бимонад? Албатта возеҳ аст, ки мехоҳад. Ҳоло, ки мехоҳад боқӣ бимонад, магар мумкин аст, ки ҷомеае бидуни ин ки бар меҳвари адолат бичархад ва ҳуқуқи мардум дар он ҷомеа маҳфуз бошад, боқӣ бимонад? Магар пайғамбари бузургвор мо худаш нафармуд:

الملك يبقى مع الكفر، ولا يبقى مع الظلم

Яъне агар як ҷомеа, одил ва мутаъодил бошад, қобили бақо ҳаст ҳарчанд мардумаш кофир бошанд. Агар зулму иҷҳоф дар натиҷаи тафовутҳо ва пасту баландиҳо ва ноҳамвориҳо дар ҷомеае пайдо шуд, он ҷомеа боқӣ наmemонад ҳарчанд мардумаш ба ҳасби ақида мусалмон бошанд.

Қуръон пур аст аз оёте, ки мефармояд, сабаби ҳалоки фалон қавм ва фалон қавм зулми онҳо буда. Дар як ҷо мефармояд:

وَمَا كَانَ رَبُّكَ لِيُهْلِكَ الْقُرَىٰ بِظُلْمٍ وَأَهْلُهَا مُصْلِحُونَ

(*Ҳуд/117*) Яъне Худованд мардумеро агар муслеҳ бошанд, ҳаргиз онҳоро ба сабаби як зулм ҳалок намекунад. Муфассирин ағлаб гуфтаанд, ин зулм мақсуд ширк аст, чун ширк яке аз анвоъи зулм аст.

إِنَّ الشِّرْكَ لَظُلْمٌ عَظِيمٌ

(*Луқмон/13*) Яъне Худои Таборак ва Таъоло мардумро ба сабаби куфр ва ширк ҳалок намекунад агар худи онҳо аз лиҳози равобити иҷтимоӣ ва ҳуқуқи иҷтимоӣ мардуме одил буда бошанд.

Нақши ҳаққ ва адолати иҷтимоӣ дар умури маънавӣ

Солисан, фарз мекунем, ки беарзишии дунё нисбӣ ва билмуқоиса нест; фарз мекунем, дунё аз назари дин шарри мутлақ аст. Вале дар ҳар чизе агар тардид кунем, дар як чиз наметавонем тардид кунем ва он ин ки пайғамбарони Худо барои чӣ ҳадаф ва чӣ мақсаде омаданд. Онҳо омаданд барои таълими як силсила ақоиди пок, барои покиза кардани руҳи мардум:

بعثت لأتمم مكارم الأخلاق

(*Эҳёул-улум, ҷ.2, с.249*) Барои ин ки мардумро ба аъмоли хуб ташвиқ кунанд ва барои ин ки мардумро аз корҳои зишт бозбидоранд. Аз назари дин, як ришта чизҳо хуб аст, пайғамбарон омаданд барои даъват ба он хубҳо, як ришта чизҳо бад аст, пайғамбарон омаданд барои мубориза бо он бадиҳо. Дастурҳои динӣ маҷмӯъан се қисм аст: эътиқодот, ахлоқиёт, дастурҳои амалӣ. Дастурҳои эътиқодӣ аз қабили имон ба Худо, имон ба сафирони илоҳӣ ва пайғамбарони Худо ва авлиёи Худо, имон ба маъод ва подош ва кайфар. Дастурҳои ахлоқӣ мисли ин ки мо бояд иффат ва тақво дошта бошем, розӣ ва шокир ва собир бошем, афв ва ҳилм ва гузашт дошта бошем, бо якдигар улфат ва муҳаббат дошта бошем, иттиҳод ва иттифоқ дошта бошем, руҳи мо покиза бошад, ҳасодат надошта бошем, кина надошта бошем, ҷубну бухл надошта бошем, золим ва бадхоҳ набошем. Дастурҳои амалӣ ҳам возеҳ аст; дастурҳое ба унвони ибодот муқаррар шуда. Намоз, рӯза, ҳаҷ, ҷиҳод, амр ба маъруф ва ғайри инҳо ва дастурҳое дар боби муошират ҳаст аз қабили эҳсон, силаи арҳом, аз қабили ин ки дурӯғ нагӯем, ғайбат накунем, фуҳш надиҳем, қатли нафс накунем, дастур расида ба тарки шароб ва қимор ва рибо ва риё ва ғайра. Билохира, агар дар ҳар чизе шакку тардид кунем, дар инҳо наметавонем шакку тардиде дошта бошем, дар ин ки шореъи ислом он чиро, ки хуб медонад, мехоҳад онҳо воқеъ шавад ва он чиро бад медонад, мехоҳад ҳар тавр аст онҳо воқеъ нашавад, ҳарфе нест.

Ҳоло ҳисоб кунем бибинем оё агар ҳуқуқи мардум маҳфуз ва ҷомеа одил ва мутаъодил бошад ва табъиз ва маҳрумият ва эҳсоси мағбуният дар мардум набошад, ақоиди пок ва ахлоқи пок ва сафои қалб ва аъмоли хуб бештар пайдо мешавад ва замина барои вуқӯъи маъосӣ ва ахлоқи разила ва шуюъи ақоиди нопок камтар аст, ё агар мутаъодил набошад ва ҳар чи ифроту тафрит ва иҷҳоф ва мағбуният ва ноҳамворӣ ва ихтилоф ва тафовут бештар бошад, барои тазкияи нафс ва сафои руҳ беҳтар аст? Кадом як аз инҳо? Ё шиққи севвуме ҳаст ва он ин ки авзоъи иҷтимоӣ ҳар ҷур бошад, ҳеч таъсире дар ин умур надоранд ва ҳисоби ин умур ба куллӣ ҷудост?

Ҳеч оқиле нахоҳад гуфт, ки ҳар чи ҷомеа аз лиҳози ҳаққ ва адолат ошуфтатар бошад, замина барои ақоиди пок ва тазкияи нафс ва амали солеҳ беҳтар аст. Ҳадди аксар ин аст, ки касе бигӯяд, буду набуди адолат ва маҳфуз будан ва набудани ҳуқуқ, дар ин умур таъсире надорад.

Ақидаи бисёре аз мутадайинини мо феълан шояд ҳамин бошад, ки ду ҳисоб аст ва рабте ба якдигар надоранд.

Агар касе ҳам ин тавр хаёл кунад, бояд ба ӯ гуфт: зиҳӣ тасаввури ботил, зиҳӣ хаёли маҳол! Мутмаиннан авзоъи умумӣ ва буд ва набуди адолати иҷтимоӣ, дар аъмоли мардум ва ахлоқи мардум ва ҳатто дар афкор ва ақоиди мардум таъсир дорад. Дар ҳар се марҳила таъсир дорад; ҳам марҳилаи фикр ва ақида, ҳам марҳилаи хулқ ва малакоти нафсонӣ, ҳам марҳилаи амал.

Таъсири адолати иҷтимоӣ дар афкор ва ақоид

Аммо дар марҳилаи фикр ва ақида, мо вақте, ки ба адабиёти худамон муроҷеа мекунем ва осори адабӣ ва андешаҳои шуарои олиқадри худамонро мебинем, мебинем, ки онҳо дар айни ин ки ҳақоиқшинос буданд, ба ҳикматҳое пай бурдаанд, афкори латифе доштаанд, дар айни ҳол дар баъзе маворид тарашшӯҳоте аз мағзу фикри инҳо пайдо шуда, ки боиси таъаҷҷуб аст! Масалан, мебинем ба масъалаи бахту шонс аҳаммияти фаровон додаанд, чизе, ки бештар аз ҳар чизи дигар аз он дам задаанд, бахту шонс аст; гуфтаанд: худат бихоб, бахтат бедор бошад. Дар назари инҳо, номи бахт, ки ба миён меояд, дигар ҳама чиз аз арзиш меафтад: илм, ақл, саъю кӯшиш, фанну ҳунар ва санъат, зӯри боз ва ҳама ҳеч андар ҳечанд, мегӯянд: аз бахт кор сохтааст, на аз ақл.

Уфтодааст дар ҷаҳон бисёр,

Бетамиз арҷманду оқил хор.

(Саъдӣ)

Бахти хуб бошад, ҳунармандӣ ва лиёқат ва кордонӣ чӣ асаре дорад?

Агар ба ҳар сари мӯят ҳунар ду сад бошад,

Ҳунар ба кор наёяд, чу бахт бад бошад.

(Саъдӣ)

Саъю амалу кӯшиш чист? Асли кор, бахт аст. Давлат на ба кӯшидан аст, чора кам ҷӯшидан аст.

Аз ин булаҷабтар ҳадисе шунав,

Ки бе бахт кӯшиш наярзад ду ҷав.

(Саъдӣ)

Чандон ки ҷаҳд буд, давидем дар талаб,

Кӯшиш чӣ суд, чун накунад бахт ёварӣ?

(Саъдӣ)

Бахту шонс хуб бошад, аз зӯри бозу чӣ коре сохтааст?

Чи кунад зӯрманди ворунбахт,

Бозуи бахт беҳ, ки бозуи сахт.

(Саъдӣ)

Ҳамаи сухани ӯ бахт аст. Ҳоло агар аз ҳамин гӯяндагони андешаманди олиқадр бипурсем, оқо! Ин бахт чист? Ӯро таъриф кунед. Шумо, ки ин қадр исми бахтро мебаред, лобуд ӯро шинохтаед, асаре ва нишонае аз ӯ доред, барои мо таъриф кунед, ҷавобе надоранд.

Решаи пайдоиши андешаи бахт

Бале, як асар ва як нишонаи мубҳам ва як ҷойи пойи мубҳам дидаанд, аз ҳамон ҷо эътиқод ба бахт дар онҳо пайдо шуда. Чӣ дидаанд?

Дар ҷомеае зиндагӣ мекардаанд, ки афрод ва ашхос умре ба саъю амал мегузарондаанд, аммо бо маҳрумият ба сар мебурдаанд. Дар иваз, бекорҳо ва азизҳои билоҷиҳат медидаанд бархӯрдор ва мураффаҳ. Ҳар чи диданд, бетамйизро арҷманд ва оқилро хор диданд. Ҳар чи диданд ин буд, ки байни ҳунар ва лиёқат ва кордонӣ бо ҳаззу ҳаққ ва насибу баҳра таносуб нест.

Чун ҳар чи дар ҷомеаи худашон дидаанд ин тавр буда, кам-кам ин матлаб, ки аз машҳудоти иҷтимоии онҳо гирифта шудааст, шакли як фалсафа ба худ гирифта ба номи фалсафаи бахт. Номи ҳамаи ин беназмиҳо ва мазолимро, фаҳмида ё нафаҳмида, бахт гузоштаанд ва гоҳе онро ба боди носазо гирифтаанд.

Фикри бахт ва фалсафаи бахт ҳеч иллате надорад ҷуз мазолим ва ноҳамвориҳо ва беадолатиҳои иҷтимоӣ. Илҳомкунанда ин фикри шайтонӣ, ҳарҷу марҷҳо ва беадолатиҳои иҷтимоӣ аст.

Аз ин як манбаъ, ки бигузарем, мо ду манбаъи илҳоми дигар бештар надорем: яке, дин аст, ки шуъаро гоҳе аз оёти Қуръон ва калимоти Расули Акрам ва гоҳе аз калимоти имомони атҳор илҳом мегирифтанд. Дар ҳамаи Қуръон ва калимоти Пайғамбар ва имомон номе аз бахту шонс намебинем. Манбаъи дигар ақл ва илм ва фалсафа аст.

Китобҳои фалсафа аз қадим ҳар вақт аз бахт ва иттифоқ баҳс кардаанд, ба унвони як мавҳум аз он ёд кардаанд.

Пас ин хаёл дар бораи бахт бо он қудрати хориқулъода ва азим аз куҷо пайдо шуд, ки тасаввур шуда қудрати бахт аз ақл, аз илм, кор, кӯшиш, ҳунар, санъат, зӯр, аз ҳама чиз болотар аст?

Мабдаъи илҳомбахши ин фикри шайтонӣ чизе ҷуз беназмиҳо ва пастиву баландиҳои беҷиҳат ва авлавиятҳои билоистеҳқоқ нест. Ҳар вақт адолати иҷтимоӣ мутазалзил шавад, истеҳқоқҳо риоят нашавад, ҳуқуқ муроъот нагардад, дар таъвизи машоғил ҳисобҳои шахсӣ ва тавсия ва ошнобозӣ муассир бошад, фикри бахту шонс ва амсоли инҳо қувват мегирад ва тавсиъа пайдо мекунад, чун маънии бахт ин аст, ки ҳеч чиз шарти ҳеч чизи дигар нест.

Чӣ қадр фарқ дорад, ки касе барои саъю кӯшиш асар қоил бошад, имон дошта бошад ба ин ки:

وَأَنْ لَيْسَ لِلْإِنْسَانِ إِلَّا مَا سَعَىٰ

(*Наҷм/39*) ва байни касе, ки бигӯяд, ҳар чи заҳмат бикашӣ, аз кисаат рафта, ҳеч чиз шарти ҳеч чиз нест. Чӣ қадр фарқ аст байни эътиқоди:

إِنَّ اللَّهَ لَا يُغَيِّرُ مَا بِقَوْمٍ حَتَّىٰ يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ

(*Раъд/11*) ва байни эътиқод ба бахт. Ин як мисол.

Бадбинии рӯзгор

Боз дар осори адабии худамон мантиқе мебинем таҳти унвони шикоят аз рӯзгор.

Чӣ фуҳшҳо ва дашномҳо, ки ба рӯзгор дода нашуда: ғаддор хонда шуда, золим ва ситамгар хонда шуда. Ҳар номи зиште, ки ҳикоят аз ҷавру ҷафо ва ғадру макру фиреб бикунад, ба рӯзгор додаанд, то он ҷо, ки барои рӯзгор як навъ кина ва душмании махсусе нисбат ба хубон ва некон қоил шудаанд.

Ин рӯзгори мавриди эътироз, чарху фалак ва замину замон нест, балки рӯзгор ҳамон гӯянда, яъне муҳити иҷтимоии ӯст, муҳити хосси ҳамон гӯянда аст, на рӯзгори бузург. Ин гуфтаҳо ҳама инъикоси ҳолоти шахсӣ ва руҳӣ ва дарунии гӯянда аст. Як шоир он чи мегӯяд, танҳо забони ҳоли шахсӣ ва эҳсосоти шахсии худаш ҳам нест, (балки) забони ҳоли ҷомеа ва забони асри худаш ҳаст.

Вақте, ки касе дар атрофи худ ҳар чи бибинад, зулм бибинад, ғадр бибинад ва иллати аслиро ташхис надиҳад ё ташхис бидиҳад ва натавонад бигӯяд, укдаи дилашро рӯйи чархи каҷмадор ва фалаки каҷрафтор холӣ мекунад. Дар натиҷаи ин авзоъ ва аҳвол як

навъ бадбинӣ ва суизанн нисбат ба дастгоҳи хилқат ва офариниш пайдо мешавад. Ин хаёл қувват мегирад, ки бинои рӯзгор бар зулм нисбат ба хубон ва некон аст ва як навъ адоват ва кинаи деринае байни рӯзгор ва мардуми хуб аст. Мардум қаҳран ба рӯзгор бадбин мешаванд, ба хилқат ва офариниш, балки ба мабдаъи коинот изҳори бадбинӣ мекунанд, мисли Ибни Ровандӣ (ки) мегӯянд:

كم عاقل عاقل اعيت مذاهبه

وجاهل جاهل تلقاه مرزوقا

هذا الذي ترک الأوهام حائرة

وجعل العالم النحرير زنديقا

Яъне чӣ қадр оқилҳои хеле оқил ва фаҳмида, ки роҳҳои зиндагӣ онҳоро оҷиз карда, ҳар чи мераванд ба саодат ва хушӣ намерсанд. Ва чӣ қадр ҷоҳилҳои аҳмақ, ки мебинед соҳиби ҳама чизанд. Ин аст он чизе, ки ақлҳоро парешон карда ва як донои борикбинро зиндиқ ва бедин кардааст.

Ба ҳар ҳол, асари мустақими баҳам хӯрдани таъодули иҷтимоӣ ва табъизҳо ва тафовутҳои беҷиҳат, яке баҳам хӯрдани назми фикрӣ ва эътиқод ба ҳарҷу марҷ ва беасар будани омилҳои воқеии саодат яъне илму ақлу тақвову саъю амалу ҳунару лиёқат аст, ки ба унвони фалсафаи бахт зуҳур мекунад. Ва мо дар адабиёти худамон асари онро мебинем ва яке дигар бадбинӣ ва суизанн ба офариниш ва мабдаъи муқаддаси хилқат аст. Ин асари беадолатиҳост дар ақида ва фикр.

Адолати иҷтимоӣ ва ахлоқи фардӣ

Аммо асари шуюъи беадолатиҳои иҷтимоӣ дар фасоди ахлоқ ва нороҳатиҳои руҳӣ. Ахлоқи хубу бад ҳам мисли ҳама чизҳои дигари дунё, сабаб ва иллат дорад, беҷиҳат пайдо намешавад. Сиришт ва тинат муассир аст, авзоъи муҳит ва талқиноти муҳит муассир аст. Яке аз умуре ҳам, ки қатъан таъсир дорад дар фасоди ахлоқ ва руҳияро масмум ва бемор мекунад, маҳрумиятҳо ва эҳсоси мағбунитҳост. Ҳасодатҳо, кинаҳо, адоватҳо, бадхоҳиҳо ҳама аз ҳамин ҷо пайдо мешавад.

Афроди истисноӣ

Албатта афроди истисноӣ ҳастанд, ки мазлумият ва маҳрумият дар онҳо таъсир надорад, аммо онҳо ба ҳамин далел фавқулъодагӣ доранд, ки ин ҷур масуниятҳои руҳӣ дар онҳо

ҳаст. Имони қавӣ ҷилави таъсири бисёре аз омилҳоро дар руҳ мегирад. Афроди истисноӣ дар ҳадде болотар аз ҳадди афкори умум ҳастанд.

Дар ин ҷо барои тавзеҳи матлаб мисоле арз мекунем: падару модаре дар миёни фарзандонашон ҳастанд. Дар он хона ғизо ва мева ва ширинӣ ва либос миёни аҳли хона тақсим мешавад. Фикр ва қазовати баччаҳо ва таъсироте, ки дар ин гуна маворид пайдо мекунанд, бо фикр ва қазовати падару модар ва навъи таъсире, ки ба онҳо даст медиҳад фарқ дорад, дар як сатҳ нест, дар ду сатҳ аст.

Аммо он эҳсосе, ки баччаҳо нисбат ба якдигар доранд: аз баччаҳо ҳар кадом бибинад саҳми ӯ аз мева ё ғизо ё ширинӣ ё либос аз саҳми дигаре камтар аст, нороҳат мешавад, қаҳр мекунад, гиря мекунад ва чун эҳсоси мазлумият ва маҳрумият мекунад, дар садади интиқом бармеояд. Бинобар ин лозим аст падарону модароне, ки ба саодати фарзандонашон алоқаманд ҳастанд, майл доранд баччаҳояшон аз кӯдакӣ руҳияи солим дошта бошанд, аз аввал ҳеч гуна табъизе байни онҳо қоил нашаванд.

Табъиз тухми ихтилоф коштан аст, тухми ҳасодат коштан аст, тухми интиқом коштан аст. Табъиз мӯҷиб мешавад, ҳам руҳи он баччаи маҳрум фишурда ва нороҳат бишавад ва ҳам он баччаи азизкарда, муттакӣ ба ғайр, заъифуннафс, зудранҷ, лус бор биёяд.

Падарону модарон агар баччаҳояшон аз лиҳози ҷисм бемор бишаванд, ба табиб муроҷеа мекунанд, аммо таваҷҷӯҳ ба саломати руҳии фарзандонашон надоранд, инҳоро кӯчак мешуморанд. Дар сурате, ки аҳаммияти беҳдошт ва саломати руҳи бачча аз саломати тан ва баданаш камтар нест, балки ба маротиб бештар аст.

Ғараз ин аст баччаҳо чун дар як сатҳ фикр мекунанд, қаҳран маҳрумияти яке нисбат ба дигаре дар онҳо асари суъ мегузорад, аммо падару модар, ки фикру ақлашон дар сатҳи болотар аст, навъи дигар фикр мекунанд ва навъи дигар муҳаббат доранд. Онҳо аз ин ҷур маҳрумиятҳо ва каму зиёдҳо ранҷ намебаранд, аз ин ки мева ва ширинӣ ва ғизо ба онҳо нарасад ё камтар бирасад, нороҳат намешаванд, эҳсоси ҳақорат намекунанд.

Дар иҷтимоъ ҳам айнан ҳамин тавр аст. Афроди истисноӣ, ки падари умматанд, таҳти таъсири маҳрумиятҳо воқеъ намегарданд, мазлумият ва маҳрумият дар онҳо таъсир надорад, дар айни мазлумият ва маҳрумият, мисли ҳамон падаре, ки ҳамеша хайри фарзандони худашро мехоҳад, боз онҳо хайри умматро мехоҳанд.

Расули Акрам (с) дар Уҳуд дар ҳоле, ки санг ба пешонии муборакаш зада буданд, дандонашро шикаста буданд, даст ба дуо бардошта ва мегуфт:

اللهم اهد قومي فإنهم لا يعلمون

(*Маноқиби Ибни Шаҳрошӯб, ҷ.1, с.192*) Худоё! Қавми манро ҳидоят кун ва онҳоро бибахш, ки онҳо ҷоҳиланд.

Алии Муртазо (а) дар мавзӯъи Фадак мефармояд:

فَشَحَّتْ عَلَيْهَا نُفُوسُ قَوْمٍ وَسَخَتْ عَنْهَا نُفُوسُ قَوْمٍ آخَرِينَ... وَ مَا أَصْنَعُ بِفَدَكٍ وَغَيْرِ فَدَكٍ؟ وَالنَّفْسُ مَظَانُّهَا فِي غَدٍ جَدَثٌ تَنْقَطِعُ فِي ظُلْمَتِهِ آثَارُهَا

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи 45*) (“*Гурӯҳе дар он тамаъ бастанд ва гурӯҳе зуҳд варзиданд ва ман бо Фадак ва ё ғайри Фадак чӣ кунам, дар ҳоле, ки фардо ин бадан ҷойгоҳаш гӯр аст ва дар он торикӣ осораш аз ҳам гусехта гардад*.“)

Он ки раст аз ҷаҳон, Фадак чӣ кунад?

Он ки ҷаст аз ҷиҳат, фалак чӣ кунад?

Осори ахлоқии табъизҳо

Ин дар афроди истисноӣ аст, аммо соири афроди мардум ҳолати ҳамон фарзандони хонаводаро доранд. Табъизҳо, тафовут гузоштанҳо руҳи як иддаро, ки маҳрум шудаанд фишурда ва озурда ва кинаҷӯ ва интиқомкаш мекунад ва руҳи як иддаи дигарро, ки ба сурати азизи билоқиҳат даромадаанд, лус ва камҳавсала ва зудранҷ ва бекора ва исрофкун ва табзиркун мекунад. Дар миёни як табақа ҳасад ва кина ва интиқом ва нафрат ва душманӣ ва дар табақаи дигар камҳавсалагӣ нисбат ба кор, истиқомат надоштан, исроф ва табзир пайдо мешавад. Фикр кунед маҷмӯъан чӣ авзоъ ва аҳволе дар асари беадолатӣ дар миёни мардум пайдо мешавад. Дуои маъруфе ҳаст аз Расули Акрам, ки бо ин ҷумла шурӯъ мешавад:

اللهم اقسم لنا من خشيتك ما يحول بيننا وبين معصيتك

(*“Парвардигоро! Аз хавфу хашятат он андоза ба мо насиб деҳ, ки миёни мо ва нофармоният ҳоил гардад.” (Ғаволӣ ал-лаолӣ, ҷ.1, с.159)*)

Дуоҳои исломӣ яке аз беҳтарин ва омӯзандатарин таълимоти ахлоқӣ ва маънавӣ аст. Чӣ нуктаҳо ва латоифи руҳӣ ва иҷтимоии бузург, ки бо забони дуо гуфта мешавад!

Ҷумлае дар ҳамин дуо ҳаст, ки:

واجعل ثأرنا على من ظلمنا

Яъне Худоё! Интиқоми моро нисбат ба он касон қарор бидеҳ, ки ба мо зулм карданд!

Ин ҷумла нуктаи латифе дорад. Расули Акрам нафармуд: Худоё! Аз ситамгарони мо интиқом бикаш, фармуд: Худоё! Интиқомҷӯии моро нисбат ба он касон қарор бидеҳ, ки бар мо зулм карданд.

“Саър“ ё “сор“ ба маънии майл ба мукофот додан аст ва ба истилоҳ, ҳисси интиқомҷӯй. Мехоҳад бифармояд, дар асари ин ки зулме бар мо мардум мешавад, қаҳран руҳи мо фишурда ва озурда ва интиқомҷӯ ва “соъир” мешавад. Ҳаминки ин ҳолат дар руҳи мо пайдо шуд, ҳар вақт бошад ва ҳар ҷо бошад ва ба ҳар роҳ бошад, асари худашро хоҳад кард, мисли як оташ забона хоҳад кашид.

Имрӯз уламои маърифатурруҳ (равоншинос) собит кардаанд, ки кинаҳо ва адоватҳое, ки дар руҳ пайдо мешавад, мумкин аст муваққатан ба аъмоқи руҳ фурӯ биравад ва инсон ба ҳасби шуъури зоҳири худ онҳоро фаромӯш кунад ва аз ёд бибарад, аммо воқеан маҳв намешавад, дар ҳамон аъмоқи руҳ, бехабар аз шуъури зоҳир ва ақли зоҳир, машғули фаъолият аст, ки роҳе пайдо кунад ва берун биёяд.

Расули Акрам мегӯяд: Худоё! Ин оташ, ки дар дили мо ҳаст ва рӯзе забона хоҳад кашид, дигареро насӯзад, агар мехоҳад бисӯзад, ҳамон касро бисӯзад, ки ба мо зулм карда ва сабаби ин оташ шудааст. Агар бино бишавад инсон бо ақлу ирода ва шуъури зоҳири худ интиқом бигирад, интиқоми шахсеро аз шахси дигар намегирад. “Агар дар Балх оҳангаре гуноҳ карда бошад, дар Шуштар сари мисгареро намебуррад”. Аммо вақте, ки инсон на ба фармони ақл озод, балки ба фармони он укдаҳо ва кинаҳои таҳнишиншуда дар аъмоқи руҳ бихоҳад интиқом бигирад, дигар ин мулоҳизот дар кор нест.

Расули Худо мефармояд: Худоё! Моро тавре кун, ки интиқомҳо ва кинаҳои мо ҳамон қадр бошад, ки душманро саркӯб кунем, дар аъмоқи руҳи мо дар асари беадолатиҳо ва мазлумиятҳо ва нотавониҳо укдаҳо ва “саър“-ҳо пайдо нашавад, ки руҳи мо табъан фишурда ва озурда ва осӣ ва саркаш ва бадхоҳ ва золим бишавад, аз зулм лаззат бибарад, аз лагадмол кардани мардум лаззат бибарад.

Ахлоқи мутаъодил дар ҷомеаи мутаъодил

Ахлоқи олӣ иборат аст аз ахлоқи мутаъодил ва мавзун. Мусалламан ва мутмаиннан агар ҷомеа мутаъодил ва мавзун набошад, агар созмони иҷтимоӣ ва муқаррароти иҷтимоӣ ва ҳуқуқи иҷтимоӣ, мавзун ва мутаъодил набошад, ахлоқи шахсӣ ва фардӣ мавзун нахоҳад монд.

Асари адами таъодули иҷтимоӣ танҳо дар табақаи оммаи мардум нест, ки маҳруманд, табақаи хосса яъне табақаи мумтоз, ки мавоҳиберо бештар ба худ ихтисос додаанд ҳам

зиён мебаранд, табақаи омма фишурда ва асабӣ мешаванд ва ин табақа бекора ва беҳунар ва камистиқомат ва ношукр ва камҳавсала ва пурхарҷ.

Алӣ (а) дар бораи табақаи хосса дар фармони маъруфи Молики Аштар менависад:

وَلَيْسَ أَحَدٌ مِنَ الرَّعِيَّةِ أَثْقَلَ عَلَى الْوَالِي مَؤُونَةً فِي الرَّخَاءِ، وَأَقَلَّ مَعُونَةً لَهُ فِي الْبَلاَءِ، وَأَكْرَهَ لِلاْنْصَافِ، وَأَسْأَلَ بِالاْلْحَافِ، وَأَقَلَّ شُكْراً عِنْدَ الاْعْطَاءِ، وَأَبْطَأَ عُذْراً عِنْدَ الْمَنْعِ، وَأَضْعَفَ صَبْراً عِنْدَ مُلِمَّاتِ الدَّهْرِ مِنْ أَهْلِ الْخَاصَّةِ؛ وَإِنَّمَا عِمَادُ الدِّينِ وَجِمَاعُ الْمُسْلِمِينَ وَالْعُدَّةُ لِلاْعْدَاءِ، الْعَامَّةُ مِنَ الاْمَّةِ؛ فَلْيَكُنْ صِغْوُكَ لَهُمْ، وَمَيْلُكَ مَعَهُمْ

(*“Наҳҷул-балоға”, нома 51*) (Яъне) барои волӣ ҳеч кас пурхарҷтар дар ҳангоми сустӣ, камкӯмактар дар ҳангоми сахтӣ, мутанаффиртар аз адолат ва инсоф, партавққӯътар, носипостар, узрнопазиртар, камтоқаттар дар шадоид, аз табақаи хосса нест. Ҳамоно устувонаи дин ва нуқтаи марказии воқеии мусалмонон ва мояи пирӯзӣ бар душман, оммаи мардум мебошанд. Таваҷҷӯҳи ту ҳамвора ба оммаи мардум маътуф бошад, на ба хосса.

Алӣ (а) чӣ қадр хуб руҳияи хосса яъне табақаи мумтозро, ки азизҳои беҷиҳати иҷтимоъанд тавсиф ва ташреҳ кардааст.

Ҳадисе аст аз Расули Акрам, ки фармуд:

استووا تستو قلوبكم

Мӯътадил ва ҳамсатҳ бошед ва дар миёни шумо ноҳамвориҳо ва табъизҳо вуҷуд надошта бошад, то дилҳои шумо ба ҳам наздик бишавад ва дар як сатҳ қарор бигирад. Яъне агар дар корҳо ва мавҳибатҳо ва неъматҳои Худо байни шумо шикоф ва фосила афтод, байни дилҳои шумо ҳам қаҳран фосила меафтад. Он вақт дигар наметавонед ҳамдил ва ҳамфикр бошед ва дар як саф қарор бигиред, қаҳран дар ду саффи мухталиф қарор хоҳед гирифт.

Қуръони Карим мефармояд:

وَاعْتَصِمُوا بِحَبْلِ اللَّهِ جَمِيعًا وَلَا تَفَرَّقُوا ۚ وَاذْكُرُوا نِعْمَتَ اللَّهِ عَلَيْكُمْ إِذْ كُنْتُمْ أَعْدَاءً فَأَلَّفَ بَيْنَ قُلُوبِكُمْ فَأَصْبَحْتُمْ بِنِعْمَتِهِ إِخْوَانًا

(*Оли Имрон/103*) Ҳама бо ҳам ба ресмони илоҳӣ бичаспед ва мутафарриқ ва муташаттит нашавед. Он вақтро ба ёд биёваред, ки бо ҳам душман будед, нисбат ба ҳам кина ва адоват ва ҳасодат доштед, Худованд ба василаи ислом, дилҳои шуморо ба ҳам меҳрубон кард, субҳ кардед дар ҳоле, ки ҳама бо якдигар бародар будед.

Ин оят ҳамон тавре, ки мазмунаш маълум аст, дар мавзӯъи иттиҳоде аст, ки дини ислом ба мардум дод.

Рози муваффақияти ислом

Дар ҷаласаи пеш гуфтам, ислом агар танҳо ҷанбаи ахлоқӣ медошт ва монанди як мактаби ахлоқӣ, ки кораш фақат пешниҳодҳои ахлоқӣ ва панду насиҳат аст, фақат ба мавоъиз ва насоеҳ мепардохт ва коре ба таркиб ва созмони иҷтимоӣ намедошт, мумкин набуд, ки битавонад ҷомеае нав бисозад; ҷомеае муттаҳид ва ҳамфикр ва ҳамдил, ки ҷараёни таърихро иваз кунад.

Шак надорад, он чизе, ки дилҳоро ба ҳам пайванд медиҳад, ақида ва имон аст. Расули Худо бузургтарин омили ваҳдатро, ки ваҳдат дар ақида буд эҷод кард, мардумро дар зери парчами “Ло илоҳа иллаллоҳ“ овард. Аммо танҳо ба имон ва ақида иктифо накард, ба мавонеъ ва аздоди ваҳдат ҳам таваҷҷӯҳ кард, он мавонеъ ва мушкилотро аз миён бардошт, мӯҷиботи наздикии дилҳоро фароҳам кард ва мӯҷиботи кинаҳо ва ҳасадҳо ва интиқомҷӯиҳо яъне табъизоти ҳуқуқиро аз байн бурд.

Албатта вақте, ки муқтазӣ мавҷуд шуд ва мавонеъ мафқуд, вақте, ки имон ва ақида буд ва табъизот набуд, маълул, ки ваҳдат ва улфат ва ҳамоҳангӣ аст, худ ба худ пайдо мешавад, бар хилофи он ки муқтазӣ мавҷуд бошад, монеъ ҳам мавҷуд бошад, ё ин ки агар монеъ мафқуд аст, муқтазӣ ҳам мафқуд бошад.

Пас набояд ин тавр фикр кард, ки ислом фақат ба мӯҷиби ин ки ақидаи воҳиде эҷод кард, мардумро муттаҳид кард. На! Илова бар ин, мавонеъ ва табъизот ва шикофҳо ва тафовутҳоро ҳам аз байн бурд. Агар гуфт:

تَعَالَوْا إِلَىٰ كَلِمَةٍ سَوَاءٍ بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ أَلَّا نَعْبُدَ إِلَّا اللَّهَ وَلَا نُشْرِكَ بِهِ شَيْئًا

(*Оли Имрон/ 64)* Биёед ба сӯйи як ақида ва имон, ки барои ҳама ба як нисбат хуб аст, барои ҳама ҳақиқат аст, барои ҳама хайр аст. Агар инро гуфт ва тавҳидро пешниҳод кард, пушти сараш ҳам гуфт:

وَلَا يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضًا أَرْبَابًا مِنْ دُونِ اللَّهِ

(*Оли Имрон/ 64)* (*“Гурӯҳи дигарро ғайри Худо арбоби худ нагиранд.*”), мусовот ва баробариро ҳам пешниҳод кард.

Пайғамбари Акрам дар Ҳаҷҷатул-видоъ фармуд:

أيها الناس إن ربكم واحد، وإن أباكم واحد، كلكم من آدم، وآدم من تراب، لا فضل لعربي على عجمي إلا بالتقوى

Айюҳан-нос! Худои ҳама яке, падари ҳама яке аст, ҳама фарзанди Одам ҳастем, Одам ҳам аз хок ба вуҷуд омада, пас ҳама аз хок ба вуҷуд омадаем, милоки шарофат чуз тақво чизе нест. Арабҳо хаёл накунанд, ки нажоди араб бар аҷам бартарӣ дорад, ҳеч нажоде бар ҳеч нажоде фазилат надорад, бартарӣ фақат ва фақат ба тақво ва дурустӣ аст. Баъд фармуд:

ألا هل بلغت

“Оё таблиғ кардам?”

نعم :قالوا

Ҳама гуфтанд: бале, ё Расулаллоҳ! Баъд фармуд:

فليبلغ الشاهد الغائب

(*Туҳафул-ъуқул, с.34*) Пас ҳозирин ба ғоибин бирасонанд, насли ҳозир ба наслҳои оянда ва ҳар насле ба насли баъд бирасонад.

Таъсири адолат дар рафтори умумӣ

Аз ҳамин чо метавон фаҳмид, ки буду набуди адолат, дар рафтори мардум ҳам таъсир дорад, зеро вақте, ки дар ақоид ва ахлоқ таъсир дошт, қаҳран дар аъмол ҳам таъсир дорад:

قُلْ كُلٌّ يَعْمَلُ عَلَىٰ شَاكِلَتِهِ

(*Исро/84*) Ҳар касе мутобиқи он чи ки фикр мекунад ва ақида дорад ва мутобиқи ҳолоте, ки дар руҳаш ҳаст амал мекунад. Решаи аъмоли одамӣ дар руҳи ӯст.

Гузашта аз ин ки беадолатӣ ва тафовут ва табъиз ва эҳсоси ғабн ва маҳрумияти иҷтимоӣ ин осорро дорад, ки зикр шуд, худи фақр ва эҳтиёҷ сабабаш ҳар чи бошад, хоҳ беадолатӣ ё чизи дигар, худаш яке аз мӯҷиботи гуноҳ аст, агар замима бишавад бо эҳсоси мағбуният ва маҳрумият, дигар бадтар, агар замима бишавад бо ҳасрат кашиданҳои таҷаммулоти иддае, боз аз он ҳам бадтар. Он вақт ҳамеша хоҳад гуфт:

Сухан дуруст бигӯям, наметавонам дид,

Ки май хӯранд ҳарифону ман наззора кунам.

(Ҳофиз)

Ҳамин “наметавонам дид”, сабаби сирқатҳо мешавад, сабаби ришвагириҳо мешавад, сабаби ихтилосҳо ва хиёнатҳо ба амволи умумӣ мешавад, сабаби гуноҳҳо мешавад, сабаби ғиллу ғаш ва тақаллуб дар корҳо мешавад, сабаб мешавад, ки афроде барои ин ки худро ба дастае дигар бирасонанд, ришва бихӯранд, дуздӣ бикунанд, зери ҳисоби мардум бизананд ва ҳамин тавр…

Алӣ (а) ба фарзанди азизаш Муҳаммад маъруф ба Ибни Ҳанафия дар бораи фақр мефармояд:

يا بني إني أخاف عليك الفقر، فاستعذ بالله منه، فإن الفقر منقصة للدين، مدهشة للعقل، داعية للمقت

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 311*) Фарзанди азизам! Ман аз деви маҳиби фақр бар ту метарсам, аз ӯ ба Худо паноҳ бибар! Фақр мӯҷиби нуқсони дин аст. Фақр мӯҷиби нуқсон дин аст яъне чӣ? Яъне фақр гуноҳ аст? На! Фақр гуноҳ нест, аммо фақр одамиро, ки имони қавӣ надошта бошад, зуд водор ба гуноҳ мекунад. Бисёре аз гуноҳон ҳаст, ки аз фақру эҳтиёҷ ношӣ мегардад.

Аз ин рӯ Расули Акрам (с) фармуд:

كاد الفقر أن يكون كفرا

(*“Биҳорул-анвор”, ҷ.72, с.29*) (*“Фақр наздик ба сарҳадди куфр аст*.”) Фақр руҳро осӣ ва азиматро заъиф мекунад.

Асари дигари фақрро фармуд:

مدهشة للعقل

(*“Фақр фикрро парешон ва даҳшатзада мекунад*.”) Ақлу фикр дар асари эҳтиёҷу фақр ва набудани васоили зиндагӣ, таъодули худро аз даст медиҳад ва инсон дигар наметавонад хуб дар қазоё фикр бикунад. Ҳамон тавре, ки мусибатҳо тавлиди парешонии фикр ва хаёл мекунад, фақр низ ҳамин тавр аст.

Тадбири савоб аз дили хуш бояд ҷуст,

Сармояи офият кафоф аст нахуст.

Шамшери қавӣ наёяд аз бозуи суст,

Яъне зи дили шикаста тадбири дуруст.

(Саъдӣ)

Албатта боз афроде истисноӣ ҳастанд, ки ин тавр нестанд, ҳаводис дар онҳо таъсир надорад, мусибат дар онҳо таъсир надорад, аммо ҳама, ки ин тавр нестанд.

Асари севвум, фармуд:

داعية للمقت

Яъне фақр сабаби маломат ва саркӯб ва таҳқири мардум ва дар натиҷа сабаби парешонии руҳ ва мӯҷиби уқдаӣ шудани инсон мегардад. Ё шояд мақсуди ин ҷумла ин аст, ки ту бо мардум адоват пайдо хоҳӣ кард ва мардумро масъули бадбахтии худ хоҳӣ хонд.

Сухани худро хатм мекунам ба суханоне аз яке аз бузургтарин саҳобаи Амирулмӯъминин Алӣ (а) ба номи Саъсаъа ибни Суҳони Абдӣ. Саъсаъа худаш марди бузургворе аст, аз хавосси асҳоби мавлои муттақиён аст, ҳазрат ба ӯ алоқа доштанд. Марди хатиб ва суханваре буд. Ҷоҳиз дар “Албаён ват-табйин” ӯро ба қудрати баён ва қуввати мантиқ васф мекунад ва мегӯяд:

وأدل من كل شيء استنطاق علي له

Аз ҳар далеле болотар бар ин ки Саъсаъа марде суханвар ва хатиб буда ин аст, ки Алӣ ибни Абӯтолиб гоҳе таклиф мекард ба ӯ, ки хитоба эрод кунад ва ӯ ҳаракат мекард ва дар ҳузури Алӣ ба эроди хитоба мепардохт.

Саъсаъа дар бораи Алӣ як сухани кӯтоҳ дорад дар рӯзи аввали хилофат ва сухане дигар дорад дар бораи он ҳазрат дар ҳоле, ки дар асари зарбат хӯрдан ба шамшери Муродӣ ҳазрат дар бистар афтода буд ва сухане ҳам дорад муфассал баъд аз дафни он ҳазрат.

Дар рӯзи аввали хилофат, рӯ кард ба он ҳазрат ва гуфт:

زينت الخلافة وما زانتك، ورفعتها وما رفعتك، ولهي إليك أحوج منك إليها

(*Таърихи Яъқубӣ, ҷ.2, с.179*) Ё Амирулмӯъминин! Ту ба хилофат зинат ва ифтихор додӣ, аммо хилофат барои ту зинат ва ифтихоре нест, мақоми хилофат бо халифа шудани ту боло рафт, аммо хилофат мақоми туро боло набурд, хилофат ба ту мӯҳтоҷтар аст аз ту ба хилофат.

Ҷумлаи дуввум баъд аз зарбат хӯрдани Амирулмӯъминин буд. Саъсаъа мисли ҳамаи ёрони хосси он ҳазрат, фавқулъода мутаассир буд. Омад балки битавонад аёдате бикунад, маҷол наёфт. Ба василаи касе, ки дар утоқи бемор рафту омад мекард, сӯзи дил ва паёми муҳаббати худро бо ин ду ҷумла баён карда, гуфт: саломи маро ба оқо бирасон, бигӯ Саъсаъа мегӯяд:

يرحمك الله يا أميرالمؤمنين حيا وميتا، فلقد كان الله في صدرك عظيما، ولقد كنت بذات الله عليما

Раҳмати Худо дар ҳаёт ва мамот шомили ҳоли ту бошад ё Амирулмӯъминин! Худованд дар андешаи ту бисёр бузург буд, ту ориф ва шиносои зоти Худо будӣ.

Пайғоми Саъсаъа ба ҳазрат расид, фармуд: аз тарафи ман ба Саъсаъа бигӯед:

وأنت يرحمك الله، فلقد كنت خفيف المؤونة، كثير المعونة

(*“Биҳорул-анвор”, ч.42, с.234*) Худо туро раҳмат кунад, эй Саъсаъа! Ту хуб ёру ёваре барои ман будӣ, камтаваққӯъ, камзаҳмат, камхарҷ будӣ. Аз он тараф пуркор, хадум ва фидокор будӣ.

Сухани севвумш баъд аз дафни ҳазрат аст. Бадани мубораки Амирулмӯъминин (а)-ро шаб дафн карданд. Ба мулоҳизоте ҷуз афроди маъдуде аз хавосси асҳоб, касе дигар дар ташйеъи ҷаноза ва ҳангоми дафн набуд. Яке аз онҳо ҳамин Саъсаъа буд. Ҳаминки аз дафн фориғ шуданд, омад канори қабр, як дастро рӯйи қалби худ гузошт, бо дасти дигар муште хок бардошт ва бар сар рехт, гуфт:

بأبي أنت وأمي يا أميرالمؤمنين

Падару модарам ба қурбонат!

هنيئا لك يا أبا الحسن

Ин мурдан бо ин ҳама саодат ва покӣ бо ин мақом дар назди Ҳақ гуворои ту бод! Баъд ҷумлаҳое дорад:

فلقد طاب مولدك، وقوي صبرك، وعظم جهادك، وربحت تجارتك، وقدمت على خالقك

— то он ҷо, ки мегӯяд:

فأسأل الله أن يمن علينا باقتفائنا أثرك، والعمل بسيرتك

Аз Худо масъалат мекунам, ки бар мо миннат бигузорад, ки муваффақ бишавем аз ту пайравӣ бикунем.

فقد نلت ما لم ينله أحد، وأدركت ما لم يدركه أحد

Ту ба чизе расидӣ, ки аҳаде нарасид, ба мақоме ноил шудӣ, ки касе ноил нашуд. Дар охир бор такрор мекунад ва мегӯяд:

فهنيئا لك يا أبا الحسن

Гуворо бод туро эй Абулҳасан!

لقد شرف الله مقامك

Худо мақоми туро хеле шариф ва бузургвор қарор дод.

فلا حرمنا الله أجرك، ولا أضلنا بعدك، فوالله لقد كانت حياتك مفاتيح للخير، ومغالق للشر

Худо моро аз аҷре, ки ба василаи ту бояд бибарем маҳрум накунад, Худо моро баъд аз ту гумроҳ накунад. Ба Худо қасам, ки зиндагии ту калидҳое буд барои хайр, қуфлҳое буд барои шарр ва бадбахтӣ.

ولو أن الناس قبلوا منك لأكلوا من فوقهم ومن تحت أرجلهم ولكنهم آثروا الدنيا على الآخرة

Агар мардум сухани туро шунида буданд ва агар туро мешинохтанд, аз осмон ва аз замин, аз болои сар ва аз зери қадамҳои онҳо неъматҳои илоҳӣ меҷӯшид ва афсӯс, ки қадри туро нашнохтанд, дунёи данӣ онҳоро фиреб дод.

ثم بكى بكاء شديدا، وأبكى كل من كان معه

(*“Биҳорул-анвор”, ҷ.42, с.295-296, бо андаке ихтилоф*) Баъд худаш гирист гиристани шадиде ва ҳар киро дар он ҷо буд гирёнид.

Гуфтори 5:

Тафовутҳои баҷо ва тафовутҳои бечо

Дар ин ҷаласа, мехоҳам дар ташреҳ ва тавзеҳи маънии адолат ва мусовот сӯҳбат кунам ва ин ҷиҳатро тавзеҳ бидиҳам, ки он тафовут ва ихтилоф ва табъиз, ки бо адолат муғойир аст чист? Оё ҳар навъ тафовуте, ки дар ҷомеа байни афрод бошад, мухолифи адолат аст ва оё муқтазои адолат ин аст, ки афрод ҳеч имтиёзе бар якдигар надошта бошанд? Ё он ки муқтазои адолат ин аст, ки афрод нисбат ба якдигар имтиёзи бечо надошта бошанд? Тафовут ва табъизи нораво дар миёнашон набошад? Ва агар мақсуд ин дуввум аст, суоли дуввуме пеш меояд ва он ин ки милоки баҷо будан ва бечо будан ва раво будан ва нораво будан чист? Имтиёзот ва тафовутҳо бар чӣ асосе агар бошад баҷо ва равост ва бар чӣ асосе агар бошад нораво ва бечост?

Таърифи адолат аз назари Алӣ (а)

Дар ҷаласаи аввал, каломе аз Алӣ (а) дар ҷавоби суоле, ки аз он ҳазрат дар бораи адл вуҷуд шуда буд нақл кардам. Суол ин буд: оё ҷуд афзал аст ё адл? Ҷавобе, ки ҳазрат дода буданд ин буд, ки адл афзал аст. Ду далел ҳам зикр карда буданд: яке ин ки адл, ҳар чизеро дар маҳалли худ қарор медиҳад ва аммо ҷуд ашёро аз маҳалли худ хориҷ мекунад. Нафармуд, ки адл ба ин далел аз ҷуд беҳтар аст, ки ҳамаи мардумро дар як радиф ва як саф қарор медиҳад ва ҳеч фарқе байни онҳо намегузорад, фармуд, адл ба ин далел аз ҷуд афзал аст, ки ҳар чизеро дар ҷойи худ ва маҳалли худ қарор медиҳад. Мавлавӣ мегӯяд:

Адл чӣ бвад? Об деҳ ашҷорро,
Зулм чӣ бвад? Об додан хорро.
Адл вазъи неъмате дар мавзиъаш,
На ба ҳар бехе, ки бошад обкаш.
Зулм чӣ бвад? Вазъ дар номавзиъе,
Ки набошад ҷуз балоро манбаъе.

Пас ҷавоби Амирулмӯъминин дар бораи адлу ҷуд мубтанӣ бар ин аст, ки муқтазои адолат ин нест, ки илғои ҳама тафовутҳо байни афрод бишавад, (балки) бар ин аст, ки муқтазои адолат риояти истеҳқоқҳост.

Ин ҷост, ки ҳамон тавре, ки арз кардам, суоли дуввум пеш меояд, ки милоки истеҳқоқ ва адами истеҳқоқ, баҷо будан ва бечо будан, чист?

Ҷомеа монанди як андоми зинда аст

Муқаддиматан матлабе арз мекунам ва баъд вориди ҷавоби ин суол мешавам. Аз беҳтарин ва ҷомеътарини ташбеҳот, ташбеҳи ҷомеа аст ба пайкари зинда. Ҳамон тавре, ки пайкар, маҷмӯае аз аъзо ва ҷавореҳ аст ва ҳар узве кор ва вазифае дорад, ҷомеа ҳам аз маҷмӯъи афрод ташкил мешавад ва маҷмӯъи корҳои мавриди эҳтиёҷи ҷомеа ба сурати шуғлҳо ва ҳирфаҳо миёни асноф ва афрод тақсим мешавад. Аъзо ва ҷавореҳи пайкар, ҳар кадом дар мақом ва дараҷае ҳастанд: яке фармон медиҳад ва яке фармон мепазирад, яке мақоми олиро дар пайкар ишғол карда, яке мақоми дониро. Ҷомеа низ ҳамин тавр аст, яъне ҳар ҷомеае бо ҳар режим ва системе идора бишавад, аз як навъ тақсими кор ва тақсими машоғил ва вазоиф ва ҳатто як навъ дараҷабандӣ ва табақабандӣ, ки яке фикр кунад ва нақша бидиҳад ва дигаре иҷро кунад, яке фармон бидиҳад ва яке дигар фармон бипазирад, яке пости олиро ишғол кунад ва яке пости дониро, чора ва гузире нест. Ҷомеа бо ҳар низом ва системе идора бишавад, як навъ организми махсус хоҳад дошт. Пайкар саломат ва беморӣ дорад, ҷомеа низ саломат ва беморӣ дорад. Пайкар таваллуд ва рушд ва инҳитот ва мавт дорад, ҷомеа низ ҳамин тавр аст. Пайкар агар солим бошад, байни аъзои он ҳамдардӣ ҳаст, ҷомеа низ агар солим ва зинда ва дорои руҳи иҷтимоӣ бошад, ҳамин тавр аст. Ин ташбеҳ ва таъбир аз суханони Расули Акрам (с) аст, ки фармуд:

مَثَلُ الْمُؤْمِنِينَ فِي تَوَادِّهِمْ، وَتَعَاطُفِهِمْ، وَتَرَاحُمِهِمْ، مَثَلُ الْجَسَدِ، إِذَا اشْتَكَى مِنْهُ عُضْوٌ تَدَاعَى سَائِرُ الْجَسَدِ بِالسَّهَرِ وَالْحُمَّى

(*Муснади Аҳмад, 30/330*) Яъне масали мӯъминин аз лиҳози алоиқ ва авотифи мутабодил, ки байни эшон ҳаст, масали тан аст, як узв, ки ба дард меояд, соири аъзо якдигарро ба ҳамдардӣ мехонанд ва табу бехобӣ пайдо мешавад.

Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Боз ҳам вақҳи шабаҳҳо ва қадри муштаракҳо байни ҷомеа ва пайкар ҳаст. Маъмулан дар ташбеҳҳо, ки чизе ба чизе ташбеҳ мешавад, як ё ду ва ҳадди аксар се вақҳи шабаҳ байни он ду ҳаст, аммо ин ташбеҳ яъне ташбеҳи ҷомеа ба пайкар, аз он ташбеҳҳост, ки беш аз даҳ вақҳи шабаҳ ҳаст ва шояд битавон даҳҳо вақҳи шабаҳ зикр кард. Мумкин аст ин ташбеҳ аз назари ҷомеъият, ташбеҳи беназире бошад.

Дар айни ҳол, ки ин ташбеҳ ҳамчу ташбеҳи ҷомеъе аст, ин тавр нест, ки пайкар ва ҷомеа аз ҳама ҷиҳат мисли ҳам бошанд, мавриде ҳаст, ки ҳукми ҷомеа ва ҳукми пайкар дутост.

Имшаб барои ин ки адолатро маънӣ кунам, баъзе қисматҳо, ки байни пайкар ва ҷомеа фарқ аст, арз мекунам.

Ихтилофи ҷомеа бо андоми зинда

Яке аз мавориди ихтилоф ин аст, ки аъзои пайкар, ҳар кадом маҳалли собит ва мақоми маълуме доранд, тағйири маҳаллу мақом ва посту шуғл намедиҳанд. Аммо афроди иҷтимоъ ин тавр нестанд. Масалан, ҳар кадом аз чашму гӯшу дасту по як узванд ва як мақоми собит доранд ва як вазифа доранд. Чашм ҳамеша чашм аст ва гӯш ҳамеша гӯш. Кори чашм ҳамеша дидан аст ва кори гӯш ҳамеша шунидан. Ҳамчунин даст, ҳамеша даст аст ва по, по. Имкон надорад, ки масалан гӯш битавонад дар асари ибрози лиёқат пости чашмро ишғол кунад ва чашм ба воситаи кӯтоҳӣ дар анҷоми вазифа таназзули мақом пайдо кунад ва дар ҷойи гӯш қарор гирад, ё даст, по бишавад ва по, даст. Ҳамчунин соири аъзо ва ҷавореҳ аз қалбу мағзу рияву кабиду куллияву меъдаву рӯда, ҳар кадом мақоме собит ва ғайри қобили тағйир доранд ва ҳар кадом фақат барои як вазифа сохта шудаанд, на бештар ва ҷуз он як вазифа, вазифаи дигар аз онҳо сохта нест. Аъзои пайкари иҷтимоъ чӣ тавр? Оё афрод ҳам мисли аъзо ва ҷавореҳанд? Ҳар фарде ва ҳар дастае фақат ва фақат як мақоми собит доранд дар иҷтимоъ? Фақат барои як кор сохта шудаанд ва беш аз як кор ва як вазифа аз онҳо сохта нест? Ва ҳамон тавре, ки вазифаи чашм ва вазифаи гӯш ва вазифаи дасту по ва қалб ва мағз ва рия ва куллия ва кабид маълум ва мушаххас аст, вазоифи афрод ва асноф ҳам мушаххас аст? Афроди ҳар синфе бояд ба шуғли муайяни марбут ба ҳамон синф бипардозанд ва наметавонанд ё ҳақ надоранд вориди синфи дигар ва шуғли дигар бишаванд? Ё ин тавр нест?

Возеҳ аст, ки ин тавр нест, зеро аъзо ва ҷавореҳ, ҳеч кадом, аз худ ақл ва иродае ва ташхис ва истиқлол ва ихтиёр ва интихоб ва салиқаи махсусе надоранд, мусаххари он руҳе ҳастанд, ки бар пайкар ҳукмфармост, мазҳари томму тамоми:

لَا يَعْصُونَ اللَّهَ مَا أَمَرَهُمْ

(*Таҳрим/6*) ҳастанд, аммо афрод нисбат ба иҷтимоъ ин тавр нестанд. Дуруст аст, ки иҷтимоъ ҳам руҳ ва ҳаёте дорад, вале руҳи иҷтимоӣ ин андоза бар аъзои пайкари худ яъне афрод тасаллут ва сайтара надорад, афрод низ он андоза мусаххари руҳи иҷтимоъ нестанд.

Маънии “маданӣ биттабъ” будани инсон

Ҳукамо аз замонҳои бисёр қадим гуфтаанд, инсон “маданӣ биттабъ” аст, яъне инсон табиатан иҷтимоӣ аст. Баъдҳо ҳукамои дигар омадаанд ва ин ҷумларо шикофтаанд, ки мақсуд аз ин ки инсон табиатан ва зотан иҷтимоӣ аст чист.

Агар мақсуд ин аст, ки инсон ин фарқро бо наботот ва ҳайвонот — албатта баъзе ҳайвонот — дорад, ки истеъдодҳое, ки дар инсон ҳаст ва камолоте, ки барои инсон ҳаст, ҷуз дар партави зиндагии иҷтимоӣ муяссар намешавад ва эҳтиёҷоти зиндагии инсон ҷуз бо тамаддун рафъ шуданӣ нест, албатта матлаб дуруст аст. Ва аммо агар мақсуд ин аст, ки зиндагии иҷтимоӣ амре аст ғаризӣ ва табиӣ ва қаҳрӣ ва берун аз доираи интихоб ва ихтиёр ҳамон тавре, ки баъзе ҳайвонот аз қабили занбӯри асал ва мӯриёна ва мӯрча ин тавр ҳастанд — инҳо ба ҳасби ғариза тавре сохта шудаанд, ки қаҳран ва ба таври худкор бо ҳам зиндагӣ мекунанд ва афроди мухталифи онҳо ба тавре мақҳур ва мусаххар зиндагонии иҷтимоӣ ва анҷоми вазифаи махсус ба худ ҳастанд, ки узв нисбат ба руҳи пайкар мусаххар ва мақҳур аст — агар мақсуд аз ин ки инсон маданӣ биттабъ аст ин аст, ин дуруст нест, зиндагии иҷтимоии инсон ин гуна нест.

Пас агар мақсуд ин аст, ки инсон бидуни иҷтимоъ ва ба сурати инфирод, қодир ба идомаи зиндагӣ нест, ба илова дар инсон ниёзҳо ва истеъдодҳо нуҳуфтааст, ки ҷуз дар партави зиндагии иҷтимоӣ ба зуҳур ва феълият намерасад ва ин истеъдодҳо ва ниёзҳо дар матни хилқати инсон ниҳода шуда ва ҳаминҳо инсонро ба сӯйи зиндагии иҷтимоӣ меронад ва мехонад, албатта матлаби дурусте аст, вале ин ҷиҳат бо истиқлоли нисбии ақл ва иродаи фард ва интихобӣ будани он мунофот надорад.

Пас метавонем бигӯем, зиндагии иҷтимоии инсон қарордодӣ ва интихобӣ аст, инсон зиндагии иҷтимоиро барои худ ба ҳукми ақл ва ирода интихоб ва ихтиёр кардааст. Жан-Жак Руссо, донишманд ва муфаккири бузурги иҷтимоии қуруни ахир, китобе навишта ба номи “Қарордоди иҷтимоӣ” мабнӣ бар ҳамин назария, ки зиндагии иҷтимоии инсон қарордодӣ аст, бо тавофуқ ва қарор ба вуҷуд омада, қаҳрӣ ва ғаризӣ нест.

Ҳарчанд назарияи Руссо бар нафйи иҷтимоӣ будани инсон ба таври куллӣ, қобили қабул нест, аммо дар ин ки интихоби афрод низ нақше дорад, аз назари мо сухане нест. Феълан намехоҳам ба ин матлаб, ки матлаби фалсафӣ аст бипардозам. Ғаразам ин аст, ки дар айни камоли мушобеҳат байни ҷомеа ва пайкар, ин фарқ ҳам дар кор аст, ки аъзои пайкар, ҳар кадом маҳалле собит ва мақоме маълум ва ғайри қобили тахаллуф ва вазифае муайян ва мушаххас доранд ва аз он таҷовуз намекунанд, барои ҳар кадом муайян аст,

ки чӣ узве бошад ва чӣ мақоме дошта бошад ва чӣ ҳақ ва вазифае дорад, бар хилофи афроди иҷтимоъ, ки ин тавр нестанд.

Аъзои пайкар фақат ҳаққи узвияти хосс дорад, ки ҳаст, аммо афроди иҷтимоъ ҳаққи ҳар гуна узвияте доранд ва ин ҳақ ба сабаби фаъолият ва лиёқат мушаххас мешавад. Таклифи афрод аз назари ин ки чӣ узве бошанд ва чӣ мақом ва дараҷае дошта бошанд ва аз назари ин ки чӣ навъ шуғл ва хидмате бояд ба иҷтимоъ бикунанд, ба шакли ғаризӣ ва табиӣ муайян нест. Фард нисбат ба ҷомеа мақоми муайян надорад. Майдони амали фард васеъ аст, ҷилаваш боз аст, маҳдуд ба як вазифаи хосс нест, ихтиёр ва интихоб ва озодӣ ва салиқа ва дар натиҷа мақомҳо ва шуғлҳо ва постҳо қобили таъвиз ва табдил ва тағйир аст. Аъзои пайкари иҷтимоъ мутабодил мешаванд, ҷоҳоро иваз мекунанд. Қонуни хилқат ба пешонии аҳаде нанавишта: ту бояд ҳатман фалон узв бошӣ, дар фалон ҳадду мақом бошӣ, фалон вазифаро анҷом диҳӣ. Ба пешонии ҳеч кас навишта нашуда: ту бояд фалон кор ва фалон шуғлро дошта бошӣ, он яке фалон кор ва фалон шуғли дигарро, ту бояд муаллим бошӣ ва он яке меъмор ва он яке наҷҷор ва он яке тоҷир ва он яке зореъ ва он яке табиб ва он яке дорусоз ва он яке муҳандиси барқ ва он яке муҳандиси сохтмон ва ғайра, он тавре, ки дар пешонии чашму гӯшу забону дасту по навишта шуда, ки бояд чӣ чизе бошанд.

Хулоса ин ки дар пайкар ба таври табиӣ тақсими кор шуда ва ба таври табиӣ дараҷабандӣ ва ба таври табиӣ ҷоҳо ҳама муайян шуда, аммо дар иҷтимоъ ин кор бояд ба дасти худи башар бишавад; худашон миёни худашон корҳоро тақсим ва дараҷабандӣ кунанд. Майдони амал ҳам барои ҳама васеъ аст. Ҳама инсонанд, ҳама ақл доранд, ҳама ирода ва ихтиёр доранд, ҳама барои худ шахсият қоиланд.

Ин ҷост, ки суоли дигаре пеш меояд ва он ин ки корҳоро миёни худ чӣ ҷавр тақсим кунанд? Вазифабандиҳо ва дараҷабандиҳо, ки қаҳран боло ва пойин ва олӣ ва донӣ дорад, бар чӣ асосе сурат гирад? Афродро рӯйи чӣ милок ва мабное дар иҷтимоъ ҷо бидиҳанд? Башар аз чӣ роҳе ворид шавад барои тақсими кор ва барои дараҷабандӣ? Оё бояд қуръа бикашанд ва бо қуръа муайян кунанд?!

Фақат як роҳ ҳаст ва он ин ки: икроҳ ва иҷборе дар кор набошад, ҳамаро озод бигузоранд ва майдони зиндагӣ шакли майдони мусобиқа, балки майдонҳои мусобиқаро пайдо кунад, афроди мухталиф ҳама ҳаққи ширкат дар мусобиқаро дошта бошанд, ҳар касе мутаносиб бо завқу истеъдоди худаш ва мутаносиб бо лиёқат ва фаъолияти худаш мақом ва шуғл ва кореро ҳиёзат кунад.

Танозӯъи бақо ё мусобиқаи бақо

Баъзе, зиндагиро ба майдони ҷанг ташбеҳ мекунанд; мегӯянд, зиндагӣ танозӯъи бақост. Таъбири беҳтар ва комилтар ин аст, ки бигӯем, зиндагӣ мусобиқаи бақост. Калимаи танозӯъи бақо мафҳуми ҷидол ва мухосима медиҳад. Ба заъми баъзе, зиндагӣ ҷуз ҷангу ҷидол нест, асли аввал дар зиндагии инсон, тахосум ва душманӣ аст, таовунҳо ва тасолумҳо ба василаи танозӯъҳо ҷабран бар инсон таҳмил мешавад.

Феълан маҷоли баҳс дар бораи ин матлаб нест, иҷмолан бояд бигӯем, матлаб ин тавр нест, ки табъи зиндагӣ ва лозимаи табиати зиндагӣ ҷидол ва мухосима бошад, аммо лозимаи табиати зиндагӣ мусобиқаи бақо ҳаст. Зиндагӣ агар бихоҳад бар меҳвари саҳеҳ қарор бигирад, бояд бар асоси мусобиқаи бақо бошад. Лозимаи мусобиқа ду чиз аст: озодии афрод ва дигар, назми иҷтимоӣ, ки ҷилави ҳарҷу марҷро бигирад.

Инро бояд тавзеҳ бидиҳам: як мусобиқаи варзиширо дар назар бигиред, масалан мусобиқаи киштӣ ё давидан ё вазнабардориро. Дар мусобиқаҳо медал аст, ҷоиза аст, ифтихор аст, маҳбубият аст. Ин ҷоизаҳо насиби чӣ касе аст? Насиби он кас, ки мусобиқаро беҳтар анҷом диҳад. Аз рӯзи аввали касе, ки мутаваллид мешавад, дар пешониаш навишта нашуда, ки танҳо ин шахс ҳаққ дорад рӯйи саккуи ифтихор биистад ва касе дигар ҳаққ надорад, балки ҳаққи ширкат дар мусобиқаро ба ҳама медиҳанд, ба ҳама озодӣ барои ширкат медиҳанд. Аз он миён, баъзеҳо дар асари тамрин ва пушткор, барандаи мусобиқа мешаванд ва баъзе дигар ба иллати адами лиёқати фитрӣ ва ё ба иллати адами тамрин ва муҷоҳидат, аз он мавоҳиб маҳрум мемонанд.

Ҳамчунин аст ҳоли донишомӯзон ва донишҷӯёни килос, ки дар муддати як сол сари килос ҳозир мешаванд ва дарс мехонанд ва охири сол аз тарафи муаллим имтиҳон мешаванд. Ба онҳо нумра дода мешавад: яке нумраи қабулӣ мегирад ва яке рад мешавад, яке нумраи олӣ мегирад, яке аъло ва шогирди аввал мешавад. Нумра, имтиёзе аст, ки дода мешавад ва ба ҳар кас мутаносиб бо миқдори заҳмат ва истеъдод ва фаъолияташ нумра дода мешавад.

Ҷомеа, ба ҳукми ин ки бо пайкар фарқ дорад ва вазоифи афрод ба ҳукми хилқат ва ба таври ҷабрӣ таъйин нашуда ва ба ҳукми ин ки Худованд афроди башарро озод ва мухтор ва ҳурр офарида ва як вазифаи маҳдуд ва як мақоми собит ва маълум ва ғайри қобили тахаллуф ва таҷовуз барояш қарор надода, майдони васеъе барои амал ва фаъолияташ қарор дода. Ба ҳукми ин умур, ҷомеа майдони мусобиқа аст ва афрод бо бурдани мусобиқа ва ибрози лиёқат ва истеъдод ва фаъолият, бояд мавоҳиб ва ҳуқуқро ҳиёзат кунанд. Намехоҳам бигӯям, ҳамаи мардум аз лиҳози завқу истеъдод нисбат ба ҳамаи

корҳо мусовианд. Бидуни шак истеъдодҳои мардум аз ин назар мутафовит аст, дар ҳар касе завқ ва истеъдоди хоссе ҳаст. Ба ҳамин далел ҳар касе дар худаш алоқа ба баъзе корҳоро бештар ва алоқа ба баъзе дигарро камтар мебинад. Вале ин тавр нест, ки ҳар касе аз аввал бифаҳмад ва ҳис кунад, ки фақат барои як кори муайян сохта шуда ва як мақоми собит ва ғайри қобили тахаллуф ва таҷовузе дорад, он тавре, ки аъзои як пайкар чунинанд.

Пас бояд иҷтимоъ дар ҳамаи шуъун ва мавоҳиб, шакли майдони озоди мусобиқаро дошта бошад, ҳаққи ширкат дар ин мусобиқа ба ҳама дода шавад ва он иҷтимоъ ончунон муназзам ва дорои ҳусни ҷараён бошад, ки дар он миён шуъун ва мавоҳиби иҷтимоӣ ба афроде таъаллуқ бигирад, ки дар мусобиқоти иҷтимоӣ лиёқат ва шоистагии беҳтаре аз худ нишон додаанд.

Давркуни мусобиқа

Мусобиқа ду чиз дорад: яке амале, ки мавриди мусобиқа қарор мегирад аз қабили давидан ё киштӣ ё вазна бардоштан ва яке ҳам ҷоиза ва ифтихоре, ки ба барандаи мусобиқа дода мешавад. Дар ҷомеа ҳам, ки майдони мусобиқа аст, ин ду ҷиҳат ҳаст: яке кори мавриди мусобиқа ва яке ҳам ҳаззу баҳра ва насибе, ки ба ашхос дода мешавад.

Ҳоло он амри мавриди мусобиқа бояд чӣ чиз бошад ва он ҷоиза бояд чӣ бошад, ин ҷост, ки агар филҷумла таваҷҷӯҳе бишавад, матлаб ҳал мегардад ва ҷавоби суол дода мешавад. Аммо умури мавриди мусобиқа ҳамон чизҳост, ки ба ҳоли башар муфид аст ва ҳаёти иҷтимоии башар баста ба ӯст. Мусобиқа бояд дар корҳои муфид ба ҳоли мардум бошад, дар илму фазилат бошад, дар тақвову дурустӣ бошад, дар ақлу фаҳму идрок бошад, дар саъю амал ва кору тавлид ва хидмат бошад. Ҷоизаҳое, ки ба барандагони ин мусобиқаҳо дода мешавад, ҳамон ҳуқуқе аст, ки ба онҳо ба ҳасби миқдори кор ва ба ҳасби салоҳият ва лиёқат ва заҳмат ва истеҳқоқ таъаллуқ мегирад. Агар фаҳмидем, ки ҳуқуқе, ки ба афрод таъаллуқ мегирад, дар воқеъ мисли ҷоизаҳое аст, ки ба ширкаткунандагон дар мусобиқот дода мешавад, мисли нумраҳое аст, ки ба донишомӯзон бар сари имтиҳон медиҳанд.

Ва агар фаҳмидем, ки мавриди мусобиқа чист, тақаддум ва пеш афтодан дар чӣ қисмате милок аст, дар чӣ майдоне ин афрод бояд мусобиқа бидиҳанд, чӣ дарсеро бояд хуб имтиҳон бидиҳанд ва нумра бигиранд, мусобиқа дар корҳое бошад, ки дин он корҳоро хайр ва амали солеҳ хонда, агар ин дуторо фаҳмидем, хуб мефаҳмем, ки ба чӣ кас ҷоиза ва нумра бидиҳем ва ба чӣ кас ҷоиза ва нумра надиҳем, ба чӣ касе бештар бидиҳем, ба

чӣ касе камтар. Ин ки дар ҷаласоти пеш гуфтам, ҳаққу таклиф дар ислом дӯш ба дӯши якдигаранд ва аз якдигар ҷудо нестанд, ҳамин аст, майдони мусобиқа ҳамон майдони вазифа ва таклиф аст, ҳуқуқ ҳамон баҳра ва нумраҳое аст, ки мутаносиб бо мусобиқаи таклиф ва вазифа, насиби ашхос бояд бишавад. Агар асли ҳамдӯшии ҳаққу таклифро дар ислом бишносем ва ин матлабро дуруст дарк кунем, ки ин ки мегӯем, зиндагӣ мусобиқа аст, яъне мусобиқа анҷоми вазифа ва таклиф:

وَأَنْ لَيْسَ لِلْإِنْسَانِ إِلَّا مَا سَعَىٰ

— ва боз дуруст дарк кунем, ки натиҷа ва ҷоизаи мусобиқот, ҳамон баҳраманд шудан аз ҳуқуқи иҷтимоӣ аст, агар инҳоро хуб дарк бикунем, ба бузургтарин мабнои ҳуқуқи иҷтимоии ислом пай бурдаем ва ин мабно монанди чароғи равшан роҳнамои мо дар ҳамаи масоил хоҳад буд ва моро аз хеле зулматҳо наҷот хоҳад дод.

Адолат ё мусовот

Аз ин ҷо маънии адолат маълум мегардад ва ҷавоби суоле, ки дар аввал кардам равшан мешавад. Суол ин буд, ки маънии адолат чист? Тафовут ва ихтилоф ва табъизе, ки нуқтаи муқобили адолат аст чист? Оё ҳар навъ тафовут, ки дар ҷомеа байни афрод бошад, мухолифи адолат аст ва лозимаи адолат мусоваи мутлақ аст? Ё адолат мусталзими мусоваи мутлақ нест ва гоҳе адолат эҷоб мекунад, ки тафовут ва имтиёз гузошта шавад? Ва муқтазои адолат ин аст, ки табъизҳо ва тафовутҳои беҷо ва билоистеҳқоқ набошад? Агар муқтазои адолат ин дуввумӣ аст, милоки баҷо будан ва беҷо будан чист?

Маълум шуд, ки маънии адолат ин нест, ки ҳамаи мардум аз ҳар назар дар як ҳадд ва як мартиба ва як дараҷа бошанд, ҷомеа худ ба худ мақомот ва дараҷот дорад ва дар ин ҷиҳат мисли пайкар аст, вақте, ки мақомот ва дараҷот дорад, бояд тақсимбандӣ ва дараҷабандӣ бишавад. Роҳи мунҳасир, озод гузоштани афрод ва заминаи мусобиқа фароҳам кардан аст. Ҳаминки пойи мусобиқа ба миён омад, худ ба худ ба мӯҷиби ин ки истеъдодҳо дар ҳама яксон нест ва ба мӯҷиби ин ки миқдори фаъолият ва кӯшишҳо яксон нест, ихтилоф ва тафовут ба миён меояд, яке ҷилав меафтад ва яке ақиб мемонад, яке ҷилавтар меравад ва яке ақибтар.

Муқтазои адолат ин аст, ки тафовутҳое, ки хоҳ нохоҳ дар иҷтимоъ ҳаст, тобеъи истеъдодҳо ва лиёқатҳо бошад. Муқтазои адолат ин аст, ки донишҷӯёне, ки дар як имтиҳон ширкат мекунанд, ба ҳар кадом ҳамон нумрае дода шавад, ки мустаҳиққи он нумра аст; муқтазои адолат ин нест, ки ба ҳама мусовӣ нумра дода шавад ва гуфта шавад, бояд ба ҳама як ҷур нумра дода шавад, вагарна табъиз мешавад ва табъиз зулм аст,

баръакс, агар ба ҳама мусовӣ нумра дода шавад, ҳаққи зиҳаққ помол шуда ва ин зулм аст.

Муқтазои адолат ин аст, ки дар мусобиқоти қаҳрамонӣ истеъдод ва лиёқат ва ҳунарнамоӣ милоки тақаддуму таъаххур қарор гирад. Муқтазои адолат ин нест, ки ҳунарманд ва беҳунарро ба як чашм бибинанд ва фарқе байни боистеъдод ва беистеъдод нагузоранд. Ин ҷур мусовотҳо айни зулм ва беадолатӣ аст ва он ҷур тафовутҳо, ки бар мабнои лиёқат ва истеъдод ё фаъолият ва кор аст, айни адолат ва додгустарӣ аст.

Муқтазои адолат мусовот аст дар шароити ҳуқуқии мусовӣ, на дар шароити номусовӣ, яъне набояд миёни ширкаткунандагон дар як мусобиқаи илмӣ ё дар як мусобиқаи қаҳрамонӣ дар ғайри он чи марбут ба истеъдод ва ҳунар ва лиёқат аст фарқ гузошта шавад, масалан яке сафед аст ва яке сиёҳ, яке ашрофзода аст ва яке фаразан фарзанди як фақир, яке тавсия ва портӣ дорад ва яке надорад. Яке бо муаллим ё довар қаробат ва қавму хешӣ дорад ва яке надорад. Он чи набояд милок қарор гирад ин умур аст, ки марбут ба лиёқат ва истеъдод ё фаъолият ва муҷоҳидати афрод нест. Агар истеъдодҳо ва лиёқатҳоро нодида бигирем ва ба ҳама нумра ва имтиёзи мусовӣ бидиҳем, зулм кардаем. Ва агар ҳам имтиёз ва тафовут қоил бишавем, аммо милоки имтиёз ва тафовутро умуре аз ин қабил қарор диҳем, боз ҳам зулм кардаем.

Ин аст фарқ байни тафовутҳои бачо ва бечо ва фарқ байни табъизҳои раво ва нораво. Ин аст маънии он ҷумла, ки дар таърифи адолат гуфтаанд:

العدالة إعطاء كل ذي حق حقه

(“*Адолат, додан ба ҳар зиҳаққе ҳаққашро*.”)

Ин аст маънии каломи Амирулмӯъминин (а), ки фармуд:

العدل يضع الأمور مواضعها

“*Адл ҳар чизеро дар ҷойи худ ва маҳалли худ қарор медиҳад*.” Нафармуд, адл ҳамаро дар як ҳадд ва як дараҷа ва як сафф қарор медиҳад. Адолат ин аст, ки дар шуъуни иҷтимоӣ ва дар роҳи истифода аз ҳуқуқи иҷтимоӣ, шароити дақиқи як мусобиқаи комил нисбат ба ҳама имтиёзҳои иҷтимоӣ фароҳам шавад ва тибқи як мусобиқа амал шавад. Маънии мусовот ва ба як чашм дидан ва ҳамаро баробар дар назар гирифтан ҳам ин аст, ки ҳеч мулоҳизаи шахсӣ дар кор набошад, аз назари мулоҳизоти шахсӣ ҳама баробар бошанд, аз назари мулоҳизоти табақотӣ ҳама баробар бошанд.

Пайғамбари Акрам фармуд:

الناس كأسنان المشط

(*“Туҳафул-ъуқул, с.368 аз Имом Содиқ (а)*) (“*Мардум мисли донаҳои шона ҳастанд*.”) ва ҳама бо ҳам баробаранд, ё фармуд:

إن ربكم واحد وإن أباكم واحد، كلكم من آدم وآدم من تراب

Яъне ҳеч мулоҳизаи шахсӣ ва табъиз ва тафовут ва тақаддуме бар ғайри мабнои фазилат ва тақво ва амал ва лиёқат набояд дар кор бошад. Аммо тақаддумҳои мабнӣ бар фазилат ва тақво ва бар амал бояд бошад, бинобар ин баъд аз ин ҷумлаҳо изофа фармуд:

ولا فضل لعربي على عجمي إلا بالتقوى

Қуръони Карим ҳам дар айни ин ки имтиёзоти рангу нажоду ҷинсу хунро лағв мекунад ва мефармояд:

إِنَّا خَلَقْنَاكُمْ مِنْ ذَكَرٍ وَأُنْثَىٰ وَجَعَلْنَاكُمْ شُعُوبًا وَقَبَائِلَ لِتَعَارَفُوا

— пушти сараш мефармояд:

إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِنْدَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ

(*Ҳуҷурот/13*) ва имтиёзоти мубтанӣ бар фазоилро ба расмият мешиносад.

Қуръони Карим мефармояд, ҳаргиз олиму ҷоҳил, муттақӣ ва ғайри муттақӣ мусовӣ нестанд:

أَمْ نَجْعَلُ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ كَالْمُفْسِدِينَ فِي الْأَرْضِ أَمْ نَجْعَلُ الْمُتَّقِينَ كَالْفُجَّارِ

(*Сод/28*) Оё мумкин аст, ки мо аҳли имон ва аҳли амали солеҳро, ки солеҳу муслеҳанд, бо фасодкунандагон ва харобикунандагон, ки он чи аз онҳо сар мезанад харобӣ ва фасод аст, дар як дараҷа ва як мартиба қарор диҳем?! Оё мумкин аст, ки мо аҳли тақворо ҳамдӯш ва ҳамдараҷаи шаҳватронҳо ва бандагони ҳавову ҳавас қарор бидиҳем?

Ҳамчунин мефармояд:

قُلْ هَلْ يَسْتَوِي الَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَالَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ ۗ إِنَّمَا يَتَذَكَّرُ أُولُو الْأَلْبَابِ

(*Зумар/9*) (*“Бигӯ: оё онҳо, ки олим ва доноянд, бо онҳое, ки дар ҳазизи ҷаҳлу нодонӣ ба сар мебаранд, монанди ҳаманд? Фақат хирадмандон таваҷҷӯҳ доранд, ки мусовӣ нестанд*.”) Ё мефармояд:

وَفَضَّلَ اللَّهُ الْمُجَاهِدِينَ عَلَى الْقَاعِدِينَ أَجْرًا عَظِيمًا

(*Нисо/95*) (*“Ва Худованд муҷоҳидонро бар хонанишинон ба аҷри азиме бартарӣ додааст*.”) Дар сураи Зухруф мефармояд:

أَهُمْ يَقْسِمُونَ رَحْمَتَ رَبِّكَ ۚ نَحْنُ قَسَمْنَا بَيْنَهُمْ مَعِيشَتَهُمْ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا ۚ وَرَفَعْنَا بَعْضَهُمْ فَوْقَ بَعْضٍ دَرَجَاتٍ لِيَتَّخِذَ بَعْضُهُمْ بَعْضًا سُخْرِيًّا

(*Зухруф/32*) Оё онҳо раҳмати парвардигори туро тақсим кардаанд? Мо ҳастем, ки мояи таъайюш ва истеъдодҳои гуногунро дар миёни мардум тақсим кардаем, то дар натиҷа ихтилофи табиӣ дар миёни онҳо пайдо шавад ва ҳамин ихтилоф ва тафовут сабаб мешавад, ки баъзе афрод мусаххари баъзеи дигар қарор гиранд ва низоми иҷтимоии зиндагии башар истиқрор пайдо кунад.

Ихтилофоти афрод аз назари истеъдодҳо

Яке аз шоҳкорҳои хилқат, ихтилофи табиии афрод ва тафовути онҳост, хусусан бо дар назар гирифтан ин ки ҳамон ки дар як ҷиҳат имтиёз ва тафаввуқи табиӣ дорад, дар ҷиҳати дигар, дигаре бар ӯ тафаввуқ ва имтиёз дорад ва натиҷа ин аст, ки ҳама мусаххари якдигар ва мӯҳтоҷ ба якдигаранд.

Ҷомеаҳои пешрафтаи дунё кӯшишашон ин аст, ки адолат ва мусовотро барқарор кунанд то ҳар андоза, ки тавфиқ ёфтаанд. Ин тавр нест, ки байни боистеъдод ва беистеъдод, боҳуш ва кавдан, фаъол ва беҳол, бошахсият ва бешахсият, амин ва ғайриамин, ходим ва хоин, ба номи адл ва мусовот фарқ нагузоранд. Мусовот ин нест, адолат ин нест. Ин ҷур тафовут нагузоштанҳо айни зулм ва ситамгарӣ аст.

Мусоводи ҳақиқӣ

Мусовот ин аст, ки имконоти мусовӣ барои ҳамаи афрод фароҳам шавад, майдон барои ҳама ба таври мусовӣ боз бошад, замина барои ҳама мутасовиян фароҳам бошад, то агар касе ҳиммат дошта бошад, дар ҳар куҷо, ки ҳаст ва дар ҳар табақае, ки ҳаст, битавонад дар партави лиёқат ва истеъдод ва бурузи фаъолият, ба камоли лоиқи худ бирасад. Ҳоло ҳар кас кӯтоҳӣ кард, худаш карда, ҳар кас кӯтоҳӣ накард, натиҷаашро мебарад.

Масалан, имкони таҳсили илм бояд барои ҳама фароҳам бошад, ҳама битавонанд ба мадраса бираванд, имконоти таҳсилоти олия барои ҳама фароҳам бошад, на ин ки барои яке имкони дарс хондан бошад ва барои дигаре набошад, барои яке васоили таҳсилоти олия фароҳам бошад ва барои дигаре набошад. Он тавр имконот ба таври мусовӣ барои ҳама фароҳам бошад, ки масалан барои фарзанди фалон деҳқон, ки дар фалон гӯшаи кишвар аст ва истеъдоди илмӣ ва иҷтимоии нуҳуфтае дар вуҷудаш ҳаст, васоил фароҳам бошад, ки тадриҷан битавонад пилла-пилла ва дараҷа ба дараҷа мақомотро тай кунад, то

бирасад масалан ба мақоми тахассус дар як риштаи илмӣ. Ва агар истеъдоди иҷтимоиаш хуб аст, бирасад ба мақоми вазорат масалан.

Табъиз ва тафовути нораво ин аст, ки аз лиҳози имконот ва шароити амал, ҳамаи афрод мусовӣ набошад, барои яке имкони боло рафтан бар нардбони тараққӣ бошад, барои дигаре набошад, яке маҳкум бошад ба пойин мондан ва дигаре бо ҳамаи адами лиёқат, дасташро бигиранд ва бар садри маҷлиси иҷтимоъ биншонанд. Саъди мегӯяд.

Вақте уфтод фитнае дар Шом,

Ҳар кас аз гӯшае фаро рафтанд.

Рустозодагони донишманд,

Ба вазирии подшо рафтанд.

Писарони вазири ноқисақл,

Ба гадоӣ ба русто рафтанд.

Ҷомеа ба гунае набошад, ки фақат дар мавқеъе, ки фитнае пеш биёяд ва авзоъ баҳам бирезад, қадри донишу ҳунар маълум гардад ва он вақт рустозодагони донишманд ба вазирӣ бирасанд ва писарони ноқисулақли вазир ба гадоӣ бираванд.

Ҳақиқат ин аст, ки ҷомеаи одил ва мутаъодил; ҷомеае, ки қонуни мусовот бар он ҳукмфармост, ҷомеае (аст), ки аввалан имконоти мусовӣ барои ҳамаи афрод фароҳам мекунад. Ва сониян, бо адолат рафтор мекунад — яъне дар амал он тавр бо афрод рафтор мекунад, ки дар як мусобиқаи илмӣ ва қаҳрамонии саҳеҳ маъмулан рафтор мешавад. Ҳамчу ҷомеае ҳамеша бояд ин тавр бошад, ки рустозодагони боистеъдод битавонанд донишманд бишаванд ва баъд аз донишмандӣ ба мақоми вазирӣ бирасанд. Ва ҳамеша бояд ин тавр бошад, ки писарони ноқисақли вазир ақиб бимонанд ва суқут кунанд.

Ҷомеае, ки мутобиқи дастури Расули Акрам аз назари имконоти мусовӣ, ҳама

كأسنان المشط

— монанди донаҳои шона бошанд ва аз назари касби имтиёзот, мисдоқи:

قُلْ هَلْ يَسْتَوِي الَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَالَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ

(*Зумар/9*) ва мисдоқи:

إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِنْدَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ

(*Ҳуҷурот/13*) ва мисдоқи:

أَمْ نَجْعَلُ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ كَالْمُفْسِدِينَ فِي الْأَرْضِ أَمْ نَجْعَلُ الْمُتَّقِينَ كَالْفُجَّارِ

(*Сод/28*) бошанд, худ ба худ бояд ҳамин тавр бошад.

Магар дар садри ислом ҳамин тавр нашуд? Магар мисдоқи:

وَنُرِيدُ أَنْ نَمُنَّ عَلَى الَّذِينَ اسْتُضْعِفُوا فِي الْأَرْضِ وَنَجْعَلَهُمْ أَئِمَّةً وَنَجْعَلَهُمُ الْوَارِثِينَ

(*Қасас/5*) сурат нагирифт? Магар дар садри ислом ғуломон ва ғуломзодагони донишманд ва муттақӣ аз қабили Абдуллоҳ ибни Масъуд ба сиёдат ва бузургворӣ нарасиданд? Магар шахсиятҳои ҳаллу фаслкуни нолоиқ монанди Абӯҷаҳлҳо ва Абӯлаҳабҳо ва Валид ибни Муғираҳо ба хоки зиллат нанишастанд? Магар зердастон ва ғуломоне ба нерӯи лиёқат ва тақво ва амал содоти қавм ва содоти нолоиқ ва фосиди қавм дар чоҳҳо сарнагун нашуданд?

Ҷомеаи бетабақаи исломӣ

Ислом ба таври мусаллам бо ин ки дине аст иҷтимоӣ ва барои ҷомеа шахсият қоил аст, ҳаёту мамот қоил аст, саодату шақоват қоил аст, маслиҳату мафсада қоил аст, ба тақаддуми маслиҳати ҷомеа бар маслиҳати фард қоил аст ва имтиёзоти табақотиро лағв кардааст, бо ҳамаи инҳо, дар айни ҳол, низоми иҷтимоии исломӣ ҳуқуқ ва имтиёзоти воқеии афродро нодида намегирад, фардро аз назари шахсӣ дар муқобили иҷтимоъ ночиз намешуморад, монанди бархе муфаккирини ҷаҳон намегӯяд, фард ҳеч кора аст, ҳар чи ҳаст ҷомеа аст, ҷомеа зиҳаққ аст, на фард, ҷомеа молик аст, на фард, ҷомеа асил аст, на фард. Ба таври мусаллам, ислом ҳуқуқи ихтисосӣ қоил аст, моликияти ихтисосӣ қоил аст, барои фард асолат ва истиқлол қоил аст, адолатро ба ин намедонад, ки фард дар ҷомеа ба куллӣ нобуд бишавад, адолатро ба ин медонад, ки шароити як мусобиқаи сад дар сади комил ҳамеша фароҳам бошад ва ба ҳукми ин мусобиқа, ки дар майдони кору таклифу фазилат сурат мегирад, имтиёзот ва ҳуқуқи ихтисосӣ ба афрод эъто шавад. Албатта он чизе, ки ба ҳеч вачҳ қобили тардид нест ин аст, ки ислом бо имтиёзҳо ва тафовут гузоштанҳое, ки марбут ба амал ва тақво ва илм ва ҷиҳод дар роҳи ҳақ нест, ба шиддат мубориза карда, на танҳо дар дастурҳои худ мубориза карда, амали пешвоёни бузурги дин ин тавр будааст. Ҷомеаи бетабақаи ислом, яъне ҷомеаи бетабъиз, яъне ҷомеае, ки имтиёзоти мавҳум дар он беэътибор аст, на ҷомеаи бетафовут, ки ҳатто имтиёзот ва муктасабот ва лиёқатҳо ва истеъдодҳо низ дар он иҷборан нодида гирифта мешавад.

Ҷувайбар ва Зулфо

Марде аз аҳли Ямома ба Мадина омад ва ислом овард ва исломаш хуб шуд. Яъне маорифи исломро фаро гирифт ва ба тарбияти исломӣ тарбият шуд. Исми ин мард Ҷувайбар буд. Марде буд кӯтоҳқад, бадшакл, сиёҳранг, фақир ва мустаманд. Ва чун

касеро дар Мадина надошт, шабҳо дар масҷид мехобид. Ва дар ҳақиқат хонае ҷуз масҷид надошт.

Муддате дар масҷид буд. Кам-кам руфақое мисли худаш пайдо кард, яъне иддае дигар аз мусалмонон пайдо шуданд, ки онҳо ҳам мисли Ҷувайбар, ҳам фақир буданд ва ҳам ғариб. Ва ба дастури Расули Акрам, онҳо низ монанди Ҷувайбар муваққатан шабҳо дар масҷид ба сар мебурданд.

Тадриҷан иддаашон зиёд шуд. Аз тарафи Худованд дастур расид, масҷид бояд покиза бошад, ҷойи хобидан нест ва ҳатто дарҳое, ки аз хонаҳо ба сӯйи масҷид боз аст, ба истиснои дари хонаи Алии Муртазо ва Фотимаи Заҳро, ҳамаи дарҳо баста шавад, рафту омадҳо аз хонаҳо ба масҷид мавқуф шавад, фақат аз дарҳои маъмулӣ ба масҷид рафту омад бишавад, ки эҳтироми масҷид маҳфуз бимонад.

Расули Худо дастур дод, барои ин иддаи бехона ва фақир соябоне дар гӯшае бизананд ва заданд. Ва онҳо дар зери он сақф ба сар мебурданд ва он ҷо Суффа хонда мешуд ва онҳо ҳам ба Асҳоби Суффа маъруф шуданд. Ҷувайбар яке аз Асҳоби Суффа буд.

Расули Худо ва ҳамчунин афроди мусалмонон ба онҳо муҳаббат мекарданд ва зиндагии онҳоро идора мекарданд.

Як рӯз Расули Акрам нигоҳе ба Ҷувайбар кард ва фармуд:

— Ҷувайбар! Чӣ қадр хуб буд, ки зан мегирифтӣ, ҳам эҳтиёҷи ҷинсии ту рафъ мешуд ва ҳам он зан кӯмаки ту буд дар кори дунё ва охират.

Гуфт:

— Ё Расулаллоҳ! Касе зани ман намешавад, на ҳасаб дорам ва насаб, на мол ва на ҷамол, кадом зан рағбат мекунад, ки зани ман бишавад?

Фармуд:

يا جويبر! إن الله قد وضع بالاسلام من كان في الجاهلية شريفا، وشرف بالاسلام من كان في الجاهلية وضيعا، وأعز بالاسلام من كان في الجاهلية ذليلا

— Ҷувайбар! Худованд ба сабаби ислом, арзишҳоро тағйир дод. Баҳои бисёр чизҳоро, ки дар собиқ пойин буд боло бурд ва баҳои бисёр чизҳоро, ки дар гузашта боло буд пойин овард. Бисёре аз афрод дар низоми ғалати ҷоҳилият мӯҳтарам буданд ва ислом онҳоро сарнагун кард ва аз эътибор андохт ва бисёре дар ҷоҳилият ҳақиру беарзиш буданд ва ислом онҳоро баланд кард.

فالناس اليوم كلهم أبيضهم وأسودهم وقرشيهم وعربيهم وعجميهم من آدم، وإن آدم خلقه الله من طين

Имрӯз мардум ҳамон тавр шинохта мешаванд, ки ҳастанд. Ислом ба он чашм ба ҳама нигоҳ мекунад, ки сафеду сиёҳи қурашӣ ва ғайри қурашӣ ва арабу аҷам ҳама фарзандони Одаманд ва Одам ҳам аз хок офарида шуда.

Эй Ҷувайбар! Маҳбубтарини мардум дар назди Худо касе аст, ки мутеътар бошад нисбат ба амри Худо ва ҳеч кас аз мусалмонони муҳоҷиру ансор, ки дар хонаҳои худ ҳастанд ва зиндагӣ мекунанд, бар ту бартарӣ надоранд магар ба мизон ва миқёси тақво.

Баъд фармуд:

— Ҳаракат кун бирав ба хонаи Зиёд ибни Лабиди Ансорӣ, ба ӯ бигӯ, Расули Худо маро пеш ту фиристода, ки аз духтари ту, Зулфо барои худ хостгорӣ кунам.

Ҷувайбар ба дастури Расули Худо ба хонаи Зиёд ибни Лабид рафт. Зиёд аз мӯҳтарамини ансор ва аҳли Мадина буд. Дар он вақт, ки Ҷувайбар вориди шуд, иддае аз қавму қабилааш дар хонааш буданд. Иҷозаи вуруд хост. Иҷоза доданд ва ворид шуд ва нишаст. Рӯ кард ба Зиёд ва гуфт:

— Аз тарафи Расули Худо пайғоме дорам, онро маҳрамона бигӯям ё аланӣ?

Зиёд гуфт:

— Пайғоми Расули Худо мояи ифтихор ман аст, албатта аланӣ бигӯ.

Гуфт:

— Расули Худо маро фиристода барои хостгории духтарат, Зулфо барои худам. Ҳоло ту чӣ мегӯӣ? Бигӯ, то хабарашро барои пайғамбар бибарам.

Зиёд бо таъаҷҷуб пурсид, ки пайғамбар туро фиристода ба хостгорӣ?! Гуфт:

— Бале, пайғамбар фиристод. Ман, ки дурӯғ ба пайғамбар намебандам.

Гуфт:

— Охир расми мо ин нест, ки духтар бидиҳем ба ғайри ҳамшаънҳои худамон аз ансор. Ту бирав ва ман худам пайғамбарро мулоқот мекунам.

Ҷувайбар берун омад. Аз тарафе, фикр мекард ба он чи пайғамбар фармуда буд, ки Худованд ба василаи ислом тафохур ба қабоил ва ашоир ва ансобро аз байн бурда ва аз тарафе, ба сухани ин мард фикр мекард, ки гуфт, мо расм надорем ба ғайри ҳамшаънҳои худамон духтар бидиҳем. Бо худ гуфт, ҳарфи ин мард бо таълимоти Қуръон мубойинат дорад.

Ҳамон тавре, ки мерафт, оҳиста ин ҷумлаи аз ӯ шунида шуд:

والله ما بهذا نزل القرآن، ولا بهذا ظهرت نبوة محمد

Ба Худо, ки таълимоти нозила дар Қуръон ин нест, ки Зиёд ибни Лабид гуфт. Пайғамбар барои чунин суханоне мабъус нашудааст.

Ҳамон тавр ки Ҷувайбар мерафт ва ин суханонро бо худ замзама мекард, Зулфо, духтари Зиёд ин ҳарфҳоро шунид. Аз падараш пурсид, қисса чӣ буда? Зиёд айни қазияро нақл кард. Духтарак гуфт:

— Ба Худо қасам, ки Ҷувайбар дурӯғ намегӯяд. Коре накун, ки Ҷувайбар баргардад пеши пайғамбар дар ҳоле, ки ҷавоби яъс (ноумедӣ) шунида бошад. Бифирист Ҷувайбарро баргардонанд.

Ҳамин корро карданд ва Ҷувайбарро ба хона баргардониданд. Худаш шахсан рафт ҳузури Расули Акрам ва гуфт:

— Падару модарам қурбонат! Ҷувайбар ҳамчу пайғоме аз тарафи ту овард ва охир мо расм надорем ҷуз ба куфъ ва ҳамшаън ва ҳамтабақаи худамон духтар бидиҳем.

Фармуд:

يا زياد، جويبر مؤمن والمؤمن كفو المؤمنة، والمسلم كفو المسلمة

Зиёд! Ҷувайбар мӯъмин аст ва марди мӯъмин куфъу ҳамшаъни зани мӯъмина аст ва марди мусалмон куфъ ва ҳамшаъни зани мусалмон аст. Бо ин хаёлот монеъи издивоҷи духтарат нашав. (*Кофӣ, ч.5, с.340-341*)

Зиёд баргашт ва қазоёро барои духтараш нақл кард. Зулфо гуфт:

— Ман бояд розӣ бошам ва чун пайғамбар ӯро фиристода, ман розиям.

Зиёд дасти Ҷувайбарро гирифт ва ба миёни қавми худ бурд ва тибқи суннати пайғамбар, духтари худро ба ин марди фақири сиёҳ дод. Чун Ҷувайбар хона надошт, Зиёд худаш хонае бо ҳамаи лавозим барояш таҳия кард ва орост, ба духтараш ҷиҳоз дод ва ӯро бо он ҷиҳоз ба хонаи шавҳар фиристод, ду даст либос ҳам барои худи Ҷувайбар фароҳам кард. Вақте, ки Ҷувайбар вориди ҳиҷлаи арӯс бо он ташрифот шуд, дар руҳаш ҳолати ризоят ва шукргузорӣ нисбат ба зоти ақдаси аҳадият, ки ба воситаи ислом ин қадр ӯро азиз кард, пайдо шуд. Ҳолати шукру сипосгузорӣ ба даргоҳи Ҳақ он қадр шадид буд, ки ба гӯшае аз хона рафт ва то субҳ машғули розу ниёз ва шукру сипос буд. Як вақт мутаваҷҷеҳ шуд, ки дид, субҳ шуда. Он рӯзро ба шукрона, қасди рӯза кард. Се шабонарӯз дар ин ҳолати ваҷду сурури маънавӣ буд.

Кам-кам хонаводаи арӯс ба тардид афтоданд, ки накунад ин мард эҳтиёҷе ба зан надошта бошад. Қазоёро ба иттилоъи Расули Худо расонданд. Расули Акрам Ҷувайбарро хост ва ҷараёнро аз ӯ пурсид. Гуфт:

— Ё Расулаллоҳ! Вақте, ки вориди он хонаи васеъ бо фаршу асоси комил шудам ва духтаре зебо дар баробари худ дидам, ки ҳамаи онҳо ба ман таъаллуқ дошт, ба фикр афтодам, ки ман одами ғарибу фақире дар ин шаҳр ҳастам ва Худованд ин тавр ба василаи ислом ба ман тафаззул фармуд, хостам ба поси ин ҳама неъмат ин шабро то субҳ ба ҳоли ибодат ба сар барам. Фардояшро низ ба шукрона рӯза гирифтам. То се рӯз дар ин ҳол будам, ки шабҳо шукрона ибодат мекардам ва рӯзҳоро рӯза мегирифтам. Албатта аз ин ба баъд, назди хонаводаи худ хоҳам рафт.

Иноятӣ Расули Акрам ба аз байни бурдани ноҳамвориҳо

Вақте, ки дар шеваи бузургворонаи Расули Акрам (с) мутолеа мекунем, мебинем он ҳазрат иноятӣ зиёде дошт, ки тафовутҳо ва ихтилофҳоеро, ки тадриҷан одат шуда буд дар миёни мардум ва рабте ба он чи номаш мусобиқа дар амал ва фазилат ва пешӣ гирифтан дар хайрот аст, ки

فَاسْتَبِقُوا الْخَيْرَاتِ

(*Бақара/148*) надошт ва сирфан одоте буд, ки эҷоди ноҳамвориҳо ва пасту баландиҳои бечо мекард, аз байн бибарад ва маъдум кунад. Масалан иноят дошт, ки дар маҷолис гирду ҳалқа ба даври ҳам биншинанд, маҷлис болову пойин надошта бошад, дастур медод ва таъкид мекард, ки ҳар вақт вориди маҷлис мешавед, ҳар ҷо, ки холӣ аст, ҳамон ҷо биншинед, як нуқтаи муайянро ҷойи худатон ҳисоб накунед ва ба он нуқта фишор наёваред. Агар худаш вориди маҷлисе мешуд, хушаш намеомад, ки ҷилави пояш баланд шаванд ва гоҳе агар баланд мешуданд, монеъ мешуд ва мардумро амр мекард, ки қарор бигиранд. Ҳозир намешуд вақте, ки савора ҳаст, пиёдае ҳамроҳаш ҳаракат кунад, он пиёдаро савор мекард ва ё ба ӯ мегуфт, ту ҷилавтар ё баъд аз мо биё. Ба ҳар ҳол, ҳозир намешуд он пиёда дар рикобаш ҳаракат кунад, ба рӯйи хок менишаст ва бо дасти худаш аз буз шир медӯшид.

Ҷанбаи иҷтимоии сираи набавӣ

Мумкин аст ҳамаи инҳоро тафсири ахлоқӣ бикунем ва ҳамл ба тавозӯъ ва фурӯтании он ҳазрат бикунем. Шак надорад, ки он ҳазрат дар мунтаҳо дараҷаи тавозӯъ ва фурӯтанӣ буд.

Ӯ они аз ин ки абди Худо ва бандаи Худост ғофил намешуд, ҳамеша худро дар баробари азамати Ҳақ абде заъиф, ки

لا يملك لنفسه نفعا ولا ضرا ولا موتا ولا حيوة ولا نشورا

— медид. Касе, ки ин ҷавр аст, чӣ қадр нисбат ба бандагони Худо мутавозеъ ва меҳрубон аст.

Таърихи он ҳазрат пур аст аз тавозӯъ ва фурӯтанӣ ва меҳрубонӣ нисбат ба халқ ва убудийят ва изҳори зиллат нисбат ба холиқ. Зане ба ҳазрataш арз кард, ки ту ҳама чизат хуб аст, фақат як айб дорӣ ва он ин ки худро намегирӣ, мисли бандагон бо худат рафтор мекунӣ, рӯйи замин минишинӣ. Фармуд: кадом банда аз ман бандатар аст:

أي عبد أعبد مني

(*Макоримул-ахлоқ, с.16*)

Шак надорад, ки сирати мутавозеъона ва худшиканонаи он ҳазрат ҷанбаи ахлоқӣ ва фурӯтанӣ дорад, аммо қароин нишон медиҳад, ки Расули Акрам ба ҷанбаи иҷтимоии ин қазоё ҳам зиёд таваҷҷӯҳ дошта. Таваҷҷӯҳ дошта, ки ҳамин эҳтиромот, ҳамин алқобу ановин, ҳамин одот, ки кӯчак ба назар мерасад, чӣ девори захиме миёни афрод ба вуҷуд меоварад, чӣ қадр таъсир дорад дар ин ки дилҳоро аз ҳам дур кунад.

Ҳаминҳост, ки ноҳамвориҳо ва пасту баландиҳо ва санглохҳо ба вуҷуд меоварад.

Ҳаминҳо, ки дар бодии амр як ришта умури эътиборӣ ва хаёлӣ аст, дар ниҳояти амр мунтаҳӣ мешавад ба умури айнӣ ва хориҷӣ. Тухми аввали тафовутҳои нораворо ҳамин эҳтиромоти ғалат ва ҳамин ановину алқоби дурӯғӣ мекорад.

Устоде доштем бисёр муттақӣ ва зоҳид, ақида дошт, ки дар ним қарни ахир як кори хуб сурат гирифт ва он мубориза бо ановину алқоб буд. Расули Худо дар яке аз мусофиратҳо дар ҳоле, ки асҳобаш ҳамроҳ буданд, зуҳр дар манзиле фуруд омад. Қарор шуд гӯсфанде зибҳ шавад ва ноҳор аз гӯшти он гӯсфанд истифода шавад.

Яке аз асҳоб гуфт: сар буридани гӯсфанд ба ӯҳдаи ман. Дигаре гуфт: кандани пӯсти он бо ман. Севвумӣ гуфт: пухтани гӯшт бо ман. Расули Худо фармуд: ҷамъ кардани ҳезум аз саҳро бо ман.

Асҳоб арз карданд: ё Расулаллоҳ! Шумо заҳмат накашед, шумо биншинед, мо худамон бо камоли ифтихор ҳамаи корҳоро мекунем, мо розӣ ба заҳмати шумо нестем. Фармуд: медонам шумо мекунед, лекин

إن الله يكره من عبده أن يراه متميزا بين أصحابه

(*Куҳлул-басар, муҳаддиси Қумӣ, с.68*) (“*Худованд хуш надорад аз бандааш, ки ӯро бибинад дар ҳоле, ки дар миёни ёронаш барои худ имтиёзе нисбат ба дигарон қоил шудааст*.”)

Дар сирати Расули Акрам ва имомони атҳор қазоё ва достонҳо аз ин қабил зиёд аст, ки мерасонад кӯшиш доштанд ин гуна одатҳоро, ки ибтидо кӯчак ба назар мерасад ва ҳаминҳо маншаъи тафовутҳои бечо дар ҳуқуқ мегардад, ҳамвор кунанд.

Хулосаи сухан

Хулосаи сухан ин шуд, ки маънии адолат ва мусовот ин аст, ки ноҳамвориҳо ва пасту баландиҳо ва болову пойинҳо ва табъизҳое, ки маншаъаш суннатҳо ва одот ва ё зӯр ва зулм аст бояд маҳв шавад ва аз байн биравад ва аммо он ихтилофҳо ва тафовутҳо, ки маншаъаш лиёқат ва истеъдод ва амал ва кор ва фаъолияти афрод аст бояд маҳфуз бимонад, ҳамон тавре, ки дар мусобиқаҳо майдони мусобиқа бояд ҳамвор бошад, мусовӣ ва ҳамсатҳ бошад, барои ҳама як ҷур бошад, имконоти иҷтимоӣ бояд барои ҳама баробар фароҳам шавад, шароити ширкат дар мусобиқаи иҷтимоӣ бояд барои ҳама фароҳам шавад. То он ҷо, ки ба майдони мусобиқа яъне имконоти иҷтимоӣ марбут аст ҳама мусовӣ ҳастанд ва бояд мусовӣ бошанд.

Аммо дар мусобиқа як чизи дигар ҳаст, ки марбут ба майдони мусобиқа ё шароити мусобиқа нест, марбут аст ба худи мусобиқадиҳандагон: яке чобуктар аст, яке лоғартар, яке боазаматтар ва боҳимматтар ва кӯшотар аст, яке собиқаи тамрини бештар дорад. Ин тафовутҳо дар натиҷаи мусобиқа дахолат дорад ва набояд онҳоро нодида гирифт. Бояд ба онҳо эҳтиром гузошт ва дар натиҷа инҳост, ки тақаддуму таъаххур пеш меояд.

Дар бораи умуре, ки ба манзилаи пастиву баландиҳои майдони мусобиқа аст ва аз назари ислом хуб аст маҳв шавад, матолиби зиёде ҳаст, ки фурсат нашуд баён кунам. Дар ҷаласаи баъд ба муносибати матолибе, ки дар ин панҷ ҷаласа гуфта шуд, баҳси мухтасаре роҷеъ ба раззоқияти Худованд мекунам, ки ин ки мо бояд Худоро раззоқ бидонем яъне чӣ ва робита ин ақида бо масъалаи ҳаққу таклиф, ки дар ин чанд ҷаласа баҳс шуд, чист?

Гуфтори 6:

Раззоқияти илоҳӣ

Яке тифл дандон бароварда буд,

Падар сар ба фикрат фурӯ бурда буд,

Ки ман нону барг аз куҷо орамаш?

Мурувват набошад, ки бигзорамаш.

Чу бечора гуфт ин сухан назди ҷуфт,

Нигар, то зан ӯро чӣ мардона гуфт:

Махур ҳавли Иблис, то ҷон диҳад,

Ҳам он кас, ки дандон диҳад, нон диҳад.

Тавоност, охир, Худованди рӯз,

Ки рӯзӣ расонад, ту чандин масӯз.

Нигорандаи кӯдак андар шикам

Нависандаи умру рӯзист ҳам.

(*Саъдӣ*)

Дахолат дар кори Худо

Мумкин аст дар зеҳни баъзе ин шубҳа бошад, ки мо ба ҳукми ин ки муваҳҳид ҳастем ва Худоро холиқ ва раззоқ медонем ва ба ҳукми ин ки китоби муқаддаси осмонии мо, Қуръони Карим, бо сароҳат мефармояд, раззоқ ва мутакаффили рӯзӣ Худост:

إِنَّ اللَّهَ هُوَ الرَّزَّاقُ ذُو الْقُوَّةِ الْمَتِينُ

(*Зориёт/58*), ӯ ҳам рӯзиофарин аст ва ҳам рӯзирасон, ҳеч ҷунбандае нест магар он ки Худованд ризқу рӯзии ӯро ба ӯҳда гирифтааст:

وَمَا مِنْ دَابَّةٍ فِي الْأَرْضِ إِلَّا عَلَى اللَّهِ رِزْقُهَا

(*Ҳуд/6*) ва аз тарафе, ризқу рӯзӣ, ки Худованд онро ба ӯҳда гирифта ва замонат карда иборат аст аз саҳм ва насибе, ки ба махлуқе бояд бирасад, то битавонад ба бақои худ ва вуҷуди худ идома диҳад, ҳуқуқи мардум ҳам аъамм аз ҳар навъ ҳуқуқе билохира марбут аст ба ҳамин саҳмҳо ва насибҳое, ки бояд бибаранд, пас лузуме надорад, ки мо дар бораи масоиле, ки марбут ба арзоқ ва саҳмияҳо ва насибҳои мардум аст ва марбут ба Худост фикр кунем ва таклиф муайян кунем, балки ҳақ надорем дар ин бора фикр кунем, ин як навъ дахолат кардан дар кори Худованд ва мунофӣ бо асли тавҳид аст, кори Худоро бояд

ба Худо вогузар кард, кори мо таваккул ва эътимод ба раззоқияти Худованд ва кори Худо рӯзиофаринӣ ва рӯзирасонӣ аст.

Дар ҷавоби ин шубҳа арз мекунем, ки мо агар Худоро бишносем он тавр, ки шоистаи қуддусият ва кибриёии ӯст ва ба асмои ҳусно ва сифоти улёи ӯ он андоза, ки дар тавоноии мост пай бибарем ва ӯро тавре васф накунем, ки махлуқе ва оҷизе мисли худамонро васф мекунем, он вақт мефаҳмем, ки раззоқияти ӯ ва такаффули ӯ рӯзии бандагонро, мунофот надорад бо ин ки мо мукаллаф бошем дар бораи ҳуқуқ ва таколифи худамон ва дар бораи адолат ва ин ки муқтазои адолат чист фикр кунем, мунофот надорад, ки дар ин бора вазоифе дошта бошем, бар мо воҷиб бошад, ки барои эҳқоқи ҳуқуқ кӯшиш кунем ва аввалин дараҷаи кӯшиш ҳамин аст, ки маънии ҳақ ва адолатро бифаҳмем. Ва агар мунофот медошт, худи Қуръони Карим, ки Худовандро ба раззоқият васф карда, саъю амалу кӯшишро воҷиб намекард, авлиёи ҳақ, ки шогирдон ва тарбиятёфтагони Қуръонанд, барои эҳқоқи ҳуқуқ ҷонбозӣ ва фидокорӣ намекарданд. Агар мунофот медошт, дар қонунҳо ва муқаррароти динӣ муқаррароте барои ҳуқуқи мардум ва таколифе барои таҳсили он ҳуқуқ вазъ намешуд. Агар мунофот медошт, дастури инфоқ намерасид. Магар инфоқ ва садақот ҷуз ин аст, ки ба ризқу рӯзии мардум кӯмак шавад? Оё ин кор, ширкат дар раззоқияти Худованд ва иъонати Худованд аст дар коре, ки худаш ба ӯҳда гирифтааст?!

Қиёси Худо ба инсон

Башар табъан ин ҳолатро дорад, ки қиёс ба нафс мекунад ва сифот ва ҳолоти худро ба ҳамон кайфияте, ки дар худаш ҳаст, дар ғайри худаш фарз мекунад. Атфол дар синини аввали умр гумон мекунанд, тамоми эҳсосоте, ки дар худашон ҳаст, дар мавҷудоти дигар ҳам ҳаст, чӣ онҳое, ки пойинтар аз ҳадди онҳост ва чӣ онҳое, ки болотар аст. Тифл хаёл мекунад, асбоббозиҳои ӯ эҳсосоте мисли худ ӯ доранд ва аз задан масалан мутаъаллим мешаванд, аз ин рӯ гоҳе, ки асабонӣ мегардад, онҳоро мезанад. Нисбат ба болотар ҳам ҳамин тавр аст, ҳадди худро, ҳам ба мавҷуди пойинтар медиҳад ва ҳам ба болотар.

Асли танзеҳ

Дар масъалаи тавҳид яке аз аркони тавҳид, танзеҳ аст. Танзеҳ ба маънии нафйи ташбеҳ аст:

لَيْسَ كَمِثْلِهِ شَيْءٌ

(*Шӯро/11*) Бояд таваққӯҳ дошта бошем, ки агар Худовандро ба илм ва ҳаёт ва қудрат ва ба самеъу басир будан ва ба ирода ва раззоқият ва ғайра васф мекунем, набояд ӯро шабеҳ ва монанди махлуқе мисли худамон фарз кунем. Агар олим аст, бо олим будани мо мутафовит аст ва шабоҳате дар кор нест, ҳамчунин аст қудрат ва ҳаёт ва ирода ва машият ва соири сифоти Ҳақ, раззоқияти Худованд ҳам ҳамин тавр аст.

Таъаҳҳуд ва замонати илоҳӣ

Ин қадр бояд бидонем, ки таъаҳҳуд ва замонати илоҳӣ ва раззоқият ва рӯзирасонӣ, ки ба зоти ақдаси илоҳӣ нисбат медиҳем, бо таъаҳҳудот ва замонатҳо ва такаллуфҳои инсонӣ як гуна нест. Агар инсоне кафили ризқ ва ӯҳдадори махориҷи касе шуд, ба як наҳв аст ва агар Худованд кофил ва зомини рӯзӣ буд, ба наҳве дигар аст, ки шоистаи зоти комили ӯст. Ҳаминки дар Қуръон мехонем:

وَمَا مِنْ دَابَّةٍ فِي الْأَرْضِ إِلَّا عَلَى اللَّهِ رِزْقُهَا

(“*Ризқи ҳар ҷунбандае бар ӯҳдаи Аллоҳ аст*.”), бояд мутаваҷҷеҳ шавем, ки он ки ба ӯҳда гирифта Аллоҳ аст, на як махлуқ. Аллоҳ яъне он касе, ки офаринандаи ин низомот ва махлуқот аст. Пас таъаҳҳуди ӯ фарқ дорад бо таъаҳҳуди махлуқе, ки ҷузъе аз ҳамин низом ва таҳти таъсири мавҷудоти ин низом аст ва дар дохили ин низом дасту по мекунад.

Фарқ аст байни тарзи феъли касе, ки дар дохили ин низомот ва ҷузъи ин низомот ва маҳкум ва тобеъи ин низомот аст, бо феъл ва иродаи он кас, ки холиқи ин низомот аст. Феъли ӯ қаҳран ҷуз ба сурати ҳамин низомот нест. Пас бояд бибинем, ки низомоти куллии ҷаҳон бар чӣ усуле аст ва чӣ гуна аст? Шинохтани феъли Худо ва раззоқияти Худо, шинохтани низомоти олам аст.

Мо худамон ҷузъи оламем ва ҷузъи ин низом ҳастем ва монанди соири аҷзои олам вазифае дорем. Вазоифи ҳам, ки мо дар олам дар бораи арзоқ ва ҳуқуқ дорем ва қонуни хилқат моро муваззаф ба он вазоиф карда ва ё қонуни шариат моро ба он муваззаф сохтааст, аз шуъуни раззоқияти Худованд аст. Қувваи ҷазб ва тағаззӣ, ки дар гиёҳон аст, ҷиҳозоти тағзия, ки дар гиёҳ ва ҳайвон ва инсон аст, майлҳо ва ғаризаҳо, ки дар ҷондорҳост ва онҳоро ба сӯйи маводди ғизоӣ мекашонад, ҳама аз шуъуни раззоқияти Худованд ва мазоҳири раззоқияти Худованд мебошанд.

Худост, ки ин ҷондорҳоро бо ин ҳама таҷҳизоти ҳайратангез дар қисматҳои мухталиф офарида, ки битавонанд аз ҳаво ва об ва маводди ғизоии ин олам истифода кунанд.

Худост, ки ҳар ҷондореро ба василаи як силсила майлҳо ва рағбатҳо мусаххар карда, ки дар пайи мояҳтоҷҳои худ бидаванд ва барои ирзои ин майлҳо ҳамеша талош кунанд, бидуни он ки худашон таваҷҷӯҳ дошта бошанд, ки эҳтиёҷашон ба он умур барои чист ва чӣ фалсафае дар кор аст.

Ақл ва иродаи инсон ва эҳсоси инсон ба ин ки худаш бояд ҳаққи худро ҳифз кунад, таколифе, ки ба василаи шариат дар бораи истифо ва ҳифзи ҳуқуқи худ ва эҳтиром ба ҳуқуқи дигарон дорад, талошҳое, ки башар дар бораи ҳуқуқ ва ҳузуз ва баҳраҳои худ мекунад, истодагиҳое, ки дар баробари мутаҷовизин ба ҳуқуқи худ мекунад, фикрҳое, ки дар бораи ҳуқуқ мекунад, китобҳое, ки дар ин замина менигорад, талошҳои фикрие, ки мекунад ва фалсафаҳое, ки ба вуҷуд меоварад, ҳама ва ҳама шуъун ва мазоҳири раззоқият Худованд ва таҷаллиёти:

وَمَا مِنْ دَابَّةٍ فِي الْأَرْضِ إِلَّا عَلَى اللَّهِ رِزْقُهَا

— аст. Агар набуд ин ҳақиқат, ки:

وَمَا مِنْ دَابَّةٍ فِي الْأَرْضِ إِلَّا عَلَى اللَّهِ رِزْقُهَا

— агар ин кафолат ва замонат дар ин низом набуд, на майле буд ва на ғаризае, на қувваи ҷазбе буд ва на дафъе ва на ҳазме, на лаззате ва на ширинie ва на талхие, на гиёҳ решаҳо дар замин дошт ва на ҳайвон ва инсон ҷиҳозоти ҳазму ҷазб ва дафъу тағаззӣ доштанд ва на инсон алоқае ба ҳифзи ҳуқуқи худ дошт ва на дар ин замина аз тарафи дин дастурҳо расида буд ва на инсон дар ин бора меандешид ва фикр мекард ва китоб менавишт ва фалсафа ба вуҷуд меовард.

Ҳамаи ин шӯрҳо ва нишотҳо ва фаъолиятҳо ва ҷунбишҳо аз исми:

يا مدبر

— ва:

يا رزاق

-и ӯ пайдо шудааст, ки ин назмро бо ин шакл ва ин тартиб ба вуҷуд овардааст.

Агар раззоқияти Худованд набуд, ҳеч як аз инҳо набуд ва агар инҳо набуд, дигар гиёҳе набуд, ҳайвоне набуд, инсоне набуд, балки ҳеч мавҷуде набуд, зеро ризқу рӯзӣ ба маънии аъамм, чизе ҷуз мададгирии мавҷудот аз мавҷудоти дигар ва дар ниҳоят мададгирии ҳама аз Худованд нест ва ҳар мавҷуде дар ҳар мақоме ҳаст, лаҳза ба лаҳза эҳтиёҷ ба мададгирӣ дорад.

Пас набояд гуфт, бо ин ки Худованд мутаъаҳҳид ва мутакаффили арзоқ ва саҳмияҳост, мо набояд дар ин масоил фикр кунем. Зеро бо баёне, ки арз шуд, фикр ва андеша ва

талоши мо ба мӯҷиби раззоқият Худованд аст. Раззоқияти ӯст, ки рӯзӣ ва рӯзихӯр, ризқ ва марзуқро ошиқи якдигар карда ва дар пайи якдигар барангехтааст.

Набояд гуфт, фикр дар ин мавзӯъот дахолат дар кори Худованд аст, зеро мо вақте метавонем дар кори Худо дахолат кунем, ки битавонем ба ҷойи ӯ холиқи ин низомот ва холиқи ин олам бошем, ё битавонем низомоти оламро аз пеши худ баҳам бизанем ва қоъидаҳо ва сунани дигаре ба ҷойи инҳо барқарор кунем, яъне ҳамон коре, ки ношуданӣ аст ва ақлан маҳол аст.

Аммо мо, ки ба ҳукми раззоқияти ӯ, алоқаманд ба рӯзӣ офарида шудаем, ба фармони ӯ дар мо ҷиҳозоти мухталифи рӯзихӯрӣ пайдо шуда, ба фармони ӯ дар мо ақл ва андеша ва алоқа ба андешидан пайдо шуда, ба фармони дини ӯ ҳифзи ҳуқуқи худ ва эҳтиром ба ҳуқуқи дигарон бар мо фарз шуда. На танҳо дар кори Худо дахолат накардаем, балки муҷрӣ ва мутеъи машияти ӯ ҳастем. Агар фикр накунем ва агар талош накунем ва ҳолати рукуду сукун ва мавт ба худ бигирем, бештар аз итоати фармони Худо дурем.

Худованди Мутаъол ҳам холиқ аст ва ҳам раззоқ. Холиқ аст яъне ӯ ба вуҷудоваранда мавҷудот аст. Агар ирода ва машияти ӯ набуд, ҳеч чизе мавҷуд намешуд. Розиқ аст яъне мавҷудотро тавре офарида, ки эҳтиёҷ ба ризқ доранд. Онҳо ҳастанд, ки тавре халқ шудаанд, ки бояд аз як мавҷуди дигар тағаззӣ кунанд, то битавонанд боқӣ бимонанд. Яъне он мавҷуди дигарро ба шакле ва тартибе ҷузъи вуҷуди худ бикунанд ва дар худ таҳлил бибаранд. Ва боз мумкин аст як мавҷуде дигар ба шакле дигар ва тартибе дигар ин мавҷуд ризқи худро ризқи худ қарор диҳад ва дар худ таҳлил бибарад. Саффи рӯзиҳо васфи рӯзихӯрҳо аз ҳам ҷудо нест. Ҳар рӯзихӯре ба навбаи худ рӯзии мавҷуде дигар аст, ҳамон, ки нисбат ба мавҷуди окил аст, нисбат ба дигаре маъкул аст.

Ҳалқ бахшад хокро лутфи Худо,
То хурад обу бирӯяд сад гиё.
Боз хокеро бибахшад ҳалқу лаб,
То гиёҳашро хурад андар талаб.
Чун гиёҳаш хӯрд ҳайвон гашт зафт,
Гашт ҳайвон луқмаи инсону рафт.
Боз хок омад, шуд акколи башар,
Чун ҷудо шуд аз башар руҳу басар.
Зарраҳо дидам, даҳоншон ҷумла боз,
Гар бигӯям хӯрдашон, гардад дароз.
Баргҳоро барг аз инъоми ӯ,
Доягонро доя лутфи оми ӯ.

Ризққоро ризққо ӯ медиҳад,

З-он ки гандум бе ғизое чун заҳад?..

Ҷумла олам окилу маъкул дон,

Боқиёнро муқбилу мақбул дон…

Пас, зи маҳ то моҳӣ ҳеч аз халқ нест,

Ки ба ҷазби моя ӯро ҳалқ нест…

(Мавлоно)

Ин худ ҳисобе аст, ки дар олам ҳаст.

Интибоқи рӯзӣ ва рӯзихӯр

Ҳисоби дигар, татбиқе аст, ки байни рӯзӣ ва рӯзихӯр дода шуда. Дар яке аз суханрониҳои гузашта, ки дар атрофи ин матлаб сӯҳбат мекардам, ки муҷиди ҳақ чист ва чӣ тавр мешавад касе ба чизе ҳақ пайдо мекунад, гуфтам, ки як сабаби муҷиди ҳақ ин аст, ки дар матни хилқат чизе барои чизи дигар ва ба хотири чизи дигар ба вуҷуд омада бошад. Масалан, шумо як вақт аз ин ҷиҳат худро соҳиби фалон хона медонед, ки он хонаро худатон сохтаед ва як вақт ҳаст, ки аз он ҷиҳат онро мутаъаллиқ ба худ медонед, ки он касе, ки аввал ин хонаро сохта, барои шумо ва ба қасди шумо сохтааст, дар мавқеъи иқомаи даъво мегӯед, ин хона моли ман аст, зеро фалонӣ барои ман сохтааст.

Мутолеа дар осори офариниш бо ин назм ва тартиб ва татбиқи бисёр ҳайратангезе, ки дар олам ҳаст, нишон медиҳад, ки воқеан ва дар матни хилқат баъзе мавҷудот барои баъзе дигар ба вуҷуд омадаанд. Навзод ва дастгоҳи ширсозӣ ва ширдиҳии модар, ду дастгоҳи мухталиф ва ғайри муртабитанд, аммо диққат дар ҷиҳозот ва ниёзҳои кӯдак ва таҷҳизоти хориқулъодаи ширсозӣ ва ширдиҳӣ ва интибоқи ин ду бар якдигар, яъне камоли таносуб миёни шири модар ва дастгоҳи ҳозимаи кӯдак, мерасонад, ки ин ду дар матни хилқат бо якдигар муртабитанд. Он дастгоҳи муфассал барои омода сохтани шир ва шир барои кӯдак ба вуҷуд омадааст. Ба ҳеч ваҷҳ наметавон эҳтимол дод, ки ҳадафе дар ба вуҷуд омадани пистон ва сохта шудани шир набуда, ба таври мусаллам ин шир барои ҳамин тифл ба вуҷуд омада. Дар матни воқеъ, як пайвастагии махсус байни аҷзои хилқат ҳаст, ки онҳоро ба якдигар татбиқ медиҳад. То тифл, тифл аст ва қодир ба таҳсили рӯзӣ ва таҳияи он нест, рӯзии ӯро омода дар паҳлӯяш яъне дар пистони модар қарор медиҳад, тадриҷан, ки қудрати бештаре пайдо мекунад ва дасту пой пайдо мекунад, ки роҳ биравад ва ақл ва ташхис пайдо мекунад, ки бо кунҷковӣ метавонад рӯзии худро ба

даст оварад, дигар рӯзии ӯ ба он омодагии аввал нест, мисли ин ки рӯзиро бармедоранд ба нуқтае дур даст мегузоранд, то биравад онро пайдо кунад ва истифода намояд.

Ба таври куллӣ таносубе ҳаст байни омодагии рӯзӣ ва миқдори тавоноии рӯзихӯр ва миқдори ҳидояте, ки ба сӯйи рӯзии худ шуда, як навъ робита ва кашише байни он ду ҳаст. Як вақт рӯзӣ вазифа дорад, ки ба сӯйи рӯзихӯр бидавад, мисли ин ки борон мукаллаф аст, ки бо маркаби абр ба сӯйи заминҳои хушк биравад:

وَهُوَ الَّذِي يُرْسِلُ الرِّيَاحَ بُشْرًا بَيْنَ يَدَيْ رَحْمَتِهِۦ حَتَّىٰٓ إِذَا أَقَلَّتْ سَحَابًا ثِقَالًا سُقْنَاهُ لِبَلَدٍ مَّيِّتٍ فَأَنْزَلْنَا بِهِ الْمَاءَ فَأَخْرَجْنَا بِهِ مِنْ كُلِّ الثَّمَرَاتِ

(*Аъроф/57*) (“*Ӯст, ки бодҳоро пешо пеши раҳмати худ (борон) муждадиҳанда мефиристад, то он гоҳ, ки он бодҳо абрҳои гаронбор бо худ бардоранд. Онҳоро ба сӯйи сарзамини мурда ва хушк биронем ва ба ин васила онро бар замин фуруд оварем ва ҳам ба ин васила анвоъи меваҳо аз замин берун оварем…*”)

Чун заминро по набошад, ҷуди ту,

Абрро ронад ба сӯйи ӯ дутӯ.

Тифлро чун по набошад, модараш

Ояду резад вазифа бар сараш.

(*Мавлоно*)

Дар як ҷо ҳам рӯзихӯр вазифа дорад, ки ба тарафи рӯзӣ ҳаракат кунад ва худро ба рӯзӣ бирасонад. Гиёҳон аз замин рӯзӣ мехӯранд ва танҳо аз маводди аввалия, яъне аз об, хок ва нур ва ҳаво метавонанд истифода кунанд ва ба ҳамон андоза васоили истифода ва иртизоқ дар ихтиёри онҳо қарор дода шуда ва ба ҳамон андоза ҳидоят шудаанд, ки метавонанд худро ба рӯзии худ бирасонанд, аз ҳаво ва хок ва нур ва рутубат истифода кунанд, яъне дар табиат вазифаи ҳаракат ба сӯйи маводди ғизоӣ ба ӯҳдаи онҳо гузошта шуда ва ба андозаи ҳоҷат ҳам васила дода шуда ва ҳидоят шудаанд.

Ҳайвонот, ки тавре дигар сохта шудаанд ва маводди аввалияи замин, ки дар ҳама ҷо ҳаст, барои онҳо кофӣ нест, василаи нақли макон ба онҳо дода шуда, аз нуқтае ба нуқтаи дигар мунтақил мешаванд, мисли гиёҳони по дар гил ва собит нестанд, дастгоҳи ҳидояти онҳо низ тақвият шуда, ба онҳо ҳавос ва майлҳо ва хоҳишҳо дода шуда, ба раҳбарии ҳавос ва ба таҳрики хоҳишҳо ва майлҳои нафсонӣ аз ҷойе ба ҷойи дигар мунтақил мешаванд, то маводди сонавияро, ки дар ҳама ҷо нест, ба даст оваранд. Маводди сонавия яъне гиёҳон ва ё ҳайвоноти дигар, обе, ки мавриди ниёзи онҳост рутубати замин нест, оби машруб лозим доранд. Он ҳам дар ҳама ҷо нест, бояд аз нуқтае ба нуқтаи дигар барои таҳсили оби машруб бираванд. Монанди гиёҳон дар баробари сармо ва гармо муқовамат

надоранд, эҳтиёҷ ба маскан ва ошёна доранд. Ба таносуби ин эҳтиёҷот, ба онҳо ҳисси биноӣ ва шунавоӣ ва чашоӣ дода шудааст, ба онҳо ғароиз ва роҳнамоиҳои ҳайратангези ғаризӣ дода шудааст, махсусан баъзе ҳашарот монанди мӯрча, ки аз лиҳози фаъолиятҳои ғаризӣ хеле фавқулъодаанд. Алӣ (а) дар мавриди ҳамин мӯрча мефармояд:

انظروا إلى النملة في صغر جثتها ولطافة هيئتها، لا تكاد تنال بلحظ البصر ولا بمستدرك الفكر، كيف دبت على أرضها وصبت على رزقها، تنقل الحبةإلى جحرها، وتعدها في مستقرها، تجمع في حرها لبردها، وفي وردها لصدرها

Яъне дар кори ин мӯрча диққат кунед, бибинед бо ин ҷуссаи кӯчак ва андоми нозук, ки наздик аст ба чашм дида нашавад ва фикри дурандеш ба ӯ нарасад, чӣ гуна дар рӯйи ин замин дар ҷунбиш аст ва чӣ гуна ба рӯзии худ ишқ меварзад ва донаҳоро ба лонаи худ мунтақил мекунад ва дар он ҷо бо камоли маҳорат ва устодӣ нигаҳдорӣ мекунад, дар авқоти гармо барои ҳангоми сармо ва дар замони вуруд барои замони хуруҷ озуқа захира мекунад.

ولو فكرت في مجاري أكلها في علوها وسفلها، وما في الجوف من شراسيف بطنها، وما في الرأس من عينها وأذنها، لقضيت من خلقها عجبا

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 227*) Агар дар маҷории ғизои ӯ аз боло то пойин биандешӣ, ки чӣ гуна ӯ он моддаи ғизоиро бо он андоми кӯчак фурӯ мебарад ва ҳазм мекунад ва касби нерӯ мекунад ва агар дар он чи дар атрофи шикам ба манзилаи устухонбандии дандаҳост фикр кунӣ ва агар дар чашмаш, ки дар сараш қарор дода шуда дақиқ шавӣ ва агар дастгоҳи шунавоии ӯро бифаҳмӣ, ғарқи шигифтӣ ва ҳайрат хоҳӣ шуд.
Ин намунае аз ҳайвонот аз лиҳози таҳсили рӯзӣ.

Инсон ва рӯзии ӯ

Аммо инсон: инсон, ки мавҷуде олитар ва роқитар аст ва он чи барои зиндагии ҳайвонҳо кофӣ аст, барои ӯ кофӣ нест, масъалаи таҳсили рӯзии ӯ шаклу вазъи дигаре дорад. Фосила байни рӯзӣ ва рӯзихӯр дар ин ҷо зиёдтар аст, бинобар ин васоили зиёдтаре дар ихтиёри ӯ қарор дода, дастгоҳи ҳидоят дар вуҷуди инсон тақвият шуда, ба ӯ ақл ва илм ва фикр дода шуда, ваҳӣ ва нубувват ба кӯмаки ӯ омада ва барояш вазифа ва таклиф муқаррар карда. Ҳамаи инҳо аз шуъуни раззоқияти Худованд аст. Пас ин ки гуфта шуда: *Ҳар он кас, ки дандон диҳад, нон диҳад.*
— набояд гуфт, ҳарфи ғалате аст. На! Ҳарфи дурусте аст, аммо на ба ин маънӣ, ки дандон доштан кофӣ аст, ки нони пухта ва омода бар сари суфраи инсон сабз шавад, балки ба

ин маънӣ, ки дар дастгоҳи хилқат байни нон ва дандон робита аст. Агар нон набуд, дандон набуд ва агар дандон ва соҳиби дандон набуд, нон набуд. Байни рӯзӣ ва рӯзихӯр ва васоили таҳсили рӯзӣ ва васоили хӯрдан ва ҳазму ҷазби рӯзӣ ва васоили ҳидоят ва роҳнамоӣ ба рӯзӣ, дар матни хилқат иртибот аст.

Он кас, ки инсонро дар табиат офарида ва ба ӯ нон дода, нон, яъне маводди қобили истифодаро ҳам дар табиат офарида, фикр ва андеша ва нерӯи амал ва таҳсил ва ҳисси анҷоми вазифаро ҳам офаридааст.

Пас, лозимаи ин ки Худо, ҳам нон дода ва ҳам дандон, лозимаи раззоқияти Худо, ин нест, ки кору кӯшиш ва фаъолияту амал ва касбу кор лозим нест, ба кор андохтани андеша барои пайдо кардани роҳи беҳтари таҳсили рӯзӣ лозим нест, дифоъ аз ҳуқуқ лозим нест, зеро нон ва дандон ва нерӯи касбу кор ва қувваи фикрӣ ва димоғӣ ва вазифа ва таклифи ақлӣ ва динӣ барои таҳсили рӯзӣ, ҳама ҷузъи як дастгоҳанд, ҳамаи инҳо тавъаман мазҳари раззоқияти Худованданд.

Пас, бар мо лозим аст, ки баъд аз он ки робитаи рӯзӣ ва рӯзихӯрро донистем ва донистем, ки васоиле барои расидани рӯзӣ ба рӯзихӯр офарида шуда ва таклифе ҳам барои таҳсили он мутаваҷҷеҳи мо ҳаст, кӯшиш кунем бибинем беҳтарин ва солимтарин роҳ барои расидан ба рӯзӣ чист ва қуввaҳои худро дар он роҳ ба кор биандозем ва ба Худованд, ки холиқи ин роҳ аст таваккул кунем.

Таваккул

Таваккул яъне чӣ? Таваккул дар муқобили ҷаҳду саъй нест, ки оё ҷаҳду саъй кунем ё таваккул? **Таваккул яъне инсон ҳамеша ба он чи муқтазои ҳақ аст амал кунад ва дар ин роҳ ба Худо эътимод кунад, ки Худованд ҳомӣ ва пуштибони касоне аст, ки ҳомӣ ва пуштибони ҳақ мебошанд.**

Таваккул тазмини илоҳӣ аст барои касе, ки ҳамеша ҳомӣ ва пуштибони ҳақ аст. Мисоле арз мекунем: шумо меравед ба мағозае ва матоъе харидорӣ мекунед ва соҳиби он мағоза марғубияти он матоъро тазмин мекунад ва ба шумо итминон медиҳад ва шумо ҳам ба гуфтаи ӯ эътимод мекунед, яъне мутмаин мешавед, ки матоъи мавриди назар, ҳамон андоза марғуб аст, ки ӯ гуфтааст. Роҳи ҳақ чизе аст, ки анбиё аз тарафи Худо онро шиносонда ва аз тарафи Худо онро тазмин кардаанд, ки ҳар ки ин роҳро биравад, ба натиҷа мерасад. Худованд ин оламро тавре сохтааст, ки ҳамвора аз касоне, ки ҳақ ва ҳақиқатро ҳимоят кунанд, ҳимоят мекунад. Ҳақ ҳамвора як таъйиди маънавӣ бо худ дорад. Анбиё мегӯянд, ба Худо таваккул кунед ва дар роҳи Худо муҷоҳида кунед, ба

Худо таваккул ва эътимод кунед ва дар талаби ризқу рӯзӣ аз роҳи солим ва машрӯъ мунҳариф нашавед. Яъне агар роҳи Худоро биравед, аз навъе ҳимояти илоҳӣ бархӯрдор хоҳед шуд.

Маънии таваккул ин нест, ки коре накунед ва қуввахои вуҷудии худро таътил кунед ва як ҷо биншинед ва ба Худо эътимод кунед, ки ӯ ба ҷойи шумо вазифаро анҷом медиҳад. Кор накардан ва роҳ нарафтан, ки тазмин намехоҳад, сукун ва таваққуф таъйиде намехоҳад. Сукун ва таваққуф ва таътили қуввахо чизе нест, ки асаре дошта бошад ва он асар аз тарафи Худо ё ғайри Худо қобили тазмин бошад.

Агар Қуръони Каримро истиқсо бикунед мебинед, ки таваккулро ба ҳамин маънӣ зикр мекунад. Қуръон мегӯяд, аз паймудани роҳи ҳақ натарсед ва ба Худо таваккул кунед, аз нерӯи ботил натарсед ва ба Худо таваккул кунед. Ба унвони намуна, ду ояте аз Қуръони Каримро дар ин замина зикр мекунам:

Яке, ояте аст, ки аз забони ҳама пайғамбароне, ки баъд аз Нӯҳ омадаанд зикр мекунад. Онҳо ба мардуме, ки бо онҳо мухолифат мекарданд ва садди роҳи онҳо мешуданд, мегуфтанд:

وَمَا لَنَا أَلَّا نَتَوَكَّلَ عَلَى اللَّهِ وَقَدْ هَدَانَا سُبُلَنَا ۚ وَلَنَصْبِرَنَّ عَلَىٰ مَا آذَيْتُمُونَا ۚ وَعَلَى اللَّهِ فَلْيَتَوَكَّلِ الْمُتَوَكِّلُونَ

(*Иброҳим/12*) Яъне чаро мо бар Худо таваккул ва эътимод накунем ва ҳол он ки Худо роҳро ба мо нишон дода ва албатта мо он роҳро хоҳем рафт ва ҳар чи шумо моро шиканҷа диҳед, мо сабр ва истиқомат хоҳем кард, эътимодкунандагон бояд танҳо бар Худо эътимод ва таваккул кунанд.

Ин оят дар камоли сароҳат таваккулро ба сурати як амри мусбат зикр мекунад, роҳе ҳаст ва паймудане ҳаст ва ранҷу машаққатҳое дар ин паймудан ҳаст, ки иродаро суст ва азиматро фасх мекунад. Анбиё мегӯянд: мо аз нерӯи ботил нахоҳем ҳаросид ва ба Худо эътимод мекунем ва роҳи ҳақро меравем.

Ояти дигар, дар бораи шахси Расули Акрам (с) аст. Ин оят низ дар камоли сароҳат таваккулро дар як мафҳуми мусбат ёдоварӣ мекунад, мефармояд:

فَإِذَا عَزَمْتَ فَتَوَكَّلْ عَلَى اللَّهِ

(*Оли Имрон/159*) Эй пайғамбар! Ҳаминки азм кардӣ ва тасмим гирифтӣ, ба Худо эътимод кун ва кори худро дунбол кун.

Намегӯяд, биншин ва даст рӯйи даст бигузор ва таваккул кун, мегӯяд, кори худро бикун ва ба Худо таваккул кун. Ин аст маънии таваккул ва он аст маънии раззоқияти илоҳӣ.

Гуфтори 7:

Имом Содиқ (а)

Ба муносибати ин ки имрӯз рӯзи вафоти имоми шашум, Содиқи аҳлул-байт алайҳимус-салом аст, суханони ман дар атрофи он шахсияти бузургвор ва нукоте аз сираи он ҳазрат хоҳад буд.

Имом Содиқ (а) дар моҳи Рабиъулаввали соли 83 ҳичрӣ дар замони хилофати Абдулмалик ибни Марвони Умавӣ ба дунё омад ва дар моҳи Шаввол ё моҳи Раҷаб дар соли 148 ҳичрӣ дар замони хилофати Абӯҷаъфари Мансури Аббосӣ аз дунё реҳлат кард. Дар замони як халифаи боҳуши саффоки умавӣ ба дунё омад ва дар замони як халифаи муқтадири боҳуш ва саффоки аббосӣ аз дунё реҳлат кард. Ва дар он байн, шоҳиди давраи фатрати хилофат ва интиқоли он аз дудмоне ба дудмони дигар буд. Модари он ҳазрат, ҳамон тавре, ки дар “Кофӣ” ва “Биҳор” ва соири китобҳо забт шуда, Умми Фарва духтари Қосим ибни Муҳаммад ибни Абӯбакр буд. Аз ин рӯ аз тарафи модар, насаби он ҳазрат ба Абӯбакр мерасид. Ва чун Қосим ибни Муҳаммад ибни Абӯбакр бо духтарамуи худ Асмо духтари Абдурраҳмон ибни Абӯбакр издивоҷ карда буд, бинобар ин модари он ҳазрат, ҳам аз тарафи падар наводаи Абӯбакр аст ва ҳам аз тарафи модар ва бинобар ин ҳазрати Содиқ (а) мефармуда:

ولدني أبوبكر مرتين

Яъне Абӯбакр ду бор маро ба дунё овард, аз ду роҳ насаби ман ба Абӯбакр мерасад.

Фурсати тиллоӣ

Имом Содиқ (а) шайхул-аимма аст. Аз ҳамаи имомони дигар умри бештаре насиби эшон шуд. 65-сола буд, ки аз дунё реҳлат фармуд. Умри нисбатан тавили он ҳазрат ва футуре, ки дар дастгоҳи хилофат рух дод, ки умавиён ва аббосиён саргарми заду хӯрд бо якдигар буданд, фурсате тиллоӣ барои имом ба вуҷуд овард, ки басоти ифоза ва таълимро бигустаронад ва ба таълиму тарбият ва таъсиси ҳавзаи илмии азиме бипардозад, ҷумлаи:

قال الصادق

— шиори илми ҳадис шавад ва ба нашру пахши ҳақоиқи ислом муваффақ гардад. Аз он замон то замони мо ҳар кас аз уламо ва донишмандон аъамм аз шиъимазҳаб ва ғайра, ки номи он ҳазратро дар китобҳо ва осори худ зикр кардаанд, бо зикри ҳавза ва мадрасае, ки он ҳазрат таъсис кард ва шогирдони зиёде, ки тарбият кард ва равнақе, ки ба бозори

илму фарҳанги исломӣ дод, тавъам зикр кардаанд, ҳамон тавре, ки ҳама ба мақоми тақво ва маънавият ва ибодати он ҳазрат низ эътироф кардаанд.

Шайх Муфид, аз уламои шиъа мегӯяд, он қадр осори илмӣ аз он ҳазрат нақл шуда, ки дар ҳамаи билод мунташир шуда, аз ҳеч кадом аз уламои аҳли байт он қадр, ки аз он ҳазрат нақл шуд, нақл нашуда. Асҳоби ҳадис номи касонеро, ки дар хидмати он ҳазрат шогирдӣ карда ва аз хирмани вуҷудаш хӯша гирифтаанд забт кардаанд, чаҳор ҳазор нафар будаанд ва дар миёни инҳо аз ҳамаи табақот ва соҳибони ақоид ва оро ва афкори гуногун будаанд. Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ, аз уламои бузурги аҳли тасаннун ва соҳиби китоби маъруфи “Ал-милалу ван-ниҳал” дар бораи он ҳазрат мегӯяд:

هو ذو علم غزير، وأدب كامل في الحكمة، وزهد في الدنيا، وورع عن الشهوات

Яъне ӯ, ҳам дорои илм ва ҳикмати фаровон ва ҳам дорои зуҳд ва вараъ ва тақвои комил буд. Баъд мегӯяд: муддатҳо дар Мадина буд, шогирдон ва шиъаёни худро таълим мекард ва муддате ҳам дар Ироқ иқомат кард ва дар ҳамаи умр мутаъарризи ҷоҳу мақом ва риёсат нашуд ва саргарми таълиму тарбият буд. Дар охири каломаш дар баёни иллати ин ки Имом Содиқ (а) таваҷҷӯҳе ба ҷоҳу мақом ва риёсат надошт, ин тавр мегӯяд:

من غرق في بحر المعرفة لم يقع في شط، ومن تعلاّ إلى ذروة الحقيقة لم يخف من حط

Яъне он ки дар дарёи маориф ғӯтавар аст, ба хушкии соҳил тан дарнамедиҳад ва касе, ки ба қуллаи аълои ҳақиқат расида, нигарони пастӣ ва инҳитот нест. (*Ин ҷумла аз Абилавҷо аст, на Шаҳристонӣ. С.И.*)

Калимоте, ки бузургони исломӣ аз ҳар фирқа ва мазҳаб дар таҷлили мақоми Имом Содиқ Салавотуллоҳи алайҳ гуфтаанд зиёд аст.

Манзурам нақли онҳо нест, манзурам ишорае буд ба ин ки ҳар кас Имом Содиқ (а)-ро мешиносад, он ҳазратро бо ҳавза ва мадрасае азим ва пурнафъу самар, ки осораш ҳанӯз боқӣ ва зинда аст мешиносад. Ҳавзаҳои илмияи имрӯзи шиъа имтидод ҳавзаи он рӯзи он ҳазрат аст.

Сухан дар атрофи Имом Содиқ Саломуллоҳи алайҳ майдон васеъе дорад, дар қисматҳои мухталиф метавон сухан гуфт, зеро аввалан, суханони худи он ҳазрат дар қисматҳои мухталиф, махсусан дар ҳикмати амалӣ ва мавъиза, зиёд аст ва шоистаи унвон кардан аст. Сониян, дар таърихи зиндагии он ҳазрат қазоёи ҷолиб ва омӯзанда фаровон аст, ба илова эҳтиҷоҷот ва истидлолоти олӣ ва пурмаънӣ бо даҳриҳо ва арбоби адён ва мутакаллимони фирақи дигари исломӣ ва соҳибони оро ва ақоиди мухталиф бисёр дорад, ки ҳама қобили истифода аст.

Гузашта аз ҳамаи инҳо, таърихи муосири он ҳазрат, ки бо худи он ҳазрат ё шогирдони он ҳазрат муртабит аст, шуниданӣ ва омӯхтанӣ аст.

Сира ва равиши Имом

Ин банда имрӯз ароизи худро ихтисос медиҳам ба муқоисае байни сира ва равише, ки Имом Содиқ (а) дар замони худ интихоб кард бо сира ва равише, ки баъзе аз аҷдоди бузургвори он ҳазрат доштанд, ки гоҳе ба зоҳир мухолифи якдигар менамояд, рамзу сирри ин матлабро арз мекунам ва аз ҳамин ҷо як нуктаи муҳимро истифода мекунам, ки барои имрӯзи мо ва барои ҳамеша бисёр судманд аст.

Фоидаи сираҳои гуногуни маъсумин

Мо шиъаён, ки ба имомати имомони дувоздаҳгона эътиқод дорем ва ҳамаи онҳоро авсиёи Пайғамбари Акрам ва муфассир ва тавзеҳдиҳандаи ҳақоиқи ислом медонем ва гуфтори онҳоро гуфтори пайғамбар ва кирдори онҳоро кирдори пайғамбар ва сираи онҳоро сираи пайғамбар (с) медонем, аз имконоте дар шинохти ҳақоиқи исломӣ баҳрамандем, ки дигарон маҳруманд.

Ва чун вафоти ҳазрати Имом Ҳасани Аскарӣ (а), ки имоми ёздаҳум аст ва баъд аз эшон давраи ғайбат пеш омад, дар соли 260 воқеъ шуд, аз назари мо шиъаён, мисли ин аст, ки Пайғамбари Акрам то соли 260 ҳичрӣ зинда буд ва дар ҳамаи ин замонҳо бо ҳамаи таҳаввулот ва тағйирот ва ихтилофи шароит ва авзоъ ва муқатазаёт, ҳозир буд.

Албатта намехоҳам бигӯям, ки асари вуҷуди Пайғамбари Акрам агар зинда буд чӣ буд ва оё агар фаразан он ҳазрат дар ин муддат ҳаёт медошт чӣ ҳаводисе дар олами ислом пеш меомад. На, балки мақсудам ин аст, ки аз назари мо шиъаён, ки мӯътақид ба имомат ва висоят ҳастем, вуҷуди имомони атҳор аз ҷанбаи ҳуҷҷияти қатъии гуфтор ва кирдор ва сира дар ин муддати тӯлонӣ мисли ин аст, ки шахси пайғамбар, вале на дар либоси нубувват ва зиъомат, балки дар либоси як фарди мусалмони омил ба вазифа вуҷуд дошта бошад ва давраҳои мухталиферо, ки бар олами ислом дар он муддат гузашт шоҳид бошад ва дар ҳар даврае вазифаи худро бидуни хато ва иштибоҳ, мутаносиб бо ҳамон давра анҷом диҳад. Бадеҳӣ аст, ки бо ин фарз, мусалмонон беҳтар ва равшантар метавонанд вазоифи худро дар ҳар асру замоне дарёбанд ва ташхис диҳанд.

Таъорузи зоҳирии сираҳо ва зарурати ҳалли онҳо

Мо дар сираи пешвоёни дин ба умуре бармехӯрем, ки ба ҳасби зоҳир бо якдигар танокуз ва таъоруз доранд, ҳамчунон ки дар ахбор ва осоре, ки аз пешвоёни дин расида, аҳёнан ҳамин таъоруз ва танокуз дида мешавад. Дар он қисмат аз ахбор ва ривоятҳои мутаъориз, ки марбут ба фиқҳ ва аҳком аст, уламо дар мақоми ҳал ва илоҷи он таъорузҳо баромадаанд, ки дар маҳалли худ мазкур аст, дар сира ва равиши пешвоёни дин ҳам ҳамин таъоруз ва танокуз дар бодии амр дида мешавад. Бояд дид роҳи ҳалли он чист?

Агар дар ахбори мутаъориз, ки дар фиқҳ ва аҳком нақл шуда, таъорузҳо ҳал нагардад ва ҳар касе як хабар ва ҳадисеро мустамсаки худ қарор диҳад ва амал кунад, мусталзими ҳарҷу марҷ хоҳад буд. Сира ва равиши пешвоёни дин ҳам, ки бо якдигар ба зоҳир ихтилоф дорад, ҳамин тавр аст, агар ҳал нагардад ва рамзи матлаб маълум нашавад, мусталзими ҳарҷу марҷи ахлоқӣ ва иҷтимоӣ хоҳад буд. Мумкин аст ҳар касе ба ҳавои нафси худ як роҳеро пеш бигирад ва баъд онро бо амале, ки дар як мавриди муайян ва як замони муайян аз яке аз имомон нақл шуда тавҷеҳ ва тафсир кунад. Боз як нафари дигар ба ҳавои худ ва мутобиқи майл ва салиқаи худ роҳе дигар зидди он роҳро пеш бигирад ва ӯ ҳам ба як амале аз яке аз имомон алайҳимус-салом, ки дар мавриди муайян ва замони муайян нақл шуда истинод кунад. Ва билохира ҳар касе мутобиқи майл ва салиқа ва ҳавои нафси худ роҳе пеш бигирад ва барои худ мустанаде ҳам пайдо кунад.

Масалан, мумкин аст як нафар табъан ва салиқатан ва тарбиятан сахтгир бошад ва зиндагии боқаноат ва камхарҷиро биписандад. Ҳаминки аз ӯ бипурсанд, чаро ин қадр бар худат ва хонаводаат сахт мегирӣ, бигӯяд, Расули Худо ва Алии Муртазо ҳамин тавр буданд, онҳо ҳаргиз ҷомаи хуб напӯшиданд ва ғизои лазиз нахӯраданд ва маркуби олӣ савор нашуданд ва маскани муҷаллал нанишастанд, онҳо нони ҷав мехӯрданд ва карбос мепӯшиданд ва бар шутур ё улоғ савор мешуданд ва дар хонаи гилӣ сукно мегузиданд.

Ва боз як нафари дигар табъан ва одатан хушгузарон ва аҳли таҷаммул бошад ва агар аз ӯ суол шавад, ки чаро ба кам намесозӣ ва қаноат намекунӣ ва зуҳд намеварзӣ, бигӯяд, чун Имом Ҳасани Муҷтабо ва ё Имом Ҷаъфари Содиқ ин тавр буданд, онҳо аз ғизои лазиз парҳез надоштанд, ҷомаи хуб мепӯшиданд, маркуби олӣ савор мешуданд, масокини муҷаллал ҳам аҳёнан доштанд.

Ҳамчунин мумкин аст як нафар ё афроде табъан ва мизоҷан сари пуршӯре дошта бошанд ва табъашон сукун ва оромишро написандад ва барои тавҷеҳи амали худ ба сираи Пайғамбари Акрам (с) дар садри ислом ё ба наҳзати ҳусайнӣ (а) истидлол кунанд. Ва як нафар ё афроди дигар, ки баръакс мизоҷан офиятталаб ва гӯшагир ва мунзавианд ва дар

нафси худ шаҳомат ва ҷуръате намебинанд, мавзӯъи тақия ва роҳу равиши Имом Содиқ (а) ё имомони дигарро мавриди истиноди худ қарор диҳанд. Он кас, ки масалан табъан муоширатӣ ва иҷтимоӣ аст, ба амал ва сираи як имом ва он кас, ки табъан аҳли узлат ва танҳоӣ аст, ба сираи як имоми дигар мутавассил шавад.

Бадеҳӣ аст дар ин сурат на танҳо сира ва равиш пок ва маънидори Расули Акрам ва имомони атҳор мавриди истифода қарор намегирад, балки василае хоҳад буд барои ин ки ҳар касе роҳи тавҷеҳе барои амали худ пайдо кунад ва ба даъват ва сухани касе гӯш надиҳад ва ҷомеа дучори ҳарҷу марҷ гардад.

Воқеан ҳам ҳамчун таъоруз ва танокузи зоҳирӣ дар сираи имомони атҳор алайҳимус-салом дида мешавад; мебинем масалан ҳазрати Имом Ҳасан (а) бо Муовия сулҳ мекунад ва аммо Имом Ҳусайн (а) қиём мекунад ва таслим намешавад, то шаҳид мегардад. Мебинем, ки Расули Худо ва Алии Муртазо дар замони худашон зоҳидона зиндагӣ мекарданд ва эҳтироз доштанд аз танаъум ва тачаммул, вале соири имомон ин тавр набуданд. Пас бояд ин таъорузҳоро ҳал кард ва рамзи онҳоро дарёфт.

Дарс ва таълим на таъоруз

Гуфтам, бояд ин таъорузро ҳал кард ва рамзи онро дарёфт, бале бояд рамзи онро дарёфт, воқеан рамзу сирре дорад. Ин таъоруз бо соири таъорузҳо фарқ дорад, таъорузе нест, ки ровиён ва ноқилони аҳодис ба вуҷуд оварда бошанд ва вазифаи мо он гуна ҳал ва рафъ бошад, ки маъмулан дар таъорузи нақлҳо мешавад, балки таъорузе аст, ки худи ислом ба вуҷуд оварда, яъне руҳи зинда ва сайёли таълимот исломӣ онро эҷоб мекунад. Бинобар ин, ин таъорузҳо дар воқеъ дарс ва таълим аст, на таъоруз ва танокуз, дарси бисёр-бузург ва пурмаънӣ ва омӯзанда. Матлабро дар атрофи ҳамон ду мисоле, ки арз кардам тавзеҳ медиҳам: яке мисоли сахтгирӣ ва зиндагии зоҳидона дар муқобили зиндагии мақрун ба тачаммул ва тавсиъа дар васоилм зиндагӣ ва яке ҳам мисолм қиём ва наҳзат дар муқобилм сукут ва тақия. Ҳамин ду мисол барои намуна кофӣ аст. Аммо мисоли аввал:

Фалсафаи зуҳд

Ба таври мусаллам, Расули Худо ва Алии Муртазо алайҳимас-салом зоҳидона зиндагӣ мекарданд ва дар зиндагӣ бар худ сахт мегирифтанд. Ин амалро ду наҳв метавон тафсир кард:

Яке ин ки бигӯем: дастури ислом ба таври мутлақ барои башар ин аст, ки аз неъматҳо ва хайрҳои ин ҷаҳон мӯҳтариз (эҳтиқткор) бошад, ислом ҳамон тавре, ки ба ихлос дар амал ва тавҳид дар ибодат ва ба сидқу амонат ва сафо ва муҳаббат дастур медиҳад, ба эҳтироз ва эъроз аз неъматҳои дунё ҳам дастур медиҳад, ҳамон тавре, ки он умур биззот барои башар камоланд ва дар ҳамаи замонҳо мардум бояд муваҳҳид бошанд, сидқу амонат ва сафо ва муҳаббат дошта бошанд, аз дурӯғ ва дағал ва забунӣ парҳез дошта бошанд, ҳамин тавр дар ҳамаи замонҳо ва дар ҳар навъ шароите, лозим аст, ки аз неъматҳо ва хайроти дунё эҳтироз дошта бошанд.

Тафсири дигар ин ки бигӯем: фарқ аст байни он умур, ки марбут ба ақида ва ё ахлоқ ва ё робитаи инсон бо Худои худаш аст ва байни ин амр, ки марбут ба интихоби тарзи маъишат аст. Ин ки Расули Худо ва Алии Муртазо бар худ дар ғизо ва либос ва маскан ва ғайра сахт мегирифтанд, на аз ин ҷиҳат аст, ки тавсиъа дар зиндагӣ биззот зишт ва нописанд аст, балки марбут ба чизҳои дигар буда. Яке марбут буда ба вазъи асру замонашон, ки барои умуми мардум васила фароҳам набуд, фақри умумӣ зиёд буд. Дар ҳамчу авзоъе мувосот ва ҳамдардӣ иқтизо мекард, ки ба кам қаноат кунанд ва мобақиро инфоқ кунанд. Ба илова, онҳо дар замони худ заъим ва пешво буданд, вазифаи заъим ва пешво, ки чашми ҳама ба ӯст, бо дигарон фарқ дорад.

Вақте, ки Алӣ (а) дар Басра бар марде ба номи Алоъ ибни Зиёди Ҳорисӣ ворид шуд, ӯ аз бародараш шикоят кард ва гуфт: бародарам торики дунё шуда ва ҷомаи кӯҳна пӯшида ва зану фарзандро яксара тарк карда. Фармуд: ҳозираш кунед. Вақте, ки ҳозир шуд, фармуд: чаро бар худ сахт мегирӣ ва худро заҷр медиҳӣ? Чаро бар зану баччаат раҳм намекунӣ? Оё Худованд, ки неъматҳои покизаи дунёро офарида ва ҳалол карда, кароҳат дорад, ки ту аз онҳо истифода кунӣ? Оё ту ин тавр фикр мекунӣ, ки Худованд дӯст намедорад бандааш аз неъматаш баҳра бибарад? Арз кард:

هذا أنت في خشونة ملبسك وجشوبة مأكلك

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 200*) Гуфт: ё Амирулмӯъминин! Худат ҳам, ки мисли манӣ, ту ҳам, ки аз ҷомаи хуб ва ғизои хуб парҳез дорӣ. Фармуд: ман бо ту фарқ дорам. Ман имом ва пешвои умматам, масъули зиндагии умумӣ ҳастам, бояд дар тавсиъа ва рифоҳи зиндагии умумӣ то он ҳадде, ки мақдур аст саъй кунам. Он андоза, ки муяссар нашуд ва мардуме фақир боқӣ монданд, бар ман аз он ҷиҳат, ки дар ин мақом ҳастам, лозим аст дар ҳадди заъифтарин ва фақиртарини мардум зиндагӣ кунам, то фақр ва маҳрумият фуқароро зиёд нороҳат накунад. Лоақал аз оломи руҳии онҳо бикоҳам, мӯҷиби тасаллии хотири онҳо гардам.

Ин буд ду навъ тафсире, ки аз тарзи зиндагонии зоҳидонаи Расули Худо ва Алии Муртазо алайҳимас-салом метавон кард.

Агар тафсири аввал саҳеҳ мебуд, мебоист ҳама дар ҳамаи замонҳо хоҳ он ки васила барои умум фароҳам бошад, хоҳ набошад, хоҳ он ки мардум дар вусъат бошанд, хоҳ набошанд, он тавр зиндагонӣ кунанд. Ва албатта соири имомон алайҳимус-салом ҳам дар дараҷаи аввал аз он тарзи зиндагӣ пайравӣ мекарданд.

Ва аммо агар тафсири дуввум саҳеҳ аст, на, лозим нест ҳама аз он пайравӣ кунанд, он тавр зиндагӣ марбут ба авзоъе назири авзоъи он замон буда, дар замонҳои ғайри мушобеҳ бо он замон, пайравӣ лозим нест. Вақте, ки ба аҳвол ва зиндагӣ ва суханони Имом Содиқ (а) муроҷеа мекунем, мебинем он ҳазрат, ки зоҳири зиндагиаш бо пайғамбар ва Алӣ фарқ дорад, ба хотири ҳамин нукта буда ва худи он ҳазрат ин нуктаро ба мардуми замонаш дар бораи фалсафаи зуҳд гӯшзад кардааст. Инҳо, ки арз кардам, аз таълимоти он ҳазрат иқтибос шуд.

Дар замони Имом Содиқ (а) гурӯҳе пайдо шуданд, ки сираи Расули Акрамро дар зуҳд ва эъроз аз дунё ба наҳви аввал тафсир мекарданд; мӯътақид буданд, ки мусалмон ҳамеша ва дар ҳар замоне бояд кӯшиш кунад аз неъматҳои дунё эҳтироз кунад. Ба ин маслак ва равиши худ номи зуҳд медоданд ва худашон дар он замон ба номи ”мутасаввифа“ хонда мешуданд. Суфёни Саврӣ яке аз онҳост. Суфён яке аз фуқаҳои тасаннун ба шумор меравад ва дар китобҳои фиқҳӣ ақвол ва орои ӯ зиёд нақл мешавад. Ин шахс муосир бо Имом Содиқ (а) аст ва дар хидмати он ҳазрат рафту омад ва суолу ҷавоб мекарда.

Дар “Кофӣ” менависад, рӯзе Суфён бар он ҳазрат ворид шуд, дид имом ҷомаи сафед ва латиф ва зебое пӯшида, эътироз кард ва гуфт: ё ибна Расулиллоҳ! Сазовори ту нест, ки худро ба дунё олуда созӣ. Имом ба ӯ фармуд: мумкин аст ин гумон барои ту аз вазъи зиндагии Расули Худо ва саҳоба пайдо шуда бошад. Он вазъ дар назари ту муҷассам шуда ва гумон кардаӣ ин як вазифае аст аз тарафи Худованд мисли соири вазоиф ва мусалмонон бояд то қиёмат онро ҳифз кунанд ва ҳамон тавр зиндагӣ кунанд, аммо бидон, ки ин тавр нест. Расули Худо дар замоне ва ҷойе зиндагӣ мекард, ки фақр ва тангдастӣ муставлӣ буд ва оммаи мардум аз доштани васоил ва лавозими аввалияи зиндагӣ маҳрум буданд. Агар дар асре ва замоне васоил ва лавозим фароҳам шуд, дигар далеле барои он тарзи зиндагӣ нест, балки сазовортарин мардум барои истифода аз мавҳибатҳои илоҳӣ, мусалмонон ва солеҳонанд, на дигарон.

Ин достон бисёр муфассал ва ҷомеъ аст ва имом дар ҷавоби Суфён, ки баъд руфақояш ҳам ба ӯ мулҳақ шуданд истидлолоти зиёде бар муддаъои худ ва бутлони муддаъои онҳо кард, ки феълан маҷоли нақли ҳамаи онҳо нест.

Усули собит ва усули мутағайир

Ин ихтилоф ва таъорузи зоҳирии сира, ба кӯмаки баёноте, ки аз пешвоёни дин расида, барои мо равшан мекунад аз назари ислом дар боби маъишат ва лавозими зиндагӣ чизҳое аст, ки усули собит ва тағйирнопазир ба шумор меравад ва чизҳое аст, ки ин тавр нест.

Як асли собит ва тағйирнопазир ин аст, ки як нафар мусалмон бояд зиндагии худро аз зиндагии умумӣ ҷудо надонад, бояд зиндагии худро бо зиндагии умуми татбиқ диҳад. Маънӣ надорад дар ҳоле, ки умуми мардум дар бадбахтӣ зиндагӣ мекунанд, иддаи дигар бо мустамсак қарор додани:

قُلْ مَنْ حَرَّمَ زِينَةَ اللَّهِ الَّتِي أَخْرَجَ لِعِبَادِهِ وَالطَّيِّبَاتِ مِنَ الرِّزْقِ

(*Аъроф/32*), дар дарёи неъмат ғӯтавар бишаванд, ҳарчанд фарз кунем, ки аз роҳи ҳалол ба чанг оварда бошанд.

Худи Имом Содиқ Саломуллоҳи алайҳ, ки ба иқтизои замон зиндагиро бар хонадони худ тавсиъа дода буд, як вақт иттифоқ афтод, ки нархи хорбор тараққӣ кард ва қаҳту ғало падид омад. Ба ходим худ фармуд: чӣ қадр озуқа ва гандуми захира мавҷуд дорем? Арз кард: зиёд дорем, то чанд моҳ моро бас аст. Фармуд: ҳамаи онҳоро бибар ва дар бозор ба мардум бифурӯш. Гуфт: агар бифурӯшам, дигар нахоҳам тавонист гандуме таҳия кунам. Фармуд: лозим нест, баъд мисли соири мардум рӯз ба рӯз аз нонвоӣ таҳия хоҳем кард. Ва дастур дод, аз он ба баъд ходим ноне, ки таҳия мекунад, нисф ҷав ва нисф гандум бошад, яъне аз ҳамон ноне бошад, ки аксари мардум истифода мекарданд. Фармуд: ман тамаккун дорам ба фарзандони худам дар ин сахтӣ ва тангдастӣ нони гандум бидиҳам, аммо дӯст дорам Худованд бибинад ман бо мардум мувосот мекунам.

Асли собит ва тағйирнопазири дигаре, ки дар ҳамаи ҳол ва ҳамаи замонҳо писандида аст, зуҳд ба маънии иззати нафс ва маноъати табъ ва баландназарӣ аст, ки инсон дар ҳамаи ҳол ва ҳамаи замонҳо хуб аст нисбат ба умури моддӣ беэътино бошад, динро ба дунё ва фазилату ахлоқро ба пулу мақом нафурӯшад, ба умури моддӣ ба чашми васила нигоҳ кунад ва на ба чашми ҳадаф ва мақсад. Аммо соири умур, ки марбут ба тавсиъа ва тазйиқ ва буду набуди васоили зиндагӣ аст, як амри собит ва тағйирнопазири нест, мумкин аст дар замоне таклиф ҷуре иқтизо кунад ва дар замоне дигар ҷури дигар, ҳамон тавре, ки Расули Худо ва Алии Муртазо алайҳимас-салом тавре зиндагӣ карданд ва соири имомон алайҳимус-салом таври дигар.

Қиём ё сукут?

Мисоли дигар, ки мисол задам, масъалаи қиём ва сукут буд. Ин масъала ҳам бисёр қобили баҳс аст, фурсат нахоҳад буд, ки дар ин ҷаласа ба таври комил дар атрофи ин матлаб баҳс кунам. Барои намуна Сайидушшуҳадо Саломуллоҳи алайҳро аз як тараф ва Имом Содиқ (а)-ро аз тарафи дигар зикр мекунам. Имом Ҳусайн (а) бидуни парво бо он ки қароин ва нишонаҳо ҳатто гуфтаҳои худи он ҳазрат ҳикоят мекард, ки шаҳид хоҳад шуд, қиём кард, вале Имом Содиқ (а) бо он ки ба суроғаш рафтанд, эътино нанамуд ва қиём накард. Тарҷеҳ дод, ки дар хона биншинад ва ба кори таълиму тадрис ва иршод бипардозад.

Ба зоҳир, таъоруз ва таноқузе ба назар мерасад, ки агар дар муқобили зулм бояд қиём кард ва аз ҳеч хатар парво накард, пас чаро Имом Содиқ (а) қиём накард, балки дар зиндагӣ мутлақан роҳи тақия пеш гирифт? Ва агар бояд тақия кард ва вазифаи имом ин аст, ки ба таълиму иршод ва ҳидояти мардум бипардозад, пас чаро Имом Ҳусайн (а) ин корро накард?

Дар ин ҷо лозим аст ишорае ба авзоъи сиёсии замони ҳазрати Содиқ (а) бикунам ва баъд ба ҷавоби ин суол бипардозам.

Авзоъи сиёсӣ дар аҳди Имом Содиқ (а)

Дар замони Имом Содиқ (а) хилофат аз дудмони умавӣ ба дудмони аббосӣ мунтақил шуд. Аббосиён аз Банӣ Ҳошиманд ва амузодагони алавиҳо ба шумор мераванд. Дар охири аҳди умавиҳо, ки кори Марвон ибни Муҳаммад, охирин халифаи умавӣ, ба иллатҳое суст шуд, гурӯҳе аз аббосиҳо ва алавиҳо даст ба кори таблиғу даъват шуданд. Алавиҳо ду даста буданд: Банӣ Ҳасан, ки авлоди Имом Муҷтабо буданд ва Банӣ Ҳусайн, ки авлоди Сайидушшуҳадо алайҳимас-салом буданд. Ғолиби Банӣ Ҳусайн, ки дар раъсашон ҳазрати Содиқ (а) буд, аз фаъолият ибо карданд. Мукаррар ҳазрати Содиқ даъват шуд ва напазируфт. Ибтидои амр сухан дар атрофи алавиҳо буд. Аббосиҳо ба зоҳир ба нафъи алавиҳо таблиғ мекарданд. Саффоҳ ва Мансур ва бародари бузургтарашон Иброҳим ал-Имом, бо Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Ҳасан ибни Ҳасан маъруф ба Нафси Закийя байъат карданд ва ҳатто Мансур, ки баъдҳо қотили ҳамин Муҳаммад шуд, дар оғози амр, рикоби Абдуллоҳ ибни Ҳасанро мегирифт ва монанди як хидматкор ҷомаи ӯро аз рӯйи зини асб мураттаб мекард, зеро аббосиён медонистанд, ки замина ва маҳбубият аз алавиҳост. Аббосиҳо мардуме набуданд, ки дилашон ба ҳоли

дин сӯхта бошад, ҳадафашон дунё буд ва чизе ҷуз мақом ва риёсат ва хилофат намехостанд.

Ҳазрати Содиқ (а) аз аввал аз ҳамкорӣ бо инҳо имтиноъ варзид. Банӣ Аббос аз ҳамон аввал, ки дуот ва мубаллиғонро мефиристоданд, ба номи шахси муайян намефиристоданд, ба унвони ”Арризо мин оли Муҳаммад“, яъне “Яке аз аҳли байти пайғамбар (с), ки шоиста бошад” таблиғ мекарданд ва дар ниҳон, ҷоддаро барои худ соф мекарданд.

Ду нафар аз дуоти онҳо аз ҳама маъруфтаранд: яке араб ба номи Абӯсаламаи Хилол, ки дар Кӯфа махфӣ мезист ва соири дуот ва мубаллиғонро идора мекард ва ба ӯ ”вазири оли Муҳаммад“ лақаб дода буданд ва аввалин бор калимаи ”вазир“ дар ислом ба ӯ гуфта шуд. Ва яке эронӣ, ки ҳамон сардори маъруф, Абӯмуслими Хуросонӣ аст ва ба ӯ ”амири оли Муҳаммад“ лақаб дода буданд. Мутобиқи нақли Масъудӣ дар “Муруҷуз-заҳаб”, баъд аз кушта шудани Иброҳими Имом (бародари бузургтари Саффоҳ ва Мансур, ки Саффоҳро васӣ ва ҷонишини худ қарор дода буд), назари Абӯсалама бар ин шуд, ки даъватро аз аббосиҳо ба алавиҳо мутаваҷҷеҳ кунад. Ду нома ба як мазмун ба Мадина навишт ва ба василаи як нафар фиристод. Яке барои ҳазрати Содиқ (а), ки раъс ва раиси Банӣ Ҳусайн буд ва яке барои Абдуллоҳ ибни Ҳасан ибни Ҳасан, ки бузурги Банӣ Ҳасан буд. Имом Содиқ (а) ба он нома эътиное накард ва ҳангоме, ки фиристода исрор кард ва ҷавоб хост, дар ҳузури худи ӯ номаро бо шӯълаи чароғ сӯхт ва фармуд: ҷавоби номаат ин аст! Аммо Абдуллоҳ ибни Ҳасан фиреб хӯрд ва хушҳол шуд ва бо ин ки ҳазрати Содиқ (а) ба ӯ фармуд, ки фоида надорад ва Банӣ Аббос нахоҳанд гузошт кор бар ту ва фарзандони ту мустақар гардад, Абдуллоҳ қонеъ нашуд. Ва қабл аз он ки ҷавоби номаи Абдуллоҳ ба Абӯсалама бирасад, Саффоҳ, ки ба Абӯсалама бадгумон шуда буд, бо ҷалби назар ва мувофиқати Абӯмуслим, Абӯсаламаро кушт ва шӯҳрат доданд, ки Хаворичӣ ӯро куштаанд ва баъд ҳам худи Абдуллоҳ ва фарзандонаш гирифтор ва кушта шуданд. Ин буд ҷараёни ибо ва имтиноъи Имом Содиқ (а) аз қабули хилофат.

Иллати имтиноъи Имом

Ибо ва имтиноъи Имом Содиқ (а) танҳо ба ин иллат набуд, ки медонист Банӣ Аббос монеъ хоҳанд шуд ва он ҳазратро шаҳид хоҳанд кард. Агар медонист, ки шаҳодати он ҳазрат барои ислом ва мусалмонон асари беҳтаре дорад, шаҳодатро интихоб мекард, ҳамон тавре, ки Имом Ҳусайн (а) ба ҳамин далел шаҳодатро интихоб кард. Дар он аср, ки ба хусусиёти он ишора хоҳем кард, он чизе, ки беҳтар ва муфидтар буд, раҳбарии як

наҳзати илмӣ ва фикрӣ ва тарбиятӣ буд, ки асари он то имрӯз ҳаст, ҳамон тавре, ки дар асри Имом Ҳусайн (а) он наҳзат (яъне қиём) зарурат дошт ва он низ он тавр бачо ва муносиб буд, ки асараш ҳанӯз боқӣ аст.

Ҷони матлаб ҳамин ҷост, ки дар ҳамаи ин корҳо, аз қиём ва ҷиҳод ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункарҳо ва аз сукут ва тақияҳо, бояд ба асар ва натиҷаи онҳо дар он мавқеъ таваҷҷӯҳ кард. Инҳо умуре нест, ки ба шакли як амри таъаббудӣ аз қабили вузӯ ва ғусл ва намоз ва рӯза сурат бигирад. Асари ин корҳо дар мавоқеъи мухталиф ва замонҳои мухталиф ва авзоъ ва шароити мухталиф фарқ мекунад. Гоҳе асари қиём ва ҷиҳод барои ислом нофеътар аст ва гоҳе асари сукут ва тақия, гоҳе шаклу сурати қиём фарқ мекунад. Ҳама инҳо бастагӣ дорад ба хусусияти асар ва замон ва авзоъ ва аҳволи рӯз ва як ташхиси амиқ дар ин маврид зарурат дорад. Иштибоҳи ташхис додан, зиёнҳо ба ислом мерасонад.

Авзоъи иҷтимоии аҳди Имом

Имом Содиқ (а) дар аср ва замоне воқеъ шуд, ки илова бар ҳаводиси сиёсӣ, як силсила ҳаводиси иҷтимоӣ ва печидагиҳо ва ибҳомҳои фикрӣ ва руҳӣ пайдо шуда буд. Лозимтар ин буд, ки Имом Содиқ (а) ҷиҳоди худро дар ин ҷабҳа оғоз кунад. Муқатазаёти замони Имом Содиқ (а), ки дар нимаи аввали қарни дуввум мезист, бо замони Сайидушшуҳадо (а), ки дар ҳудуди нимаи қарни аввал буд, хеле фарқ дошт.

Дар ҳудуди нимаи қарни аввал дар дохили кишвари исломӣ барои мардоне, ки мехостанд ба ислом хидмат кунанд, як ҷабҳа бештар вуҷуд надошт ва он, ҷабҳаи мубориза бо дастгоҳи фосиди хилофат буд. Соири ҷабҳаҳо ҳанӯз ба вуҷуд наомада буд ва ё агар ба вуҷуд омада буд, аҳаммияте пайдо накарда буд. Ҳаводиси олами ислом ҳама марбут ба дастгоҳи хилофат буд ва мардум аз лиҳози руҳӣ ва фикрӣ ҳанӯз ба басотат ва соддагии садри аввал зиндагӣ мекарданд, аммо баъдҳо ва дар замонҳои баъд тадриҷан ба иллатҳои мухталиф ҷабҳаҳои дигар ба вуҷуд омад; ҷабҳаҳои илмӣ ва фикрӣ, як наҳзати илмӣ ва фикрӣ ва фарҳангии азим дар миёни мусалмонон оғоз шуд, ниҳлаҳо ва мазҳабҳо дар усули дин ва фурӯъи дин пайдо шуданд. Ба қавли яке аз муаррихин, мусалмонон дар ин вақт аз майдони ҷанг ва лашкаркашӣ, мутаваҷҷеҳи фатҳи дарвозаҳои илм ва фарҳанг шуданд. Улуми исломӣ дар ҳоли тадвин буд.

Дар ин замон, яъне дар замони Имом Содиқ (а), аз як тараф заду хӯрди умавиҳо ва аббосиҳо фатрате ба вуҷуд овард ва монеъи баёни ҳақоикро то ҳадде аз байн бурд ва аз тарафи дигар дар миёни мусалмонон як шӯру ҳаяҷон барои фаҳмидан ва таҳқиқ пайдо шуд. Лозим буд шахсе мисли Имом Содиқ (а) ин ҷабҳаро раҳбарӣ кунад ва басоти

таълиму иршоди худро бигустаронад ва ба ҳалли муъзалоти илмӣ дар маориф ва аҳком ва ахлоқ бипардозад. Дар замонҳои қабл ҳамчу заминаҳо набуд, ҳамчу истеъдод ва қобилият ва шӯру ҳаяҷоне дар мардум набуд.

Дар таърихи зиндагии Имом Содиқ (а) як ҷо мебинем, занодиқа ва даҳриҳое аз қабили Ибни Абилавҷоъ ва Абӯшокири Дайсонӣ ва ҳатто Ибни Муқаффаъ меоянд ва бо он ҳазрат муҳоҷҷа мекунанд ва ҷавобҳои кофӣ мегиранд. Эҳтиҷоҷоти бисёр муфассал ва тӯлонӣ аз он ҳазрат дар ин заминаҳо боқӣ аст, ки ба ростӣ эъҷобовар аст.

“Тавҳиди Муфаззал”, ки рисолае аст тӯлонӣ дар ин замина, дар асари як мубоҳиса байни Муфаззал аз асҳоби он ҳазрат ва як нафар даҳримаслак ва руҷӯъ кардани Муфаззал ба Имом Содиқ (а) падид омад.

Дар ҷойи дигар мебинем, ки акобири мӯътазила аз қабили Амр ибни Убайд ва Восил ибни Ато, ки мардумони муфаккире буданд, меомаданд ва дар масоили илоҳӣ ё масоили иҷтимоӣ суолу ҷавоб мекарданд ва мерафтанд.

Дар ҷойи дигар, фуқаҳои бузурги он асрро мебинем, ки ё шогирдони он ҳазратанд ва ё баъзе аз онҳо меомаданд ва аз он ҳазрат суолоте мекарданд. Абӯҳанифа ва Молик муосири Имом Содиқанд ва ҳар ду аз маҳзари Имом (а) истифода кардаанд. Шофеӣ ва Аҳмад ибни Ҳанбал шогирдони шогирдони он ҳазратанд. Молик дар Мадина буд ва мукаррар ба ҳузури Имом (а) меомад ва худи ӯ мегӯяд: вақте, ки ба ҳузураш мерасидам ва ба ман эҳтиром мекард, хеле хурсанд мешудам ва Худоро шукр мекардам, ки ӯ ба ман муҳаббат дорад. Молик дар бораи Имом Содиқ (а) мегӯяд:

كان من عظماء العباد، وأكابر الزهاد، والذين يخشون الله عز وجل، وكان كثير الحديث، طيب المجالسة، كثير الفوائد

Яъне аз бузургон ва акобири ибод ва зуҳҳод буд ва аз касоне буд, ки хавфу хашяти илоҳӣ дар дилаш қарор дошт. Ӯ марде буд, ки ҳадиси пайғамбарро зиёд медонист, хушмаҳзар буд, маҷлисаш пурфоида буд. Ва боз Молик мегӯяд:

ما رأت عين ولا سمعت أذن ولا خطر على قلب بشر أفضل من جعفر بن محمد

Яъне чашме надида ва гӯше нашунида ва ба диле хутур накарда касе аз Ҷаъфар ибни Муҳаммад фозилтар бошад. Абӯҳанифа мегуфт:

ما رأيت أفقه من جعفر بن محمد

(“*Аз Ҷаъфар ибни Муҳаммад фақеҳтар ва донотар надидам*.”) Мегӯяд: вақте, ки Ҷаъфар ибни Муҳаммад ба амри Мансур ба Ироқ омад, Мансур ба ман гуфт, ки сахттарин масоилро барои суол аз ӯ таҳия кунам. Ман чиҳил масъалаи инчунин таҳия

кардам ва рафтам ба маҷлисаш. Мансур маро муаррифӣ кард. Имом фармуд, ӯро мешиносам, пеши мо омадааст. Баъд ба амри Мансур масоилро тарҳ кардам. Дар ҷавоби ҳар як фармуд, ақидаи шумо уламои Ироқ ин аст, ақидаи фуқаҳои Мадина ин аст ва худаш гоҳ бо мо мувофиқат мекард ва гоҳ бо аҳли Мадина, гоҳе ҳам назари севвуме медод.

Дар ҷойи дигар мутасаввифаро мебинем, ки ба ҳузури он ҳазрат рафту омад ва суолу ҷавоб мекарданд, ки намунаи мухтасаре аз онро қаблан арз кардам.

Замони Имом Содиқ (а) замоне буд, ки бархӯрди афкор ва оро ва ҷанги ақоид шурӯъ шуда буд ва зарурат эҷоб мекард, ки Имом кӯшиши худро дар ин саҳна ва ин ҷабҳа қарор диҳад. Ҳамеша бояд дар ин гуна умур ба асари кор таваҷҷӯҳ дошт: Сайидушшуҳадо (а) донист, ки шаҳодаташ асари муфид дорад, қиём кард ва шаҳид шуд ва асараш ҳанӯз ҳам боқӣ аст, Имом Содиқ (а) фурсатро барои таълим ва таъсиси конуни илмӣ муносиб дид, ба ин кор ҳиммат гумошт. Бағдод, ки конуни ҷунбиши илми исломии садри ислом аст, дар замони Имом Содиқ (а) бино шуд. Зоҳиран эшон охири умр сафаре ба Бағдод омадааст.

Асари Имом Содиқ (а) аст, ки мебинем, шиъа дар муқаддами соири фирақ, дар улуми исломӣ пешқадам ва муассис шуд ва ё лоақал дӯш ба дӯши дигарон ҳаракат кард ва дар ҳамаи риштаҳо аз адаб ва тафсир ва фиқҳ ва калом ва фалсафа ва ирфон ва нуҷум ва риёзӣ ва таърих ва ҷуғрофиё китобҳо навишт ва риҷоли бузург берун дод ва олитарин ва нафистарин осори илмиро ба ҷаҳон таҳвил дод. Агар имрӯз мебинем ислоҳталабоне, ба расмияти мазҳаби шиъа баъд аз ҳазор сол иқрор ва эътироф мекунанд, ба хотири ин аст, ки шиъа як мактаби воқеии исломӣ аст ва осори шиъӣ дар ҳар ришта нишон медиҳад, ки дигар наметавон иттиҳомоти сиёсӣ ба он баст. Ин осор мавлуди имон ва ақида аст, сиёсат наметавонад инчунин фиқҳ ё ахлоқ ё фалсафа ва ирфон ё тафсир ва ҳадисе ба вуҷуд оварад. Расмияти имрӯзи шиъа маълули тарзи кор ва амали он рӯзи Имом Содиқ Саломуллоҳи алайҳ аст.

Мақсуд ин аст, ки имомони атҳор (а) дар ҳар замоне маслиҳати ислом ва мусалмононро дар назар мегирифтанд ва чун даврaҳо ва замонҳо ва муқатазаёти замону макон тағйир мекард, хоҳ ва нохоҳ ҳамон тавр рафтор мекарданд, ки масолеҳи исломӣ иқтизо мекард ва дар ҳар замон ҷабҳае махсус ва шакле нав аз ҷиҳод ба вуҷуд меомад ва онҳо бо басирати комил он ҷабҳаҳоро ташхис медоданд.

Ин таъорузҳо на танҳо таъорузи воқеӣ нест, балки беҳтарин дарси омӯзанда аст барои касоне, ки руҳ ва ақл ва фикри мустақиме дошта бошанд, ҷабҳашинос бошанд ва битавонанд муқатазаёти ҳар асру замонеро дарк кунанд, ки чӣ гуна мусолеҳи исломӣ

иқтизо мекунад, ки як вақт мисли замони Сайидушшуҳадо (а) наҳзати онҳо шакли қиём ба сайф ба худ бигирад ва як замон мисли замони Имом Содиқ (а) шакли таълиму иршод ва тавсиъаи таълимоти умумӣ ва тақвияти мағзҳо ва фикрҳо пайдо кунад ва як вақт шакли дигари:

إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَذِكْرَىٰ لِمَنْ كَانَ لَهُ قَلْبٌ أَوْ أَلْقَى السَّمْعَ وَهُوَ شَهِيدٌ

(*Қоф/37*)

Гуфтори 8:

Имом Мӯсо ибни Ҷаъфар (а)

Бино бар машҳур, имшаб шаби вафоти имоми ҳафтум, ҳазрати Мӯсои Козим Саломуллоҳи алайҳ аст. Вилодати Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) дар соли 128 дар охирҳои аҳди умавӣ ва вафоти он ҳазрат дар соли 183 дар зиндони Ҳорунуррашид, халифаи аббосӣ воқеъ шуд. Муддати умри он ҳазрат 55 сол буд, солҳои охири умраш дар зиндон сипарӣ шуд ва он ҳазрат дар зиндон дар асари сам (заҳр) даргузашт. Шоири араб мегӯяд:

قالَت حُبِستَ فَقُلتُ لَيسَ بِضائِرٍ

حَبسي وَأَيُّ مُهَنَّدٍ لا يُغمَدُ

أَوَما رَأَيتِ اللَيثَ يَألَفُ غيلَهُ

كِبراً وَأَوباشُ السِباعِ تَرَدَّدُ

Мавлавӣ дар дафтари аввали Маснавӣ дар достони “Омадани дӯсти қадимӣ ва рафиқи айёми кӯдакии Юсуф ба дидори Юсуф” пас аз он ҳама ибтилоҳо, ба чоҳ афтоданҳо, бардагиҳо ва билохира солҳо ҳабсу зиндон, ки барои Юсуф пеш омад, мегӯяд:

Омад аз офоқ ёри меҳрубон,
Юсуфи Сиддиқро шуд меҳмон.
К-ошно буданд вақти кӯдакӣ,
Бар висодай ошноӣ муттакӣ.
Ёд додаш ҷаври ихвону ҳасад,
Гуфт, к-он занҷир буду мо асад.
Ор набвад шерро аз силсила,
Нест моро аз қазои Ҳақ гила.
Шерро бар гардан ар занҷир буд,
Бар ҳама занҷирсозон мир буд.
Гуфт: чун будӣ зи зиндону зи чоҳ?
Гуфт: ҳамчун дар муҳоқу кост моҳ.
Дар муҳоқ ар моҳи нав гардад дуто,
Не ба охир бадр гардад дар само?
Гандумеро зери хок андохтанд,
Пас зи хокаш хӯшаҳо барсохтанд.
Бори дигар кӯфтандаш з-осийо,

Қиматаш афзуду нон шуд ҷонфизо.

Боз нонро зери дандон кӯфтанд,

Гашт ақлу ҷону фаҳми ҳушманд.

Аз ин назар, ки солҳо аз умри Имом Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳимас-салом дар зиндони як ситамгар гузашт, ҳоли он ҳазрат шабеҳ аст ба ҳоли Юсуфи Сиддиқ. Юсуф ҳамон тавре, ки дар Қуръони Карим омадааст, пас аз он ки таҳти фишори таманноҳои занони муташаххиси Миср воқеъ шуд, барои он ки гавҳари имонаш маҳфуз ва ҷомаи тақвояш покиза ва аз таъарруз масун бимонад, аз Худо орзуи зиндон кард:

قَالَ رَبِّ السِّجْنُ أَحَبُّ إِلَيَّ مِمَّا يَدْعُونَنِي إِلَيْهِ ۖ وَإِلَّا تَصْرِفْ عَنِّي كَيْدَهُنَّ أَصْبُ إِلَيْهِنَّ وَأَكُنْ مِنَ الْجَاهِلِينَ. فَاسْتَجَابَ لَهُ رَبُّهُ فَصَرَفَ عَنْهُ كَيْدَهُنَّ ۚ إِنَّهُ هُوَ السَّمِيعُ الْعَلِيمُ. ثُمَّ بَدَا لَهُمْ مِنْ بَعْدِ مَا رَأَوُا الْآيَاتِ لَيَسْجُنُنَّهُ حَتَّىٰ حِينٍ

(*Юсуф/33-35*) Парвардигоро! Барои ман зиндон аз баровардани тақозои ин занон гуворотар аст. Агар ту ба лутфи худ доми ҳилаи инҳоро аз сари роҳи ман барнадорӣ, ба сӯйи онҳо кашида хоҳам шуд ва аз ҷоҳилон хоҳам буд. Худованд дуои ӯро мустаҷоб кард, доми макри онҳоро аз сари роҳи Юсуф бардошт, ӯ шунаво ва доност. Баъдҳо барои онҳо (касоне, ки Юсуф дар ихтиёри онҳо буд) ин фикр пайдо шуд, ки муддате Юсуфро ба зиндон афкананд.

Ҳасади бародарони Юсуф, Юсуфро ба чоҳ андохт, тақозоҳо ва таманноҳои ғайри қобили пазириши занони Миср ӯро равонаи зиндон кард ва солҳое дар зиндон ба сар бурд:

فَلَبِثَ فِي السِّجْنِ بِضْعَ سِنِينَ

(*Юсуф/42*) Дар ҳамон зиндон ба мақоми нубувват расид, аз зиндон холистар ва комилтар ва пухтатар хориҷ гашт.

Дар миёни пайғамбарон, Юсуф аст, ки ба ҷурми маҳбубият назди падар, ба чоҳ андохта шуд ва ба ҷурми покӣ ва тақво ва ҳақшиносӣ равонаи зиндон шуд ва дар миёни имомон, Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) буд, ки ба ҷурми алоқа ва таваҷҷӯҳи мардум ва эътиқоди ин ки ӯ аз Ҳорун шоистатар аст, солҳо зиндонӣ шуд, бо ин тафовут, ки Юсуфро аз зиндон озод карданд, аммо дастгоҳи ҳорунӣ оқибатуламр Мӯсо ибни Ҷаъфар (а)-ро дар зиндон масмуман шаҳид кард.

أَمْ يَحْسُدُونَ النَّاسَ عَلَىٰ مَا آتَاهُمُ اللَّهُ مِنْ فَضْلِهِ

(*Нисо/54*) Бале, вақте, ки фазли Худоро мебинанд, ки шомили ҳоли гурӯҳе аз афрод шуда ҳасад мебаранд ва дар садади озор бармеоянд.

Ду байти арабӣ, ки дар оғози сухан хондам, маъниаш ин аст: маро маломат карданд, ки ту зиндонӣ шудӣ. Гуфтам: ин ки айб нест, кадом шамшери корӣ ҳаст, ки онро дар ғилоф қарор надиҳанд? Магар намебинӣ шерро, ки ба бешаи худ хӯ мегирад ва аз он хориҷ намегардад ва аммо дарандагони пасту заъиф, озод ва доиман дар тараддуд ва ҳаракат ба ин тараф ва он тарафанд? Дунболаи он ду байт ин аст:

وَالشَمسُ لَولا أَنَّها مَحجوبَةٌ

عَن ناظِرَيكِ لَما أَضاءَ الفَرقَدُ

Агар хуршеди ҷаҳонтоб ғуруб накунад ва муддате чеҳра пинҳон нанамояд, фалон ситораи заъиф ошкор намешавад ва намуде намекунад. Бигузор ба хотири намуди ин заъифҳо ҳам, ки шуда хуршеди ҷаҳонтоб чеҳра пинҳон кунад.

وَالنارُ في أَحجارِها مَخبوءَةٌ

لا تُصطَلى إِن لَم تُثِرها الأَزنُدُ

Оташ дар дохили санг пинҳон аст ва он гоҳ меҷаҳад ва зоҳир мегардад ва қобили истифода мешавад, ки сангу оҳан бо ҳам тасодум кунанд ва истикоки сахте рух диҳад.

وَالحَبسُ ما لَم تَغشَهُ لِدَنِيَّةٍ

شَنعاءَ نِعمَ المَنزِلُ المُتَوَرَّدُ

Зиндон модоме, ки ба иллати кори бад ва ҷиноят набошад, ба воситаи амали паст ва зиште набошад, ҷойгоҳ ва макони хубе аст барои мардон.

Як вақт касе дуздӣ карда, хиёнат карда, қатл карда, шарорат карда ва адолат ӯро ба зиндон андохта, албатта ин нанг аст, ор аст, мояи сарафкандагӣ аст, балки худи он корҳо ҳарчанд мунҷар ба зиндон нашавад, мӯҷиби нангу ор ва сарафкандагӣ аст. Ва аммо як вақт шахсе ба ҷурми шахсият ва азамат ва ба воситаи ҳақгӯӣ ва ҳақхоҳӣ ва истодагӣ дар муқобили зулму истибдод, ба зиндон меравад, ин мояи ифтихор ва мубоҳот аст.

بَيتٌ يُجَدِّدُ لِلكَريمِ كَرامَةً

وَيُزارُ فيهِ وَلا يَزورُ وَيُحفَدُ

Зиндон он ҷойгоҳе аст, ки ончунонро ончунонтар мекунад. Онҳо, ки ба мӯҷиби шарофати зотӣ ва бузургворӣ ва ҳақгӯӣ зиндонӣ мешаванд, дар он ҷо софтар ва холистар ва мусаммамтар мегарданд ва шарафе бар шарафҳояшон афзуда мегардад. Он ҷост, ки дигарон худро ниёзманд мебинанд, ки ба зиёрати ӯ бираванд ва ифтихор мекунанд, аммо ӯ аз рафтан ба зиёрати онҳо бениёз аст. Боз ҳамин шоир мегӯяд:

فقلت لها والدمع شتى طريقة

ونار الهوى في القلب يذكو وقودها

فلا تجزعي إما رأيت قيوده

فإن خلاخيل الرجال قيودها

Яъне дар ҳоле, ки ашк ҷорӣ буд ва оташи ишқ дар дилам забона мекашид, ба ӯ гуфтам, ки агар поҳои ӯро дар занҷир баста мебинӣ, бетобӣ накун ва нороҳат мабош, халхол ва зинати мардон ҳамин чизҳост.

Осори зиндонҳои ба ҷурми озодагӣ

Ин ҷо ду матлаб аст: яке ин ки сахтиҳо ва шиканҷаҳо ва гирифториҳое, ки барои як нафар дар асари ҳақгӯӣ ва ҳақхоҳӣ ва дар асари шахсияти инсонӣ ва малакутӣ пеш меояд, нангу ор нест, ифтихор аст. Роҷеъ ба ин матлаб кофӣ аст, ки назаре ба таърих биафканем.

Таърихи ҷаҳон пур аст аз кушта шуданҳои шарофатмандона ва зиндонӣ шуданҳо ва зафру шиканҷа диданҳо дар ин роҳ. Ин тавр гирифториҳо на танҳо мояи фахри худи он бузургон аст, балки санади ифтихори башарият аст.

Матлаби дигар ин аст, ки ин гуна сахтиҳо ва фишорҳо, василае аст барои такмил ва таҳзиби бештари нафс ва холис шудани гавҳари вуҷуди инсон, ҳамон тавре, ки дар муқобил, яке аз чизҳое, ки руҳияро заъиф ва нотавон ва ахлоқро фосид менамояд, танаъум ва нозпарвардагӣ аст. Дар миёни омилҳои фасоди ахлоқ ва тазъифи руҳия, дар миёни омилҳое, ки мунҷар ба бадбахтӣ ва нотавонӣ дар зиндагӣ мегардад, ҳеч чиз ба андозаи танаъум ва нозпарвардагӣ муассир нест.

Нозпарварди танаъум набарад роҳ ба дӯст,

Ошиқӣ шеваи риндони балокаш бошад.

(*Ҳофиз*)

Сахтиҳо ва шадоид ва мушкилот, руҳро варзиш медиҳад, нерӯманд месозад, филизи вуҷуди инсонро холис ва муҳкам мекунад. Рушду нумӯ ва борвар шудани вуҷуди одамӣ ҷуз дар саҳнаи гирифториҳо ва муқобила бо шадоид ва мувоҷеҳа бо мушкилот ҳосил намешавад, зеро то таъаюн дарҳам нарезад ва хурд нашавад, такомул ҳосил намешавад. Ба қавли Мавлавӣ, гандум зери хок меравад, дар зиндони хок гирифтор мешавад, дар ҳамон зиндон аст, ки шикофта мешавад ва таъаюни худро аз даст медиҳад ва қадам ба марҳилаи комилтар мегузорад, аввал решаҳои нозуке берун медиҳад, тӯле намекашад, ки ба сурати бӯтаи гандум, ба сурати соқа ва хӯша ва донаҳои зиёдтаре зоҳир мешавад.

Он зери хок қарор гирифтан муқаддимаи такомули ӯст. Боз ҳамин гандум дар зери санги осиё нарму орд мешавад ва баъд нон мегардад ва нон бори дигар дар зери дандон осиё мешавад ва ҷазби бадан мегардад, то билохира ба олитарин мароҳили камоли мумкини худ мерасад ва ба сурати ақл ва фаҳм таҷаллӣ мекунад.

Қонуни тазодд ва тасодум

Қонуне ҳаст дар табиат ба номи қонуни тазодд. Ҳукамо мегӯянд:

لولا التضاد ما صح دوام الفيض عن المبدأ الجواد

(“*Агар тазодд ва тасодумҳои ҳосил аз тазодд набуд, файзи вуҷуд аз ноҳияи зоти ақдаси файёзи ъалалитлоқ имкони давом надошт*.”) Зеро дуруст аст, ки навъе истеъдоди такомул дар ҳар мавҷуд ҳаст, аммо ин ҷиҳат ҳам дар кор аст, ки ҳар мавҷуде дар ҳар марҳила аз мароҳил, муҷаҳҳаз аст ба васоиле, ки барои он марҳилаи ӯ лозим ва муфид аст, мисли қишре, ки даври ҳастаи як меваро гирифта, ё пӯсти тухми мурғ, ки ҳофизи сафеда ва зардаи тухми мурғ аст. Ин пӯстаҳо лозим ва муфиданд, аммо барои ҳастае, ки бихоҳад ҳаста бимонад ва барои тухми мурғе, ки бихоҳад ҳолати тухми мурғии худро ҳифз кунад, аммо дона ва ҳастае, ки мехоҳад роҳи такомулро бипаймояд, мехоҳад ба сурати бӯта ва дарахт дарояд, ё он тухмт мурғе, ки мехоҳад табдил ба ҷӯҷа ва сипас мурғ бишавад, чорае нест, ки он ҳисореро, ки бар ӯ иҳота карда бишканад ва худро озод созад. Ин ҳисорҳо ва деворҳо дар асари тазоддҳо ва бархӯрду тасодумҳое, ки дар табиат байни омилҳои мухталиф рух медиҳад, мерезад ва ба ин васила ва аз ин роҳ, мавонеъ аз байн меравад ва файзи Ҳақ давом пайдо мекунад.

Шадоид ва сахтиҳост, ки қаҳрамон меофаринад, нубуғ мебахшад, боиси таҳйиҷи нерӯ ва бурузи қудрат мегардад, шадоид ва сахтиҳост, ки навобиғи азим ва наҳзатҳои бузург ба дунё таҳвил додааст.

Зайнаби Кубро

Мо дар таърихи мазҳабӣ ва динии худ мисоли зиёд дорем. Яке аз занони ислом, ки мояи ифтихори ҷаҳон аст, Зайнаби Кубро алайҳас-салом аст. Таърих нишон медиҳад, ки ҳаводиси хунин ва масоиби беназири Карбало, Зайнабро ба сурати пӯлоди обдида даровард. Зайнабе, ки аз Мадина хориҷ шуд, бо Зайнабе, ки аз Шом ба Мадина баргашт, яке набуд. Зайнабе, ки аз Шом баргашт, рушдёфтатар ва холистар буд. Ҳатто он чи дар хилоли ҳаводиси асорат зуҳур карда, бо он чи дар хилоли айёми Карбало дар замоне, ки

ҳанӯз бародари бузургвораш зинда буд ва масъулият ба ӯҳдаи Зайнаб гузошта нашуда буд, аз Зайнаб зуҳур кард, фарқ дорад.

Яке аз занони фозилаи мусалмони араб дар замони мо ба номи доктор Оиша Бинтушшотӣ, китобе дар бораи Зайнаб навишта ба номи “Баталату Карбало” яъне бонуи қаҳрамони Карбало. Ин китоб чанд бор ба форсӣ тарҷума ва чоп шуда. Ин бутулат ва қаҳрамонӣ қисмати зиёдаш маълули ҳамон ҳаводис ва шадоиди Карбалост. Ҳаводиси Карбало буд, ки забони Зайнаби Куброро ба ончунон хитобаи ғарро ва оташине дар маҷлиси Язид ҷорӣ кард, ки ҳама шунидаед. Абӯтаммом мегӯяд:

لولا اشتعال النار في ما جاورت

ما كان يعرف طيب عرف العود

Агар оташ дар канори чӯби ъуд муштаъил нашавад ва доғе ва сӯзандагӣ он ъудро нагирад, бӯйи хуши ъуд зоҳир намегардад. То оташ набошад, то дарду сӯзиш набошад, ҳунари чӯби ъуд зоҳир намегардад. Саъдӣ дар ҳамин мазмун мегӯяд:

Қавли матбӯъ аз даруни сӯзнок ояд, ки ӯ

Чун ҳамесӯзад ҷаҳон аз вай муаттар мешавад.

Рӯдакӣ мегӯяд:

Андар балои сахт падид ояд

Фазлу бузургмардию солорӣ.

Мӯсо ибни Ҷаъфар (а)

Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳимас-салом ба ҷурми ҳақгӯӣ ва ба ҷурми имон ва тақво ва алоқаи мардум зиндонӣ шуд. Аз калимоти он ҳазрат аст хитоб ба баъзе аз шиъаён:

أي فلان اتق الله، وقل الحق وإن كان فيه هلاكك، فإن فيه نجاتك، ودع الباطل وإن كان فيه نجاتك، فإن فيه هلاكك

(*Туҳафул-ъуқул, с.408*) Худро аз ғазаби Худо ҳифз кун ва сухани ҳақро бепарво бигӯ, ҳарчанд нобудии ту дар он бошад. Аммо бидон, ки ҳақ мӯҷиби нобудӣ нест, наҷотдиҳанда аст. Ботилро ҳамвора раҳо кун, ҳарчанд наҷоти ту дар он бошад ва ҳаргиз ботил наҷотбахш нест, билохира сабаби нобудӣ аст.

Шайх Муфид дар бораи он ҳазрат мегӯяд: ӯ обидтарин ва фақеҳтарин ва бахшандатарин ва бузургмаништарини мардуми замони худ буд, зиёд тазаррӯъ ва ибтиҳол ба даргоҳи Худованди Мутаъол дошт. Ин ҷумларо зиёд такрор мекард:

اللهم إني أسالك الراحة عند الموت، والعفو عند الحساب

(*Иршод, с.296*) Бисёр ба суроғи фуқаро мерафт, шабҳо дар зарфе пулу орду хурмо мерехт ва ба васоиле ба фуқарои Мадина мерасонд, дар ҳоле, ки онҳо намедонистанд аз ноҳияи чӣ касе аст. Ҳеч кас мисли ӯ ҳофизи Қуръон набуд, бо овози хуше Қуръон мехонд, Қуръон хонданаш ҳузну андӯҳи матбӯъе ба дил медод, шунавандагон аз шунидани Қуръонаш мегиристанд, мардуми Мадина ба ӯ лақаби "Зайнулмуҷтаҳидин" дода буданд. Ҳорун дар соли 179 ба қасди ҳаҷ аз Бағдод хориҷ шуд. Ибтидо ба Мадина рафт. Дар ҳамон ҷо дастури ҷалби имомро содир кард. Мардуми Мадина зиёд мутаассир шуданд ва Мадина як порча ғулғула шуд. Ҳорун дастур дод, шабона имомро дар як маҳмили сарпӯшида ба Басра равона карданд ва ба писараммаш Исо ибни Ҷаъфари Аббосӣ, ки ҳокими Басра буд таҳвил доданд ва дар он ҷо он ҳазратро зиндонӣ карданд ва рӯзи баъд барои ғалатандозӣ ва иштибоҳкорӣ бар мардум, дастур дод маҳмили дигари сарпӯшида ба тарафи Куфа ҳаракат диҳанд, то мардум гумон кунанд, он ҳазратро ба Куфа бурдаанд, (то) аз тарафе умедвор ва мутмаин гарданд, ки чун ба Куфа фиристода мешавад ва он ҷо маркази дӯстон ва шиъаёни он ҳазрат аст, хатаре мутаваҷҷеҳи он ҳазрат нахоҳад шуд ва аз тарафи дигар агар иддае қасд дошта бошанд монеъи ҳаракати Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) гарданд ва он ҳазратро аз байни роҳ баргардонанд, зеҳнашон мутаваҷҷеҳи роҳи Куфа бишавад.

Як сол дар зиндони Басра буд. Ҳорун дастур дод ба Исо, ки кори Мӯсо ибни Ҷаъфар (а)-ро дар зиндон тамом кун. Ӯ ҳозир нашуд дар хуни имом ширкат кунад, дар ҷавоб навишт, ман дар ин муддати як сол аз ин мард ҷуз ибодат чизе надидаам, аз ибодат хаста намешавад. Касонеро маъмур кардаам, ки ба дуоҳояш гӯш кунанд, ки оё ба ту ё ман нафрин мекунад? Ба ман иттилоъ расид, ки аслан мутаваҷҷеҳи ин чизҳо нест, ҷуз талаби раҳмат ва мағфират аз Худо барои худаш чизе бар забон намеоварад. Ман ҳозир ба ширкат дар хуни ҳамчун касе нестам ва ҳозир ҳам нестам беш аз ин ӯро дар зиндон нигаҳ дорам. Ё ӯро аз ман таҳвил бигир ё худам ӯро раҳо хоҳам кард.

Ҳорун дастур дод, имомро аз Басра ба Бағдод оварданд ва дар зиндони Фазл ибни Рабеъ бурданд. Ҳорун аз Фазл ибни Рабеъ тақозои рехтани хуни имомро кард. Ӯ ҳам қабул накард. Имомро аз зиндони ӯ хориҷ кард ва ба Фазл ибни Яҳёи Бармакӣ таҳвил дод ва дар назди ӯ зиндонӣ кард. Фазл ибни Яҳё яке аз утоқҳои хонаи худро ба он ҳазрат ихтисос дод, зимнан дастур дод, мувозиби аъмоли он ҳазрат бошанд. Ба ӯ хабар доданд, ин мард дар ҳама шабонарӯз кораш намоз ва дуо ва тиловати Қуръон аст, рӯзҳо ғолибан

рӯза мегирад ва ба чизе ҷуз ибодат таваҷҷӯҳ надорад. Фазл ибни Яҳё дастур дод, мақоми он ҳазратро мӯҳтарам бишуморанд ва мӯҷиби осоиши имомро фароҳам кунанд.

Ҷосусони Ҳорун қазияро ба Ҳорун хабар доданд. Ҳорун вақте, ки ин хабарро шунид, дар Бағдод набуд, дар Риққа буд. Номае эътирозомез ба Фазл навишт ва аз ӯ дархости қатли имомро кард. Фазл ҳозир нашуд. Ҳорун сахт мутағайир шуд ва Масрур, ходими махсуси худро бо ду нома: яке барои Сандӣ ибни Шоҳик ва яке барои Аббос ибни Муҳаммад фиристод ва маҳрамона дастур дод, масрур таҳқиқ кунад, агар Мӯсо ибни Ҷаъфар (а) дар хонаи Фазл дар рифоҳ аст, муқаддамоти як тозиёна задан ба Фазлро фароҳам кунанд. Ҳамин кор шуд ва Фазл ибни Яҳё тозиёна хӯрд. Масрур ҷараёнро ба василаи нома аз Бағдод ба Риққа ба иттилоъи Ҳорун расонд. Ҳорун дастур дод, ки имомро аз Фазл ибни Яҳё таҳвил бигиранд ва ба Сандӣ ибни Шоҳик, ки марде ғайримусалмон ва фавқулъода қасӣ ва ситамгар буд, таҳвил бидиҳанд. Зимнан як рӯз дар Риққа дар як маҷмаъи умумӣ хитоб ба мардум гуфт, ки Фазл ибни Яҳё амри маро мухолифат кард ва ман ӯро лаън мекунам, шумо ҳам лаън кунед. Он мардуми беиродаву шахсият фақат ба хотири хушоянди Ҳорун, Фазл ибни Яҳёро лаън карданд. Хабари ин қазия, ки ба Яҳё ибни Холиди Бармакӣ, падари Фазл ибни Яҳё расид, савор шуд ва ба Риққа рафт ва аз тарафи писараш маъзарат хост ва Ҳорун ҳам қабул кард, то охири достон, ки билохира ҳазрат дар зиндони Сандӣ масмум ва шаҳид шуд.

Омадани маъмур ба аҳволпурсии имом (а)

Дар зиндони Сандӣ ибни Шоҳик як рӯз Ҳорун маъмуреро фиристод, ки аз аҳволи ҳазрат касби иттилоъ кунад. Худи Сандӣ ҳам ба ҳамроҳи маъмур вориди зиндон шуд. Вақте, ки маъмур ворид шуд, имом аз ӯ суол кард: чӣ коре дорӣ? Гуфт: халифа маро фиристод, то аҳволе аз ту бипурсам. Фармуд: аз тарафи ман ба ӯ бигӯ, ҳар рӯз, ки аз ин рӯзҳои сахт бар ман мегузарад, яке аз рӯзҳои хушии ту ҳам сипарӣ мешавад, то он рӯзе бирасад, ки ману ту дар як ҷо ба ҳам бирасем; он ҷо, ки аҳли ботил ба зиёнкории худ воқиф мешаванд.

Аврони бақо чу боди саҳро бигузашт,
Талхиву хушиву зишту зебо бигузашт.
Пиндошт ситамгар, ки ҷафо бар мо кард,
Дар гардани ӯ бимонду бар мо бигузашт.
(Саъдӣ)

Боз дар муддате, ки дар зиндони Ҳорун буд, як рӯз Фазл ибни Рабеъ маъмури расондани пайғоме аз тарафи Ҳорун ба он ҳазрат шуд. Фазл гуфт: вақте, ки ворид шудам, дидам намоз мехонд. Ҳайбаташ монеъ шуд, ки биншинам, истодам ва ба шамшери худам такя додам. Намозаш, ки тамом шуд, ба ман эътино накард ва билофосила намози дигаре оғоз кард. Мураттаб ҳамин корро мекард ва ба ман эътиное намекард. Охири кор, вақте, ки яке аз намозҳо тамом шуд, қабл аз он ки ба намози дигар шурӯъ кунад, ман шурӯъ кардам ба сӯҳбати худ. Халифа ба ман дастур дода буд, ки дар ҳузури он ҳазрат, аз ӯ ба унвони хилофат ва лақаби амирулмӯъмининӣ ёд накунам. Ҳорун ба ман гуфта буд, ба ӯ ин тавр бигӯ, ки бародарат Ҳорун салом расонда ва мегӯяд, хабарҳое аз ту ба мо расид, ки мӯҷиби суитафоҳуме шуд. Акнун маълум шуд, ки шумо тақсире надоред, вале ман майл дорам, ки шумо ҳамеша назди ман бошед ва ба Мадина наравед. Ҳоло, ки биност пеши мо бимонед, хоҳиш мекунам аз лиҳози барномаи ғизоӣ ҳар навъ ғизое, ки худатон меписандед, дастур диҳед ва Фазл маъмури пазироии шумост. Ҳазрат ҷавоби Фазлро ба ду калима дод:

ليس لي مال فينفعنى، وما خلقت سؤولا

(*Назири он дар “Биҳор”, ҷ.48, с.214 нақл шудааст*) Аз моли худам чизе дар ин ҷо нест, ки аз он истифода кунам ва Худо маро аҳли тақозо ва хоҳиш ҳам наёфарида, ки аз шумо тақозо ва хоҳише дошта бошам.

Бо ин ду калима, маноъат ва истиғнои табъи беназири худро расонд ва собит кард, ки зиндон нахоҳад тавонист ӯро забун кунад. Баъд аз гуфтани ин калима, фавран аз ҷо ҳаракат кард ва гуфт, Аллоҳу Акбар ва саргарми ибодат худ шуд.

اللهم صل على موسى بن جعفر وصي الأبرار، وإمام الأخيار، وعيبة الأنوار، ووارث السكينة والوقار والحكم والآثار الذي يحيي الليل بالسهر بمواصلة الاستغفار

Гуфтори 9:

Шадоид ва гирифториҳо

Дар ҷаласаи пеш ба ин матлаб ишора кардам, ки яке аз умуре, ки сабаби такмил ва таҳзиби нафс ва тасфияи ахлоқ ва таҳйиҷи қуввоҳо ва нерӯҳои нуҳуфтаи вуҷуди инсон мешавад ва дар ҳукми нерӯи муҳаррики дастгоҳи вуҷуди инсон аст, шадоид ва сахтиҳо ва мусибатҳост. Акнун мехоҳам дар атрофи ҳамин матлаб тавзеҳе бидиҳам.

Шадоид, алтофи Худованд

Дар оёти Қуръон ва ривоятҳо, зиёд ин мазмун ба чашм мехӯрад, ки Худованд фалон пайғамбар ё фалон бандаи солеҳи дигареро дар маърази балоҳо ва шадоид қарор дод, ё ин мазмун, ки Худованд шадоид ва балоҳоро махсусан мутаваҷҷеҳи касоне мекунад, ки мавриди лутфу раҳмати хоссаи ӯ ҳастанд, ё ин мазмун, ки шадоид ва сахтиҳо туҳфаҳои илоҳӣ аст. Масалан дар ҳадис аст:

إن الله عز وجل ليتعاهد المؤمن بالبلاء كما يتعاهد الرجل أهله بالهداية من الغيبة

(*"Кофӣ", ҷ.2, с.255*) Худованд ёд мекунад ва мавриди навозиш қарор медиҳад бандаи мӯъминро ба василаи фиристодани як сахтӣ ва мушкил, он тавр, ки як мард дар вақте, ки дар мусофират аст бо фиристодани як ҳадия, хонадони худро ёд мекунад ва мавриди муҳаббат ва навозиш қарор медиҳад.

Ё дар ҳадис ворид шуда:

إن الله إذا أحب عبدا غته بالبلاء غتا

Худованд вақте, ки бандаеро дӯст бидорад, ӯро дар шадоид ғарқ мекунад.

Ё ворид шуда, ки Расули Акрам ҳозир набуд аз ғизои касе тановул кунад, ки ҳеч вақт шиддат ва сахтӣ ва гирифторӣ ба суроғи ӯ наомадааст, инро аломати адами қобилияти ӯ ва дур будани ӯ аз Худо медонист.

Ин суол ибтидо ба зеҳни ҳар касе меояд, ки чӣ гуна лутф ва муҳаббат ва ризояти Худованд аз касе, иқтизо мекунад, ки ӯро бо шадоид ва мушкилот мувоҷеҳ кунад? Лозимаи меҳр ва муҳаббат, фароҳам кардани мӯҷиботи хушӣ ва осоиш аст, на мӯҷиботи сахтӣ ва адами осоиш.

Боз як навъ таъбири дигаре дар забони Қуръон ва суннат ҳаст, ки суоли дигаре пеш меоварад ва он таъбир имтиҳон аст: Худованд бандагонро ба василаи шадоид ва балоё имтиҳон мекунад, яъне чӣ? Магар Худованд аз ботини кори мардум бехабар аст, ки

мехоҳад бо имтиҳон чизеро бифаҳмад? Магар на ин аст, ки дар худи Қуръони Маҷид омада, ки ҳеч заррае ва ҳеч ҳаракате ва ҷунбише, билохира ҳеч амри кӯчак ё бузурге дар олами ҳастӣ нест, магар он ки маълум ва макшуфи Ҳақ Мутаъол аст? Пас имтиҳон яъне чӣ?

Созандагии шадоид

Ҷавоби ҳар ду суол он вақт маълум мешавад, ки фалсафаи балоё ва шадоид ва сахтиҳо ва асари онҳо дар вуҷуди одамӣ маълум шавад; маълум шавад, ки ба ҳукми қонун ва номуси хилқат, бисёре аз камолот аст, ки ҷуз дар мувоҷеҳа бо сахтиҳо ва шадоид, ҷуз дар натиҷаи тасодумҳо ва истикокҳои сахт, ҷуз дар майдони мубориза ва панҷа нарм кардан бо ҳаводис, ҷуз дар рӯ ба рӯ шудан бо балоё ва масоиб ҳосил намешавад.

На ин аст, ки асари шадоид ва сахтиҳо танҳо зоҳир шудан ва намоён шудани гавҳари воқеӣ аст, ба ин маънӣ, ки ҳар кас як гавҳари воқеӣ дорад, ки рӯяш пӯшидааст, монанди як маъдане аст дар зери хок. Ва асари шадоид фақат ин аст, ки он чи дар зери хок аст намоён мешавад, асари дигар надорад. На, ин тавр нест, болотар аст. Шадоид ва сахтиҳо ва ибтилоъот асари такмил кардан ва табдил кардан ва иваз кардан дорад, кимиёст, филизеро ба филизи дигар табдил мекунад, созанда аст, аз мавҷуде мавҷуди дигар месозад, аз заъиф қавӣ ва аз паст олӣ ва аз хом пухта ба вуҷуд меоварад, хоссияти тасфия ва тахлис дорад, кудуратҳо ва зангорҳоро мезудояд, хоссияти таҳйиҷ ва таҳрик дорад, ҳушёрӣ ва ҳассосият ба вуҷуд меоварад, заъф ва сустиро аз байн мебарад.

Пас ин гуна умурро набояд қаҳр ва хашм шумурд, лутф аст дар шакли қаҳр, хайр аст дар сурати шарр, неъмат аст дар мазҳари ниқмат.

Эй ҷафои ту зи давлат хубтар
В-интиқоми ту зи ҷон маҳбубтар.
Нори ту ин аст, нурат чун бувад?
Мотам ин, то худ, ки сурат чун бувад?
Аз ҳаловатҳо, ки дорад ҷаври ту
В-аз латофат кас наёбад ғаври ту.
Ноламу тарсам, ки ӯ бовар кунад
В-аз карам он ҷаврро камтар кунад.
Ошиқам бар қаҳру бар лутфаш ба ҷид,
Булаҷаб, ман ошиқи ин ҳар ду зид.
(Мавлоно)

Дар ин миён, унсурҳои қобил ҳадди аксари истифодаро аз ин лутфҳои қаҳрнамо ва неъматҳои ниқматсурат мебаранд. Ин гуна ашхоси моядор на танҳо аз шадоиди мавҷуд баҳра мебаранд, як навъ ҳолати моҷароҷӯӣ нисбат ба шадоид дар онҳо ҳаст, ба истиқболи шадоид мераванд, барои худ шадоид меофаринанд.

Мавлавӣ барои унсурҳои қобил, ки аз сахтиҳо камол меёбанд ва рушд мекунанд ва нерӯмандтар мегарданд масале меоварад, мегӯяд:

Ҳаст ҳайвоне, ки номаш ушғур аст,
Ӯ ба захми чӯб зафту ламтур аст.
То ки чӯбаш мезанӣ, беҳ мешавад,
Ӯ зи захми чӯб фарбеҳ мешавад.
Нафси мӯъмин ушғуре омад яқин,
К-ӯ ба захми ранҷ зафт асту самин.
З-ин сабаб бар анбиё ранҷу шикаст
Аз ҳама халқи ҷаҳон афзунтар аст.
То зи ҷонҳо ҷонашон шуд зафттар,
Ки надиданд он бало қавми дигар.

Мисоли дигаре зикр мекунад, афроди сахтӣ кашидаро ташбеҳ мекунад ба пӯсти даббоғишуда, мегӯяд:

Пӯст аз дору балокаш мешавад,
Чун адими тоифӣ х(в)аш мешавад.
В-арна талху тез молидӣ дар ӯ,
Ганда гаштӣ, нохушу нопокбӯ.
Одамиро пӯсти номадбуғ дон,
Аз рутубатҳо шуда зишту гарон.
Талху тезу молиши бисёр деҳ,
То шавад поку латифу бофареҳ.
В-ар наметонӣ ризо деҳ, эй аёр,
Гар Худо ранҷат диҳад беихтиёр,
Ки балои дӯст татҳири шумост,
Илми ӯ болои тадбири шумост.

Пас ҷавоби аввал, ки чӣ гуна Худованд дӯстонашро дучори балоё мекунад, маълум шуд.

Имтиҳони илоҳӣ

Аммо суоли дуввум, ки имтиҳон дар ин маврид чӣ маънӣ дорад? Ҷавоби ин суол ҳам то андозае аз он чи гуфта шуд дониста мешавад, аммо тавзеҳи бештаре медиҳам: як вақт чизеро мавриди имтиҳон қарор медиҳанд барои ин ки маҷҳулеро табдил ба маълум кунанд. Барои ин кор шайъро ба унвони мизон ва миқёс ба кор мебаранд, мисли ин ки матоъеро дар тарозу мегузоранд, то бифаҳманд, ки вазни воқеии он чӣ қадр аст. Тарозу фақат василаи тавзин аст, асараш фақат ин аст, ки вазни воқеии ҷисмро маълум мекунад. Тарозу худ таъсире дар зиёд кардан ё кам кардани он ҷисм надорад.

Ҳамчунин аст соири мизонҳо ва миқёсҳо: мизонулҳарора асараш ин аст, ки дараҷаи гармии ҳаво ё бадани инсонро муайян мекунад, метр асараш ин аст, ки каммияти як тӯлро муайян мекунад, илми мантиқ, ки илми мизон номида мешавад, асараш ин аст, ки шакли истидлолҳоро андозагирӣ мекунад ва агар аҳёнан халале дар шакли истидлол рух дода бошад, қоъидаҳои мантиқии онро муайян мекунад.

Имтиҳон агар фақат ба маънии ба кор бурдан мизон ва миқёс барои кашфи маҷҳуле бошад, албатта дар бораи Худованд саҳеҳ нест.

Имтиҳон, маънии дигаре ҳам дорад ва он аз қувва ба феъл овардан ва такмил аст. Худованд, ки ба василаи балоё ва шадоид имтиҳон мекунад, ба маънии ин аст, ки ба василаи инҳо ҳар касеро ба камоле, ки лоиқи он аст мерасонад. Фалсафаи шадоид ва балоё фақат санҷиши вазн ва дараҷа ва каммият нест, зиёд кардани вазн ва боло бурдани дараҷа ва афзоиш додан ба каммият аст. Худованд имтиҳон намекунад, ки вазни воқеӣ ва ҳадду дараҷаи маънавӣ ва андозаи шахсияти касе маълум шавад, имтиҳон мекунад яъне дар маърази балоё ва шадоид қарор медиҳад, ки бар вазни воқеӣ ва дараҷаи маънавӣ ва ҳадди шахсияти он банда афзуда шавад. Имтиҳон намекунад, ки биҳиштии воқеӣ ва ҷаҳаннамии воқеӣ маълум шавад, имтиҳон мекунад ва мушкилот ва шадоид ба вуҷуд меоварад, ки он ки мехоҳад ба биҳишт биравад, дар хилоли ҳамин шадоид худро шоиста ва лоиқи биҳишт кунад ва он ки лоиқ нест сари ҷойи худ бимонад.

Алӣ (а) дар он номае, ки ба волии Басра Усмон ибни Ҳунайф навишта, пас аз он ки ӯро насиҳат мекунад, ки гирди танаъум наравад ва аз вазифаи худаш ғафлат накунад, вазъи зиндагии содда ва дур аз таҷаммул ва танаъуми худашро зикр мекунад, ки чӣ гуна ба нони ҷаве қаноат кардааст ва худро аз ҳар навъ нозпарвардагӣ дур нигаҳ дошта, он гоҳ мефармояд: шояд баъзе таъаҷҷуб кунанд, ки чӣ тавр Алӣ бо ин хӯрокҳо тавонои баробарӣ ва ғалаба бар шуҷоъонро дорад? Қоъидатан бояд ин тарзи зиндагӣ ӯро заъиф ва нотавон карда бошад. Худаш ин тавр ҷавоб медиҳад, ки инҳо иштибоҳ мекунанд,

зиндагии сахт нерӯро намекоҳад, танаъум ва нозпарвардагӣ аст, ки мӯҷиби коҳиши нерӯ мегардад. Мефармояд:

ألا وإن الشجرة البرية أصلب عودا، والروائع الخضرة أرق جلودا، والنباتات البدوية أقوى وقودا

(*“Наҳҷул-балоға”, номаи 45*) Чӯби дарахтҳои саҳроӣ ва ҷангалӣ, ки навозиши боғбонро надидааст, муҳкамтар аст, аммо дарахтҳои сарсабзу шодоб, ки мураттаб таҳти риояти боғбон ва навозиши ӯ мебошанд, нозуктар ва камтоқаттар аз кор дармеояд. Гиёҳони саҳроӣ ва ваҳшӣ нисбат ба гулҳои хонагӣ, ҳам қудрати иштиъол ва афрӯзиши бештаре доранд ва ҳам оташашон дертар хомӯш мешавад. Мардони сарду гарм чашида ва фарозу нишебдида ва заҳматкашида ва бо сахтиҳо ва шадоид ва мушкилот дасту панҷа нармкарда низ тоқат ва қудраташон аз мардҳои нозпарварда бештар аст. Фарқ аст байни нерӯе, ки аз дохил ва ботин бичӯшад, бо нерӯе, ки аз хориҷ кӯмак бигирад.

Умда ин аст, ки истеъдодҳо ва нерӯҳои беҳадду ҳасри ботинии башар буруз кунад. Алӣ мефармуд, нагӯед:

اللهم إني أعوذ بك من الفتنة

(*“Худоё! Ба ту аз фитнаҳо ва мояи гирифториҳо паноҳ мебарам!”*), зеро ҳеч кас нест, ки бо гирифториҳо мувоҷеҳ набошад, (балки) бигӯед:

اللهم إني أعوذ بك من مضلات الفتن

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 90 ва фақраи дуввум нақли ба маънӣ шудааст.*) (*“Худоё! Аз фитнаҳои гумроҳкунанда, аз ҷанбаҳои гумроҳкунандаи фитнаҳо, ба ту паноҳ мебарам!”*)

Нозпарвардагӣ

Ба ҳар нисбат, ки мувоҷеҳа бо шадоид мураббӣ ва мукаммил ва сайқалдеҳ ва ҷилобахш ва кимиёасар аст, парҳез кардан асари мухолиф дорад. Бинобар ин донишмандон гуфтаанд, бузургтарин душманиҳое, ки дар бораи атфол ва кӯдакон мешавад, ҳамонҳост, ки падарону модарони нодон ба унвони муҳаббат ва аз рӯйи камоли алоқа анҷом медиҳанд, яъне навозишҳои беҳисоб, монеъ шудан аз бархӯрд бо сахтӣ, нозпарварда кардани онҳо. Инҳост, ки тифлро бечора ва нотавон бор меоварад, ӯро дар саҳнаи зиндагӣ халъи силоҳ мекунад, коре мекунад, ки кӯчактарин номулойимӣ онҳоро аз по дароварад ва камтарин тағйири вазъе сабаби нобудии онҳо гардад.

Ӯро мисли касе бор меоваранд, ки ҳаргиз дар ҳамаи умр ба дохили об нарафта ва шиновариӣ накарда ва наёмӯхтааст ва якмартиба мувоҷеҳ шавад бо дарё ва бихоҳад дар

он шиноварӣ кунад. Касе, ки шиноварӣ ҳеч намедонад, аввалин боре, ки ба об биафтад, ғарқ мешавад. Шиноварӣ ҳам чизе нест, ки бо ғайри амал, бо дарсу китоб ва гӯшаи уток битавон ёд гирифт, ҳунар аст, фанни амалӣ аст, бояд рафт миёни об ва дар ҳамон ҷо зимни амал ва талош ва зери об рафтан ва боло омадан, тадриҷан онро омӯхт.

Дар яке аз аҳодисе, ки дар ибтидои сухан хондам, ин таъбир буд:

إن الله إذا أحب عبدا غته بالبلاء غتا

(*"Кофӣ", ҷ.2, с.253*) "Ғатт" ба маънии ғамс ва фурӯ бурдан дар об аст, яъне Худованд вақте, ки касеро дӯст бидорад, ӯро дар шадоид фурӯ мебарад, ба миёни шадоид меандозад. Чаро? Барои ин ки роҳи берун шудан аз шадоид, роҳи шиноварӣ дар дарёи гирифториро ёд бигирад. Ҷуз ин роҳе нест, лутфу муҳаббати Худост, ки бо мувоҷеҳ сохтани банда бо мушкилот, василаи омӯхтани фанни шиноварӣ дар дарёи ҳаводис ва солим берун омадан аз миёни онҳоро фароҳам мекунад. Пас қатъан ин аломат лутф ва муҳаббат аст.

Дар бораи баъзе аз парандагон менависанд, вақте, ки ҷӯҷаи онҳо пар дармеоварад, барои ин ки ҳайвон ба ҷӯҷаи худ фанни парвозро ёд бидиҳад, ӯро бо худ аз ошёна берун меоварад ва дар фазо боло мебарад ва он гоҳ ӯро раҳо месозад. Ҷӯҷа муддате талош мекунад ва пар-пар мезанад, то хаста мешавад. Ҳаминки дар асари хастагӣ мехоҳад ба замин биафтад, модараш ӯро рӯйи боли худ мегирад ва пас аз лаҳзае думартиба ӯро аз авҷи баландӣ раҳо мекунад. Боз муддате ин ҳайвон талош мекунад, пойину боло меравад ва худро хаста мекунад. Ҳаминки комилан хаста шуд, модар думартиба ӯро мегирад ва рӯйи бол менишонад. Ва ба ҳамин тартиб чанд бор амал мекунад, то фарзандаш амалан бар парвоз кардан мусаллат гардад.

Ин асли табиии фитрӣ бояд дар тарбияти фарзанди одам мавриди истифода қарор бигирад, тифл аз аввал бояд бо кору заҳмат ва сахтӣ ва шиддат ошно бошад. Аммо ашрафи махлуқот ғолибан бар хилофи ин амал мекунад, табақаи мутамаккин ба хаёли ин ки кор фақат ба хотири фақр аст, аз кору заҳмат парҳез мекунанд ва фарзанди худро як бечораи мафлуки заъиф бор меоваранд.

Жан-Жак Руссо дар китоби "Эмил" дар бораи ин гуна тарбиятҳо мегӯяд: "*Агар мардум то охири умр дар кишваре, ки мутаваллид шуда буданд мемонданд, агар тамоми сол як фасл беш надошт, агар афрод наметавонистанд ҳеч вақт сарнавишти худро тағйир диҳанд, ингуна тарбиятҳо аз баъзе ҷиҳатҳо хуб буд, аммо агар тағйири сареъи авзоъи башарро дар назар бигирем, бояд иқрор кунем, ки ҳеч равише бемаънитар ва ғалаттар аз ин нест, ки кӯдакро бо ин фарз парвариш диҳем, ки ҳаргиз набояд аз уток хориҷ шавад*

ва ҳамеша бояд навкар ва кулфат даври ӯро бигиранд ва агар он бадбахт фақат як қадам бар рӯйи замин бигузорад ва агар як пилла пойин биёяд, нест хоҳад шуд."

Ва ҳам ӯ мегӯяд: "*Агар ҷисм зиёд дар осоиш бошад, руҳ фосид мешавад. Касе, ки дарду ранҷро нашносад, на лаззати шафқатро мешиносад ва на ҳаловати тараҳҳумро. Чунин касе қалбаш аз ҳеч чиз мутаассир нахоҳад шуд ва бад-ин сабаб қобили муошират набуда монанди деве хоҳад буд дар миёни одамиён*."

Фалсафаи таколифи душвор

Ибодатҳо ва тамринҳои мукаррар, ки дар дини муқаддаси ислом дастур расида, навъе варзиши руҳӣ аст, навъе ибтило ва таҳаммули шадоид аст. Баъзе аз он ибодатҳо воқеан сахт аст.

Ҷиҳод яке аз он ибодатҳост, бадеҳӣ аст бо нозпарвардагӣ ва осоиш созгор нест. Аз Пайғамбар (с) нақл шуда, ки:

من لم يغز ولم يحدث نفسه بغزو مات على شعبة من النفاق

(*Сунани Насоӣ, ҷ.6, с.8, бо андаке пасу пеш*) ("*Касе, ки барои дин сарбозӣ накарда бошад, ё дар қалби худ орзуи ин корро надошта бошад, бо навъе аз нифоқ хоҳад мурд*.")

Бархе аз пардаҳо ва кудуратҳост, ки фақат ҷиҳод ва тасодумҳо ва истикокҳои онтаврӣ, онҳоро аз байн мебарад. Баъзе аз ахлоқи олӣ ҷуз дар майдони набард падид намеояд. Шуҷоат ва диловарӣ бо хондани китоб ва хилватнишинӣ ва гӯшагирӣ пайдо намешавад. Ҳаҷ, ки яке дигар аз ибодот аст ва бар ҳар мустатеъе лозим аст, ки лоақал дар умр як бор ин вазифаи иҷтимоӣ ва ибодиро анҷом диҳад, холӣ аз машаққат ва душворӣ нест. Алӣ (а) дар бораи Каъба мефармояд: Худованд хонаеро, ки бояд мардум гирди он тавоф кунанд, дар яке аз ноҳамвортарин ва номаъмуртарин нуқтаҳои замин қарор дод ва агар мехост, метавонист дар яке аз нуқоти пурбоғу дарахт ва пурмева ва гардишгоҳҳои дараҷаи аввали ҷаҳон қарор диҳад, аммо он вақт дигар имтиҳон ва озмоиш ва таҳаммули машаққат дар кор набуд, мардум барои таназзуҳ ҳам меомаданд ва манзури муқаддасе, ки ҳаст ҳосил намешуд. Мефармояд.

لكن الله يختبر عباده بأنواع الشدائد، ويتعبدهم بأنواع المجاهد، و يبتليهم بضروب المكاره إخراجا للتكبر من قلوبهم وإسكانا للتذلل في نفوسهم، وليجعل ذلك أبوابا فتحا إلى فضله، وأسبابا ذللا لعفوه

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 234*) Худованд ҳамвора бандагони худро ба анвоъи шадоид мувоҷеҳ мекунад ва ақсоми кӯшишҳо ва муҷоҳидатҳо ҷилави пойи онҳо мегузорад. Таколифи гуногун бар хилофи табъи осоишталаби онҳо бар онҳо муқаррар медорад, то

ғурур ва такаббур аз дилашон берун равад ва нуфусашон одат медорад, то ғурур ва такаббур берун равад ва нуфусашон одат кунад ба убудияти Худо ва ин василае аст барои ин ки дарҳои фазлу раҳмат ва иноятии парвардигор ба рӯйи онҳо гушуда шавад.

Ҷусру ҳарач

Дар охири сухан ба таври ишора як нуктаро ёдоварӣ мекунам: мумкин аст бигӯед, пас бо ин ҳарфҳо таклифи он матлаби дигар чӣ мешавад, ки мегӯянд, дар ислом ҷусру ҳарач нест, кулфат ва машаққат нест?

Инҳо ду матлаб аст: дуруст аст, ки муқаррароти дини муқаддаси ислом мабнӣ бар кулфат нест, мабнӣ бар ҳарач нест:

وَمَا جَعَلَ عَلَيْكُمْ فِي الدِّينِ مِنْ حَرَجٍ

(*Ҳаҷ/78*), ба тавре нест, ки амал ба он муқаррарот пойбанди башар ва музоҳими ӯ бошад, аммо ин далели ин нест, ки ислом асоси тарбияти худро бар нозпарварӣ ва заъифпарварӣ ниҳодааст. Нозпарварӣ ва дар натиҷа заъифпарварӣ як матлаб аст, кулфат набудан ва ҳарач набудан ва музоҳим набудан ва дасту погир набудани таколифи исломӣ, матлаби дигаре аст.

Гуфтори 10:

Фавоид ва осори имон

Носири Хусрав мегӯяд:

Зи дунё рӯй зи дин кардам ийрок,

Маро бедин ҷаҳон чаҳ буду зиндон…

Маро пуро зи дин мулкест дар дил,

Ки он ҳаргиз нахоҳад гашт вайрон.

Дар боби имон ду ҷиҳат ғолибан мавриди таваҷҷӯҳ аст:

Яке ин ки имон ва ақидаи динӣ аз чӣ ношӣ мешавад ва чӣ омиле сабаб шуда ва мешавад, ки башар ба сӯйи дин ва имон савқ дода мешавад? Оё он омил дохилӣ аст ё хориҷӣ? Яъне оё аз фитрати зотии башар сарчашма мегирад ё он ки порае омилҳои хориҷӣ башарро ба ин тараф савқ медиҳанд? Ба иборати дигар, реша ва асл ва мабнои ҳисси динӣ чист ва ин ҳис чӣ қадр дарбаргирандаи ҳақиқат аст?

Ҷиҳати дуввум, осор ва фавоиди дин ва имон аст.

Ҳар кадом аз инҳо баҳси ҷолиб ва қобили таваҷҷӯҳе аст.

Сармоя ё сарбор?

Баҳси имрӯзи мо дар атрофи ин аст, ки имон ва эътиқоди мазҳабӣ чӣ асаре метавонад дошта бошад. Як нафар мумкин аст воқеан мӯъмин ва мӯътақид бошад ва ҳам мумкин аст беимон ва ломазҳаб бошад ва дар бединӣ ба сар бибарад. Ҷойи ин аст, ки баҳс шавад, оё имон ва эътиқоди мазҳабӣ як сармоя аст барои башар, ки агар онро аз даст дод, яке аз сармояҳои зиндагӣ ва ҳаётро аз даст дода, ё ин ки як қайд ва сарборе аст, агар онро аз даст дод, дар зиндагӣ чизеро набохта, балки бореро аз дӯши худ бардоштааст?

Толстой, ки яке аз мутафаккирин ва нависандагони бузурги қарни мост ва шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад, мегӯяд: “*Имон, он чизе аст, ки одамӣ бо он зиндагӣ мекунад*.” Мақсуди ӯ ин аст, ки имон беҳтарин сармояи зиндагӣ аст, агар инсон онро аз каф дод, муҳимтарин сармояи зиндагиро аз даст додааст.

Бисёр чизҳоро бояд сармояи зиндагӣ шумурд. Саломат як сармояи зиндагӣ аст, амният ҳамин тавр, сарват ҳамин тавр, илму маърифат ҳамин тавр, адолати иҷтимоӣ ҳамин тавр, доштани ҳамсар ва фарзандони солеҳ ҳамин тавр, доштани дӯстони шоиста ва самимӣ ҳамин тавр, тарбияти олӣ ҳамин тавр, саломати руҳу равон ҳамин тавр. Ҳамаи инҳо сармояҳои зиндагӣ ба шумор мераванд. Ҳар кадом аз инҳо, ки набошад, нақсе дар саодат

ва камоли инсон хоҳад буд ва инсон яке аз сармояҳоро аз каф додааст. Набуди ҳар кадом аз инҳо навъе аз бадбахтӣ аст.

Имон ҳам яке аз сармояҳо, балки болотар аз ҳамаи онҳост. Қуръони Карим мефармояд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا هَلْ أَدُلُّكُمْ عَلَىٰ تِجَارَةٍ تُنْجِيكُمْ مِنْ عَذَابٍ أَلِيمٍ. تُؤْمِنُونَ بِاللَّهِ وَرَسُولِهِ

(*Сафф/10-11*) (“*Оё шуморо ба як тиҷорат ва бозаргонӣ, ки шуморо аз шиканҷаҳои дарднок наҷот медиҳад роҳнамоӣ кунам? Он ин аст, ки ба Худо ва пайғамбари ӯ имон биёваред…*”)

Чунонки мебинем, Қуръони Карим аз имон ба Худо ва пайғамбар ба унвони тиҷорат ва сармоя ёд кардааст.

Ин матлаб муқаддиматан бояд гуфта шавад, ки башар мутлақан маҳсусот ва моддиётро қабл аз умури маънавӣ мешиносад, сирраш ҳам возеҳ аст. Масалан, сарват як сармояи зиндагӣ аст, ҳар касе зуд онро мешиносад ва ба арзиши он пай мебарад, балки аҳёнан бештар аз миқдори лозим барои он арзиш қоил мешавад, ҳирсу тамаъи зиёд пайдо мекунад ва дар натиҷа, ҳам барои худаш ва ҳам барои иҷтимоъ мӯҷиби дарди сар мешавад.

Аз тарафи дигар, ахлоқи хуш ва тарбияти саҳеҳ ва таъаддуб ба одоби хуб ҳам як сармояи дигар аст барои зиндагӣ ва боиси пешрафт ва тараққӣ ва камол ва саодат аст, балки ба дараҷоти асараш аз сарват болотар аст, аммо башар дер онро мешиносад ва дер ба арзишаш пай мебарад. Одамӣ ё бояд табъан хеле ҳушманд ва зирак ва нуктасанҷ бошад, ки арзиш ва аҳаммияти ахлоқи хуб ва тарбияти олиро дарк кунад ва ё бояд ба ӯ таълим дода бошанд ва аз забони муаллим ва ё бузургони башар шунида бошад, мисли ин ки Алӣ (а) мефармояд:

حسن الخلق خير رفيق

(*“Ахлоқи некӯ беҳтарин ёр аст.”) (“Биҳорул-анвор”, ҷ.71, с.396*) Ё мефармояд:

رب عزيز أذله خلقه، ورب ذليل أعزه خلقه

(*“Чӣ басо азизе, ки ахлоқи бадаш ӯро хор карда ва чӣ басо залиле, ки ахлоқи писандидааш вайро азиз намуда.”) (“Биҳорул-анвор”, ҷ.71, с.396*)…

Имон ҳам айнан ҳамин тавр аст. Чӣ бисёр ашхосе, ки аз ин мавҳибати узмо баҳраманданд ва дар сояи он ба хушӣ ва ризоят зиндагӣ мекунанд, саломати ҷисму ҷон ва тӯли умрашон мадюни ҳамон имоне аст, ки дар дили онҳост, аммо худашон ба ин матлаб таваҷҷӯҳ надоранд. Бисёре ҳам баръакси ин ҳастанд ва умре дар ранҷ ва тардид ва худхӯрӣ ва тарс ва дилҳира ба сар мебаранд, саломати ҷисму ҷони худро аз каф дода,

зуд пир ва шикаста мешаванд ва худашон наметавонанд бифаҳманд иллати аслии ҳамаи инҳо ин буд, ки як сармояи бузурге аз сармояҳои зиндагиро аз каф доданд. Ин матлаб аз роҳи таваҷҷӯҳ ба осори имон бояд расидагӣ шавад.

Пуштвонаи ахлоқ

Аввалин асари имон ин аст, ки пуштвонаи ахлоқ аст. Яъне ахлоқ, ки худ як сармояи бузурги зиндагӣ аст, бидуни имон асос ва пояи дурусте надорад. Зер бинои ҳамаи усули ахлоқӣ ва мантиқи ҳамаи онҳо, балки сарсилсилаи ҳамаи маънавиёт, имони мазҳабӣ яъне имон ва эътиқод ба Худост. Каромат, шарофат, тақво, иффат, амонат, ростӣ, дурусткорӣ, фидокорӣ, эҳсон, сулҳу силм будан бо халқи Худо, тарафдорӣ аз адолат, аз ҳуқуқи башар ва билохира ҳамаи умуре, ки фазилати башарӣ номида мешавад ва ҳамаи афрод ва миллатҳо онҳоро тақдис мекунанд ва онҳое ҳам, ки надоранд, тазоҳур ба доштани онҳо мекунанд, мубтанӣ бар асли имон аст, зеро тамоми онҳо муғойир бо асли манфиатпарастӣ аст ва илтизом ба ҳар як аз инҳо мусталзими таҳаммули як навъ маҳрумияти моддӣ аст. Одамӣ бояд далеле дошта бошад, ки ризоят ба як маҳрумият бидиҳад, он гоҳ ризоят медиҳад, ки маҳрумиятро маҳрумият надонад, ин чиҳат он гоҳ муяссар аст, ки ба арзиши маънавият пай бурда ва лаззати онро чашида бошад.

Зербинои ҳар андешаи маънавӣ, имон ба Худост. Ҳадди ақалли асари имон ба Худои одили ҳаким ин аст, ки як мӯъмини оддӣ мутмаин мешавад, ки кори хуб ва сифати хуб дар назди Худо аз байн намеравад:

إِنَّ اللَّهَ لَا يُضِيعُ أَجْرَ الْمُحْسِنِينَ

(*“Худованд подоши некӯкоронро зойеъ намекунад.”) (Тавба/120*)…

Башар воқеан ду роҳ бештар надорад: ё бояд худпараст ва манфиатпараст бошад ва ба ҳеч маҳрумияте таслим нашавад ва ё бояд Худопараст бошад ва маҳрумиятҳоеро, ки ба унвони ахлоқ мутаҳаммил мешавад, маҳрумият нашуморад ва лоақал чуброншуда бидонад. Инсоният ва гузашт ва эҳсон агар бар пояи тақвои илоҳӣ ва талаби ризои илоҳӣ набошад, бар партгоҳи хатарноке аст:

أَفَمَنْ أَسَّسَ بُنْيَانَهُ عَلَىٰ تَقْوَىٰ مِنَ اللَّهِ وَرِضْوَانٍ خَيْرٌ أَمْ مَنْ أَسَّسَ بُنْيَانَهُ عَلَىٰ شَفَا جُرُفٍ هَارٍ

(*Тавба/109*) Яъне оё он кас беҳтар аст, ки бинои кори худро бар тақво ва ризои Худо қарор дод ё он кас, ки бинои кори худро бар лаби партгоҳе қарор дода, ки зери он холӣ аст ва мушриф ба суқут аст?

Касе, ки такягоҳи ахлоқ ва шахсияташ ғайри Худо бошад, монанди ин аст, ки бар партгоҳи мушриф ба суқуте гом бармедорад ва ҳар лаҳза эҳтимоли суқут дорад:

مَثَلُ الَّذِينَ اتَّخَذُوا مِنْ دُونِ اللَّهِ أَوْلِيَاءَ كَمَثَلِ الْعَنْكَبُوتِ اتَّخَذَتْ بَيْتًا ۖ وَإِنَّ أَوْهَنَ الْبُيُوتِ لَبَيْتُ الْعَنْكَبُوتِ

(*Анкабут/41*) Яъне масали онон, ки дӯстон ва сарпарастоне ғайри Худо интихоб карда ва ба онҳо иттико кардаанд, масали анкабут ва хонаи анкабут аст. Сусттарини хонаҳо хонаи анкабут аст.

Ин оят нозир ба ин аст, ки ғайри Худоро наметавон такягоҳи амал қарор дод. Ғайри Худо такягоҳ қарор мегирад, аммо суст ва бепоя аст. Бо тақлид ва талқин ва эҷоди одат, қасрӣ ва муваққатан метавон афроди фидокор ва богузашт тарбият кард, аммо ин навъе иғфол ва қаср аст. Ҳамаро барои ҳамеша аз роҳи нодуруст наметавон бурд. Ҳукамо гуфтаанд:

القسر لا يدوم

(“*Кори мухолифи табиат, давом нахоҳад дошт.*”)

Ҳамон тавре, ки Худованд сарсилсилаи мавҷудот аст ва ҳамаи мавҷудот қоим ва муттакӣ ба зоти ӯ ҳастанд, маърифат ва имон ба Худо ҳам сарсилсилаи ҳамаи маънавиёт ва фазоили ахлоқӣ ва маънавӣ аст. Маънавиёт минҳои Худошиносӣ монанди банкнотаи бидуни пуштвона аст, яъне эътибор надорад, коғази беэътиборе беш нест.

Дар ояти каримаи Қуръон мефармояд:

أَلَمْ تَرَ كَيْفَ ضَرَبَ اللَّهُ مَثَلًا كَلِمَةً طَيِّبَةً كَشَجَرَةٍ طَيِّبَةٍ أَصْلُهَا ثَابِتٌ وَفَرْعُهَا فِي السَّمَاءِ. تُؤْتِي أُكُلَهَا كُلَّ حِينٍ بِإِذْنِ رَبِّهَا ۗ وَيَضْرِبُ اللَّهُ الْأَمْثَالَ لِلنَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَتَذَكَّرُونَ.

(*Иброҳим/24-25*) (“*Худованд сухани пок (ақидаи пок)-ро ба дарахти солим ва беайб масал мезанад, ки решааш дар замин муҳкам ҷо гирифта ва шохааш сар ба осмон кашидааст, ҳама вақт мева медиҳад ба изни Парвардигор. Худованд барои мардум масалҳо меоварад. Бошад, ки танаббуҳ пайдо кунанд…*”)

Ин масал барои ин аст, ки дарахти инсоният агар бихоҳад ба ростӣ борвар ва мевадеҳ бошад, бояд решаи тавҳидӣ ва имонӣ дошта бошад.

Баъд мисоли дигар зикр мекунад, мефармояд:

وَمَثَلُ كَلِمَةٍ خَبِيثَةٍ كَشَجَرَةٍ خَبِيثَةٍ اجْتُثَّتْ مِنْ فَوْقِ الْأَرْضِ مَا لَهَا مِنْ قَرَارٍ

(*Иброҳим/26*) Масали сухани нопок (ақидаи ботил ва бепоя) масали дарахти баде аст, ки решаҳояш аз замин ҷудо шуда ва қарору саботе надорад.

Он гоҳ мефармояд:

يُثَبِّتُ اللَّهُ الَّذِينَ آمَنُوا بِالْقَوْلِ الثَّابِتِ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَفِي الْآخِرَةِ

(*Иброҳим/27*) (“*Худованд аҳли имонро бар сухани ҳақ ва дуруст барои ҳамеша собит ва побарҷо ва тазалзулнопазир нигаҳ медорад дар дунё ва охират*.”)

Ҳамчунин роҷеъ ба беимонӣ мегӯяд:

أَرَأَيْتَ الَّذِي يُكَذِّبُ بِالدِّينِ. فَذَٰلِكَ الَّذِي يَدُعُّ الْيَتِيمَ. وَلَا يَحُضُّ عَلَىٰ طَعَامِ الْمِسْكِينِ

(*Моъун/1-3*) (“*Оё дидӣ он касро, ки динро дурӯғ медонад? Ӯ ҳамон кас аст, ки бо бераҳмӣ ятимро аз худ тард мекунад…*”) Иноятe надорад ба ин ки фуқаро сер бишаванд, дигаронро ба сер кардани гуруснагон ва бенавоён водор намекунад.

Мехоҳад бифармояд, он ки пушт ба дин карда, ба ҳамаи фазилатҳо пушт кардааст, он ки отифаи динӣ ва имониро, ки мабно ва асос ва пуштвона ва мантиқи инсоният аст аз даст дода, инсоният ва авотифи инсониро аз даст додааст.

Умури маънавӣ мутлақан мусталзими таҳаммули як навъ маҳрумияти моддӣ аст. То як мабно ва асоси дурусте дар кор набошад, башар беҷиҳат таҳаммули маҳрумият намекунад.

Табиитарин маҳсули афкори моддӣ, ахлоқи моддӣ яъне ахлоқи мубтанӣ бар худпарастӣ ва манфиатпарастӣ аст.

Ин фармон, ки:

كُونُوا قَوَّامِينَ بِالْقِسْطِ شُهَدَاءَ لِلَّهِ وَلَوْ عَلَىٰ أَنْفُسِكُمْ أَوِ الْوَالِدَيْنِ وَالْأَقْرَبِينَ

(*Нисо/135*) (“*Адолатро ҷиддан бапо нигаҳ доред, гувоҳиро ба хотири Худо бидиҳед, на ба мулоҳизоти дигар, ҳарчанд алайҳи падару модар ё хешовандони шумо бошад*.”)

Ё ин ки:

كُونُوا قَوَّامِينَ لِلَّهِ شُهَدَاءَ بِالْقِسْطِ ۖ وَلَا يَجْرِمَنَّكُمْ شَنَآنُ قَوْمٍ عَلَىٰ أَلَّا تَعْدِلُوا ۚ اعْدِلُوا هُوَ أَقْرَبُ لِلتَّقْوَىٰ

(*Моида/8*) (“*Бисёр барои Худо қиём кунед, ба адолат адои шаҳодат кунед. Мабодо душмании қавме бо шумо (ҳарчанд душмании динӣ) сабаб гардад, ки аз ҳаққ ва адолат мунҳариф шавед. Ба ҳар ҳол, адолат кунед, ки адолат ба тақво наздиктар аст*.”)

Инҳо фармонҳое аст, ки фақат дин салоҳият дорад бидиҳад ва аз тарафи дин ҳам буда, ки пазируфта ва амал шудааст.

Пас маълум мешавад, ки ахлоқ, адолати иҷтимоӣ, амнияти иҷтимоӣ, инсоният, ҳама сармояҳое ҳастанд, ки ба даст овардан ва ҳифзи инҳо сармояи дигаре лозим дорад, ки номаш имон аст.

Амирулмӯъминин Салавотуллоҳи алайҳ мефармояд:

من استحكمت لي فيه خصلة من خصال الخير احتملته عليها واغتفرت فقد ما سواها ولا أغتفر فقد عقل ولا دين، لأن مفارقة الدين مفارقة الأمن فلا يتهنأ بحياة مع مخافة، وفقد العقل فقد الحياة ولا يقاس إلا بالأموات

(*“Кофӣ”, ч.1, с.27*) Агар касе як хислат аз хисоли хайр дар ӯ бошад, кофӣ аст, ки соири сифот ва хислатҳои ӯро таҳаммул кунам ва бибахшам, магар ду чизро: яке беақлӣ ва яке беимонӣ. Он ҷо, ки дин ва имон нест, амният нест, ба одами беимон дар ҳеч чиз намешавад эътимод ва итминон кард. Он ҷо, ки амният ва эътимод ва итминон нест, зиндагӣ гуворо нест, доиман нигаронӣ аст, хавф аст, изтироб ва дилҳира аст, одамӣ ҳамеша бояд мувозиби худ бошад, ки аз ноҳияи ҳамон дӯстони худ хиёнат набинад. Аммо он ҷо, ки ақл нест, ҳаёт ва зиндагӣ нест, мурдагӣ аст, бояд ба ҳисоби мурдагон ба ҳисоб овард.

Ба таври куллӣ, мо дар сифоти ахлоқӣ он андоза тақво ва иффат ва амонат мехоҳем, ки ҳатто дар ниҳонхонаҳо ва сирруссир ҳофизи башар бошад, адолат ба зердастон ҳатто дар ҳоли қудрат ва тавоноӣ мехоҳем, шуҷоат ва шаҳомат дар муқобили зӯр мехоҳем, истиқомат ва пойдорӣ мехоҳем, қатъи эътимод ба ғайр ва такя ба худ ва ботини зоти худ мехоҳем, сафо ва самимият ва муҳаббат мехоҳем. Ҳамаи инҳо фақат дар партави имони динӣ пайдо мешавад.

Саломати ҷисму ҷон

Асари дигари имон, саломати ҷисму ҷон аст. Алӣ (а) дар бораи тақво мефармояд:

دواء داء قلوبكم وشفاء مرض أجسادكم

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 189*) Давои бемории руҳӣ ва шифои амрози ҷисмонии шумост.

Албатта, маълум аст, ки имон қурсу капсул нест. Асараш дар саломати ҷисму ҷон вақте фаҳмида мешавад, ки инсон бидонад, ки одами боимон руҳи мутмаинтар ва аъсоби оромтар ва қалби солимтар дорад. Доиман дар (ин) фикр нест, (ки) куҷоро бибарад ва куҷоро бихӯрад. Агар дигарон ба навоӣ расиданд. Аз ҳасодат оташ намегирад ва ҳирсу бухлу тамаъ оташ ба ҷонаш намеафканад. Нороҳатиҳои асабӣ ӯро ба захми меъда ва захми рӯда мубтало намесозад. Ифрот дар шаҳват ӯро заъифу нотавон намекунад, умраш тӯлонитар мешавад.

Саломати тан ва саломати руҳ бастагии зиёде дорад ба имон. Мавзӯъи афзоиши беморони равонӣ, ки бемористонҳоро пур кардаанд ва доиман рӯ ба афзоиш аст, яке аз

масоили иҷтимоии рӯз ба шумор меравад. Омор нишон медиҳад, ки ин бемориҳо ҳама ё бештари онҳо дар миёни табақае аст, ки аз мавҳибати имон ба Худо ва эътиқоди холис ба мабдаъи мутаъол бебаҳраанд. Маншаъи ин бемориҳои равонӣ эҳсоси маҳрумиятҳо ва мағбуниятҳои иҷтимоӣ аст, имон ҳукми доруи пешгириро дорад.

Албатта, мақсуд ин нест, ки лозимаи имон ин аст, ки бояд ба ҳамаи маҳрумиятҳо тан дод ва таслим шуд, мақсуд ин аст, ки бо вуҷуди имон, маҳрумиятҳо инсонро аз по дарнамеоварад, таъодули ӯро маҳфуз нигаҳ медорад.

Интибоқ бо муҳит

Асари дигари имон, эҷоди таъодул ва ҳамоҳангӣ байни фард ва ҷомеа аст. Асле дар зистшиносӣ аст, ки мегӯяд: шарти идомаи ҳаёти як мавҷуди зинда ин аст, ки муҳит ва шароити муҳити зиндагӣ, бо вазъи хосси сохтмонии он мавҷуди зинда созгор ва мунтабиқ бошад. Аммо агар мухолиф буд, дар ин сурат, агар он мавҷуди зинда тавонист дар худ тағйироте эҷод кунад, яъне агар тадриҷан тағйироте муносиб бо муҳит дар он мавҷуди зинда ба вуҷуд омад ва байни ӯ ва муҳит, созгорӣ ва интибоқ пайдо шуд, он мавҷуд метавонад ба ҳаёти худ идома диҳад. Аммо агар чунин тағйироти муносибе дар ӯ пайдо нашуд ва байни ӯ ва муҳит созгорӣ ва интибоқ ба амал наомад, он мавҷуд маҳкум ба фаност, зеро ӯ ҷузъ аст ва омилҳо ва авзоъи муҳит кулл, ӯ муҳот аст ва онҳо муҳит, ҷузъ тобеъи кулл ва муҳот тобеъи муҳит аст.

Башар аз лиҳози муҳити табиӣ, яъне нуқтаи табиии зиндагӣ ҳамин тавр аст: агар дар муҳити ғайри мутаносибе қарор бигирад, аз тарафе ҷиҳозоти дохилии баданаш ба таври худкор ба фаъолият меафтанд, то ӯро бо муҳит муносиб ва мувофиқ ва созгор кунанд. Ва аз тарафи дигар, ӯ худаш саъй мекунад бо қувваи ибтикори худ, бо омилҳои муҳит ва табиат мубориза кунад ва онҳоро бо худ мунтабиқ кунад.

Инсон, илова бар муҳити табиӣ, муҳити иҷтимоӣ ҳам дорад, бояд бо ин муҳит низ мунтабиқ бошад. Омилҳои иҷтимоӣ иборат аст аз соири афрод бо сифот ва ҳолоте, ки доранд ва аъмоле, ки аз онҳо сар мезанад ва қонунҳо ва муқаррарот ва одот ва одобе, ки бар он иҷтимоъ ҳукмфармост. Шароити зиндагии хусусии инсон дар муҳити иҷтимоӣ иборат аст аз майлҳо ва орзуҳо ва эҳтиёҷоти шахсӣ. Ин ду бояд бо якдигар мунтабиқ шаванд, инъитофе аз иҷтимоъ ва инъитофе аз фард лозим аст.

Инъитоф ва интибоқи иҷтимоъ ба ин аст, ки иҷтимоъ, одил ва ҳофизи манофеъи ҷамъ бошад, бар меҳвари масолеҳи ҷамъ бигардад, на бар меҳвари манофеъи фард.

Интибоқ ва инъитофи фард иборат аст аз ризо ва таслим ба масолеҳи ҷамъ ва гузашт аз майлҳо ва ҳавасҳои шахсӣ.

Дар марҳилаи аввал ва биттабъ ҳеч гуна интибоқе байни фард ва иҷтимоъ нест, зеро иҷтимоъ, ки аз афроди мухталиф ташкил шуда ва ҳар фарде аз худ раъю ақида ва майле дорад мухолиф бо майл ва ақида ва орзуи фарди дигар, байни онҳо тазодд ва носозгорӣ аст. Бояд аз ду тараф инъитофе пайдо шавад, то интибоқ ба амал ояд. Инъитоф ба ин аст, ки ҷомеа бар меҳвари масолеҳи ҷамъ бигардад ва фард дар ноҳияи майлҳо ва орзуҳои худ ризоят бидиҳад ба орзуҳо ва ҳадафҳои иҷтимоӣ.

Дин, омили аслии ин татобуқ аст, зеро дин аст, ки ба ҷомеа адолат медиҳад ва ба фард ризо ва таслим.

Мафҳуми ризо ва таслим

Ин ҷо то номи ризоят бурда шуд, мумкин аст дар зеҳни баъзеҳо фавран ин матлаб биёяд, ки ризоят ва қаноъати афрод ба он чи ҷомеа ба онҳо дода хуб нест, мӯҷиби сукун ва тамкин ва бетаҳаррукӣ мешавад, бар хилофи норизоӣ, ки омили таҳаррук ва ҷунбиш аст. Арз мекунам, ризоят бар ду қисм аст: як навъ ризоят, матлуб аст ва он ҳамин аст, ки фард ба саҳми худ розӣ бошад, зеро билохира ҳар фарде ҳаққи муайян ва саҳми муайяне дорад. Ҳеч кас набояд фикр кунад, ки ҳама чиз бояд ба шахси ман таъаллуқ бигирад, бояд ба ҳаққи худ розӣ бошад:

واجعلني بقسمك راضيا قانعا

(*Аз фақароти дуои Кумайл*)

Қисми дуввуми ризоят, (тан) додан ба таҷовуз ва зулм аст. Ин ҷост, ки исён ва норизоятӣ камол аст. Аз назари дин, ризоят дар ингуна маворид на танҳо матлуб нест, балки гуноҳ аст.

Тасаллут бар нафс

Хоссияти дигари имон, тасаллути комил бар нафс аст. Набояд чунин тасаввур кард, ки масъалаи тасаллут бар нафс, як мафҳуми мазҳабӣ аст ва фаръ бар мазҳаб аст, агар мазҳаб набуд, тасаллут бар нафс ҳам лозим нест. Ин тасаввур ботил аст.

Тасаллут бар нафс мисли мафоҳими ахлоқӣ аз қабили истиқомат ва адолат аст, ки фаразан касе ба мазҳаб мӯътақид набошад, наметавонад мункири онҳо бишавад. Инҳо фаръ бар дин ва мазҳаб намебошанд ва мазҳаб инҳоро ба вуҷуд наёварда, балки мазҳаб иҷрои инҳоро беҳтар таъмин кардааст.

Яке аз саҳнаҳо ва майдонҳои набард дар зиндагӣ, ки барои башар фарз аст тасаллути худро бар он ҷо мустақар кунад, саҳна ва майдони вуҷуди худаш аст. Яке аз донишмандон ва мутафаккирони машҳури ҷаҳон дар асри ҳозир мегӯяд: инсон дар баробари худ се душман дорад ва дар се ҷабҳа мубориза дорад: ҷабҳаи табиат, ҷабҳаи афроди дигар, ҷабҳаи дохилӣ ва нафсонӣ. Дар қисмати аввал то ҳадди зиёде пирӯз шуда, бар омилҳои сармо ва гармо ва бемориҳо ва балоҳо то ҳудуде мусаллат шуда, ҳарчанд ҳанӯз балоҳое мисли зилзила ва бемориҳое мисли саратон ҳаст, ки башар натавониста бар онҳо фоиқ ояд. Мубориза бо афроди дигар низ идома дошта ва дорад. Аз ҳама болотар, мубориза бо нафс аст, ҳар кас дар дохили худ дучори як кашмакаш аст.

Дар ҳадиси маъруф, ки Расули Акрам (с) фармуд:

مرحبا بقوم قضوا الجهاد الأصغر

(*“Марҳабо ба мардуме, ки мубориза ва ҷиҳоди кучакро анҷом доданд ва ҷиҳоди бузург ба ӯҳдаи онҳо боқӣ аст…” (Кофӣ, ҷ.5, с.12)*), аз ҳамин маънӣ ҳикоят мекунад, вале чизе, ки қодир аст инсонро бар табиати худ мусаллат кунад ва онро ром кунад, дин ва имон аст.

Куштани ин кори ақлу ҳуш нест,

Шери ботин сухраи харгӯш нест.

(Мавлоно)

Саъдӣ мегӯяд: “*Бузургеро пурсидам дар маънии ин ҳадис, ки:*

أعدى عدوک نفسک التي بين جنبيک

(“Душмантарини душманҳоят нафси туст, ки дар синаи туст.”)

Гуфт:

— Ба ҳукми он ки ҳар душманеро, ки бо вай эҳсон кунӣ, дӯст гардад, магар нафсро, ки чандон ки мудоро беш кунӣ, мухолифат зиёдат кунад.

Фариштахӯй шавад одамӣ ба кам хӯрдан,

В-агар хурад чу баҳоим, бияфтад ӯ чу ҷамод.

Муроди ҳар кӣ барорӣ, мутеъи амри ту гашт,

Хилофи нафс кӣ фармон диҳад, чу ёфт мурод?”

Илм ва маҳорат

Албатта як матлаби дигар ҳаст, ки бояд мутаваҷҷеҳ буд ва он ин ки дуруст аст, ки имон, бузургтарин сармоя аст, аммо истифода аз ин сармоя низ монанди ҳамаи сармояҳои дигар, илм ва маҳорат лозим дорад.

Аҳёнан мумкин аст он истифодаи комиле, ки бояд бишавад нашавад, ё худи инсон нафаҳмида суистифода кунад, ё як каси дигар аз ҳисси динии башар суистифода бикунад. Ин худ матлабе аст, ки доманаи дарозе дорад.

Гуфтори 11:

Назари дин дар бораи дунё

Мавзӯъи баҳс, дунё аз назари дин аст. Албатта мо танҳо аз назари дини ислом баҳс мекунем, махсусан назари мо ба мантиқе аст, ки Қуръони Карим дар ин боб пеш гирифтааст.

Ин мантиқ лозим аст равшан шавад. Зеро мутадовалтарин матлабе, ки ба унвони мавъиза ва насиҳат аз забони дин гуфта мешавад, ҳамонҳост, ки таҳти унвони мазаммати дунё ва бадии дунё ва тавсияи тарки дунё ва раҳо кардани он гуфта мешавад. Ҳар касе, ки мехоҳад воъиз бишавад ва мардумро мавъиза кунад, аввал матлабе, ки ба зеҳнаш мерасад ин аст, ки биравад ҷумлаҳое шеър ё наср дар мазаммати дунё ва пешниҳоди тарки дунё ёд бигирад. Ба ҳамин ҷиҳат, ба андозае, ки ин матлаб ба гӯши мардум хӯрда, ҳеч матлаби дигар ба гӯшашон нахӯрадааст.

Ин матлаб бо тарбият ва ахлоқи мардум ва навъи таваҷҷӯҳе, ки бояд ба масоили зиндагӣ дошта бошанд марбут аст. Аз ин назар, дар дараҷаи аввали аҳаммият аст. Агар ба тарзи хуб ва маъқуле тафсир шавад, дар таҳзиби ахлоқ ва иззати нафс ва баландии назар ва хушбахтии фардӣ ва ҳусни равобити иҷтимоии мардум муассир аст. Ва агар ба тарзи номатлубе тафсир шавад, мӯҷиби тахдир ва беҳис кардани аъсоб ва беқайд кардани онҳо ва сарманшаъи ҳама навъ бадбахтӣ ва бечорагиҳои фардӣ ва иҷтимоӣ хоҳад шуд.

Тафсири ғалат аз зуҳд ва тарки дунё

Аз қазо, тадриҷан ҷониби тафсири дуввум чарбида, мавоъиз ва насоеҳе, ки тадриҷан ба шеър ё наср дар ин замина пайдо шуда, ғолибан ба шакли дуввум аст ва асари тахдир ва беҳис карданро дорад ва ин ду иллат дорад: яке, нуфузи бархе афкор ва фалсафаҳое, ки пеш аз ислом буда ва мубтанӣ аст бар бадбинӣ ба ҳастӣ ва ҷаҳон ва гардиши рӯзгор ва бар шаррияти он чи дар ин ҷаҳон аст, ки дар асари ихтилоти миллатҳои исломӣ дар миёни мусалмонон шойеъ шудааст.

Дигар, ҳаводиси таърихии ногувор ва иллатҳо иҷтимоии хоссе, ки дар тӯли чаҳордаҳ қарн дар муҳити исломӣ рух дод ва табъан муваллиди бадбинӣ ва беалоқагӣ ва шуюъи фалсафаҳои мабнӣ бар бадбинӣ гардидааст.

Ҳоло мустақиман бояд бибинем, мантиқи Қуръон дар ин замина чист? Оё метавон ҳамин фалсафаи бадбиниро аз Қуръон истихроҷ кард, ё ин ки дар Қуръон чунин матлабе ёфт намешавад?

Зуҳд дар Қуръон

Дар Қуръони Карим дар айни ин ки аз дунё ба унвони як зиндагонии фонӣ, ки қобил нест инсон онро мунтаҳои орзу ва охирин мақсад қарор диҳад ёд шуда:

الْمَالُ وَالْبَنُونَ زِينَةُ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا ۖ وَالْبَاقِيَاتُ الصَّالِحَاتُ خَيْرٌ عِنْدَ رَبِّكَ ثَوَابًا وَخَيْرٌ أَمَلًا

(*Каҳф/46*) (“*Сарват ва фарзандон равнақи ҳамин зиндагонии дунё ҳастанд ва аммо аъмоли солеҳе, ки боқӣ мемонад беҳтар аст аз лиҳози подоши парвардигор ва аз лиҳози ин ки инсон ба онҳо дил бибандад*.”), Қуръон бо ин ки дунёро ба унвони ин ки ғояти омол ва мунтаҳои орзу бошад, қобил ва лоиқ барои башар намедонад, дар айни ҳол намегӯяд, ки мавҷудот ва махлуқот аз осмону замин ва кӯҳу дарёву саҳро вв наботу ҳайвону инсон бо ҳама низомоте, ки доранд ва гардишҳо ва ҳаракатҳо, ки мекунанд зишт аст, ғалат аст, ботил аст, балки баръакс, ин низомро низоми ростин ва ҳақ медонад ва мегӯяд:

وَمَا خَلَقْنَا السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ وَمَا بَيْنَهُمَا لَاعِبِينَ

(*Духон/38*) (“*Мо осмонҳо ва замин ва он чи миёни онҳост, ба қасди бозӣ наёфаридаем*.”)

Қуръони Карим ба мавҷудот ва махлуқоти олам аз ҷамоду наботу ҳайвон қасам мехӯрд:

وَالشَّمْسِ وَضُحَاهَا. وَالْقَمَرِ إِذَا تَلَاهَا

(*Шамс/1-2*)

وَالتِّينِ وَالزَّيْتُونِ. وَطُورِ سِينِينَ. وَهَٰذَا الْبَلَدِ الْأَمِينِ

(*Тин/1-3*)

وَالْعَادِيَاتِ ضَبْحًا. فَالْمُورِيَاتِ قَدْحًا

(*Ъодиёт, 1-2*)

وَنَفْسٍ وَمَا سَوَّاهَا. فَأَلْهَمَهَا فُجُورَهَا وَتَقْوَاهَا

(*Шамс/7-8*)

Қуръон мефармояд:

مَا تَرَىٰ فِي خَلْقِ الرَّحْمَٰنِ مِنْ تَفَاوُتٍ ۖ فَارْجِعِ الْبَصَرَ هَلْ تَرَىٰ مِنْ فُطُورٍ

(*Мулк/3*)

Асосан, бадбинӣ ба хилқат ва офариниш ва ба гардиш ва низоми олам, бо фалсафаи ислом, яъне бо ҳастаи марказии фалсафаи ислом, ки тавҳид аст, созгор нест. Ин гуна назарияҳо ё бояд бар материализм ва моддият ва инкори мабдаъи Ҳаққи ҳакими одил мубтанӣ бошад ва ё бар асоси санавият ва дугонагии вуҷуд ва ҳастӣ, ҳамон тавре, ки дар

бархе фалсафаҳо ё ойинҳо ба ду асл ва ду мабдаъ барои ҳастӣ мӯътақид шудаанд: якеро мабдаъи хайрот ва некиҳо ва дигареро мабдаъи шурур ва бадиҳо донистаанд.

Аммо дар дине, ки бар асоси тавҳид ва эътиқод ба Худои раҳмону раҳим ва алиму ҳаким бино шуда, ҷойе барои ин афкор боқӣ наменомад, ҳамон тавре, ки дар оёти зиёде тасреҳ шудааст.

Он чи ба унвони фано ва заволи дунё ва ташбеҳ ба гиёҳе, ки дар асари борон аз замин сар мезанад ва баъд рушд мекунад, сипас зарду хушк мешавад ва тадриҷан аз байн меравад гуфта шуда, дар ҳақиқат барои боло бурдани арзиши инсон аст, ки инсон набояд ғояти омол ва мунтаҳои орзуи худро умури моддӣ ва он чи аз шуъуни умури моддӣ аст қарор диҳад, моддиёти дунё арзиши инро надорад, ки ҳадафи аъло бошад. Ин ҷиҳат рабте надорад ба ин ки мо дунёро дар зоти худаш шарр ва зишт бидонем. Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки ҳеч кас аз донишмандони исломӣ дида нашуда, ки он силсила аз оётро ба унвони бадбинӣ ба хилқат ва гардиши рӯзгор тавҷеҳ карда бошад.

Оё алоқа ба дунё мазмум аст?

Тафсиру тавҷеҳе, ки аз тарафи баъзе барои он оёт шуда яке ин аст, ки гуфтаанд: манзури ин оёт бадии худи дунё нест, зеро худи дунё иборат аст аз ҳамин аъёну ашёи заминӣ ва осмонӣ ва ҳеч як аз инҳо бад нест, инҳо ҳама оёти ҳикмат ва қудрати парвардигоранд ва наметавонанд бад буда бошанд. Он чизе, ки бад ва мазмум аст, муҳаббат ва алоқа ба ин умур аст. Муҳаббати дунё ва алоқа ба дунё бад аст, на худи дунё.

Ҳамон тавре, ки медонем, дар заминаи мазаммат ва тақбеҳи муҳаббати дунё, он қадр ба шеъру наср гуфта шудааст, ки аз ҳадди эҳсо (шумориш) хориҷ аст. Ин тафсир хеле шойеъ аст. Аз ғолиби ашхос, ки шумо бипурсед, маънӣ бадии дунё чист, хоҳанд гуфт: маъниаш ин аст, ки муҳаббати дунё бад аст, вагарна худи дунё, ки бад нест, агар бад буд, Худованд халқ намекард.

Агар диққат бикунем, ин тафсир (низ) ҳарчанд хеле маъруф ва машҳур аст ва хеле мусаллам фарз шуда, беишкол нест ва бо баёноти худи Қуръон вифқ намедиҳад. Зеро аввалан, бояд бибинем, оё алоқае, ки башар ба дунё дорад, алоқаи фитрӣ ва табиӣ аст? Яъне дар ниҳоди башар ва ғаризаи башар ин алоқа гузошта шуда ё баъдҳо дар асари омилҳои хоссе, масалан ба ҳукми одат ва талқин ё соири омилҳо, дар башар пайдо мешавад? Масалан падарону модарон ба фарзандон ва фарзандон ба волидайни худ алоқа ва муҳаббат доранд, марду зан ҳар кадом ба ҷинси мухолифи худ алоқа доранд, ҳар касе ба молу сарват алоқа дорад, ба маҳбубият ва эҳтиром алоқа дорад, ба хеле

чизҳои дигар алоқа дорад. Ин алоқаҳо оё фитрӣ ва табиии ҳар кас аст ё маснуъӣ аст ва дар асари суитарбият пайдо мешавад?

Бидуни шак ин алоиқ, табиӣ ва фитрӣ аст. Ва дар ин сурат, чӣ гуна мумкин аст бад ва мазмум бошад ва вазифаи инсон ин бошад, ки ин алоиқро аз худ дур бикунад? Ҳамон тавр, ки махлуқот ва мавҷудоти берун аз вуҷуди инсон, ҳеч кадомро наметавон гуфт шарр аст ва холӣ аз ҳикмат аст ва ҳамон тавр, ки аъзо ва ҷавореҳи бадани инсон ҳеч кадом беҳикмат нест, як реги рез, як узви кӯчак, як мӯ дар бадани инсон ё ҳайвон ёфт намешавад, ки зоид ва беҳикмат буда бошад, ҳамин тавр ҳам дар қувваҳо ва ғароиз ва аъзои руҳи инсон, дар майлҳо ва рағбатҳои инсон ҳеч майл ва рағбат ва алоқае табиӣ ва фитрӣ нест, ки беҳикмат бошад, ҳадаф ва мақсаде надошта бошад, ҳамаи инҳо ҳикмат дорад. Алоқа ба фарзанд, алоқа ба падару модар, алоқа ба ҳамсар, алоқа ба молу сарват, алоқа ба пеш афтодан ва тақаддум, алоқа ба эҳтиром ва маҳбубият, ҳамаи инҳо ҳикматҳои бузурге дорад, ки бидуни инҳо асоси зиндагии башар аз ҳам пошида мешавад.

Ба илова, худи Қуръони Карим ҳамин муҳаббатҳоро ба унвони нишонаҳои ҳикмати парвардигор зикр мекунад. Масалан дар сураи Рум дар радифи ин ки хилқати башар ва хоб ва баъзе чизҳои дигарро аз оёт ва нишонаҳои ҳикмат ва тадбири Худованд зикр мекунад, мефармояд:

وَمِنْ آيَاتِهِ أَنْ خَلَقَ لَكُمْ مِنْ أَنْفُسِكُمْ أَزْوَاجًا لِتَسْكُنُوا إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُمْ مَوَدَّةً وَرَحْمَةً ۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَآيَاتٍ لِقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ

(*Рум/21*) Яъне яке аз нишонаҳои парвардигор он аст, ки аз ҷинси худи шумо, одамиён барои шумо ҷуфт ва ҳамсар офарид ва миёни шумо мавaддат ва муҳаббат эҷод кард. Ва дар ин ҳақиқат нишонаҳо аз тадбир ва тасхир ва ҳикмати парвардигор аст барои касоне, ки дар ин масоил фикр кунанд.

Агар муҳаббати ҳамсар бад мебуд, дар ин оят ба унвони яке аз нишонаҳо ва осори ҳикмат ва тадобири ҳакимонаи Худованд зикр намешуд.

Мусалламан ин алоқа дар табиати мардум ниҳода шуда ва хеле возеҳ аст, ки ин алоиқ муқаддима ва василае аст барои ин ки умури ҷаҳон назм ва гардиши муназзами худро дошта бошад. Агар ин алоиқ набуд, на насл идома пайдо мекард ва на зиндагӣ ва тамаддун пеш мерафт ва на кору касб ва ҳаракату ҷунбише дар кор буд, балки башаре дар рӯйи замин боқӣ наемонд.

Роҳи ҳалҳо

Ин ду тафсир ва ду назар дар бораи дунё: яке назари касоне, ки олами дунёро биззот олами шарр ва фасод ва табоҳӣ медонанд ва яке, назари касоне, ки худи дунёро хуб медонанд, аммо алоқа ва муҳаббат ба дунёро бад медонанд.

Аммо онҳое, ки ба тамоми дунё ва ҳастӣ бо назари бадбинӣ нигоҳ мекунанд ва ҳастӣ ва ҳаётро шарр ва табоҳӣ медонанд, роҳи чора ва роҳи ҳалле ҳам барои саодати башар ва наҷоти ӯ аз бадбахтӣ надоранд, магар пучигароӣ ва худкушӣ, (ки) сахифтарин суханон ҳамин сухан аст ва бадбахттарин мардуми дунё ҳам ҳамин ашхос ҳастанд. Инҳо ба қавли Вилям Ҷеймс, монанди муше, ки дар зери тала ҷир-ҷир мекунад, бояд оҳ бикашанд ва нола кунанд.

Вале онҳое, ки гуфтаанд: худи дунё бад нест, алоқа ба дунё бад аст, мегӯянд: чунин нест, ки бояд сӯхту сохт, роҳ ҳал барои саодати башар ва наҷоти ӯ аз бадбахтӣ ин аст, ки бо ин алоқаҳо мубориза ва решаи онҳо канда шавад. Он вақт инсон аз чанголи шурур раҳоӣ меёбад ва шоҳиди саодатро дар оғӯш мегирад.

Дар ҷавоби ин гурӯҳ бояд гуфт: гузашта аз ин ки қуввоҳо ва майлҳо ва рағбатҳои табиӣ ва фитрӣ, ки дар руҳ аст, тибқи як назари фалсафии дақиқ, ки ахиран равоншиносӣ ҳам онро таъйид кард, қобил қалъу қамъ кардан ва решакан кардан нест ва ҳадди аксар ин аст, ки дар асари риёзатҳо ва муҷоҳидатҳо пасронда шавад ва ба шуъури ботин бигурезад ва баъд аҳёнан ба сурати хатарноке аз маҷрои дигаре бурузу зуҳур кунад ва тавлиди бемориҳои руҳӣ ва асабӣ бинамояд — қатъи назар аз ин ҷиҳат — қатъи решаи алоиқ сад дар сад бар зарари башар аст. Дуруст мисли ин аст, ки узве аз аъзои ӯро даст ё по ё чашм ё бениро қатъ кунанд. Ҳар қувва ва ғаризае нерӯе аст дар вуҷуди инсон ва барои эҷоди ҳаракате ва коре дар вуҷуди инсон гузошта шуда, лағв ва абас дар хилқат нест. Ба чӣ ҷиҳат бояд маркази ин нерӯро хароб карда ва аз байн бурд?

Мантиқи Қуръон

Он чизе, ки аз Қуръони Карим истифода мешавад ин нест, ки асосан алоқа ва муҳаббат ба коинот бад аст ва роҳи чора ҳам ин таъйин нашуда, ки алоиқ ва муҳаббатҳоро бояд саркӯб кард. Он матлаб, матлаби дигаре аст ва роҳи чора ҳам ғайри ин аст.

Он чи Қуръон онро **мазмум** мешуморад, алоқа ба маънии **баста будан ва дилхуш будан ва қонеъ будан ва ризоят додан ба умури моддии дунявӣ аст**. Қуръон мефармояд:

الْمَالُ وَالْبَنُونَ زِينَةُ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا ۖ وَالْبَاقِيَاتُ الصَّالِحَاتُ خَيْرٌ عِنْدَ رَبِّكَ ثَوَابًا وَخَيْرٌ أَمَلًا

(*Каҳф/46*) Яъне сарват ва фарзандон мояи равнақи зиндагии ҳамин дунёст ва аммо аъмоли солеҳ, ки боқӣ мемонанд, аз назари подоши илоҳӣ ва аз назари ин ки инсон онҳоро ҳадаф ва идеал қарор диҳад, беҳтаранд. Пас, сухан дар ҳадаф ва идеал ва камоли матлуб аст. Қуръони Карим аҳли дунёро ин тавр васф мекунад:

إِنَّ الَّذِينَ لَا يَرْجُونَ لِقَاءَنَا وَرَضُوا بِالْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَاطْمَأَنُّوا بِهَا وَالَّذِينَ هُمْ عَنْ آيَاتِنَا غَافِلُونَ

(*Юнус/46*) (“*Онҳое, ки умедвор ба мулоқоти мо нестанд ва ризоят додаанд ба зиндагии дунё ва ба он ором гирифтаанд ва онҳо, ки аз оёти мо ғофиланд*.”)

Дар ин оят сухан аз мазмум будан ва ризоят додан ва қонеъ шудан ва ором гирифтан ба моддиёт аст. Ин васфи аҳли дунёст, ба маънои мазмуми он.

Ё мефармояд:

فَأَعْرِضْ عَنْ مَنْ تَوَلَّىٰ عَنْ ذِكْرِنَا وَلَمْ يُرِدْ إِلَّا الْحَيَاةَ الدُّنْيَا. ذَٰلِكَ مَبْلَغُهُمْ مِنَ الْعِلْمِ

(*Наҷм/29-30*) (“*Рӯ бигардон аз онҳо, ки ба Қуръон пушт кардаанд ва ҷуз зиндагии дунё намехоҳанд ва ҳадди илмӣ ва сатҳи фикрии онҳо ҳамин қадр аст*.”)

Боз ҳам сухан дар бораи афроде аст, ки ҷуз дунё ҳадаф ва матлубе надоранд ва сатҳи фикрашон аз моддиёт болотар нест.

Ё мефармояд:

زُيِّنَ لِلنَّاسِ حُبُّ الشَّهَوَاتِ مِنَ النِّسَاءِ وَالْبَنِينَ وَالْقَنَاطِيرِ الْمُقَنْطَرَةِ مِنَ الذَّهَبِ وَالْفِضَّةِ وَالْخَيْلِ الْمُسَوَّمَةِ وَالْأَنْعَامِ وَالْحَرْثِ ۗ ذَٰلِكَ مَتَاعُ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا ۖ وَاللَّهُ عِنْدَهُ حُسْنُ الْمَآبِ

(*Оли Имрон/14*) (“*Алоқа ба шаҳавот аз қабили зан ва фарзандон ва тилло ва нуқра ва асбони олӣ ва чаҳорпоён ва кишту заъ дар назари инҳо ҷилва кардааст. Инҳо колои дунёст ва оқибати нек бо Худост*.”)

Дар ин оят низ сухан аз сарфи майлу рағбати табиӣ нест, сухан дар ин аст, ки муҳаббат ба мазоҳири шаҳват дар назари баъзе аз мардум зинат дода шуда ва бузургтар ва зеботар аз он чи ки ҳаст ҷилва дода шуда ва афродро ба худ машғул ва мафтун кардааст ва ба сурати камоли матлуб даромадааст.

Ё мефармояд:

أَرَضِيتُمْ بِالْحَيَاةِ الدُّنْيَا مِنَ الْآخِرَةِ ۚ فَمَا مَتَاعُ الْحَيَاةِ الدُّنْيَا فِي الْآخِرَةِ إِلَّا قَلِيلٌ

(*Тавба/38*) (“*Оё ба дунё ба ивази охират ризоят додаед? Дунё нисбат ба охират ҷуз андаке нест*.”)

Ҳамаи инҳо интиқод аз дилхушӣ ва ризоят ва қаноат ба алоиқи дунявӣ аст.

Фарқ аст байни алоқа ба молу фарзанд ва соири шуъуни зиндагии дунёӣ ва байни қонеъ будан ва ризоят додан ва ғояти омол қарор додани инҳо. Вақте, ки нуқтаи ҳадаф, ҷилавгирӣ аз инҳисор ва маҳдуд шудани башар ба алоиқи моддӣ бошад, роҳи чораи саркӯб кардан ва қатъ ва буридани алоиқи табиии моддӣ ва мунҳадим кардани ин нерӯҳо нест, балки роҳи чора озод кардан ва ба кор андохтани як силсила алоиқи дигаре аст дар башар, ки онҳо баъд аз алоиқи ҷисмӣ пайдо мешаванд ва эҳтиёҷ ба таҳрик ва эҳё доранд. Пас дар ҳақиқат таълимоти динӣ барои бедор кардани шуъурҳои олитарин дар инсон аст ва он шуъурҳо дар ғариза ва фитрати башар ҳастанд ва чун олитаранд ва аз мақоми олии инсон сарчашма мегиранд, дертар бедор мешаванд ва эҳтиёҷ ба таҳрик ва эҳё ва бедор кардан доранд. Он шуъурҳо марбут ба маънавийт аст. Ҳар алоқае чашмае аст аз руҳи инсон, ки боз мешавад ва ҷорӣ мегардад. **Мақсуди дин, бастани чашмаҳои маҳсуси моддӣ нест, мақсуд боз кардан ва кӯшиш барои ҷорӣ сохтани чашмаҳои дигар аст**, яъне чашмаҳои маънавиёт. Ва ё ба иборати дигар, ҳадаф, маҳдуд кардан ва кам кардани нерӯҳои маҳсус аз он миқдор, ки дар матни хилқат ба дасти ҳикмати парвардигор офарида шуда нест, балки ҳадаф озод кардани як силсила нерӯҳои маънавӣ аст, ки эҳтиёҷ ба озод шудан дорад.

Бо як мисоли содда матлабро тавзеҳ медиҳем: инсон фарзанде дорад ва ӯро ба мадраса мефиристад, вақте, ки мебинад он бачча тамоми алоқа ва ҳимматаш ба бозӣ ва шикамхорагӣ аст нороҳат мешавад ва ӯро мавриди ъитоб қарор медиҳад, ӯро бозигӯш ва шикамхора мехонад ва бо ин ановин ӯро маломат мекунад, зеро майл дорад, ки дар он бачча алоқа ба дарс ва китоб ва хондан ва навиштан пайдо бишавад. Ин алоиқ табъан аз алоқа ба бозӣ ва хӯрок дертар дар бачча пайдо мешавад, ба илова, эҳтиёҷ дорад ба таҳрик ва ташвиқ. Ғаризаи илм дар ҳар башаре ҳаст, дар айни ҳол бояд онро таҳрик кард. Вале ин далел нест, ки падар мехоҳад фарзандаш асосан рағбате ба бозӣ ва рағбате ба ғизо ва истироҳат надошта бошад, агар рӯзе эҳсос кунад, ки майл ба бозӣ ё ба ғизо аз бачча салб шуда фавқулъода нороҳат мешавад ва онро далел бар як навъ беморӣ мегирад ва ба табиб муроҷеа мекунад, зеро медонад баччаи солим дар айни ҳол, ки бояд ба мадраса ва китоб алоқа дошта бошад, бояд нишот дошта бошад ва ба мавқеъ бозӣ кунад, ба мавқеъ ғизо бихӯрад. Пас вақте, ки падар фарзандро ба унвони бозигӯш ё шикаму маломат мекунад, дар ҳақиқат аз ҳасру инҳисори алоқаи ӯ ба бозӣ ё хӯрдан нолон аст.

Решаи ин мантиқ дар ҷаҳонбинии исломӣ

Ин мантиқ, ки Қуръони Карим дар бораи дунё ва манъи ҳасри алоиқ ба дунё ва моддиёт дорад, ба сабаби як навъ нигариши Қуръон аст дар бораи ҷаҳон ва дар бораи инсон. Қуръони Карим аз назари ҷаҳон, нашъати вуҷудро мунҳасир ба нашъаи моддӣ ва дунявӣ намедонад, бо эътироф ба азамати ин дунё дар дараҷае, ки ҳаст, ба нашъаи дигар, ки басе азимтар ва васеътар аст қоил аст. Нашъаи дунё дар баробари ӯ чизе ба шумор намеравад ва аз назари инсон мегӯяд, зиндагонӣ мунҳасир ба нашъаи дунё нест, дар нашъаи охират ҳам ҳаёте дорад. Пас қаҳран инсон дар назари Қуръон бо ин ки аз меваҳои дарахти ҳамин дунёст, доманаи вуҷуд ва ҳаёташ то моварои дунё ҳам густурда шуда. Қаҳран ин инсон бо ин аҳаммият набояд ҳадафи ниҳоии худро дунё ва моддиёт қарор диҳад ва худро ба дунё бифурӯшад.

Алӣ (а) мефармояд:

ولبئس المتجر أن ترى الدنيا لنفسك ثمنا

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 32*) (“*Бад муомилае аст, ки худро ба дунё бифурӯшӣ*.”)

Пас ҳамон тавре, ки як фасл аз фусули ҷаҳонбинӣ ва фалсафаи қуръонӣ яъне фасли тавҳид чунонки дар оғози сухан арз кардам, иҷоза намедиҳад, ки мо бо чашми бадбинӣ ба дунё ва ҷаҳони маҳсус нигоҳ кунем. Як фасли дигар аз фусули ҷаҳоншиносӣ ва фалсафаи қуръонӣ эҷоб мекунад, ки ҳадафи аъло ва ғояти омоли инсон болотар аз дунё ва моддиёт бошад ва он фасл, фасли маъод ва инсон аст.

Ахлоқ ва дунёпарастӣ

Гузашта аз инҳо, як фасли дигар ҳам дар ислом ҳаст, ки он низ эҷоб мекунад, ки аз аҳаммият додан ба моддиёт коста шавад ва он, фасли тарбият ва ахлоқ аст. Ин қисматро соири макотиби тарбиятӣ ҳам қабул доранд, ки барои тарбияти иҷтимоии башар ва барои омодагии башар барои зиндагии иҷтимоӣ бояд коре кард, ки афрод ҳадаф ва идеали маънавӣ дошта бошанд ва ба моддиёт ҳирс наварзанд. Оташи ҳирсу тамаъ ҳар андоза тезтар бишавад, мӯҷиби умрон ва ободии иҷтимоъ, ки намешавад саҳл аст, мӯҷиби харобӣ ва вайронии иҷтимоъ ҳам мегардад.

Аз назари саодати як фард ҳам ҳарчанд набояд ифрот кард ва монанди бархе аз фалосифа гуфт, ки саодат ва хушӣ дар тарки ҳама чиз аст, аммо бидуни шак табъи мустағнӣ ва беэътино, яке аз шароити аввалии саодат аст.

Ин ҷо ба як тавзеҳи дигар ниёзмандем. Мумкин аст касе тасаввур кунад, ки аз он чи гуфтем, ки манзур ҷилавгирӣ аз инҳисор ва маҳдуд шудани алоиқи башар ба моддиёт аст, ин таваҳҳум падид ояд, ки бояд ҳам Худоро дӯст дошт ва ҳам дунёро, ҳам моддаро камоли матлуб қарор дод ва ҳам маъниро, яъне навъе ширк.

Хайр, манзур ин нест. Манзур ин аст, ки инсон як силсила авотиф ва дилбастагиҳои табиӣ ба ашё дорад, ки инҳо бар асоси ҳикматҳое дар инсон офарида шуда ва ҳамаи анбиё ва авлиё аз ин гуна авотиф баҳраманд будаанд ва Худовандро бар онҳо шукр мекардаанд ва инҳо на қатъшуданӣ аст ва на фаразан қатъ шуданӣ бошад, хуб аст, ки қатъ шавад. Инсон зарфияти дигаре дорад моварои ин майлҳо ва авотиф ва он, **зарфияти камоли матлуб доштан аст, идеал доштан аст. Дунё ва моддиёт набояд ба сурати идеал ва камоли матлуб дарояд, муҳаббате, ки мазмум аст ин гуна муҳаббат аст**.

Майлҳо ва авотиф як навъ истеъдод аст дар башар ва ба манзилаи абзорҳое барои зиндагӣ ҳастанд, аммо истеъдоди камоли матлуб доштан, истеъдоди хоссе аст, ки аз умқи инсоният ва ҷавҳари инсоният сарчашма мегирад ва аз мухтассоти инсон аст. Паёмбарон наомадаанд майлҳоро ва авотифро аз байн бибаранд ва сарчашмаи онҳоро бихушконанд, балки онҳо омадаанд дунё ва моддиётро аз сурати камоли матлуб хориҷ намоянд ва Худо ва охиратро ба унвони камоли матлуб арза намоянд. Ва дар ҳақиқат, анбиё мехоҳанд нагузоранд, ки дунё ва моддиёт аз ҷойгоҳи табиии худ, яъне мавриди рағбат ва майл ва отифа будан, ки ҷойгоҳе табиӣ аст ва навъи пайванди табиӣ миёни инсон ва ашё аст хориҷ шуда, нақли макон диҳад ва дар он ҷойгоҳи муқаддас, ки қалб номида мешавад ва ҳастаи марказии вуҷуди инсон аст ва зарфияти инсонии ӯст ва конуни кашиши ӯ ба сӯйи лоятоноҳӣ аст, биншинад ва биттабъ монеъи парвози инсон ба сӯйи камоли лоятоноҳӣ гардад.

Ин ки дар Қуръони Карим ворид шуда:

مَا جَعَلَ اللَّهُ لِرَجُلٍ مِنْ قَلْبَيْنِ فِي جَوْفِهِ

(*Аҳзоб/4*) Яъне Худованд дар андаруни касе ду дил қарор надода ба манзури ин нест, ки мардум ё бояд ба Худо алоқа дошта бошанд ё ба ғайри Худо аз зану фарзанду молу ғайра, мақсуд ин аст, ки мардум бояд як ҳадафи аъло ва мунтаҳои орзу дошта бошанд. Ду чизе, ки бо ҳам ҷамъ намешавад ин аст, ки мунтаҳои орзу Худо бошад ё моддиёти дунявӣ, вагарна сирфи алоқа ба чанд чиз дар они воҳид хеле возеҳ аст, ки муяссар аст.

Гуфтори 12:

Назари ислом дар бораи илм

Мавзӯъи сухани имрӯзи мо ислом ва илм аст. Ба иборати дигар, баҳси имрӯз дар атрофи назари ислом дар бораи илм аст, ҳамон тавре, ки баҳси гузаштаи мо дар бораи назари ислом перомуни дунё ва зиндагӣ ва мавоҳиби табиат буд.

Баҳси дин ва илм, ки оё мувофиқи якдигаранд ё мухолиф, назари дин дар бораи илм чист ва назари илм дар бораи дин чист, собиқаи тӯлонӣ дорад ва китобҳои пуразише дар дунё ва дар олами ислом дар ҳамин замина навишта шуда.

Ду табақа аз табақоти мардум кӯшиш кардаанд, ки дин ва илмро мухолифи якдигар ҷилва диҳанд: яке, табақаи мутазоҳир ба дин, вале ҷоҳил, ки нони диндории мардумро мехӯрдаанд ва аз ҷаҳолати мардум истифода мекардаанд. Ин даста барои ин ки мардумро дар ҷаҳл нигаҳ доранд ва зимнан ба номи дин парда рӯйи айби худашон бикашанд ва бо силоҳи дин донишмандонро бикӯбанд ва аз саҳнаи рақобат хориҷ кунанд, мардумро аз илм ба унвони он ки бо дин мунофӣ аст метарсондаанд.

Яке ҳам табақаи таҳсилкарда ва донишомӯхта, вале пушти по ба таъаҳҳудоти инсонӣ ва ахлоқизада. Ин табақа низ ҳаминки хостаанд узре барои лоқайдиҳои худ ва корҳои худ битарошанд, ба илм такя карда ва онро монеъи наздик шудан ба дин баҳона кардаанд.

Табақаи севвуме ҳам ҳамеша буда ва ҳастанд, ки аз ҳар ду мавҳибат баҳраманд будаанд ва ҳеч гуна танофӣ ва таноқузе эҳсос намекардаанд. Ин табақа саъй кардаанд, ки тирагиҳо ва ғуборҳоеро, ки аз тарафи он ду табақа байни ин ду номуси муқаддас бархоста фурӯ биншонанд.

Баҳси мо дар бораи ислом ва илм аз ду ҷанба мумкин аст сурат бигирад: ҷанбаи иҷтимоӣ ва ҷанбаи динӣ. Аз ҷанбаи иҷтимоӣ он тавр бояд баҳс кунем, ки оё ислом ва илм амалан бо ҳам созгоранд ё созгор нестанд? Оё мардум метавонанд ҳам мусалмон бошанд ба маънии воқеии калима, ки ба усул ва мабонии исломӣ мӯъмин бошанд ва ба дастурҳои дин амал кунанд ва ҳам олим? Ё амалан бояд яке аз ин дуро интихоб кунанд?

Агар ба ин наҳв баҳс шавад, сурати масъала ин нахоҳад буд, ки назари ислом дар бораи илм чист ва назари илм дар бораи ислом чист ва оё ислом чӣ гуна дине аст? Фақат баҳс рӯйи иҷтимоъ аст, ки оё метавонад дар они воҳид ҳар дуро дошта бошад, ё бояд аз яке аз он ду чашм бипӯшад?

Ҷанбаи дигар ин аст, ки бибинем, назари ислом дар бораи илм чист ва назари илм дар бораи ислом чист? Ин ҳам ду қисмат аст: яке ин ки ислом дар бораи илм чӣ гуна дастур

дода ва тавсия карда? Оё дастур дода, ки ҳатталимкон аз илм парҳез дошта бошед? Ва оё ислом илмро мавҷуди хатарнок ва ба шакли як рақиб барои мавҷудияти худ дониста?! Ё баръакс, дар камоли самимият ва шуҷоат ва итминон ба худ, ба илм тавсия карда ва ташвиқ намудааст?

Қисмати дуввум ин аст, ки назари илм дар бораи ислом чист? Чаҳордаҳ қарн аз зуҳури ислом ва нузули Қуръон мегузарад. Дар ҳамаи ин чаҳордаҳ қарн, илм дар ҳоли таттаввур ва такомул ва пешрафт буда. Махсусан дар се чаҳор қарни ахир тараққии илм ба сурати ҷаҳиш даромад. Ҳоло бибиним, илм пас аз ин ҳама тавфиқ ва таттаввур ва такомул, ки насибаш шуда, дар бораи маориф ва эътиқодиёти ислом ва ҳамчунин дар бораи дастурҳои амалӣ ва ахлоқӣ ва иҷтимоии ислом чӣ назар медиҳад? Оё инҳоро ба расмият мешиносад ё намешиносад? Оё бар эътибори онҳо афзуда ё аз эътибори онҳо костааст? Ҳар як аз ин се қисмат дархӯри баҳсу таҳқиқ аст. Баҳси имрӯз мо фақат дар бораи яке аз инҳост, яъне перомуни **назари ислом дар бораи илм** аст.

Тавсия ба илм дар ислом

Дар ин ки дар ислом роҷеъ ба илм таъкид ва тавсия шуда ва дар камтар мавзӯе ва шояд нисбат ба ҳеч мавзӯъе ин қадр тавсия ва таъкид нашуда баҳсе нест. Аз қадимтарин замоне, ки китобҳои исломӣ тадвин шуда, дар радифи соири дастурҳои исломӣ, аз қабили намоз ва рӯза ва ҳаҷ ва ҷиҳод ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, бобе ҳам таҳти унвони “Боби вуҷуби талаби илм” боз шуда ва илм ба унвони яке аз фароиз шинохта шуда.

Гузашта аз оёти Қуръони Карим, муаккадтарин ва сареҳтарин тавсияҳои Расули Худо дар бораи илм аст. Ин ҷумла аз мусалламоти ҳамаи мусалмонҳост, ки Расули Худо фармуд:

طلب العلم فريضة على كل مسلم

(*“Биҳорул-анвор”, ҷ.1, с.177*) (*Таъаллум ва донишҷӯӣ бар ҳар мусалмоне фарз аст*.”)

Ихтисос ба табақае дуни табақае, ба ҷинсе дуни ҷинсе надорад. Ҳар кас мусалмон аст, бояд дунболи илм биравад.

Ва фармуд:

أطلبوا العلم ولو بالصين

(*“Биҳорул-анвор”, ҷ.1, с.177*) (“*Илмро пайҷӯӣ кунед ҳарчанд мусталзими ин бошад, ки то Чин сафар кунед*.”) Яъне илм макони муайян надорад, ҳар нуқтаи ҷаҳон, ки илм ҳаст биравед ва иқтибос кунед.

Боз фармуд:

كلمة الحكمة ضالة المؤمن فحيث وجدها فهو أحق بها

(*“Биҳорул-анвор”, ҷ.2, с.99*) (“*Сухани илмӣ ва ҳакимона ва мутқан, гумшудаи мӯъмин аст, ҳар ҷо онро биёбад муъаттал намешавад, онро моли худаш медонад ва бар медорад*.”) Яъне аҳаммият намедиҳад, ки тараф кист, мусалмон аст ё кофир. Ҳамон таври, ки одаме моли худро гум карда, дар дасти ҳар кас бибинад муъаттал намешавад ва бармедорад, мӯъмин низ илмро моли худ медонад, дар дасти ҳар, ки бибинад, онро мегирад. Амирулмӯъминин Алӣ (а) ҳамин калимаро тавзеҳ медиҳад:

الحكمة ضالة المؤمن فاطلبوها ولو عند المشرك تكونوا أحق بها وأهلها

(*“Биҳорул-анвор”, ҷ.2, с.97*) (“*Ҳикмат, гумшудаи мӯъмин аст, пас ба дунболаш биравед, ҳарчанд он ки онро дар назди мушрикон биёбед. Шумо аз ӯ шоистатар ва сазовортар хоҳед буд*.”)

Илм фаризае аст, ки на аз лиҳози мутааллим ва на аз лиҳози муаллим ва на аз лиҳози замон ва на аз лиҳози макон маҳдудият надорад ва ин олитарин ва болотарин тавсияе аст, ки метавониста бишавад ва шуда.

Кадом илм?

Чизе, ки ҳаст, сухан дар як матлаби дигар аст ва он ин ки: манзури ислом аз илм чӣ илме аст? Мумкин аст касе бигӯяд, мақсуд аз ҳамаи ин таъкиду тавсияҳои илм, худи дин аст. Яъне ҳама ба ин манзур гуфта шудааст, ки мардум ба худи дин олим шаванд. Ва агар назари ислом аз илм, илми дин бошад, дар ҳақиқат ба худаш тавсия карда ва дар бораи илм ба маънии иттилоъ бар ҳақоиқи коинот ва шинохтани умури олам чизе нагуфта ва ишкол ба ҳоли аввал боқӣ мемонад. Зеро ҳар маслаке ҳар андоза ҳам зидди илм бошад ва бо огоҳӣ ва иттилоъ ва боло рафтани сатҳи фикру маълумоти мардум мухолиф бошад, бо ошноӣ бо худаш мухолиф нест, балки хоҳад гуфт, бо ман ошно бошед ва бо ғайри ман ошно набошед.

Пас агар манзури ислом аз илм, хусуси илми динӣ бошад, бояд гуфт: мувофиқати ислом бо илм сифр аст ва назари ислом дар бораи илм манфӣ аст.

Барои касе, ки дуруст бо ислом ва мантиқи ислом ошно бошад, ҷойи ин эҳтимол нест, ки бигӯяд, назари ислом дар бораи илм мунҳасиран улуми динӣ аст. Ин эҳтимол фақат аз ноҳияи тарзи амали мусалмонон дар қарнҳои ахир, ки тадриҷан доираи маълумотро кӯчактар карданд ва маълумоти худро маҳдуд карданд пайдо шуда, вагарна он ҷо, ки мефармояд: “*Ҳикмат, гумшудаи мӯъмин аст, пас онро ба чанг оваред, ҳарчанд ин ки*

бихоҳед аз дасти мушрикон бигиред”, маънӣ надорад, ки хусуси улуми динӣ бошад. Мушрикро бо улуми дин чӣ кор? Дар ҷумлаи:

اطلبوا العلم ولو بالصين

— Чин ба унвони дуртарин нуқта ва ё ба эътибори ин ки дар он айём яке аз марокизи илму санъати ҷаҳон буда ёд шуда. Қадри мусаллам ин аст, ки Чин на дар он замон ва на дар замонҳои дигар маркази улуми динӣ набудааст.

Гузашта аз ҳамаи инҳо, дар матни суханони Расули Акрам тақйид ва таҳдид ва тафсир шуда, ки мақсуд чӣ илме аст, аммо на таҳти унвони ин ки фалон илм бошад ё фалон илм, балки таҳти унвони илми нофеъ; илме, ки донистани он фоида бирасонад ва надонистани он зарар бирасонад. Ҳар илме, ки мутазаммини фоида ва асаре бошад ва он фоида ва асарро ислом ба расмият бишносад, яъне он асарро асари хуб ва муфид бидонад, он илм аз назари ислом хуб ва мавриди тавсия ва ташвиқ аст.

Пас ҳисобаш равшан аст. Бояд дид, ислом чӣ чизро фоида ва чӣ чизро зарар медонад. Ҳар илме, ки ба манзуре аз манзурҳои фардӣ ё иҷтимоии ислом кӯмак медиҳад ва надонистани он, сабаби замин хӯрдани он манзур мегардад, он илмро ислом тавсия мекунад ва ҳар илме, ки дар манзурҳои исломӣ таъсир надорад, ислом дар бораи он илм назари хоссе надорад ва ҳар илм, ки таъсири суъ дорад, бо он мухолиф аст.

Сираи имомони дин

Мо шиъа ҳастем ва имомони атҳор алайҳимус-саломро авсиёи Пайғамбари Акрам медонем. Гуфтори онҳо ва сирати онҳо барои мо санад аст. Ҳамон тавре, ки медонем, аз охирҳои қарни аввал ва авоили қарни дуввуми ҳиҷрӣ мусалмонон бо улуми ҷаҳон ошно шуданд ва анвоъи улумро аз Юнон ва Ҳинд ва Эрон тарҷума карданд. Ва аз тарафе медонем имомони атҳор аз интиқод ва хӯрдагирӣ ба корҳои хулафо кӯтоҳӣ намекарданд, китобҳои мо пур аст аз ин интиқодҳо. Агар бино буд, ки назари ислом дар бораи илм назари манфӣ ва мухолиф буд ва илм харобкунанда ва мунҳадимкунандаи дин мебуд, имомони атҳор ин амали хулафоро, ки дастгоҳи васеъе аз мутарҷимин ва ноқилин ба вуҷуд оварда буданд ва анвоъи китобҳои нуҷумӣ, мантиқӣ, фалсафӣ, тиббӣ, ҳайвоншиносӣ, адабӣ ва таърихӣ тарҷума шуд, интиқод мекарданд, ҳамон тавре, ки баъзе корҳои дигари хулафоро шадидан мавриди интиқод қарор доданд. Агар бино ба интиқод мебуд, ин амал беш аз ҳар амали дигар дар миёни авом таҳти унвони:

[2]замина интиқод дошт, вале ҳеч асаре дар тӯл сад ва шаст сол, ки бар ин қазия гузашт аз интиқод дида намешавад.

Мантиқи Қуръон

Гузашта аз ҳамаи инҳо, мантиқи худи Қуръон дар бораи илм ба шакле аст, ки қобили тахсис ва ихтисос намебошад. Қуръон илмро нур ва ҷаҳлро зулмат медонад, мефармояд, мутлақан нур бар зулмат тарҷеҳ дорад. Қуръон сареҳан масоилеро ба унвони мавзӯъи мутолеа ва тафаккур пешниҳод мекунад. Ин мавзӯъот ҳамонҳост, ки натиҷаи мутолеаи онҳо ҳамин улуми табиӣ ва риёзӣ ва зистӣ ва таърихӣ ва ғайра аст, ки имрӯз дар дунё мебинем. Сураи Бақара, ояти 164 мефармояд:

إِنَّ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَاخْتِلَافِ اللَّيْلِ وَالنَّهَارِ وَالْفُلْكِ الَّتِي تَجْرِي فِي الْبَحْرِ بِمَا يَنْفَعُ النَّاسَ وَمَا أَنْزَلَ اللَّهُ مِنَ السَّمَاءِ مِنْ مَاءٍ فَأَحْيَا بِهِ الْأَرْضَ بَعْدَ مَوْتِهَا وَبَثَّ فِيهَا مِنْ كُلِّ دَابَّةٍ وَتَصْرِيفِ الرِّيَاحِ وَالسَّحَابِ الْمُسَخَّرِ بَيْنَ السَّمَاءِ وَالْأَرْضِ لَآيَاتٍ لِقَوْمٍ يَعْقِلُونَ

Яъне дар офариниши осмонҳо ва замин, дар гардиши шабу рӯз, дар ҳаракати киштӣ бар рӯйи об, ки ба василаи он башар мунтафеъ мегардад, омадан ва резиши борон, ки сабаби ҳаёти замин мегардад, ҳайвоноте, ки дар рӯйи замин дар ҳаракатанд, гардиши бодҳо ва ҳолати махсуси абрҳо, ки дар миёни замин ва осмон муъаллақанд, дар ҳамаи инҳо нишонаҳои қудрат ва ҳикмати парвардигор аст. Яъне ҳамаи инҳо қонунҳо ва низомоте доранд ва шинохтани ин низомот шуморо ба тавҳид наздик мекунад.

Қуръон сареҳан мардумро ба мутолеа дар ин умур тавсия карда ва медонем мутолеа ҳаминҳост, ки мунҷар ба илми фалак ва ситорашиносӣ, заминшиносӣ, дарёшиносӣ, илми коиноти ҷаввийя, ҳайвоншиносӣ ва ғайра шудааст. Ҳамчунин аст дар сураи Ҷосия, ояти 2 ва сураи Фотир, ояти 25 ва бисёре оёти дигар.

Қуръон китобе аст, ки аввалин мартибаи, ки нозил шуд, сухани худро бо “хондан”, “илм” ва “китобат “оғоз кард. Ваҳйи Қуръон бо тазаккури инҳо оғоз гашт:

اقْرَأْ بِاسْمِ رَبِّكَ الَّذِي خَلَقَ. خَلَقَ الْإِنْسَانَ مِنْ عَلَقٍ. اقْرَأْ وَرَبُّكَ الْأَكْرَمُ. الَّذِي عَلَّمَ بِالْقَلَمِ

[2] *Ин сухан аз халифаи дуввум аст, ки дар бемории марги Расули Худо Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ гуфт ва аз тариқи фариқайн нақл шудааст.*

(*Алақ/1-4*) (“*Бихон ба номи парвардигорат; он ки офарид, инсонро аз хуни баста офарид. Бихон ва парвардигори ту каримтарини каримон аст, ки омӯзонид навиштан бо қаламро.*”)

Тавҳид ва илм

Ислом дине аст, ки бо тавҳид оғоз мегардад ва тавҳид масъалаест таъаққулӣ, ки тақлид ва таъаббуд дар он ҷоиз нест, ҳатман бояд таъаққул ва истидлол ва тафалсуф дар он бошад. Агар ислом аз санавият ё таслис оғоз шуда буд, наметавонист вуруд дар он мабҳасро озод бигузорад, чорае набуд аз ин ки онро минтақаи мамнӯъа эълом кунад. Вале аз тавҳид оғоз шуда, ки на танҳо онро минтақаи мамнӯъа намедонад, балки минтақае лозимулвуруд медонад. Мадхали ин минтақа ҳам аз назари Қуръон тамоми сафҳаи коинот аст, корти вурудиаш илм ва таҳсил аст, абзор ва василаи гардиш дар ин минтақа қувваи тафаккур ва истидлоли мантиқӣ аст.

Инҳо мавзӯъоте аст, ки Қуръон барои мутолеа арза медорад. Ва аммо ин ки мусалмонон камтар муваффақ шуданд дар ин мавзӯъот ба мутолеа бипардозанд ва бештар мутолеоти худро мавзӯъоте қарор доданд, ки ҳеч гуна тавсияе аз тарафи Қуръон нашуда, матлаби дигаре аст ва иллатҳои хоссе дорад, феълан ҷойи баҳси он нест.

Инҳо ҳама қароине аст, ки нишон медиҳад, назари ислом мунҳасиран улуми динӣ нест. Аз қадим ин матлаб матраҳ буда, ки оё манзури ислом аз илме, ки онро фариза ва воҷиб хонда чист? Ва ҳар дастае хостаанд каломи пайғамбарро ба ҳамон ришта маълумоте, ки худашон доштаанд татбиқ кунанд. Мутакаллимин мегуфтаанд, мақсуд хусуси илми калом аст, муфассирин мегуфтаанд, мақсуд илми тафсир аст, муҳаддисин мегуфтаанд, мақсуд илми ҳадис аст, фуқаҳо гуфтаанд, мақсуд илми фиқҳ аст, ки ҳар касе бояд ё муҷтаҳид бошад ё муқаллид, уламои ахлоқ гуфтаанд, мақсуд илми ахлоқ ва иттилоъ аз мунҷиёт ва мӯҳликот аст, мутасаввифа мегуфтаанд, мақсуд илми сайру сулук ва тавҳиди амалӣ аст, Ғаззолӣ 20 қавл дар ин замина нақл мекунад. Вале ҳамон тавр, ки муҳаққиқин гуфтаанд, мақсуд ҳеч як аз ин улум билхусус нест. Агар мақсуд илми хосс мебуд, пайғамбар ба ҳамон илм тасреҳ мекард. Мақсуд ҳар илми муфид ва судманде аст, ки ба кор мехӯрад.

Оё илм васила аст ё ҳадаф?

Таваҷҷӯҳ ба як нукта ишколро ба хубӣ ҳал мекунад ва комилан метавонем бифаҳмем, ки манзури ислом чист. Аввалан бояд дид, илм аз назари ислом ҳадаф аст ё васила? Бидуни

шак баъзе аз улум ҳадаф аст, мисли маорифи рубубӣ ва Худошиносӣ ва он чи аз шуъуни Худошиносӣ шумурда мешавад мисли маорифи марбут ба худшиносӣ ва маъод.

Аз инҳо, ки бигузорем, соири улум василаанд, на ҳадаф. Яъне ҳар илме аз он ҷиҳат лозим ва муфид аст, ки муқаддима ва василаи анҷоми як амал ва як вазифа аст. Ҳамаи улуми динӣ — ба истиснои маорифи илоҳӣ — аз қабили илми ахлоқ ва фиқҳ ва ҳадис, ҳамин тавранд, яъне ҳама василаанд, на ҳадаф, то чӣ расад ба муқаддамоти адабӣ ва мантиқи маъмулӣ, ки дар мадориси динӣ хонда мешавад.

Бинобар ин фуқаҳо ва уламои динӣ истилоҳе доранд; мегӯянд, вуҷуби илм, таҳайюъӣ аст, яъне аз он ҷиҳат воҷиб аст, ки омодагӣ ва таҳайюъ медиҳад барои коре, ки мувофиқ бо манзури ислом аст. Ҳатто худи ёд гирифтани мустақими масоили амалия яъне аҳком ва масоили намоз ва рӯза ва хумс ва закот ва ҳаҷ ва таҳорат, ки маъмулан дар рисолаҳои амалия зикр мешавад, фақат барои ин аст, ки шахс битавонад ва омода бишавад, ки вазифаи дигареро дуруст анҷом диҳад. Масалан як нафар мустатеъ, ки мехоҳад ба ҳаҷ биравад, бояд ёд бигирад, то омодагӣ ва таҳайюъ пайдо кунад, ки маросими ҳаҷро дуруст анҷом диҳад. Вақте, ки ин аслро донистем, навбат ба асли дигар ва матлаби дигар мерасад ва он ин ки ислом чӣ гуна дине аст ва чӣ ҳадафҳое дорад ва чӣ гуна ҷомеае мехоҳад? Манзурҳои исломӣ чӣ андоза вусъат дорад? Оё ислом танҳо ба чаҳорто масоили ибодӣ ва ахлоқӣ қаноат карда, ё домана ва дастурҳои ин дин густариш ёфтааст дар ҳамаи шуъуни ҳаётии башар ва ба ҳамаи шуъунии ҳаётӣ ва иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва сиёсии башар назар дорад ва дар ҳамаи онҳо манзур ва ҳадафҳое дорад, ки бояд таъмин гардад? Оё ислом мехоҳад, ки ҷомеаи мусалмон мустақил бошад, ё аҳаммият намедиҳад, ки зердаст ва маҳкум бошад? Бадеҳӣ аст, ки ислом ҷомеае мехоҳад мустақил, озод, азиз, сарбаланд ва мустағнӣ.

Ва боз матлаби севвумеро ҳам бояд бишносем ва таваҷҷӯҳ кунем ва он ин ки имрӯз дунё бар пошнаи илм мечархад, калиди ҳамаи ҳавоиҷ, илму иттилоъи фаннӣ аст, бидуни илм наметавон ҷомеае ғанӣ, мустақил, озод, азиз ва қавӣ ба вуҷуд овард. Худ ба худ натиҷа мегирем, ки дар ҳар замоне хусусан дар ин замон фарз ва воҷиб аст бар мусалмонон, ки ҳамаи улумеро, ки муқаддимаи расидан ба ҳадафҳои исломӣ аст фаро гиранд ва кӯтоҳӣ накунанд.

Бо ин миқёс метавонем ҳамаи улуми муфидро улуми динӣ бидонем, метавонем бишносем, чӣ илме воҷиби кафоӣ аст ва чӣ илме воҷиби айнӣ. Метавонем бифаҳмем, ки дар як замон мумкин аст хондани як илме аз авҷаби воҷибот бошад ва дар замоне дигар он тавр набошад. Ин дигар бастагӣ дорад ба мизони ҳушёрӣ ва таваҷҷӯҳи касоне, ки дар ҳар замоне иҷтиҳод мекунанд ва ба истинботи аҳком мепардозанд.

Гуфтори 13:

Пурсишҳои динӣ

Баъзе пурсишҳо ва суолҳои динӣ воҷиб аст ва ҷавоб додан ба онҳо ҳам воҷиб аст ва аммо баъзе аз суолҳо бо ин ки унвони динӣ дорад ҳаром аст, ҷавобгӯй ва вақт талаф кардан барои ҷавобгӯй ба онҳо низ ҳамин ҳукмро дорад.

Вазифаи динӣ эҷоб мекунад сукут ва тарки суол ва таваҷҷӯҳ ба он масоилро. Дар Қуръони Карим дар баъзе оёт ба таври сареҳ дастур медиҳад, ки чизҳоеро, ки намедонед, аз онҳо, ки медонанд бипурсед:

فَاسْأَلُوا أَهْلَ الذِّكْرِ إِنْ كُنْتُمْ لَا تَعْلَمُونَ

(*Наҳл/43*) (“*Аз доноён бипурсед он чиро, ки намедонед*.”)

Дар баъзе аз оёти дигар аз баъзе аз суолот, бо ин ки унвони динӣ дорад наҳй мекунад, мефармояд:

لَا تَسْأَلُوا عَنْ أَشْيَاءَ إِنْ تُبْدَ لَكُمْ تَسُؤْكُمْ وَإِنْ تَسْأَلُوا عَنْهَا حِينَ يُنَزَّلُ الْقُرْآنُ تُبْدَ لَكُمْ عَفَا اللَّهُ عَنْهَا ۗ وَاللَّهُ غَفُورٌ حَلِيمٌ. قَدْ سَأَلَهَا قَوْمٌ مِنْ قَبْلِكُمْ ثُمَّ أَصْبَحُوا بِهَا كَافِرِينَ

(*Моида/101*) (“*Напурсед аз чизҳое, ки агар фош шавад ғамгин шавед ва андӯҳнок кунад шуморо. Ва агар бигузоред, то ин ки Қуръон фуруд ояд, худ ошкор шавад бар шумо. Худованд аз гузашта даргузашт ва Худо омурзанда ва бурдбор аст ва таъҷил дар ъуқубат накунад. Дигарон қабл аз шумо пурсиданд ва кофир шуданд*.”)

Баъдан дар атроф ҳар ду оят тавзеҳ хоҳам дод.

Ғаризаи пурсиш

Ғаризаи пурсиш яке аз ғароизи аввалияи башарӣ аст ва намунаи рушд ва эътилои дастгоҳи фикр ва андеша аст. Ҳолати пурсиш ва суол вақте дар зеҳн нисбат ба матлабе пайдо мешавад, ки зеҳн дар бораи он матлаб дучори шакку тардид шуда бошад. Ва ба таври куллӣ, шак ҳокӣ аз навъе рушд ва эътилоъ аст. Ҳайвон шак намекунад, на аз он ҷиҳат, ки ба марҳилаи болотар аз шак яъне яқин расидааст, балки дар марҳилаи дуни шак аст. Бисёре аз инсонҳо дар марҳилаи дуни шакканд, на дар марҳилаи фавқи шак.

Тифл аз ҳудуди сесолагӣ ва гоҳе камтар шурӯъ мекунад ба суол ва пурсиш аз падару модар ва парастор дар бораи умуре, ки давру бараш ҳастанд ва назарашро ҷалб мекунанд, пайваста мепурсад, ки ин чист ва он чист? Фалон чиз барои чист? Ва амсоли инҳо. Равоншиносон сесолагиро синни пурсиш ном додаанд.

Яке аз масоили тарбиятӣ, кайфияти мувоҷеҳаи падару модар ва соири мураббиён аст дар баробари суолоти атфол. Албатта набояд ҷилави ин ғаризаро гирифт ва мумонаъат кард ва ҳам набояд ба онҳо дурӯғ гуфт, бояд дар ҳудуди фаҳми худи онҳо, онҳоро роҳнамоӣ кард. Айни ин иборат дар посухи пурсишҳои солмандон низ ҳаст. Онҳоро низ набояд бо хушунат ва фузулӣ накун сокит кард, бо ин тафовут, ки солмандро метавон роҳнамоӣ кард, ки аз тарҳи баъзе пурсишҳо худдорӣ кунад бар хилофи кӯдак. Суол, аз ҷаҳли омехта ба илм, нодонии омехта ба дониш пайдо мешавад. Яъне як маҷҳул дар баробари башар худнамоӣ мекунад, аз тарафе он маҷҳулро намедонад ва аз тарафи дигар мефаҳмад, ки маҷҳуле дорад, яъне ба ҷаҳли худ пай бурдааст, бинобар ин суол мекунад. Агар он маҷҳул барояш маълум бошад, суол намекунад ва агар ҳам он маҷҳул воқеан барояш маҷҳул бошад, аммо худаш илтифот ба ҷаҳл ва бехабарии худ надошта бошад, боз дар садади ҷустуҷӯ ва таҳқиқ барнамеояд.

Пас инсон вақте дар садади таҳқиқ ва ҷустуҷӯ ва пурсиш бармеояд, ки надонад, аммо бидонад, ки намедонад. Ин аст, ки донишмандон гуфтаанд: бузургтарин имтиёзи инсон нисбат ба соири ҷондорон он аст, ки ҷаҳли ӯ ҷаҳли басит аст, яъне ба ҷаҳли худ метавонад илм ва тавоҷҷӯҳ дошта бошад ва бидонад, ки намедонад ва дар натиҷа дар садади суол ва ҷустуҷӯ ва таҳқиқ барояд. Бар хилофи ҳайвонҳо, ки ҷаҳли онҳо ҷаҳли мураккаб аст, яъне ҳар чиро намедонанд, намедонанд, ки намедонанд, қаҳран дар садади таҳқиқ барнамеоянд ва наметавонанд бароянд.

Пурсиш, калиди дониш аст

Пурсиш, калиди дониш аст. Дар китобҳои ҳадис омада, ки Имом Боқир (а) фармуд:

ألا إن مفتاح العلم السؤال

(“*Калиди дониш, пурсиш аст*.”)

Баъд имом ин шеърро иншо кард:

شفاء العمى طول السؤال وإنما

تمام العمى طول السكوت على الجهل

(“Биҳорул-анвор”, ҷ.36, с.359) Яъне шифои кӯри ботинӣ ин аст, ки одамӣ ҳамвора чизеро, ки намедонад, хиҷолат накашад ва бипурсад ва мунтаҳои кӯри ботинӣ ин аст, ки одамӣ ҳақиқатеро надонад ва ба мулоҳизоте сукут кунад ва напурсад ва ба ҷаҳолат боқӣ бимонад.

Вазифаи як муҳаққиқ ковиш ва таҳқиқ аст ва вазифаи як мубтадӣ ва шогирд ва донишҷӯ ин аст, ки мушкилоти худро аз он кас, ки таҳқиқ карда бипурсад. Як донишҷӯ дар мушкилоте, ки дучор мешавад, роҳе надорад ҷуз он ки аз устод ва муаллими худ кӯмак бигирад ва роҳнамоӣ бихоҳад. Як бемор ба пизишк муроҷеа мекунад ва аз ӯ роҳнамоӣ мехоҳад.

Пурсиш аз чӣ?

Дар ин ҷо ин нукта бояд гуфта шавад: суол ва пурсиш дар айни ин ки хуб аст ва мазҳари рушд ва камоли инсон аст, муқаддимаи чизи дигар аст: ё муқаддимаи таҳқиқ аст ё муқаддимаи амал. Баъзе ашхос дар садади таҳқиқи як мавзӯъи илмӣ ё таърихӣ ё динӣ ҳастанд, ночор бояд дар садади пурсиш бароянд ва аз ашхосе, ки иттилоъе дар он замина доранд, матолибе суол кунанд. Суолоти як донишҷӯ, ки дар садади ёд гирифтан аст аз ин қабил аст.

Ва гоҳе иллати пурсиш ин аст, ки мехоҳад роҳи як амалро ёд бигирад, монанди суолоте, ки як бемор аз пизишк мекунад ва дастуруламалҳое мегирад ва ҳамчунин аст мушкилоте, ки беморони руҳӣ бо равонпизишкон ё муаллимони ахлоқ ба миён мегузоранд.

Агар суол ва пурсиш муқаддимаи таҳқиқи илмӣ ё равиши илмӣ набошад, танҳо маҷҳул будани як чиз кофӣ ва муҷаввиз нест, ки инсон вақти худ ва дигариро ба пурсиш дар бораи ӯ бигузаронад, зеро маҷҳулоти башар бениҳоят аст. Ба қавли яке аз донишмандон, аз аввале, ки башар рушду тамйиз пайдо мекунад, як силсила аломати истифҳом ба даври худ меёбад ва рӯз ба рӯз бар адади онҳо афзуда мешавад, агар муваффақ ба ҷавоби яке аз онҳо мешавад, даҳтои дигар дар баробараш худнамоӣ мекунад. Иллати ин ки уламои воқеӣ ва касоне, ки бӯйе аз дониш бурдаанд, беш аз дигарон худро ҷоҳил ва нодон медонанд ин аст, ки ҳар андоза муваффақ ба кашфи маҷҳулоте бишаванд, адади бештаре аз маҷҳулот дар баробарашон намоён мешавад. Охирин ҳадди илим як олим ин аст, ки иқрор мекунад ба нодонии худаш:

То бад-он ҷо расид дониши ман,

Ки бидонам ҳаме, ки нодонам.

Пас агар инсон бихоҳад аз ҳама чиз бипурсад, ба ҷойе намерасад, бояд суолоти инсон мутаваҷҷеҳи масоили лозим ва зарурӣ ва муфид бошад, ё аз ҳайси илм ё аз ҳайси амал.

Ифроту тафрит дар пурсишҳо

Ин матлаб, ки дониста шуд, маълум мешавад, ки мардум аз назари суол ва пурсиш гоҳе дар ҳадди ифрот ва гоҳе дар ҳадди тафританд. Гоҳе ашхосе пайдо мешаванд, ки корашон суол кардан аст, хусусан дар атрофи масоил ва мавзӯъоти динӣ. Ба хаёли худ мехоҳанд аз камму кайф ва хусусиёти ҳама чиз сар дарованд, ғофил аз ин ки башар ҳаргиз ҳамчу иддаъое нисбат ба ҳамин маҳсусот ва машҳудоти табиат наметавонад дошта бошад, то чӣ расад нисбат ба дин, ки аз уфуқи мофавқи табиат сарчашма гирифтааст.

Ва баъзе дар ҳоли тафританд, як ҳолати рахват ва сустӣ дар онҳо ҳаст, руҳи таҳқиқ ва таҷассус аз онҳо гирифта шуда, ҳатто аз лозимтарини суолот ҳам парҳез доранд ва худдорӣ мекунанд. Дар баъзе аз мардум ҳолати истинкоф ва истикбор аз суол ҳаст. Чун пурсидан ва истифҳом аломати иқрор ба беиттилоъӣ аст, инро як навъ зиллат ва хорӣ талаққӣ мекунанд ва як умр дар торикии ҷаҳл боқӣ мемонанд. Дар сурате, ки инсон вақте, ки чизеро намедонад ва донистани он чиз барояш лозим аст, бояд аз касе, ки медонад бипурсад, хоҳ он кас аз худи ӯ кӯчактар бошад ё бузургтар, камшаънтар бошад ё олишаънтар. Дар осори динӣ аз ҷоҳиле, ки истинкоф аз таъаллум дорад, сахт мазаммат шуда; гуфта шуда, ки олим бояд илми худро ба кор бандад ва ҷоҳил бояд аз таъаллум ва суол, ки навъе тазаллул ва тавозӯъ аст истинкоф надошта бошад, балки бояд барои худ фахр бишуморад, ки дар ҳоли ёд гирифтан аст.

عالم مستعمل علمه، وجاهل لا يستنكف أن يتعلم

(*Наҳҷул-балоға", ҳикмати 364*)

Ҳадди васат ин аст, ки инсон аввалан ташхис бидиҳад, ки донистани чӣ чизҳое барояш лозим аст ва донистани чӣ чизҳое барояш лозим нест ё мумкин нест. Дар миёни умуре, ки донистани онҳо барояш лозим ва зарурӣ аст ё амал ба онҳо барояш зарурат дорад, бо риояти алаҳамм фал-аҳамм (муҳимтаринҳо), суолоте интихоб кунад ва аз касоне, ки медонанд бипурсад ва зимнан аз ин ки суол ва пурсиш ва масъала тарҳ кардан, барояш шуғл ва унвон шавад, бипарҳезад.

Дар ибтидои сухан ҳадисе аз Имом Боқир (а) дар мадҳи суол хондам, ки фармуд:

ألا إن مفتاح العلم السؤال

Ҳадисе дигар аз он ҳазрат дар мазаммати зиёд суол кардан ва саргарм шудан ба суолоти бечо нақл мекунам: Имом Боқир (а) мефармуд: ҳар вақт ман ҳадисе ба шумо бигӯям, аз ман бипурсед, то аз Қуръон шоҳиде барои он нақл кунам. Яъне он чи ман мегӯям, мустанад ба Қуръони Карим аст. Як вақт эшон гуфтанд: пайғамбар аз се чиз наҳй

кардааст: қилу қол ва ҳарфи беҳуда, дигар тазйеъ ва исроф ва ифсоди мол, севвум касрати суол. Шахсе аз он ҳазрат суол кард: ин се чиз, ки гуфтед, дар куҷои Қуръон аст? Имом Боқир се оят аз Қуръон зикр кард, ки дар ҳар кадом аз онҳо яке аз ин се чиз наҳй шуда: яке он оят, ки мефармояд:

لَا خَيْرَ فِي كَثِيرٍ مِنْ نَجْوَاهُمْ إِلَّا مَنْ أَمَرَ بِصَدَقَةٍ أَوْ مَعْرُوفٍ أَوْ إِصْلَاحٍ بَيْنَ النَّاسِ

(*Huco/114*) Яъне дар бисёре аз гуфтугӯҳо ва дар гӯш гуфтанҳои онҳо хайре нест магар дар мавориди хоссе, ки марбут ба садақа ё кори хуби дигар ё ислоҳ байни мардум аст. Дар ин оят қилу қол ва ҳарфҳои беҳуда наҳй шудааст.

Ояти дигар:

وَلَا تُؤْتُوا السُّفَهَاءَ أَمْوَالَكُمُ الَّتِي جَعَلَ اللَّهُ لَكُمْ قِيَامًا

(*Huco/5*) Яъне амволро, ки мояи зиндагии шумост, дар ихтиёри афроди камақл нагузоред.

Афроде, ки сафеҳанд ва камақланд ҳарчанд мол аз худи онҳост боз ҳам он молро дар ихтиёри онҳо нагузоред, зеро онро зойеъ мекунанд. Дар ин оят бо ин ки мавзӯъи баҳс, моли шахси сафеҳ аст, бо калимаи:

أَمْوَالَكُمُ

— таъбир мекунад, ишора ба ин ки моли ҳар шахсе дар айни ин ки моли шахсии худи ӯст, як навъ таъаллуқе ҳам ба ҷомеа дорад. Ҳаққе ҳам иҷтимоъ нисбат ба он мол дорад ва ба воситаи ҳаққи иҷтимоъ аст, ки молики шахсӣ ҳаққи тазйеъ ва исроф надорад. Пас дар ин оят аз тазйеъи мол наҳй шуда.

Ояти дигар:

لَا تَسْأَلُوا عَنْ أَشْيَاءَ إِنْ تُبْدَ لَكُمْ تَسُؤْكُمْ

Яъне аз бисёре чизҳо напурсед, зеро агар гуфта шавад ва ошкор гардад, шуморо нороҳат хоҳад кард. Дар ин оят аз як силсила пурсишҳо наҳй шуда.

Пас ин мантиқӣ аст дар ислом, ки аз зиёд суол кардан ва саргарм шудан ба суолот ва пурсишҳо наҳй мекунад. Аз тарафе дастур медиҳад, ки ҳақоиқе, ки намедонед ва донистани онҳо барои шумо зарурӣ аст бипурсед ва истинкоф накунед, саҳлангорӣ ва сустӣ ба харҷ надиҳед, аз тарафи дигар зиёд суол кардан ва саргарм шудан ба суолро наҳй мекунад.

Дин муштамил аст бар як силсила усул ва мӯътақадот, ки ҳар касе бояд худаш мустақиман таҳқиқ кунад ва воқеан ташнаи ёд гирифтан ва таҳқиқ дар онҳо бошад ва

мусалламан агар касе ҷӯё ва пӯё бошад, Худованди Таъоло ӯро дастгирӣ ва ҳидоят хоҳад кард:

وَالَّذِينَ جَاهَدُوا فِينَا لَنَهْدِيَنَّهُمْ سُبُلَنَا

(*Анкабут/69*) ва муштамил аст бар як силсилаи дигари таълимоти ахлоқӣ ва иҷтимоӣ, ки мусалламан бар ҳар башаре лозим аст онҳоро фаро гирад ва низ муштамил аст бар як ришта дастуруламалҳо, ки омӯхтан ва суол кардани онҳо ҳам лозим аст.

Гуфтори 14:

Ақл ва дил

Инсон, мавҷуди дуконунӣ

Дар руҳи инсон ду марказ ва ду конун мавҷуд аст, ки ҳар як аз ин ду манбаъ як навъ фаъолиятҳо ва таҷаллиёти руҳӣ аст. Номи яке аз ин ду конун, ақл ё хирад ва номи он дигаре қалб ё дил аст. Фикру андеша ва дурандешиву ҳисобгарӣ ва мантиқу истидлол ва илму фалсафа аз таҷаллиёти конуни ақл аст. Ва баъзе дигар аз таҷаллиёти руҳӣ — монанди хостан ва шефта шудан ва орзу кардан ва ба ҳаракат овардан — аз конуни дил сарчашма мегирад. Аз конуни дил ҳарорат ва ҳаракат бармехезад ва аз конуни ақл ҳидоят ва рӯшноӣ. Он кас, ки дили афсурда ва бехоҳиш ва бе умеду орзу дорад, мавҷуде сард ва беҳаракат ва ҷомид аст ва ҳеч гуна фаъолияте аз ӯ сар нахоҳад зад; ба марг наздиктар аст то ба ҳаёт. (Ва) он кас, ки аз нерӯи ақлу фаҳму тадбир бенасиб аст, монанди мошине аст, ки дар шаби торик дар ҳаракат аст ва фоқиди чароғ ва роҳнамост. Гоҳе миёни ин ду конун тавофуқ ва ҳамоҳангӣ ҳосил мешавад, чизеро дил меписандад ва ақл ҳам хубии онро тасдиқ ва эътироф мекунад. Дар ин гуна маворид инсон дучори ишкол ва маҳзурӣ намешавад. Вале бисёр иттифоқ меафтад, ки ин тавофуқ ва ҳамоҳангӣ ҳосил намешавад, масалан дил чизеро меписандад ва шефта ва моил мешавад, вале ақли дурандеш ва ҳисобгар тасдиқ ва имзо намекунад ва ё он ки ақл хубии чизеро тасдиқ мекунад ва гувоҳӣ медиҳад, вале барои дил нописанд ва душвор аст.

Ин ҷост, ки кашмакаш ва танозўъ байни қалб ва ақл дармегирад ва ин ҷост, ки афрод бо якдигар мухталиф мешаванд: баъзе фармони ақлро мепазиранд ва баъзе дигар фармони дилро. Мисоли соддае барои ин кашмакаш ва танозўъ зикр мекунам: ҳар касе ба ҳукми ғариза ба фарзанди худ алоқаманд аст ва эҳсосоти муҳаббатомезе нисбат ба фарзанди худ дорад. Ва рӯйи ҳамин алоқа ва муҳаббат, осоиш ва роҳати фарзанди худро мехоҳад, то ҳадде, ки ба худаш ранҷ медиҳад, то осоиш ва роҳати фарзанди худро фароҳам кунад. Пойи тарбияти ин фарзанд ба миён меояд, зеро мутобиқи ҳисобе, ки ақл дорад, тарбият ҳар андоза ҳам, ки мулойим бошад, хоҳ нохоҳ мусталзими нороҳатиҳое барои бачча дар ибтидо ҳаст. Гоҳе бояд падару модар ранҷи фироқ ва дурии фарзанди худро таҳаммул кунанд. Бар дил гарон аст, ки ранҷи фироқи фарзандро таҳаммул кунад.

Агар инсон бихоҳад фармони дили худро бипазирад, бояд аз тарбияти фарзанди худ, ки ягона василаи саодати ояндаи ӯст сарфи назар кунад. Ва агар бихоҳад фармони ақлро бипазирад, ночор бояд бар хилофи ризои дили худи рафтор кунад.

Аз ин болотар тарбият ва таҳзиби нафси худи инсон аст. Таҳзиби нафс ва таҳсили ахлоқи одамият аз ҳар чизе душвортар ва сахттар аст, зеро дар ин ҷо ғолибан ақл ва дил дар ду қутби мухолиф қарор мегиранд. Мубориза кардан бо нафси аммора сарпанҷае бисёр қавитар аз ақл ва имон мехоҳад.

Расули Акрам (с) ба ҷамъе аз ҷавонон убур фармуд, дид, санги бузургеро барои вазнабардорӣ интихоб кардаанд ва бо бардоштани он санг зӯри худро меозмоянд. Фармуд: мехоҳед ман дар миёни шумо доварӣ кунам ва бигӯям аз ҳама қавитар ва зӯрмандтар кист? Гуфтанд: бале ё Расулаллоҳ! Онҳо гумон карданд, ки Пайғамбар он касро муайян хоҳад кард, ки зӯру бозуяш қавитар бошад, вале бар хилофи интизор онҳо, Пайғамбари Акрам фармуд: қавитарини шумо он кас аст, ки дар ҳангоми ғазаб ва хушҳолӣ, нафси аммора зимомро аз кафи ақли ӯ нагирад, қавитарини шумо он кас нест, ки бозуи қавитар дошта бошад, балки он кас аст, ки руҳияи қавитар дошта бошад.

Дар мақоми таҳзиби нафс ва таҳсили ахлоқ, ҳамеша як ҷангу ситези аҷиб байни ду конуни ақл ва дил даргир аст. Таҳзиби нафс ва тарбият барои ҳамоҳанг сохтани ин ду конун аст, мусталзими забт ва контроли хоҳишҳои дил аст. Асосан назм ва инзибот аз конуни ақл ношӣ мешавад ва ошуфтагӣ ва худсарӣ аз конун дил.

Ҷиҳоди асғар ва ҷиҳоди акбар

Пайғамбари Акрам (с) дар ҳадиси маъруфе бо баёни латифе ин ҷангу ситезро баён кард. Асҳоб ва ёрони ӯ аз ҷиҳоде бармегаштанд, рӯ кард ба онҳо ва фармуд:

مرحبا بقوم قضوا الجهاد أصغر، وبقي عليهم الجهاد أكبر

(“*Марҳабо ба мардуме, ки аз муборизаи кӯчак баргаштаанд ва ҷиҳоде бузург ҳанӯз ба ӯҳдаи онҳо боқӣ аст!*”).

Гуфтанд: ё Расулаллоҳ! Ҷиҳоди бузург чист? Фармуд: ҷиҳод бо нафс ва мубориза бо туғён ва хоҳишҳои дил.

Эй шаҳон, куштем мо хасми бурун,
Монд хасме з-ӯ батар дар андарун.
Куштани ин кори ақлу ҳуш нест,
Шери ботин сухраи харгӯш нест…
«Қад раҷаъно мин ҷиҳоди-л-асғар» -ем,
Бо набӣ андар ҷиҳоди акбарем…
Саҳл шере дон, ки сафҳо бишканад,
Шер он аст, он ки худро бишканад.

(*Мавлоно*)

Дар ин кашмакашҳо гоҳе ақл дил ва хоҳишҳоро таҳти таъсир ва фармони худ қарор медиҳад ва гоҳе баръакс, дил ақлро мутеъ ва фармонбари худ қарор медиҳад. Ин ки ақл конуни дилро тасхир кунад ва таҳти фармони худ дароварад, маънояш возеҳ аст, мӯҳтоҷ ба тафстр нест. Ва аммо ин ки дил конуни ақлро мутеъи худ созад, мӯҳтоҷ ба тавзеҳ аст.

Таъсири дил дар қазовати ақл

Агар ақли инсон озод бошад, дар умур он тавр қазоват мекунад, ки дар воқеъият чунон аст; хубро хуб ва бадро бад мебинад. Агар таҳти таъсир ва нуфузи конуни хоҳишҳои дил бошад он тавр қазоват мекунад, ки дил мехоҳад ва меписандад на он тавре, ки ҳақиқат ҳаст. Ақл дар зоти худ қозии одиле аст, вале бояд истиқлоли ин қувваи қазоӣ мӯҳтарам бошад, қувваи муҷрия яъне майлҳо ва хоҳишҳо ва тасмиму иродаҳо ӯро дастнишондаи худ қарор надиҳад, агар дастнишонда шуд, интизори адолат аз ӯ намеравад.

Аз суханони мавлои муттақиён Алӣ (а) аст, мефармояд:

من عشق شيئا أعشى بصره، وأمرض قلبه

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 108*) Яъне ҳар кас, ки ба чизе ишқ биварзад ва хоҳиши дилаш нисбат ба он чиз туғён кунад, он ишқ мӯҷиби шабкӯрии ӯ мешавад ва руҳашро мариз мекунад. Мақсуд аз ин шабкӯрӣ ин аст, ки дар торикиҳои ҳаводис, ки эҳтиёҷ ба ҳидоят ва рӯшноии ақлу мантиқ аст, дигар намебинад. Ҳуббу буғз ва дӯстӣ ва душманӣ дар тарзи қазоват муассир аст. Шоир мегӯяд:

وعين الرضا عن كل عيب كليلة

كما أن عين السخط تبدى المساويا

Яъне дидане, ки аз рӯйи ризо ва хушбинӣ бошад, ҳамаи айбҳоро мепӯшонад, ҳамон тавре, ки дидане, ки аз рӯйи душманӣ ва адоват бошад, айбҳоро ошкор менамояд.

Чун ғараз омад, ҳунар пӯшида шуд,

Сад ҳиҷоб аз дил ба сӯйи дида шуд.

Ва аз ҳамин ҷиҳат аст, ки инсон ҳар чизеро, ки мутаъаллиқ ба худаш аст, бо чашми таҳсин ва эъҷоб нигоҳ мекунад, ба қавли Саъдӣ: “*Ҳар касеро ақли худ ба камол намояд ва фарзанди худ ба ҷамол*”. Инсон ғаризаи ҳубб ба зот дорад, ба худаш беш аз ҳар чизе ва ҳар касе алоқаманд аст, ҳамеша худашро ва он чи вобаста ба худаш аст, бо айнаки хушбинӣ менигарад, яъне дар бораи худаш ва он чи марбут ба худаш аст, тавре қазоват

мекунад, ки дилаш розӣ шавад, на он тавр, ки ҳақиқат аст. Инсон ахлоқи бади худро хуб мепиндорад ва аъмоли нописанди худро писандида.

أَفَمَنْ زُيِّنَ لَهُ سُوءُ عَمَلِهِ فَرَآهُ حَسَنًا

(*Фотир/8*) ("*Оё пас он кас, ки ороста шуд дар назараш амали бадаш, мисли он кас аст, ки чунин нест ва бадро бад ва хубро хуб мебинад?*")

تَاللَّهِ لَقَدْ أَرْسَلْنَا إِلَىٰ أُمَمٍ مِنْ قَبْلِكَ فَزَيَّنَ لَهُمُ الشَّيْطَانُ أَعْمَالَهُمْ

(*Наҳл/63*) ("*Ба Худо қасам, ки пайғамбароне ба сӯйи умматҳои қабл аз ту фиристодем ва шайтон аъмоли онҳоро дар назарашон зебо ҷилва дод*.")

قُلْ هَلْ نُنَبِّئُكُمْ بِالْأَخْسَرِينَ أَعْمَالًا. الَّذِينَ ضَلَّ سَعْيُهُمْ فِي الْحَيَاةِ الدُّنْيَا وَهُمْ يَحْسَبُونَ أَنَّهُمْ يُحْسِنُونَ صُنْعًا

(*Каҳф/103 -104*) ("*Оё ба шумо хабар диҳем аз зиёнкортарини мардумон, ки заҳмату кӯшиши онҳо дар зиндагии дунё ба ҳадар рафта ва худашон мепиндоранд, ки амалашон нек аст?*")

Амирулмӯъминин Алӣ (а) мефармояд:

المؤمن لا يصبح ولا يمسي إلا ونفسه ظنون عنده

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 175*) Мӯъмин шомеро субҳ ва субҳеро шом намекунад, магар он ки нисбат ба нафси худ ва аъмоли худ бадгумон аст ва ҳар лаҳза эҳтимол медиҳад, ки амале нописанд аз ӯ сар бизанад. Агар инсон ба ин марҳила бирасад, ки воқеан ба нафси худ бадгумон бошад ва худро дар маърази судури гуноҳ ва аъмоли зишт бидонад, худ ба худ муроқибат мекунад ва ҷилави таҷовуз ва таъаддии нафси худро мегирад. Вой ба ҳоли касе, ки сад дар сад бо айнурризо ва бо айнаки хушбинӣ саропои вуҷуди худро мутолеа мекунад.

Пас аз ҳамин ҷо маълум мешавад, ки гоҳе ин ҳолат барои инсон пайдо мешавад, ки қувваи қазоваташ мариз мешавад, ғалат қазоват мекунад, аз адолат хориҷ мешавад, озодӣ аз ақли ӯ салб мегардад. Агар конуни ақлу андеша, мусаххари дил ва хоҳишҳои дил шуд, на танҳо инсон худро фақат ба забон поку беайб муаррифӣ мекунад, балки дар дилу замири худ низ воқеан худро пок ва беайб тасаввур мекунад, наметавонад ғули онҳоро бибанданд ва асорати ақл ба ин аст, ки хоҳишҳои дил туғён кунад ва занҷирҳое аз ҳавову ҳавасҳо, аз таъассуб ва тақлидҳо, барои ақл бисозад.

Қуръони Карим дар васфи Расули Акрам (с) мефармояд:

يَأْمُرُهُمْ بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَاهُمْ عَنِ الْمُنْكَرِ وَيُحِلُّ لَهُمُ الطَّيِّبَاتِ وَيُحَرِّمُ عَلَيْهِمُ الْخَبَائِثَ وَيَضَعُ عَنْهُمْ إِصْرَهُمْ وَالْأَغْلَالَ الَّتِي كَانَتْ عَلَيْهِمْ

(*Аъроф/157*) Яъне ӯ ба некӣ амр ва аз зиштӣ наҳӣ мекунад, чизҳои покро барои онҳо раво ва чизҳои палид ва зиёнборро нораво мекунад, бори сангин ва ғиллу занҷирҳо, ки бар онҳост, аз онҳо бармедорад.

Ин бори сангин ва ғиллу занҷирҳо ҳамонҳост, ки бар ақлу руҳи мардум буда ва дасти тавонои Расули Худо онҳоро бардошт.

Хушбинӣ ба худ ва бадбинӣ ба дигарон

Яке аз иллатҳои умдаи адами муваффақияти мо мардум ба ислоҳи ҷомеаи худ ҳамин аст, ки ҳар фарди огоҳ, ки ба худаш нигоҳ мекунад ва ба аъмоли худаш назар меафканад, айнаки хушбинӣ ба чашм мезанад ва он гоҳ, ки ба дигарон ва аъмоли дигарон назар мекунад, айнаки бадбинӣ ва бадгумонӣ ва натиҷа ин аст, ки ҳеч кас шахси худро тақсири кор намедонад ва чунин мепиндорад, ки тақсир мутаъаллиқ ба дигарон аст. Ҳама чашм ба адолати иҷтимоъ доранд ва ҳеч кас фикр намекунад, ки адолати иҷтимоъ вақте ҳосил мешавад, ки афрод одил бошанд.

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا كُونُوا قَوَّامِينَ بِالْقِسْطِ شُهَدَاءَ لِلَّهِ وَلَوْ عَلَىٰ أَنْفُسِكُمْ أَوِ الْوَالِدَيْنِ وَالْأَقْرَبِينَ ۚ إِنْ يَكُنْ غَنِيًّا أَوْ فَقِيرًا فَاللَّهُ أَوْلَىٰ بِهِمَا ۖ فَلَا تَتَّبِعُوا الْهَوَىٰ أَنْ تَعْدِلُوا

(*Нисо/135*) Яъне эй мардум! Дар кори бапо доштани адолати зиёд бикӯшед, гувоҳиро фақат ба хотири Худо бидеҳед, ҳарчанд алайҳи худи шумо ё падару модар ё наздикони шумо бошад, ғуссаи ин ки фалон хешованд ғанӣ ё фақир аст нахӯред, Худованд, ки холиқи онҳост аз шумо, ки фақат робитаи хешовандӣ доред, авлост ба ин ки ҳоли онҳоро риоят кунад, мабодо ба пайравӣ аз ҳавои нафс, аз ҳақ инҳироф пайдо кунед.

Яке аз фавоиди ин ки тарбияти мардум тарбияти динӣ бошад, ҳамин аст, ки мардумро дар ботини руҳу замирашон одил ва мунсиф мекунад. Албатта фарқ аст байни касе, ки аз имон баҳрае дошта бошад ва Худоро нозиру шоҳиди аъмол ва ниёти худ бидонад ва он кас, ки маҳзи маслиҳати иҷтимоъ кореро бикунад.

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا عَلَيْكُمْ أَنْفُسَكُمْ ۖ لَا يَضُرُّكُمْ مَنْ ضَلَّ إِذَا اهْتَدَيْتُمْ

(*Моида/105*) (“*Эй касоне, ки имон овардаед! Бар шумо бод муроқибати нафасҳои худатон!*”)

Фаразан дигарон гумроҳ бошанд гумроҳии онҳо ба шумо садамае ворид намеоварад агар шумо худатон роҳ ёфта бошед ва дар роҳ бошед.

Медонем, ки дар ислом аз тарафе назорат бар аъмоли дигарон ҷузъи воҷибот аст. Пайғамбар (с) фармуд:

كلكم راع وكلكم مسئول عن رعيته

(*Ҷомеъус-сағир, ҷ.2, с.95*), вале аз тарафи дигар, ин фикри шайтониро ҳар кас бояд аз каллаи худ берун кунад, ки ҷомеа фосид аст ва дигарон харобанд. Хароб будан ва гумроҳ будани дигарон, узре барои аъмоли бади мо пеши Худо намешавад. Яке аз тасвилоти нафси инсонӣ ҳамин аст, ки гуноҳи худро ба гардани дигарон меандозад.

Одат ба тафаккур ва таъаққул

Инсон барои ин ки аз чанголи тасаллути шаҳавоти табоҳкунандаи ҷисму ҷон ва ақлу имон ва дунёву охират наҷот пайдо кунад, роҳе ҷуз тақвияти ҷониби нерӯи ақл надорад. Яке аз роҳҳои тақвияти ин нерӯ ин аст, ки коре кунад, ки таъаққул ва тафаккур дар корҳо барояш ба сурати як одат дарояд, аз аҷала дар тасмим бипарҳезед.

Шахсе омад хидмати Расули Акрам (с), арз кард: насиҳате ба ман бифармоед. Фармуд: оё агар туро насиҳате бикунам, амал хоҳӣ кард? Он мард дар ҷавоб гуфт: бале. Ва то се мартиба ин суолу ҷавоб байни Расули Акрам ва он мард радду бадал шуд ва дар ҳар мартибае Расули Акрам ба ӯ мефармуд, оё агар дастуре бидеҳам, амал хоҳӣ кард? Ва ӯ дар ҷавоб мегуфт, бале, амал хоҳам кард.

Пас аз таъаҳҳуди муаккаде, ки Расули Акрам аз он мард гирифт, ба ӯ фармуд:

إذا هممت بأمر، فتدبر عاقبته

)*"Биҳорул-анвор", ҷ.71, с.339*) Яъне ҳар гоҳ тасмими кореро гирифтӣ, аввал тадаббур ва тафаккур кун ва оқибат ва натиҷаи онро бибин, (ки) агар рушду ҳидоят аст, онро таъқиб кун ва агар шарру залолат аст, аз он дурӣ кун.

Аз тарзи таъаҳҳуд гирифтани Расули Акрам аз он мард маълум мешавад, ки барои ин ҷумла фавқулъодда аҳаммият қоил буда, мехоҳад ба мо бифаҳмонад, ки бояд одат ба фикру тадаббур дошта бошем ва дар ҳеч коре пеш аз он ки комилан онро зеру рӯ кунем ва натоиҷ ва авоқиби онро бисанҷем, ворид нашавем.

Инсон бояд аз мантиқ пайравӣ кунад, на аз эҳсосот. Инсон дар коре, ки аз рӯйи мантиқ сурат мегирад, ҳисоб ва пешбиниҳои лозимро карда, нурафкани ақл ва андешаи худро ба атроф андохта ва ҷавониб ва атрофи корро таҳти назар гирифтааст. Вале дар коре, ки аз рӯйи эҳсосот сурат мегирад, нақша ва ҳисоб ва дурандешӣ дар кор нест, сирфан руҳи башар аз роҳе доғ шуда ва ҳаяҷоне падид омада ва инсон барои он ки ҳаяҷони руҳии худро таскин диҳад, ба амале мубодарат мекунад ва ба воситаи ғубор ва тирагие, ки аз

таҳайюҷи эҳсосот пайдо мешавад, маҷоли дурандешӣ ва таваҷҷӯҳ ба авоқиб ва натоиҷи кор аз инсон салб мешавад.

Бар ҳамаи афроди башар каму беш, ҳам мантиқ ҳукумат мекунад ва ҳам эҳсосот. Як ҷумла, ки инсон дар ҳузури ҷамъе адо мекунад ё як амале, ки дар иҷтимоъ анҷом медиҳад, аз як тараф вобаста ба як силсила эҳсосот ва авотиф ва ҳаяҷоноти дарунӣ аст ва аз тарафи дигар чун каму беш дар атрофаш диққат ва фикр шуда, вобаста ба мантиқ ва таъаққул аст. Вале бархе мардум бештар аҳли мантиқанд ва баъзе мардум бештар аҳли эҳсосот. Ҷомеашиносон мегӯянд, ин ихтилоф дар миёни миллатҳо низ дида мешавад. Баъзе аз миллатҳо ба мантиқ наздиктаранд ва баъзе ба эҳсосот. Ин дастури ҷомеъи Расули Акрам мегӯяд: ҳамеша дар корҳо мантиқро дахолат бидеҳ ва ҷилави туғён ва ҳукумати эҳсосотро бигир, марди мантиқ бош, на эҳсосот.

Ҳар андоза, ки як фард ё як миллат дар роҳи камол ва тараққӣ пеш меравад, ба тадриҷ аз эҳсосот ба мантиқ мегарояд. Наздик шудан ба ҳукумати мантиқ ва хориҷ шудан аз таҳти сайтара ва ҳукумати эҳсосот, далел бар пухтагӣ ва такомули руҳ аст. Инсон дар туфулият ва кӯдакӣ як порча эҳсосоти бемантиқ аст ва ба ҳамин ҷиҳат аз идора кардани худ ва аз ҳифзи масолеҳи худ оҷиз аст. Ва ба ҳамин ҷиҳат аст, ки тифлро зуд мешавад дар ҷараёне ворид кард ва эҳсосоташро истихдом кард ва ба нафъи худ дар маҷрое ба кор андохт, аммо ҳар андоза, ки аз синини умр мегузарад ва таҷриба зиёдтар мешавад, мантиқ дар вуҷуди инсон қувват мегирад. Албатта танҳо мурури замон ва гузаштани умр кофӣ нест, ки инсонро марди мантиқ ва таъаққул кунад.

Ин фазилати ахлоқӣ низ монанди ҳамаи фазоили дигари ахлоқӣ тамрин ва муморасат ва муҷоҳидат лозим дорад. Аввалан андӯхтаи илмӣ ва сармояи фикрӣ лозим аст. Сониян инсон бояд муддате бо заҳмат худро водор кунад, ки дар пешомадҳо ва тасмимҳо зиёд фикр кунад ва то авоқиб ва натоиҷи кореро комилан насанҷад, ба ҳаяҷоноти дарунии худ тартиби асар надиҳад.

Аз суханони Расули Акрам аст:

ما أخاف على أمتي الفقر ولكن أخاف عليهم سوء التدبير

(*Аволӣ ал-лаолӣ, ҷ.4, с.39*) Яъне нигаронии ман бар уммататам, аз ноҳияи фақр нест, фақр дарде аст, ки илоҷаш душвор нест. Нигаронии ман аз ноҳияи суитадбир ва қиллати мизони мантиқ ва истидлол аст.

Ҳадиси дигаре аз Расули Акрам маъсур аст, ки зимнан муштамил бар достоне аст ва амалан дар он достон фарқ байни пайравӣ аз мантиқ ва пайравӣ аз эҳсосот дида мешавад:

марде аз аъроб ба хидмати Расули Акрам омад ва аз ӯ насиҳате хост. Расули Акрам дар ҷавоби ӯ як ҷумлаи кӯтоҳ фармуд ва он ин ки:

لا تغضب

Яъне хашм нагир. Ва он мард ҳам ба ҳамин миқдор қаноат кард ва ба қабилаи худ баргашт. Тасодуфан вақте расид, ки дар асари ҳодисае байни қабилаи ӯ ва як қабилаи дигар низоъ рух дода буд ва ду тараф саффоро̄ карда ва омодаи ҳамла ба якдигар буданд. Он мард рӯйи хӯю одати қадим ва таъассуби қавмӣ таҳйиҷ шуд ва барои ҳимоят аз қавми худ силоҳ ба тан кард ва дар саффи қавми худ истод. Дар ҳамин ҳол, гуфтори Расули Акрам ба ёдаш омад, ки набояд хашму ғазабро дар худ роҳ бидиҳад. Хашми худро фурӯ хӯрд ва ба андеша фурӯ рафт. Мантиқаш бедор шуд. Бо худ фикр кард, чаро беҷиҳат бояд ду даста аз афроди башар ба рӯйи якдигар шамшер бикашанд? Худро ба саффи душман наздик кард ва ҳозир шуд он чи онҳо ба унвони дия ва ғаромат мехоҳанд, аз моли худ бидиҳад. Онҳо низ, ки чунин футувват ва мардонагӣ аз ӯ диданд, аз даъвоҳои худ чашм пӯшиданд. Ғоила хатм шуд ва оташе, ки аз ғалаёни эҳсосот афрӯхта шуда буд, бо он ақл ва мантиқ хомӯш гашт.

Гуфтори 15:

Дарсе, ки аз фасли баҳор бояд омӯхт

Майл ба танаввӯъ ва таҷаддуд

Инсон, ҳолате дорад, ки аз якнавохтӣ малул мешавад, толиби таҷаддуд ва танаввӯъ аст. Таҷаддуд ва навхоҳӣ эҳтиёҷест дар вуҷуди башар. Аммо ин ки рамзи ин кор чист, чаро башар дар камоли иштиёқ чизеро талаб мекунад ва ҳамин ки ба ӯ расид, аз шиддати ҳаяҷонаш коста мешавад, кам-кам ба сардӣ ва хастагӣ ва аҳёнан ба танаффур ва инзиҷор мунтаҳӣ мешавад, матлабест, ки имшаб намехоҳам вориди баҳси он башавам.

Баъзе гумон мекунанд, ки ин хасисаи зотии башар аст. Башар ҳамеша муштоқ ва орзуманди чизҳое аст, ки надорад. Доштан, мадфани ишқу алоқа ва хостан аст. Аммо баъзе дигар назари дақиқтаре доранд; мегӯянд, агар воқеан чизе матлуби ғаризӣ ва зотии башар бошад, мумкин нест, ки висол ӯро сард ва афсурда бикунад.

Дар ниҳод ва ғаризаи башар, маъшуқ ва маҳбубе комилтар ва олитар аст; маҳбубе, ки камоли лоятаноҳӣ аст. Ба дунболи ҳар маҳбубе, ки меравад, дар ҳақиқат нишоне аз маҳбуби аслӣ ва воқеии худ дар ӯ мебинад ва ба гумони маҳбуби аслӣ ба сароғи ӯ меравад, аммо пас аз висол чун хоссияти он маҳбуби аслиро дар ӯ намебинад ва эҳсос мекунад, ки ин мавҷуд қодир нест халаъи вуҷудии ӯро пур кунад, ба сароғи маҳбуби дигар меравад ва ҳамин тавр… магар он ки рӯзе ба маҳбуби аслӣ ва ҳақиқии худ ноил гардад, он вақт ба камоли воқеии худ, ки иттисол ба камоли лоятаноҳӣ аст хоҳад расид ва дар беҳҷат ва саодати комил ғарқ мегардад ва барои ҳамеша ором мегирад ва дигар хастагӣ ва афсурдагӣ ва касолат дар ӯ роҳ намеёбад:

أَلَا بِذِكْرِ اللَّهِ تَطْمَئِنُّ الْقُلُوبُ

“*Оре, бо ёди Худо дилҳо оромиш гирад*.” (*Раъд/28*)

Қуръони Карим дар бораи биҳишт мефармояд:

لَا يَبْغُونَ عَنْهَا حِوَلًا

“*Неъматҳои биҳишт чунон аст, ки ҳеч гоҳ биҳиштиён тағйиру табдили онро хостор набошанд.” (Каҳф/108*)

Яъне ин тафовут миёни неъматҳои охират ва ин дунё ҳаст, ки дар ин дунё инсон толиби таҳаввулу тағайюр аст, аммо дар охират толиби тағайюру таҳаввул ва нав шудан ва иваз шудан нест.

Ба ҳар ҳол, мусалламан инсон дар ин дунё толиби таҷаддуду танаввўъ аст. Таҷаддуд, мўҷиби инбисот ва шукуфтагии хотир мегардад хусусан агар он таҷаддуду танаввўъ дар ҷиҳати ҳаёт ва тозагии зиндагӣ бошад. Таҷаддуду танаввўъ, кудурат ва малолро аз хотир мезудояд.

Ҳар замон нав суратеву нав ҷамол,

То зи нав дидан фурӯ мирад малол.

(Мавлоно)

Дар ташреъ низ ин нукта риоят шуда; дар ҳафта рўзе ва дар сол моҳе барои ибодат ихтисос дода шудааст, яъне ташреъ ба бадраҷаи таквин рафтааст. Рўзи ҷумъа дар ҳафта ва моҳи Рамазон дар сол, авқоти таҷдиди ҳаёти маънавӣ ва зудудани хотир аз малолҳо ва кудуратҳои моддӣ аст.

Дар ҳадис аст:

لكل شيء ربيع وربيع القرآن شهر رمضان

(*Кофӣ, ҷ.2, с.630*) Яъне ҳар чизе баҳор ва фасли таҷдиди ҳаёте дорад, баҳор ва фасли таҷдиди ҳаёти Қуръон дар дили аҳли имон, моҳи Рамазон аст.

Алӣ (а) мефармояд:

تعلموا القرآن فإنه ربيع القلوب

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 109*) ("*Қуръонро биёмўзед, ки баҳор дилҳо Қуръон аст*.")

Баҳори табииро хуршед ба вуҷуд меоварад, ки пас аз муддате дурӣ ва фосила, бо ашиъаи гарми худ табиати мурдаро зинда ва замини хуфтаро бедор мекунад. Ва баҳори маънавиро хуршеди тобандаи Қуръон дар дилҳои мурда ва руҳҳои афсурда эҷод мекунад. Ҳам аз фурсати баҳори маънавӣ бояд истифода кард ва ҳам аз фурсати баҳори табиӣ.

Расули Акрам (с) дар бораи баҳори маънавӣ яъне моҳи мубораки Рамазон фармуд:

فاسألوا الله بنيات صادقة وقلوب طاهرة أن يوفقكم لعبادته

("*Аз Худованд бо ниятҳои ҷиддӣ ва ростин ва бо дилҳои пок бихоҳед, ки тавфиқи бандагӣ ва тиловати китоби илоҳӣ ба шумо иноят кунад*.")

Саҳми инсон аз фасли баҳор

Дар Қуръони Карим мукаррар аз ин таҷдиди ҳаёте, ки барои замин рух медиҳад ёд шуда, вале ба унвони як дарс ва таълим ва ба унвони роҳнамоии башар, ки аз ин фасл чӣ истифодае бояд бикунад ва чӣ илҳоме бояд бигирад.

Ҳар як аз фарзандони замин аз гиёҳону ҳайвоноту инсон аз ин фасли ҳаётбахш саҳме ва ҳаққе доранд: гулҳо ва сабзаҳо дар ин фасл худро ба камоли рушд мерасонанд, ба ҳадди аъло ҷамоли худро тароват медиҳанд, асбу гову гӯсфанд худро ба обу алаф мерасонанд, худро фарбеҳ месозанд, ҷасту хезе мекунанд, инсон ҳам аз он ҷиҳат, ки инсон аст, ақле дорад ва фаҳме, диле дорад ва эҳсосоте ва авотифе, ӯ ҳам аз ин файзи омм саҳме дорад. Саҳми инсон чист?

Барои баъзе аз мардум фасли ҳаётбахши баҳор илҳомдиҳанда аст, дарс аст, омӯзанда аст, нуктаҳо ва рамзҳо ва ҳақиқатҳо дармеёбанд, аммо мутаассифона истифодаи баъзеи дигар аз афрод аз ҳадди истифодаи як ҳайвон таҷовуз намекунад.

Ҳосили баҳраи онҳо аз ин таҷаллии бошукӯҳи хилқат, шикам пур кардан ва арбада кашидан ва бадмастӣ кардан ва суқут дар мунтаҳои дараҷаи ҳайвоният аст. Онҳо дар ин фасл илҳом мегиранд, аммо на аз ин фасл, балки аз сифот ва малакоти палиди худашон илҳом мегиранд. Аммо чӣ чиз илҳом мегиранд? Ҷиноят ва одамкушӣ, фаҳшо ва фасоди ахлоқ, шикастани қуюд ва ҳудуди инсонӣ. Оё ин мунтаҳои бадбахтӣ нест, ки маҳсули расидани айёме ба ин лутфу сафо ва тароват, тирагии дил ва торикии руҳ ва қасовати қалб бошад? Оре, ҳар касе бар тинати худ метанад.

Ба ҳар ҳол, баҳор фасли таҷдиди ҳаёт ва зиндагӣ аз сар гирифтани замини мост, фасли нишоту хуррамии замин аст, фасле аст, ки замин дар шароити тоза ва ҷадиде қарор мегирад ва мустаъид мешавад, ки бузургтарин мавҳибатҳои илоҳӣ яъне ҳаёт ва зиндагӣ ба ӯ ифоза шавад. Дар Қуръони Карим аз ин ҳолати замин, аз ин таҷдиди ҳаёте, ки барои ин мавҷуд рух медиҳад мукаррар ёд шуда. Дар ҳудуди 15 бор ва шояд бештар дар Қуръони Карим ба ин мавзӯъ ишора шуда, вале ба унвони як дарс ва як таълим ва як ҳикмати омӯхтанӣ.

Ҳақиқат ва осори ҳаёт

Ин ки ҳақиқати ҳаёт ва зиндагӣ чист, матлабе аст, ки ҳанӯз дониши башар парда аз рӯйи он барнадошта ва ба ақидаи як идда аз аҳли таҳқиқ, ҳеч гоҳ ҳам аз ин роз парда бардошта нахоҳад шуд, зеро ба ақидаи ин даста, ҳақиқати ҳаёт ва ҳақиқати вуҷуд яке аст. Ҳамон тавре, ки ҳақиқати вуҷуд қобили таъриф ва таҳдид ва тасаввур нест, ҳақиқати ҳаёт ва зиндагӣ низ қобили таъриф ва тасаввур нест ва ҳамон тавре, ки ҳақиқати вуҷуд дорои маротиби шадид ва заъиф ва ашадд ва азъаф аст, ҳақиқати ҳаёт низ ҳамин тавр аст.

Мавҷуде ба андозаи ҳазз ва баҳрае, ки аз вуҷуд дорад, аз ҳақиқати ҳаёт ва зиндагӣ баҳраманд аст. Зинда шудани замин ва ҳар мавҷуди мурдаи дигар иборат аст аз ёфтани

як дараҷаи олитар ва комилтар аз ҳаёт. Мурдаи мутлақ вуҷуд надорад, мурдаи мутлақ, маъдуми мутлақ аст. Дар айни ҳол, бо ин ки ҳақиқати ҳаёт бар башар маҷҳул аст ва ё ғайри қобили дарк аст, осори ҳаёт ва зиндагӣ аз ҳама чиз намоёнтар ва ошкортар аст. Бо ин ки худи ҳаёт ва зиндагиро эҳсос намекунем, яъне худи ҳаётро намебинем, ламс намекунем, намечашем, вале осорашро мебинем ва ламс мекунем. Осори ҳаёт зоҳир аст ва худи ҳаёт ботин. Мо аз ин зоҳир ба вуҷуди он ботин пай мебарем, аз ин қишр ва аз ин пӯст ба он луббу мағз мерасем.

Ҳақоиқи номаҳсус

Афроде дар дунё пайдо шудаанд, ки гуфтаанд, мо ҷуз ба чизҳое, ки мустақиман вуҷуди онҳоро эҳсос мекунем ва ба василаи яке аз ҳавосси худ онҳоро меёбем имон надорем, танҳо чизе қобили эътиқод ва имон аст, ки мустақиман бишавад онро эҳсос кард, ҳар чи маҳсус нест, мавҷуд нест, аз ин рӯ мегӯем, табиат мавҷуд аст, зеро мустақиман қобили ламс ва эҳсос аст ва моварои табиат мавҷуд нест, ба далели он ки қобили ламс ва эҳсос нест.

Гузашта аз ин ки ин мантиқ дар ҳадди худ ноқис аст — зеро чаро ва ба чӣ далел ҳар чизе, ки ман эҳсос намекунам вуҷуд надорад? — як нақси бузургтаре дар ин тарзи баён ҳаст. Ва он ин ки ҳисоб накардаанд, ки дар худи табиат ҳақоиқи мусаллам ва қатъӣ ва ғайри қобили инкоре ҳаст, ки мо бо вуҷуди он ки бо яке аз ҳавосси худ онҳоро дарк накардаем, аз роҳи осори вуҷуди онҳо, онҳоро шинохтаем. Ҳаёт ва зиндагӣ, яке аз онҳост. Лозим нест, ки ҳар чи номаҳсус аст, мутаъаллиқ ба моварои табиат бошад. Моварои табиат номаҳсус аст, аммо ҳар номаҳсусе ҷузъи моварои табиат нест.

Донишмандоне, ки дақиқан дар ин мавзӯъот ҳисоб кардаанд ва диққати комил намудаанд, ба субут расонидаанд, ки хеле аз ҳақоиқи мусаллам дар ҳамин ҷаҳони табиат, ки дар домани ӯ ҳастем ва дар домани ӯ парвариш меёбем, ҳаст ва қатъан вуҷуд дорад ва ҳол он ки мустақиман қобили эҳсос ва ламс нест. Магар мо худи ҷисм ва моддаро мустақиман эҳсос мекунем? Он чи мустақиман ҳавосси мо дарк мекунад, ё аз навъи ранг ва шакл аст ё аз навъи андоза ва миқдор ва ё аз навъи ҳарорат ва бурудат ва ё аз навъи нармӣ ва зибрӣ. Ҳеч кадом аз инҳо айни моддаи хориҷӣ нест, ҳамаи инҳо авориз ва осори модда аст. Ҳаёт ва зиндагии табиӣ, ки барои замин ва фарзандони замин пайдо мешавад, як ҳақиқати мусаллам ва дар айни ҳол номаҳсусе аст, ки мо чун ғарқ дар осор ва таҷаллиёташ ҳастем, мепиндорем, ки мустақиман ҳавосси мо бо худи ӯ сару кор дорад. Мо дар як гул чӣ мебинем? Рушду нумӯ мебинем, хуррамӣ ва шодобӣ ва тароват

мебинем, рангомезӣ ва атр мебинем. Ва аз роҳи вуҷуди инҳо ҳукм мекунем, ки зиндагӣ дар ӯ пайдо шуда. Ин ҳукм ва қазовати мо дар бораи ботини ин гул, ки ҳамон ҳақиқати зиндагӣ аст, ба василаи ҳавосси зоҳира нест, ба василаи қувваи дигарест дар мо, ки ӯ ҳам ботини мо шумурда мешавад. Мо бо зоҳир ва пӯстаи вуҷуди худ яъне бо ҳавосси баданӣ ва олоти бадании худ зоҳир ва пӯстаи оламро дарк мекунем ва бо ботин ва ҳастаи вуҷуди худ яъне бо нерӯи ақл ва замири худ каму беш бо ботин ва ҳастаи олам иртибот пайдо мекунем, яъне ҳақоиқи ғайри маҳсусро дарк мекунем.

“Лубб “дар Қуръон

Дар Қуръони Маҷид таъбири бисёр латифе аст: гоҳе, ки мехоҳад аз ҳақоиқи зери парда завоҳир баҳсе бикунад, мегӯяд: “улулуалбоб” ин ҳақиқатро дармеёбанд. Яъне соҳибони лубб яъне мағзи холис ва ҷудошуда аз пӯст. Ал-мунҷид мегӯяд:

اللب خالص كل شيء، العقل الخالص من الشوائب

Роғиби Исфаҳонӣ низ дар “Муфрадоту ғарибил-Қуръон” мегӯяд:

اللب العقل الخالص من الشوائب

Яъне лубб ба ақле мегӯянд, ки аз он чи бо ӯ махлут шудааст ҷудо шуда бошад. Намегӯяд, ақли холӣ аз шавоиб, мегӯяд, ақли холис, яъне ҷудошуда аз шавоиб. Чун воқеан дар ибтидо, ки ҳанӯз фикри инсон хом аст, навъе омехтагӣ миёни маҳсусот ва тахайюлот ва маъқулот ҳаст. Баъдҳо инҳо аз якдигар ҷудо мешаванд ва ҳисоби ҳар як ҷудо мегардад. Ақли инсон ҳар гоҳ ба ин дараҷа расад, ки аз мақҳурият ваҳму хаёлу ҳисс берун ояд ва халос гардад, лубб номида мешавад, зеро нисбати ақли инсон, ки ботин аст, бо қуввахои зоҳирии ҳиссӣ, нисбати мағз аст ба пӯст. Ва мағз дар як бодом ва як гирду ва амсоли инҳо ибтидо ба якдигар омехтааст ва аз ҳам ҷудоӣ надоранд. Тадриҷан, ки ин мева комил ва расида мешавад, пӯстҳо аз мағзҳо ҷудо мешаванд ва ҳар кадом хоссият ва асари махсус ба худро ҳифз мекунад ва асари ҳеч кадом бо асари дигаре махлут намешавад.

Инсон агар дар илму маърифат комил гардад, ақлаш аз ҳиссу ваҳму хаёлаш ҷудо ва мустақил мешавад, аҳкоми ҳеч як аз онҳоро бо дигаре иштибоҳ намекунад. Дар ин ҳангом ба чунин шахсе гуфта мешавад “лабиб”, яъне касе, ки қувваи оқилааш истиқлоли худро бозёфтааст.

Урафо мегӯянд, маротиби вуҷуди инсон бо оламҳои вуҷуд мутатобиқ аст. Инсон дар маротиби вуҷудии худ дорои ҷабарут ва малакут ва носут аст ва бо ҳар мартибае аз маротиби вуҷуд ва ҳастии худ, бо як мартиба ва дараҷа аз олами куллӣ метавонад муртабит шавад.

Дастгоҳи ақл ва фикри инсон аз ҳамин роҳи ҳис ва ҳавос қивом ва моя ва қувват мегирад, роҳи убур ба маъқулот аз миёни маҳсусот аст. Қуръони Карим даъват ба тадаббур дар ҳамин маҳсусот мекунад, зеро аз ҳамин маҳсусот бояд ба маъқулот пай барад ва набояд дар олами маҳсусот мутаваққиф шуд:

إِنَّ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَاخْتِلَافِ اللَّيْلِ وَالنَّهَارِ لَآيَاتٍ لِأُولِي الْأَلْبَابِ

(*Оли Имрон/190*) Яъне дар хилқати осмонҳо ва замин, дар мушоҳидаи ҳамин пайкари олам ва пӯста ва қишри олам, нишонаҳо ва далоиле бар руҳи олам ва лубб ва мағзи олам ҳаст, вале аз барои касоне, ки худашон дорои лубб ва мағз ва ҳаста ҳастанд ва ақли қавӣ ва халосшуда аз ҳисс доранд.

الَّذِينَ يَذْكُرُونَ اللَّهَ قِيَامًا وَقُعُودًا وَعَلَىٰ جُنُوبِهِمْ وَيَتَفَكَّرُونَ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ رَبَّنَا مَا خَلَقْتَ هَٰذَا بَاطِلًا سُبْحَانَكَ فَقِنَا عَذَابَ النَّارِ

(*Оли Имрон/191*) Он касоне, ки Худоро дар дили худ ёд мекунанд, дар лубби худ ва мағз ва ҳастаи вуҷуди худ бо Худои олам ва марказ ва руҳи олам иртибот пайдо мекунанд, дар ҳама ҳол дар ёди ӯ ҳастанд, дар ҳоле, ки истодаанд ва дар ҳоле, ки нишастаанд, дар ҳоли сустӣ ва дар ҳоли сахтӣ, дар ҳама ҳол дар низоми олам фикр мекунанд, мерасанд ба он ҷо, ки ба ҳаракати ғоӣ ва тасхири мавҷудот пай мебаранд ва мефаҳманд, ки абас нест, худашон абас офарида нашудаанд, қиёмат ва расидани натиҷаи аъмол дар кор ҳаст. Дар ҷой дигар мефармояд:

فَبَشِّرْ عِبَادِ الَّذِينَ يَسْتَمِعُونَ الْقَوْلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحْسَنَهُ ۚ أُولَٰئِكَ الَّذِينَ هَدَاهُمُ اللَّهُ ۖ وَأُولَٰئِكَ هُمْ أُولُو الْأَلْبَابِ

(*Зумар/17-18*) Яъне навид бидеҳ он даста аз бандагони маро, ки ба сухан гӯш фаро медиҳанд, аммо аз миёни он чи мешунаванд, он ки беҳтар аст барои амал ва пайравӣ интихоб мекунанд. Онҳо ҳастанд касоне, ки Худованд онҳоро раҳбарӣ карда ва онҳо ҳастанд соҳибони лубб.

Сухане, ки инсон мешунавад, ба василаи гӯш мешунавад. Гӯш як ҳосса аст дар бадани мо. Барои гӯш тафовуте нест, ки он чи мешунавад чӣ бошад, тамйиз додан ва ғирбол кардани шунидаҳо кори гӯш нест. Аммо нерӯи дигаре дар инсон ҳаст, ки қодир аст фаровардаҳои гӯшро мавриди расидагӣ қарор диҳад, рӯйи онҳо ҳисоб кунад, хубӣ ва бадӣ ва сиҳҳату суқм ва дурустӣ ва нодурустии ҳар як аз онҳоро ба даст оварад. Он қувва ва нерӯ, ботин ва номаҳсус аст, на зоҳир ва маҳсус, коре ҳам, ки сурат медиҳад аз навъи корҳои маҳсус нест.

Оре, инсон бо қишр ва пӯста ва қисмати маҳсус ва зоҳири ҷаҳони вуҷуди худ, бо қишр ва пӯстаи маҳсуси ҷаҳони бузург иртибот пайдо мекунад ва бо қисмати ҳаста ва мағзи

номаҳсуси ҷаҳони вуҷуди худ, бо ботин ва ҳаста ва мағз ва ҷанбаҳои номаҳсуси ҷаҳони бузург иртибот пайдо мекунад.

Шахсе аз Амирулмӯъминин (а) суол кард:

هل رأيت ربك

(“*Оё Худои худро дидаӣ?*”) Фармуд:

لم أعبد ربا لم أره

(“*Ман Худоеро, ки надидаам бандагӣ накардаам*.”) Баъд фармуд:

لم تره العيون بمشاهدة العيان ولكن رأته القلوب بحقايق الإيمان

(*Тавҳиди Садуқ, с.305, “Наҳҷул-балоға”, хутбаи 178*) Бале Худо дида мешавад, аммо на бо чашм. Чашм абзори ин кор нест ва барои ин кор офарида нашудааст. Ӯро дили равшан ба нури имон мебинад. Дидаи дил аст, ки метавонад ӯро шуҳуд кунад.

Дидани рӯйи туро дидаи ҷонбин бояд
В-ин куҷо мартабаи чашми ҷаҳонбини ман аст?
(Ҳофиз)
Ҷисм зоҳир, руҳ махфӣ омадаст,
Ҷисм ҳамчун остин, ҷон ҳамчу даст.
Боз ақл аз руҳ махфитар парад,
Ҳисс сӯйи руҳ зудтар раҳ барад…
Руҳи ваҳӣ аз ақл пинҳонтар бувад,
З-он ки ӯ ғайб аст, ӯ з-он сар бувад…
(*Мавлоно*)
Он ҳисе, ки Ҳақ бар он ҳис музҳар аст,
Нест ҳисси ин ҷаҳон, он дигар аст.
(*Мавлоно*)

Маҳдудияти ҳавосс

Инсон дар ноҳияи бадан ва сохтмони ҷисмии худ бисёр маҳдуд аст; дар таҳти як шароити муайян фақат метавонад боқӣ бимонад, дар ҳадди муайяне аз ҳарорат ва ҳадди муайяне аз фишори ҳаво ва бо мизони муайяне аз маводди ғизоӣ ва дар андозаи муайяне аз замон ва қадри муайяне аз макон метавонад ба ҳаёт ва зиндагии худ идома диҳад, вале дар қисмати ботин ва руҳи худ, ин қайдҳо ва ҳудудро надорад, ин шурут ва андозаҳо барояш нест. Ва агар инсон дар ноҳияи руҳи худ мутақаддир ва мутаъайин ба ин ҳудуд

ва ашкол ва қолабҳо буд, наметавонист куллӣ ва мурсал ва номаҳдудро яъне ҳамин қоъидаҳои куллиро, ки дар улуми табиӣ ва риёзӣ ҳаст дарк кунад ва ба онҳо ноил шавад, чун дар қисмати ҷисм маҳдуд ва муайян ва мутақаддир аст, ҳар чизеро, ки ба воситаи олоти ҷисмонӣ яъне ба воситаи яке аз ҳавосси худ идрок мекунад, маҳдуд ва мутаъайин аст. Чорае аз ин идроки маҳдуд нест, ҳамин маҳдуд роҳи убури номаҳдуд аст. Башар аз маҳдуд ба номаҳдуд ва аз ҷузъӣ ба куллӣ ва аз нисбӣ ба мутлақ сайр мекунад. Мумкин нест, ки инсон битавонад номаҳдудро бо яке аз ҳавосси ҷисмонии худ эҳсос кунад, аммо метавонад номаҳдудро таъаққул кунад. Инсон метавонад бо дидаи басират ва бо чашми ғайри ҷисмонӣ номаҳдудро шуҳуд кунад, вале мумкин нест, ки номаҳдуд дар маҳдуд ва номутаъайин дар мутаъайин ҷо бигирад. Мавлавӣ мегӯяд:

Чашми ҳис ҳамчун кафи даст асту бас,
Нест кафро бар ҳамай ӯ дастрас.

Ин байтро дар зимни масале олӣ барои ҳамин мавзӯъ яъне барои мавзӯъи маҳдуд будани идроки ҳиссии инсон оварда. Ва он ин ки филе аз Ҳиндустон ба ҷойе, ки исми филро шунида буданд, вале худи филро надида буданд оварданд ва онро дар торикӣ қарор доданд. Мардум мерафтанд дар торикӣ он ҳайвонро бо дасти худ ламс мекарданд ва баъд берун меомаданд ва дар борааш қазоват мекарданд. Яке дасташ ба хартуми фил расид, вақте берун омад, аз ӯ пурсиданд, фил чӣ шакле дошт, гуфт, ба шакли новдон буд. Дигаре дасташ ба гӯши фил хӯрда буд ва дар ҷавоби касоне, ки пурсиданд, фил чӣ шакле дошт, гуфт, ба шакли бодбизан буд. Севвуме, ки дасташ ба пойи фил хӯрда буд, гуфт, фил ба шакли амуд аст. Чаҳоруме, ки пушти филро ламс карда буд, гуфт, фил ба шакли тахт аст.

Пил андар хонае торик буд,
Арзаро оварда будандаш ҳунуд.
Аз барои диданаш мардум басе,
Андар он зулмат ҳамешуд ҳар касе.
Диданаш бо чашм чун мумкин набуд,
Андар он торикиаш каф мебисуд.
Он якеро каф ба хартум уфтод,
Гуфт: ҳамчун новдон аст ин ниҳод.
Он якеро даст бар гӯшаш расид,
Он бар ӯ чун бодбизан шуд падид.
Он якеро каф чу бар пояш бисуд,
Гуфт: шакли пил дидам чун амуд.

Он яке бар пушти ӯ бинҳод даст,

Гуфт: худ ин пил чун тахте будаст.

Ҳамчунин ҳар як ба ҷузве, ки расид,

Фаҳми он мекард, ҳар ҷо мешунид.

Аз назаргаҳ гуфташон шуд мухталиф,

Он яке "дол"-аш лақаб дод, ин "алиф".

Дар кафи ҳар кас агар шамъе будӣ,

Ихтилоф аз гуфташон берун шудӣ.

Он гоҳ аз ҳамаи инҳо ин тавр натиҷа мегирад:

Чашми ҳис ҳамчун кафи даст асту бас,

Нест кафро бар ҳамай ӯ дастрас.

Чашми дарё дигар асту каф дигар,

Каф биҳил в-аз дидаи дарё нигар.

Қуръон ва фасли баҳор

Қуръони Карим дар яке аз мавориде, ки ба ин дарси омӯзанда ишора мекунад, мефармояд:

وَتَرَى الْأَرْضَ هَامِدَةً فَإِذَا أَنْزَلْنَا عَلَيْهَا الْمَاءَ اهْتَزَّتْ وَرَبَتْ وَأَنْبَتَتْ مِنْ كُلِّ زَوْجٍ بَهِيجٍ. ذٰلِكَ بِأَنَّ اللَّهَ هُوَ الْحَقُّ وَأَنَّهُ يُحْيِي الْمَوْتَىٰ وَأَنَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ

(*Ҳаҷ/5-6*) ("*Заминро мебинӣ ҷомид ва афсурда ва беруҳу беҷунбиш, аммо ҳамин ки оби борон бар он мепошем, ба ҷунбишу ҳаракат дармеояд ва фузунӣ мегирад ва анвоъи гиёҳҳои беҳҷатафзо меруёнд. Ин аз он ҷиҳат аст, ки Худо ҳаққи мутлақ аст ва низоми зинда кардани мурдаҳо дар қабзаи қудрати ӯст. Ва ӯст, ки бар ҳар чизе тавоност, қодири мутлақ ва тавонои мутлақ аст*.")

Дар ҳамаи олами вуҷуд чӣ дар мавҷудоти ҷондор ва чӣ дар мавҷудоти беҷон як назму ҳисоб ва таълиф ва ҳамоҳангӣ байни мавҷудот ҳаст, ки тамоми олам ба манзилаи як пайкар дида мешавад. Байни аҷзо ва аъзои ин пайкар иртиботу иттисол ва ҳамоҳангӣ аст ва намудор месозад, ки як машият ва як тадбири куллӣ дар ҳамаи олам ҳаст, ки ба олам ваҳдат ва ҳамоҳангӣ медиҳад. Менамоёанд, ки аҷзоъи ин олам ба худ вогузошта нест, ки ҳар ҷузъе ва ҳар заррае бидуни он ки ҳадафе дар зимни ин маҷмӯа ва вазифае дар дохили ин дастгоҳ дошта бошад, коре анҷом диҳад, балки баръакс, вазъи олам ва ҷаҳон далолат дорад, ки ҳар заррае ва ҳар ҷузъе монанди як печ ё мӯҳра ё чарх ё мила ё лӯлае аст, ки дар як корхона гузошта шуда, ки дар айни ин ки як коре ба танҳоӣ анҷом медиҳад, кори

ӯ бо кори соири аҷзоъи ин корхона марбут ва вобаста аст ва ба таъбире, ки дар Қуръони Маҷид омада, ҳамаи мавҷудоти олам бо ҳамаи қувваҳо ва нерӯҳое, ки доранд, ”мусаххар“-и як машият ва як ирода мебошанд. Ин ҳамон роҳе аст, ки маъмулан аз роҳи назму интизоме, ки дар кори олам ҳаст, ба вуҷуди нозим ва назмдиҳанда эътироф мекунанд, инсон аз ин роҳ Худовандро дар ҷилваи назм ва сунъу итқон мебинад.

Вале дар хусуси мавриди ҷондорон як дарси дигаре илова ҳаст ва он ин ки: Худованд ба мавҷудоти мурда ҳаёт мебахшад, яъне илова бар назму интизом байни аҷзоъи моддии вуҷуди ин мавҷуд, як ҳақиқат ва камолеро, ки фоқид аст ба ӯ мебахшад. Зарроти мурдаи оламро ба ҳар сурат ва ҳар шакл, ки назму тартиб бидиҳем, назму тартиб қодир нест, ки ҳақиқатеро, ки мавҷуд нест мавҷуд кунад, аммо дар мавриди ҷондорон танҳо назм ва ташаккул нест, балки ҳақиқате, ки вуҷуд надорад ифоза мешавад. Дар моддаи мурда зиндагӣ нест, зиндагӣ пайдо мешавад, шуъуру идрок нест, шуъуру идрок пайдо мешавад, завқу ишқу шӯр нест, завқу ишқу шӯр пайдо мешавад, ақлу ҳуш нест, ақлу ҳуш пайдо мешавад, эҳсосу идроку лаззат нест, ҳамаи инҳо пайдо мешавад. Ин аст, ки мо Худоро дар мавҷудоти зинда дар либоси бахшандагӣ ва файёзият ва такмил ва ифозаи вуҷуд ва камол, дар либоси қабзу баст, эҳё ва имота мебинем, мебахшад ва мегирад, мавҷуд мекунад ва маъдум месозад.

Оёте, ки дар ин замина аст ду се даста аст: як даста оёте аст, ки мавзӯъи зинда шудани заминро барои далолат ва роҳнамоии тавҳид зикр карда, дастаи дигар оёте аст, ки ба унвони намунае аз қиёмат зикр кардааст, дастаи севвум оёте аст, ки барои ҳар ду мавзӯъ оварда. Иншоаллоҳ ба тафсил инҳоро арз хоҳам кард.

Гуфтори 16:

Қуръон ва масъалаи тафаккур

Асли тафаккур

Яке аз усули таълимоти Қуръони Карим, даъват ба фикр кардан ва тадаббур кардан аст: тафаккур дар махлуқоти Худо барои пай бурдан ба розҳо ва асрори офариниш, тафаккур дар аҳвол ва аъмоли худ барои вазифаи дуруст анҷом додан, тафаккур дар таърих ва зиндагиҳои мардуме, ки гузоштаанд барои шинохтан ва пай бурдан ба сунан ва қонунҳое, ки Худованд барои зиндагонии ҷамоатҳои башарӣ қарор дода.

Тафаккур агар сатҳӣ ва пароканда бошад, кори осоне аст, аммо фоида ва асар ва натиҷае бар он мутараттиб нест. Вале агар илмӣ ва мабнӣ бар мутолеоти дақиқ ва озмоишҳо ва ҳисобгариҳо бошад ва ё лоақал инсон бихоҳад осори фикрии мардони фикру андешаро ба диққати комил мутолеа кунад, кори мушкиле аст, вале дар иваз бисёр муфид аст ва сармояи бузург ва захираи ҳангуфте барои руҳи башар ба шумор меравад.

Дини ислом рукни асосӣ ва пояи аслии худро тавҳид қарор додааст. Тавҳид, болотарин ва азимтарин андешае аст, ки ба димоғи (мағзи) башар расида, бисёр диққат ва нозуккорӣ мехоҳад.

Ва аз тарафе, дар усули ин дин ва билахасс дар асли усули он яъне тавҳид, тақлид маҳкум шуда ва таҳқиқ лозим шумурда шуда, ночор бояд ин дин тафаккур ва тадаббур ва таҳқиқ ва ҷустуҷӯро фарз бишуморад ва қисмати муҳимме аз оёти худро ба ин мавзӯъ ихтисос бидиҳад ва ҳамин корро кардааст.

Қуръони Карим мавзӯъи тафаккурро мутлақ ва мубҳам нагузошта, ба сурати иҷмол нагуфта биравед фикр кунед, дар ҳар мавзӯъе, ки буд, буд ва дар атрофи ҳар чизе, ки буд, буд. Мавзӯъотро ба таври куллӣ ба даст медиҳад. Масалан дар ояти 164 аз Сураи Бақара мавзӯъоте барои мутолеа муайян мекунад ва ба мардум мегӯяд биравед камари ҳиммат бибандед ва дар ин мавзӯъот таҳқиқ ва мутолеа кунед:

إِنَّ فِي خَلْقِ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَاخْتِلَافِ اللَّيْلِ وَالنَّهَارِ

Дар атрофи осмонҳо, дар атрофи замин, дар атрофи гардиши шабу рӯз мутолеа кунед, низоми кавокиб ва ситорагонро ба даст биёваред, замин ва табақоти замин ва осори замин ва омилеро, ки сабаб мишавад дар ҳар 24 соат вазъи замин нисбат ба хуршед як тағйири куллӣ бикунад ва шабу рӯз пайдо шавад бишносед, дар атрофи инҳо мутолеа ва

таҳқиқ кунед, илми ситорашиносӣ ва ҳайат ба вуҷуд биёваред, ба илми заминшиносӣ огоҳ шавед.

وَالْفُلْكِ الَّتِي تَجْرِي فِي الْبَحْرِ بِمَا يَنْفَعُ النَّاسَ

Ин киштиҳо, ки бар рӯйи оби дарё ҳаракат мекунанд ва башар аз ин роҳ манфиатҳое мебарад, масофатҳое тай мекунад, бар илму маърифати худ меафзояд, истифодаи тиҷорат мебарад, аз ин истеъдоде, ки ба ӯ додем истифода мекунад, дарё ва киштӣ ва ғарқ нашудани киштӣ ва манофеъе, ки башар аз роҳи киштиронӣ мебарад, ҳама рӯйи андоза ва ҳисоб ва қонун ва назме аст, ки инсон фақат аз наздик ва аз рӯйи мутолеа ва таҳқиқ метавонад ба онҳо ошно шавад.

وَمَا أَنْزَلَ اللَّهُ مِنَ السَّمَاءِ مِنْ مَاءٍ فَأَحْيَا بِهِ الْأَرْضَ بَعْدَ مَوْتِهَا

Ин оби бороне, ки аз боло ба пойин мереазад ва Худованд ба ин васила замини мурдаро зинда мекунад, ҳазорҳо розу рамз дар ин кор нуҳуфтааст, ки фақат афроди мутафаккир ва мутолеакун ва муҳаққиқ, ки нерӯи фикри худро сарфи ин кор мекунанд, аз ин рамзҳо ва розҳо мутталеъ мешаванд, фазо ва коиноти фазоро мешиносанд, хоссиятҳои боронро дармеёбанд, гиёҳҳоро мешиносанд.

وَتَصْرِيفِ الرِّيَاحِ وَالسَّحَابِ الْمُسَخَّرِ بَيْنَ السَّمَاءِ وَالْأَرْضِ

Вазиш ва гардиши бодҳо, абрҳое, ки миёни осмону замин мусаххаранд ва дар ҳаракат, дар ҳамаи инҳо оятҳо ва нишонаҳо аз ҳикмат ва сунъи Борӣ Таъолост, аммо барои касоне, ки таъаққул ва тадаббур ва таҳқиқ кунанд ва хилқатро бишносанд.

Агар касе, ки шумо худи ӯро надидаед, китобе таълиф кунад ва баъд номае барои шумо бинависад ва дар он нома ёдоварӣ кунад, ки агар мехоҳед маро комилан бишносед, китоби маро мутолеа кунед ва махсусан фаслҳое аз он китобро дар он нома муайян кунад ва бигӯяд, он фаслҳоро комилан мутолеа кунед, возеҳ аст, ки бояд фусули он китобро аз рӯйи таҳқиқ ва диққати комил бо ручӯъ ба муаллим ва устод, бо ручӯъ ба китоби луғат, бо ёд гирифтани ҳуруф ва алифбое, ки он китоб бо он ҳуруф ва он алифбо навишта шуда, бо ёд гирифтани забони он китоб он китобро бихонем ва муаллифро, ки надидаем, аз ин роҳ бишносем. Бадеҳӣ аст, ки ба сирфи нигоҳ кардан ба пушти китоб ва ҷилди китоб, наметавон муаллифро шинохт.

Мутолеаи сатҳии олами вуҷуд, ки мақрун ба таҳқиқ ва мутолеаи дақиқи илмӣ набошад, ки уламои ҳар фанн — уламои ҳайат ва ситорашиносӣ, уламои заминшиносӣ, уламои зистшиносӣ, уламои маърифатуннафс, мутахассисини мутолеаи коиноти фазо — ба даст овардаанд; мутолеаи сатҳие, ки мақрун ба таҳқиқ ва диққат набошад, мисли мутолеа

кардани пушти ҷилди китоб аст, кофӣ нест, инсон чизи дурусте намефаҳмад. Бар хилофи мутолеоти илмӣ ва таҳқиқӣ.

Асосан тафаккур, таҷзия ва таҳлил, маълумоте аст, ки инсон дар зеҳни худ андӯхтааст. Тафаккур, сайр дар фаровардаҳое аст, ки барои зеҳн ибтидо пайдо мешавад, монанди амали шиноварӣ аст, ки инсон дар об аз ин тараф ба он тараф мекунад. Пас бояд маълумоте бошад, то инсон қодир ба тафаккур шавад, бояд обе бошад, ки инсон битавонад дар он шиноварӣ кунад. Он кас, ки як бӯтаи гулро комилан мешиносад, аз вазъи реша ва соқу барги гул ва аз кайфияти тағаззӣ ва танаффус ва рушду нумӯ ва тавлиди мисли ӯ мутталеъ аст, метавонад дар он биандешад ва ба қудрат ва илм ва ҳикмат ва тадбир ва тақдире, ки дар он гул ба кор рафта пай бибарад. Аммо он кас, ки аз гул фақат ҳаҷме ва шакле мебинад, аз рози даруни он огоҳ нест ва қодир ба тафаккур дар ин гул аз лиҳози иртиботаш бо тақдир ва тадбире, ки бар ҷаҳон ҳукмфармост, намебошад.

Мояи тафаккур, илм аст. Мегӯянд, амр ба шайъ, амр ба муқаддимаи он ҳаст. Чун тафаккур бидуни илм ва маълумот муяссар нест, пас амр ба тафаккур, амр ба сармояи тафаккур яъне касби маълумоти саҳеҳ дар бораи махлуқот ҳам ҳаст. Манзур ин аст, ки Қуръони Карим на танҳо мардумро ба тафаккур ташвиқ карда, балки мавзӯъоти тафаккурро дар ин оят ва оёти зиёди дигар муайян карда.

Инҳирофи мусалмонон аз масири тафаккури исломӣ

Вале мутаассифона дар таърихи ислом ҷараёноте пеш омад, ки мусалмонон дуруст бар хилофи ҷиҳате, ки китоби муқаддаси осмонии онҳо савқ дода ҳаракат карданд. Албатта иддаи қалиле, ки ба руҳи таълимоти қуръонӣ ошно буданд, донистанд, ки дар чӣ мавзӯъоте фикр кунанд ва фикр карданд ва ҳамонҳо ҳастанд, ки имрӯз аз мафохири мусалмонон, балки аз мафохири башарият ба шумор мераванд.

Вале аксарият аз тариқаи Қуръони Карим мунҳариф шуданд ва дар атрофи мавзӯъоте ба баҳсу ҷадал пардохтанд, ки на танҳо ташвиқе дар Қуръони Карим нисбат ба онҳо нашуда, балки ҷиддан наҳӣ шуда, зеро лағв аст, бефоида аст, беасар ва бесамар аст. Мӯъмин ба Қуръон бояд аз ҳар коре, ки лағв ва бесамар ва бефоида аст, дурӣ кунад:

وَالَّذِينَ هُمْ عَنِ اللَّغْوِ مُعْرِضُونَ

(*Мӯъминун/3*) ҳарчанд ба сурати як баҳси илмӣ ё ба сурати як баҳси динӣ бошад.

Муҷодилоти каломӣ

Агар касе китобҳои мутакаллимин ва мавзӯъоти баҳсу ҷадали онҳоро, ки қарнҳо афкорро ба худ машғул сохта, сарватҳо ва мактабҳо дар он роҳ сарф шуда, нерӯҳои мағзӣ ба ҳадар рафта, мутолеа кунад ва онҳоро бар Қуръон арза бидорад ва бибинад бо мавзӯъоте, ки Қуръон мардумро ба мутолеаи онҳо ва таҳқиқ дар онҳо ташвиқ карда, чӣ муносибате дорад, мебинад ба куллӣ беиртибот аст. Дар атрофи ҳамон мавзӯъоти бепоя ва лағв, солҳо афроди зиёде баҳсу муҷодила карданд. Вале мавзӯъоте, ки Қуръони Карим амр ва ташвиқ ба мутолеа ва таҳқиқ дар атрофи онҳо карда ҳамчунон ба ҳоли худ боқӣ монд, то он ки мардуми дигаре ташвиқ шуданд ва ин вазифаро ба ӯҳда гирифтанд ва дар дунё сарбаланд шуданд ва мо акнун бо камоли сарафкандагӣ дарсҳои ташвиқии китоби осмонии худро бояд аз онҳо биёмӯзем.

Қаблан гуфтам, инсон ҳар андоза, ки дар офариниши мавҷудоти ин олам дақиқ мешавад, як назм ва як таълиф ва як ҳамоҳангӣ байни аҷзоъи олам мебинад. Ин тавр мефаҳмад, ки дар айни ин ки ҳар мавҷуде ва ҳар заррае қуввае ва нерӯӣ ва ҳаракате дорад, ба худ вогузошта нест, як иртибот ва иттисол ва пайвастагӣ миёни ҳамаи аҷзоъ ҳаст ва ҳар ҷузъе ҳадафе дар зимни ин маҷмӯа ва вазифае дар дохили ин дастгоҳ дорад. Аз ин назар тамоми олам ҳукми як воҳидро дорад.

Ягонагии масъалаи вуҷуд ва ваҳдати сонеъ дар Қуръон

Ин нуктаро ҳам бигӯям: дар Қуръони Карим далели вуҷуди Худо ва далели ваҳдати Худо яке аст. Ҳамон чизе, ки далел бар вуҷуди Худост, ҳамон чиз айнан далел бар ваҳдати зоти аҳадият аст. Фалосифа маъмулан баҳси исботи воҷибулвуҷуд ва баҳси тавҳиди воҷибулвуҷудро ҷудо зикр мекунанд ва ҳамчунин мутакаллимини исломӣ, ки аз фалосифа пайравӣ кардаанд. Вале дар Қуръон ин тавр нест, яъне ин тавр нест, ки дар як ҷо далел биёварад, ки холиқ ва воҷибулвуҷуд ва зоте, ки ӯ қоим ба худ аст ва қоим ба ғайр нест, вуҷуд дорад ва дар ҷойи дигар далел биёварад, ки холиқ ва воҷибулвуҷуд ва он зоте, ки қоим ба худ аст, яке аст, на бештар.

Ва ин нуктаи аҷибе аст аз Қуръони Карим. Дар мантиқи Қуръон зоти аҳадият ба тавре муаррифӣ шуда, ки фарзи таъаддуд ва сонӣ аз барои ӯ намешавад кард ва ин матлаб дар зимни оёти Қуръон ба таври ишора омада, вале Амирулмӯъминин (а) дар “Наҳҷул-балоға” ин матлабро комилан баён фармуда. Ва ин яке аз маорифи бузурги Қуръон аст, ки ба таври возеҳ эъҷози ин китоб ба шумор меравад, баёнкунанда ин эъҷоз ҳам Алӣ (а) аст, баёни ин эъҷоз ҳам эъҷози дигаре аст.

Дар ҳадис аст, ки аз Амирулмӯъминин пурсиданд:

هل عندكم شيء من الوحي

(“*Оё дар назди шумо чизе аз ваҳй ҳаст?*”) Яъне оё бар шумо ваҳй фуруд меояд? Фармуд:

لا، والذي فلق الحبة وبرأ النسمة إلا أن يعطي الله عبدا فهما في كتابه

Фармуд, на, қасам ба он Худо, ки донаро шикофт ва ҷондоронро офарид! Магар ин ки Худованд ба бандаи худ тафаззул кунад ва ба ӯ фаҳми Қуръонро бидиҳад. Алӣ дар ин ҷумла мехоҳад бифармояд, маорифи аҷибе, ки аз вуҷуди муқаддасаш расида, дар асари фаҳм ва пай бурдан ба мақосид ва маъонии Қуръон будааст.

Гуфтам, низоме, ки дар хилқат ва офариниш аст, ҳамоҳангӣ ва иртиботе байни мавҷудот нишон медиҳад ва аҷзоъи олам маҷмӯан як воҳидеро ба вуҷуд овардаанд. Байни аҷзоъи ҳар маҷмӯае мумкин аст иртибот ва ваҳдат ва ҳамоҳангӣ бошад ва мумкин аст набошад, бо як мисол ин матлабро тавзеҳ медиҳам:

Галаи гӯсфанд як маҷмӯае аст, ки байни аҷзоъи ин маҷмӯа иттисол ва ҳамоҳангӣ нест. Ҳар кадом аз гӯсфандҳо мустақиллан барои худ роҳ меравад, барои худ алаф мехӯрад, барои худ мехобад ва маҷмӯан сохтмони воҳидеро ташкил намедиҳанд. Он андоза ҳамоҳангӣ байни онҳо вуҷуд дорад, ки чӯпон онҳоро ҳаракат медиҳад.

Вале ҳар як аз он гӯсфандҳо сохтмони баданаш аз миллионҳо ва миллиардҳо селлули зинда сохта шуда: як идда селлулҳо насҷи пӯсти бадани ӯро ташкил медиҳанд ва ин вазифаро ба ӯҳда доранд, ки маҳфазае барои соири аҷзоъ бисозанд, як иддаи дигар сохтмони азулаашро, як иддаи дигар сохтмони қалбашро, як иддаи дигар сохтмони чашми ӯро ва ҳамин тавр… Ҳамаи инҳо дар айни ин ки корҳои мутафарриқ ва мутаъаддиде анҷом медиҳанд ва дар мартибаи вуҷуди худ ҳар кадом вазифа ва ҳадафе доранд ва ҳеч дастае аз вуҷуди дастаи дигар огоҳ нест; селлули хун намедонад селлули гӯшт ҳам ҳаст, селлули гӯшт намедонад селлули асаб ҳам ҳаст, селлули пӯст ҳам ҳаст. Ҳеч кадом намедонанд, ки дар тасхир ва истихдоми як маҷмӯае ҳастанд, ки як воҳиди гӯсфанд аст ва он воҳид худаш руҳе дорад ва ҳаёте дорад, ҳадаф ва мақсаде дорад куллитар ва олитар. Ҳадафҳои ҳар як даста аз ин селлулҳо ҷузъӣ аст ва муқаддимаӣ аст ва василае аст барои як ҳадафи куллитар ва умумитар.

Сухане дар бораи Алӣ (а)

Ба муносибати имшаб, ки шаби нуздаҳуми моҳи мубораки Рамазон аст ва шаби зарбат хӯрдани мавлои муттақиён Алӣ (а) аст татиммаи сухани худро ба ҳолоти он ҳазрат ихтисос медиҳам.

Расули Акрам ба қотили Амирулмӯъминин Алӣ (а) лақаби Ашқал-охирин (охирини бадбахтҳо) дода буд. Расули Худо сухан ба газоф намегуфт, барои он ин лақабро дода буд, ки бо шаҳодати Алӣ (а) латмаи бузурге ба олами ислом ворид шуд, ки ғайри қобили ҷуброн буд. Ашхоси бузург ҳама вақт вуҷудашон муфид аст, вале гоҳе аз назари иҷтимоӣ дар як мавқеът хоссе қарор мегиранд, ки вуҷудт онҳо дар он мавқеъ хеле ҳассосият пайдо мекунад. Як шахсияти иҷтимоӣ гоҳе дар як мавқеият қарор мегирад, ки сарнавишти як миллати азимро дар даст мегирад ва лаҳазоти хоссе пеш меояд, ки агар дар он лаҳазот аз байн биравад, аз байн рафтанаш аз байн рафтани фард нест, аз байн рафтани ҳақ аст, аз байн рафтан як низом ва як маслак аст.

Алӣ (а) дар замони ҳаёташ фармуд: то ман ҳастам, мардум дар ду саф ҳаҷ мекунанд (албатта мақсуд танҳо ду амирулҳоҷ доштан нест, яъне дар ду саф зиндагӣ мекунанд, дар ду роҳ, ду тариқ ва ду маслак ҳаракат мекунанд. Он вақт мардум маҷмӯан ду ҳизб буданд: яке ҳизб ва ҷамъияте, ки Муовия ташкил дода буд ва аҳли дунёро даври худ ҷамъ карда буд ва яке ҳам ҳизб ва ҷамъияте, ки даври Алӣ (а) буданд ва тарафдори воқеии Қуръон ва ислом ва қонунҳои ислом ва адолати иҷтимоии ислом буданд), вале ҳамин ки ман рафтам, ҳама дар як саф ҳаҷ мекунанд.

يحجون صفا واحدا

— кор яксара мешавад. Ҳамон тавр ҳам шуд ва кор баъд аз Алӣ (а) яксара шуд.

Ин аст, ки фоҷеаи шаҳодати Алӣ — қатъи назар аз мақоми қудс ва қурбе, ки Алӣ дар назди Худо дорад — зиёни бузурге барои миллати мусалмон буд, ки асараш барои ҳамеша дар таърих боқӣ монд.

Абдурраҳмон ибни Мулҷам худаш аз Хаворичҳ буд, аз касоне буд, ки ҳам Алӣ (а)-ро такфир мекарданд, ҳам Муовияро. Хаворичҳ мехостанд ин ду нафарро бо Амри Ос аз байн бибаранд. Се нафар дар Макка бо ҳам паймон бастанд, ки Алӣ ва Муовия ва Амри Осро дар як шаб терур кунанд. Яке аз он се нафар Абдурраҳмон ибни Мулҷами Муродӣ буд.

Касе, ки маъмури (қатли) Амри Ос буд, дар масҷид ба суроғаш рафт, вале дар он шаб худи Амри Ос наомад ва шахси дигаре ба номи Хориҷа, ки зоҳиран қозии Миср буд аз Амр ниёбат кард ва ба намоз истод ва нашинохта кушта шуд.

Касе ҳам, ки маъмури куштани Муовия буд, зарбати худро зад, вале он зарбат корӣ воқеъ нашуд, ки ӯро бикушад ва танҳо Абдурраҳмон ибни Мулҷам буд, ки ба мақсади худаш расид.

Бо ин муқаддима, натиҷаи табиии аз миён рафтани Алӣ (а), рӯйи кор омадани хатарноктарин ҳизбе буд, ки таърихи ислом ба худ дидааст. Дар он вазъ ва мавқеъи ҳассос, рафтани Алӣ (а) рафтани шахс набуд, ҳамон тавре, ки муборизаи ӯ ҳам бо мухолифинаш муборизаи шахсе набуд, ки бо пирӯз шудани як тараф, фарде ҷойи фардеро бигирад, ҷанги ақида ва маром буд, ҷанги маслак ва равиш буд, муборизаи тарзи ҳукумате, ки бо тариқаи анбиё ва авлиё вифқ медод, бо тарзи ҳукумати фароъина ва ҷабобира буд, муборизаи тавҳид бо ширк ва адл бо ҷавр буд. Бинобар ин бо мадфун шудани Алӣ Саломуллоҳи алайҳ бисёр чизҳо мадфун шуд.

Гуфтори 17:

Истидлоли Қуръон ба масъалаи ҳаёт бар тавҳид

Баҳор ва растохез

Суннати аҷиби зинда кардан ва мирондан аз мавзӯъоте аст, ки ҳамвора башарро дар муқобили худ ба тафаккур ва таҳқиқ водоштааст. Дар Қуръони Маҷид ин мавзӯъ ба унвони як ояти азими илоҳӣ ёд шуда. Дар қисмате аз оёт, ин суннати ҷория ба унвони ояти зоти муқаддаси аҳадият ёд шуда мисли ояти 159 Сураи Бақара, ки дар ду ҷаласаи пеш дар бораш баҳс шуд ва дар баъзе аз оёт, ин мавзӯъ ба унвони намунаи табдили нашъае ба нашъаи дигар ва ба унвони растохези кӯчаке, ки метавонад намунаи қиёмати кабире бошад зикр шуда, мисли он ки дар сураи муборакаи Фотир мефармояд:

وَاللَّهُ الَّذِي أَرْسَلَ الرِّيَاحَ فَتُثِيرُ سَحَابًا فَسُقْنَاهُ إِلَىٰ بَلَدٍ مَيِّتٍ فَأَحْيَيْنَا بِهِ الْأَرْضَ بَعْدَ مَوْتِهَا ۚ كَذَٰلِكَ النُّشُورُ

(*Фотир/9*) (“*Он Худое, ки бодҳоро фиристод, то барангезад абрро. Пас рондем онро ба сӯйи сарзамини хушк ва мурда, пас зинда кардем бад-он он заминро пас аз он ки мурда буд. Инчунин аст растохези бузург*.”)

Ё дар сураи Қоф мефармояд:

وَنَزَّلْنَا مِنَ السَّمَاءِ مَاءً مُبَارَكًا فَأَنْبَتْنَا بِهِ جَنَّاتٍ وَحَبَّ الْحَصِيدِ. وَالنَّخْلَ بَاسِقَاتٍ لَهَا طَلْعٌ نَضِيدٌ. رِزْقًا لِلْعِبَادِ ۖ وَأَحْيَيْنَا بِهِ بَلْدَةً مَيْتًا ۚ كَذَٰلِكَ الْخُرُوجُ

(*Қоф/9-11*) (“*Ва фурӯ фиристодем аз осмон обе бобаракатро. Пас ба сабаби он рӯёнидем бӯстонҳо ва донаҳои киштии даравшавандаро ва низ дарахтони баланди хурморо, ки дорои самарае аст дар ҳамраста ва мураттаб ва барои рӯзии бандагон. Ва низ ба он борон биёбони хушки бегиёҳро зинда кардем. Ҳамчунин аст зинда шудан ва аз қабр берун омадан*.“)

Дар баъзе аз оёт ба ҳар ду мавзӯъ ишора шуда, мисли ояти 5 сураи муборакаи Ҳаҷ.

وَتَرَى الْأَرْضَ هَامِدَةً فَإِذَا أَنْزَلْنَا عَلَيْهَا الْمَاءَ اهْتَزَّتْ وَرَبَتْ وَأَنْبَتَتْ مِنْ كُلِّ زَوْجٍ بَهِيجٍ. ذَٰلِكَ بِأَنَّ اللَّهَ هُوَ الْحَقُّ وَأَنَّهُ يُحْيِي الْمَوْتَىٰ وَأَنَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ

(*Ҳаҷ/5-6*) (*“Ва (аз нишонаҳои дигари қудрати мо ин ки) заминро (дар зимистон) хушк ва афсурда мебинӣ, пас чун об (-и борон)-ро бар он нозил мекунем, меҷунбад ва бармеояд ва аз ҳар навъ гиёҳи тару тоза ва беҳҷатангезе мерӯёнад. (Ҳамаи) ин (умур) барои ин аст, ки (бидонед) Худо ҳамон ҳақ аст ва ин ки ӯ мурдагонро зинда мекунад ва ин ки ӯ бар ҳар коре тавоност*.”) ва баъзе оёти дигар.

Асосан дар Қуръон иноятe аст, ки Худовандро ба сифати муҳйӣ ва мумит (диҳандаи ҳаёт ва гирандаи он) муаррифӣ кунад ва ҳаёт доданро сифати хосси Худо қарор диҳад.

Дар ин замина оёти зиёде ҳаст, ки лузуме надорад зикр шавад, он чи лозим аст ин аст, ки ба мантиқи Қуръон дар ин боб ошно бишавем.

Нуктае, ки мо бояд таваҷҷӯҳ дошта бошем ин аст, ки он чи ояти тавҳид ва нишонаи қудрати азалии илоҳӣ гуфта шуда, ҳамин суннати ҷорияи эҳё ва имота ва мирондан ва бурдан ва овардане аст, ки маъмулан мебинем. Яъне ҳамин чизе, ки дар ҷилави чашми ҳамагӣ аст ва одат карда ӯро мебинем, як ҷилвае аст аз ҷилваҳои малакути илоҳӣ.

Ҳарчанд бисёре аз масоили марбут ба ҳаёт ва зиндагӣ ҳанӯз барои башар маҷҳул аст ва ба сурати муаммост, ҳамин башаре, ки аз тарафе дар дили зарра роҳ ёфта ва аз тарафи дигар оҳанги мусофират ба фазо дорад ва мумкин аст рӯзе ситорагон ва моҳу хуршедро амалан мусаххар кунад (алъон ҳам мусаххаранд, вале мумкин аст рӯзе бирасад, ки башар аз наздик монанди замин аз онҳо баҳрабардориҳо бикунад), ҳамин башар дар муқобили асрори ғомиз ва печидаи як зарраи ҳаётӣ дармондааст.

Яке аз донишмандони ҷадид мегӯяд: медонед он чист, ки аз хилқати замин ва сайёрот ва ҳатто аз ҳамаи кавну макон, болотар ва муҳимтар аст? Он зарраи бисёр кӯчаке аст, ки моддаи ҳаётиро ташкил медиҳад ба номи protoplasm ё ҷурсумаи ҳаётӣ. Он гоҳ шарҳе дар атрофи вазъи аҷиб ва буғранҷ ва печидаи ин зарра ва фаъолиятҳои аҷибтараш медиҳад. Дар айни ин ки бисёре аз масоили марбут ба ҳаёт ва зиндагӣ лоянҳал аст, як дарси нисбатан содда ва бисёр муфиде аст, ки мо аз ин дарс метавонем истифода кунем.

Ҳаёт, воқеияте аст бартар аз модда

Мо ин миқдорро метавонем бифаҳмем, ки ҳаёт ва зиндагӣ як нуре аст, ки аз уфуқи олитар ва болотаре бар моддаи торики зулмонӣ метобад. Модда дар зоти худ фоқиди ҳаёт аст, мурда аст, дар як шароити муайяне мустаъид мешавад, ки як рӯшноӣ, ки уфуқаш болотар ва олитар аз уфуқи ҷисм ва модда ва хавосси модда аст, дар он пайдо шавад ва онро таҳти таъсир ва тасарруф ва қонунҳои махсуси худ дароварад ва бар он ғолиб ва қоҳир гардад. Барои касоне, ки фикри худро маҳдуд ва маҳсур кардаанд ба модда ва ҷисм, далели возеҳе аст, ки уфуқи олитар ва болотаре ҳам ҳаст, ки таҷаллиёте бар ин моддаи бечон мекунад ва таҷаллии худро пасмегирад, баст мекунад ва қабз, эҳё мекунад ва имота.

Албатта аз нуқта назари тавҳид ва Худошиносӣ, модда ва ҳаёт бо ҳам фарқ намекунанд, ҳар ду махлуқи Худо ҳастанд, ҳар ду ба дасти қудрати Ҳақ офарида шудаанд ва қоим ба

зоти Ҳақ ҳастанд, вале аз назари касоне, ки фикри худро маҳдуд ва маҳсур сохтаанд ва шуоъи дидашон аз девори аҷсом ва хавосси аҷсом болотар намеравад, лозим аст дарк кунанд, ки олами вуҷуд мунҳасир ба ҷисм ва хавосси ҷисм нест, уфуқе болотар аз ҷисм ва аҷсом ҳам ҳаст, ки асараш ба аҷсом мерасад. Олами вуҷуд мунҳасир ба ин қишри ҷисм нест, оламҳое дар ботини ин олам ҳаст, ки муҳит ба ин олам аст ва пайдоиши ҳаёт ҷилвае аст аз он ҷаҳон, ки агар аҳёнан модда дар шароите сайқал бихӯрад, нуре аз он ҷаҳон ба ойинаи сайқалхӯрдаи модда яъне моддаҳое, ки мустаъидди ҷондор шудан шудаанд, метобад. Шумо дар пайкараи мурдаи модда, равшании ҳаёт мебинед, дар миёни ҷавҳари сайёл ва мутаҳаррики модда, ки мемирад ва зинда мешавад як риштаи собите аз ҳаёт мебинад. Пас агар чизе, ки дар зоти худ мурда аст ҳаст, чизе ҳам, ки дар зоти худи зинда аст вуҷуд дорад, агар чизе, ки дар зоти худ мутағайир ва нопойдор аст ҳаст чизе ҳам, ки дар зоти худ собит ва боқӣ аст ҳаст, агар чизе, ки дар зоти худ бенақш ва бесурат аст ҳаст чизе ҳам, ки айни нақш ва сурат ва феълият аст вуҷуд дорад.

Халқро чун об дон софу зулол,
Андар он тобон сифоти Зулҷалол.
Илмашону адлашону лутфашон,
Чун ситорай чарх дар оби равон…
Об мубдал шуд дар ин ҷӯ чанд бор,
Акси моҳу акси ахтар барқарор…
Қарнҳо бигзашту ин қарни навест,
Моҳ он моҳ аст, об он об нест.
(*Мавлоно*)

Оё ҳаёт хоссияти модда аст?

Албатта мумкин аст касе хаёл кунад, ки ҳаёт ва зиндагӣ ҷузъи хоссиятҳои модда аст ва камоли зоид бар камоли модда нест. Ҷавоби ин матлаб ниёзманди баҳси илмии амиқе аст. Он чи ки муносиб аст гуфта шавад ин аст, ки мо ин миқдор метавонем дарк кунем, ки ҳеч унсури моддӣ ба танҳоӣ дорои ҳаёт ва зиндагӣ нест ва хоссияти ҳаётӣ ва зиндагӣ надорад. Вақте, ки ду унсур ё бештар бо ҳам таркиб мешаванд, ҳадди аксар ин аст, ки ҳар унсуре аз он чи худ дорад ба дигаре ҳам медиҳад, аммо чизеро, ки худ надорад, наметавонад ба дигаре бидиҳад. Дар натиҷа, феълу инфиъоли чанд унсур дар якдигар ҳадди аксар ин аст, ки ҳамагӣ дорои як хоссияти умумӣ мешаванд, ки хориҷ аз хоссияти ҳар як нест ва ба истилоҳ, як кайфияти мутавассит пайдо мешавад.

Ҳамон тавре, ки донишмандон ва билахасс донишмандони ҷадид таҳқиқ кардаанд, ҳаёт бо хоссиятҳои аҷиби худ ҳеч гуна шабоҳате бо хоссиятҳои модда надорад. Яке аз донишмандони ҷадид мегӯяд: ”*Модда ҷуз бар тибқи қонунҳо ва низомоти худ амале анҷом намедиҳад. Модда аз худ қувваи ибтикор надорад, вале ҳаёт дорои қувваи ибтикор аст ва ҳар лаҳза нақшҳои тоза ва мавҷудоти бадеъ ба арсаи зуҳур меоварад*.” Ҳаёт ва зиндагӣ ҳоким ва қоҳир бар модда аст, на тобеъ ва маҳкуми хоссияти модда. Боз ба қавли ҳамон донишманд: “*Ҳаёт ва зиндагӣ дар ашколи мутаъаддиди худ, дар шакли мавҷуди якселлулӣ ва то моҳиҳо ва ҳашарот ва пистондорон ва мурғони ҳаво ва инсон, дар ҳар шакл ва ҳайате бошад, бар аносири табиат чира мешавад ва онҳоро водор мекунад, аз таркиботи аслии худ хориҷ шаванд ва ба вазъ ва таркиби ҷадиде дароянд*.” Имрӯз донишмандон умуман гувоҳӣ медиҳанд бар ин ки ҷавҳари ҳаёт агар аз лиҳози қолаб ва ҳадд, тобеъи зарфи модда аст, аз бисёре аз ҷаҳот қоҳир ва ғолиб ва ҳоким бар модда аст, ин тавр нест, ки сад дар сад тобеъи модда бошад ва хоссияте аз хоссиятҳои ӯ ба шумор равад. Ҳаёт ва зиндагӣ аз худ таҷаллиёте дорад, ки модда ба куллӣ фоқиди онҳост. Ҳамин ки зиндагӣ пайдо шуд, анвоъи ҷунбишҳо ва ҳаракатҳо пайдо мешавад, ки дар собиқ набуд, тарроҳӣ ва нақшакашӣ пайдо мешавад, муҳандисӣ пайдо мешавад, зебоӣ пайдо мешавад, шуъур ва идрок пайдо мешавад, шавқу завқ ва ишқу ҳол пайдо мешавад, нақша ва тадбир пайдо мешавад, чизҳое пайдо мешавад, ки дар моддаи бе руҳ намунаи онҳо ба ҳеч наҳв вуҷуд надорад. Ҳамаи олам миръоти ҷамол ва камоли Борӣ Таъолост. Ҳамон моддаи бе руҳ ҳам ба андозаи ҳаззи вуҷудии худ ойинае аст аз қудрати лоязоли Ҳақ.

Ҷаҳон миръоти ҳусни шоҳиди мост,
Фа шоҳид ваҷҳаҳу фӣ кулли миръот.
(Ҷомӣ)

Вале ба ҳамон дараҷа, ки ҳаёт ва зиндагӣ аз модда комилтар аст, шаҳодат ва ҳикояти ҳаёт ҳам аз холиқи алими ҳаким бештар ва расотар аз модда аст.

Низом ва суннати мавҷуд

Нуктае, ки боз бояд мутазаккир шавем ин аст, ки ҳамон тавре, ки мебинем, дар Қуръони Карим ба ҳамин низоми собит ва ҷории ҳаёту мамот истидлол шуда ва ҳамин низоми ҷорӣ ба шаҳодат хонда шуда, на ин ки масалан ин низоми ҷорӣ ва собитро ба канор бигузорад ва баъд ба мавориди ғарибу нодирулвуқӯъ истидлол кунад. Ҳамин низоми ҷорӣ, ҳамин зинда шудани замин дар ҳар сол, ҳамин пайдоиши ҷанин аз нутфа ва

мутакомил шудани он, ҳаминҳо ҳар лаҳза халқи ҷадиде аст, ҳаминҳо имдодҳо ва ифозоте аст, ки дам ба дам ва лаҳза ба лаҳза аз ғайб мерасад. Ҷойи дуре намехоҳад биравед, бояд дар ҳақиқат ва кунҳи ҳамин амал дақиқ шавед, то Худовандро дар ҷилваи халлоқияти мустамар ва эҷоди ҳамешагӣ ва такмили доим бибинед. Дар сураи Мӯъминун мефармояд:

وَلَقَدْ خَلَقْنَا الْإِنْسَانَ مِنْ سُلَالَةٍ مِنْ طِينٍ. ثُمَّ جَعَلْنَاهُ نُطْفَةً فِي قَرَارٍ مَكِينٍ. ثُمَّ خَلَقْنَا النُّطْفَةَ عَلَقَةً فَخَلَقْنَا الْعَلَقَةَ مُضْغَةً فَخَلَقْنَا الْمُضْغَةَ عِظَامًا فَكَسَوْنَا الْعِظَامَ لَحْمًا ثُمَّ أَنْشَأْنَاهُ خَلْقًا آخَرَ ۚ فَتَبَارَكَ اللَّهُ أَحْسَنُ الْخَالِقِينَ

(*Мӯъминун/12-14*) “*Инсонро аз шира ва хулосае аз гил офаридем, сипас ӯро ба сурати нутфа дар ҷойгоҳи муҳкаме қарор додем, нутфаро ба сурати хуни баста ва онро ба сурати гӯшти ҷавида ва буридашуда даровардем, сипас онро ба шакли устухон даровардем ва устухонро аз гӯшт пӯшонидем. Бузург аст Худо, ки беҳтарини суратгарон аст!*”

Бинобар ин дар Қуръони Карим ҳамин низоми ҷорӣ ба шаҳодат хонда шуда. Ҳамин низоми оддӣ ва маъмулии табиат, низоми халқ ва эҷод ва таквин аст. Низоме аст, ки агар дар он таъаммуқ кунем, моро бо уфуқи болотаре аз уфуқи модда ошно мекунад.

Яъне Қуръони Карим Худоро аз ҷанбаи мусбати маълумоти башарӣ ба мо мешиносонад, на аз ҷанбаи манфии он. Ин матлабро бояд тавзеҳ бидеҳам, то аҳаммияти таълимоти Қуръон дар ин қисмат комилан равшан шавад.

Ҷустуҷӯи Худо дар маълумот, на дар маҷҳулот

Баъзе афрод одат доранд, ки Худоро дар миёни маҷҳулоти худашон ҷустуҷӯ кунанд. Яъне ба ҳар муаммое, ки расиданд ва натавонистанд онро ҳал кунанд, онро ба моварои табиат ирҷоъ мекунанд.

Аз баъзе ашхос агар бипурсед, ки чӣ тавр шуд ин ноне, ки ту мехӯрӣ, ба ин сурат даромад ва нон шуд, мегӯяд: орд буд ва дар дӯкони нонвоӣ хамир шуд ва дар танӯр пухта шуд.

— Чӣ тавр шуд, ки орд шуд?

— Гандум буд ва дар осиё зери санг орд шуд.

— Гандум чӣ тавр ба вуҷуд омад?

— Зореъ онро кошт ва ӯ аз замин рӯйид ва баъд он зореъ онро дарав кард ва хирман кард ва кӯбид ва аз коҳ ҷудо кард.

— Чӣ тавр шуд, ки рӯйид?

— Борон омад ва офтоб тобид ва сабз шуд.

— Чӣ тавр шуд, ки борон омад?

— Инро дигар Худо овард.

Мисли ин аст, ки Худованд то қабл аз ин марҳила дар ҷараён набуд, дар ин марҳила вориди ҷараён шуд. Ин гуна тасаввур дар бораи Худо, ғалат ва гумроҳкунанда, балки куфр ва илҳод аст. Дар ин гуна тасаввур, инсон Худоро шабеҳ ва ҳампояи яке аз махлуқоташ қарор дода, ӯро иллате дар арзи иллатҳо ва асбобҳои ин ҷаҳон фарз карда ва ҳол он ки ӯ фавқи ҳамаи иллатҳо ва асбобҳо ва сарчашмаи ҳамаи иллатҳо ва асбоб аст.

Дар ин гуна тарзи тафаккурҳо мисли ин аст, ки байни Худо ва асбоби моддӣ тақсими кор шуда: нимеро Худо ва нимеро ғайри Худо анҷом медиҳад; қисмате аз корҳоро асбоби моддӣ анҷом медиҳад ва қисматеро Худо. Мисли ин аст, ки дар соири корҳо Худо дахолат надоштааст ва дар омадани борон ва абр, ки кори Худост, сабаби дигаре монанди соири асбоб дахил набуда.

Ва агар бигӯӣ хайр, омадани борон ва ҳаракати абр ҳам як сабабе монанди ҳамин асбоб дорад, дигар дар назари ӯ ҷойе барои Худо боқӣ наmemонад. Худоро то он ҷо, ки асбоби зоҳирии табиатро мебинад, аз пухтани нон ва орд шудани гандум ва афшодани базр ва шахм задани замин ва омадани борон дахолат намедиҳад. Аз он нуқта ба баъд чун асбоби зоҳирии табииро намебинад ва намедонад, Худоро дахолат медиҳад, яъне Худовандро дар миёни маҷҳулоти худ ҷустуҷӯ мекунад. Мисли ин ки моваройттабиъа анборе аст, ки мо маҷҳулоти худро бояд ба он ҷо ирҷоъ кунем.

Худое, ки дар радифи иллатҳои модда ва табиат қарор бигирад, Худои воқеӣ нест. Худое, ки Қуръон муаррифӣ мекунад ин тавр нест. Тибқи таълимоти Қуръон, ин тарзи фикр дар боби тавҳид, ширк аст ва куфр ва илҳод. Худое, ки Қуръон муаррифӣ мекунад, бо ҳама чиз ҳаст ва дар ҳама ҷо ҳозир аст, ҳеч ҷо аз ӯ холӣ нест ва нисбаташ бо ҳамаи мавҷудот ва иллатҳо ва асбоб баробар аст, тамоми силсилаи муназзами иллатҳо ва асбоб қоим ба зоти ӯст.

Он равиш, равиши маъмулии афроде аст камумқ, ки Худовандро дар миёни маҷҳулот ва масоиле, ки иллатҳои зоҳирии онҳоро намедонанд ҷустуҷӯ мекунанд, вале Қуръон аз тариқи ҳаёт ва мамот ва низоми мутқан ва мавҷуде, ки ҳаст, аз роҳи ин ки дар ин низоми мавҷуд ва мутқан, уфуқи ҳаёти болотар аз уфуқи модда аст, нуре аст, ки бар пайкари бе руҳи модда метобад, камоле аст, ки бар ӯ ифоза мешавад, ҳақиқате аст, ки модда сирфан ҷанбаи қабул ва пазириш нисбат ба ӯ дорад, на ҷанбаи фоъилият ва диҳиш, аз ин роҳ дасти моро мегирад ва моро ба уфуқи малакут ва ботини ҷаҳон наздик мекунад.

Мутобиқи ин баён ва ин тарзи фикр, ҳаёт ва зиндагӣ дар ҳар ҷо, ки пайдо шавад, дар ҳар моддае, ки пайдо шавад, тибқи ҳар шароит ва қонуне, ки пайдо шавад, хоҳ ибтидоъ ба

таври халқуссоъа пайдо шавад ва хоҳ аз тариқи тадриҷ ва такомул, хоҳ зиндае аз зиндаи дигар муштақҡ шуда бошад ва ё шароити ҳаёт ба таври дигар фароҳам шуда бошад, хоҳ фароҳамкунандаи шароити ҳаёт ва зиндагии башар бошад, агар рӯзе башар қодир шуд, ки шароити ҳаётро ба таври такмил фароҳам кунад ва ё фароҳамкунандаи шароити моддаи ҳаётии башар набошад, пешомадҳои хосс бошад, дар ҳамаи ин сувар ва аҳвол, ҳаёт ва зиндагӣ файзи Худо ва нури Худост. Нуре аст, ки баъд аз фароҳам шудани шароит ва истеъдод, бар модда ифоза мешавад.

Масъалаи оғози ҳаёт

Чун баъзе аз мардум ҳамеша мехоҳанд Худоро дар миёни маҷҳулоти худ ҷустуҷӯ кунанд, на дар миёни маълумоти худ ва хатари бузургтар аз ин барои тавҳид вуҷуд надорад, иддае бехабар ва бетаҳқиқ, дар робитаи ҳаёт ва Худошиносӣ дунболи масъалаи оғози ҳаёт ва ибтидои ҳаёт мераванд, ки чӣ гуна шуд, ки аз аввал ҳаёт дар рӯйи замин пайдо шуд. Чун аз тарафе илм ба мо мегӯяд, ки маншаъи ҳар ҷондоре як ҷондори дигар аст ва то кунун дида нашуда, ки ҷондоре, ҳарчанд як селлул аз моддаи бе ҷон пайдо шуда бошад ва аз тарафи дигар боз илм шаҳодат медиҳад, ки рӯзгорҳое бар замини мо гузашта, ки ҷондоре дар он вуҷуд надошта ва наметавониста вуҷуд дошта бошад, зеро ба ақидаи уламои фанн, дар миллионҳо миллион сол қабл ҳарорати замин ба ҳеч ваҷҳ иҷоза намедод, ки зиҳаёте вуҷуд дошта бошад, баъдҳо ҳам, ки қишри замин сард шуда, то миллионҳо сол ҷуз маводди ғайри олӣ дар рӯйи замин набуд, пас ҳаёт ва зиндагӣ чӣ гуна пайдо шуд? Ин ҳам ба навбаи худ маҷҳули дигаре аст барои башар.

Гурӯҳе, ки Худоро дар миёни маҷҳулоти худ ҷустуҷӯ мекунанд, мегӯянд: чун аз тариқи оддӣ ва маъмулӣ қобили тавҷеҳ нест, пас ҳатман дасти қудрати илоҳӣ аз остин берун омада ва барои аввалин бор ҳаётро дамидааст.

Дорвин ва нафхаи илоҳӣ

Дорвин, донишманди маъруфи илмулҳаёт ва соҳиби мактаби фалсафии нушӯ ва иртиқо, ки шахсан марде илоҳӣ ва побанд ба мазҳаби Масеҳ буда, ҳарчанд дигарон фалсафаи ӯро бад таъбир карданд ва онро васила ва абзори инкори холиқ қарор доданд, ин мард вақте, ки тасалсули ҷондорон ва иштиқоқи анвоъро аз якдигар баён мекунад, мерасад ба он ҷо, ки аввал чанд ҷондор ва ё лоақал як навъ ҷондор дар рӯйи замин буда, ки ӯ аз навъи дигаре муштақҡ нашуда. Дар ин ҷо мегӯяд: аммо навъи аввалия фақат бо нафхаи илоҳӣ ба вуҷуд омадаанд.

Шак нест, ки ҷондори аввал бо нафхаи илоҳӣ ба вуҷуд омада мисли ҳамаи силсилаи ҷонварон, аммо мисли ин ки ин мард хаёл карда фақат зиндаи аввал бо нафхаи илоҳӣ пайдо шуда ва фақат шурӯъи ин кор бо Худованд буда, вазифаи Худованд шурӯъ кардани сарришта аст, баъдҳо дигар худ ба худ модда қодир аст, ки ҳаётро ба наслҳои баъд мунтақил кунад.

Дар сурате, ки аввал ва охир ва васат кори яксон аст, ҳаёт ҳамеша ва дар ҳар ҳол — чӣ дар оғоз ва чӣ дар зимни такомул — ҳамеша нафхаи илоҳӣ аст.

Дар сураи муборакаи Саҷда, ояте аст, ки мерасонад ҳамон тавре, ки Одами Абулбашар бо нафхаи илоҳӣ ба вуҷуд омад, ҳамаи афроди башар бо ҳамон имдод ва ҳамон ифоза, ки исмаш дар тафсири Қуръон нафха аст, ба вуҷуд меоянд. Мефармояд:

الَّذِي أَحْسَنَ كُلَّ شَيْءٍ خَلَقَهُ ۖ وَبَدَأَ خَلْقَ الْإِنْسَانِ مِنْ طِينٍ. ثُمَّ جَعَلَ نَسْلَهُ مِنْ سُلَالَةٍ مِنْ مَاءٍ مَهِينٍ. ثُمَّ سَوَّاهُ وَنَفَخَ فِيهِ مِنْ رُوحِهِ ۖ وَجَعَلَ لَكُمُ السَّمْعَ وَالْأَبْصَارَ وَالْأَفْئِدَةَ ۚ قَلِيلًا مَا تَشْكُرُونَ

(*Саҷда/7-9*) (“*Худое, ки ҳар чи офарид, некӯ офарид. Оғози хилқати инсонро аз гил қарор дод, баъд насли ӯро аз хулоса ва шираи кашидаи оби паст қарор додааст, сипас он наслро таъдил кард ва аз руҳи хеш дар он дамид ва барои шумо гӯшу чашмҳо ва дилҳо қарор дод. Аммо кам сипосгузорӣ мекунед*.”)

Дар ояти дигар дар сураи Аъроф мефармояд:

وَلَقَدْ خَلَقْنَاكُمْ ثُمَّ صَوَّرْنَاكُمْ ثُمَّ قُلْنَا لِلْمَلَائِكَةِ اسْجُدُوا لِآدَمَ

(*Аъроф/11*) Дар ин ҷо мефармояд, шуморо офаридем, баъд сурат бахшидем, баъд амр кардем фариштагонро барои шумо хузӯъ кунанд ва фақат шайтон ибо кард. Он кас, ки гуфта шуд барои ӯ хузӯъ кунед, ҳамон аст, ки дар оёти дигар нисбати нафхи руҳро ба ӯ додааст. Гузашта аз инҳо соири оёти каримаи Қуръон бар ин матлаб далолат мекунад, ки танҳо Одам аввал нест, ки бо нафхаи илоҳӣ офарида шудааст.

Достони Одам дар Қуръон

Нуктаи аҷиб ин аст, ки дар Қуръони Карим қазия ва достони Одами Абулбашар омада, вале ба унвони як таълими дигаре, на ба унвони шаҳодат бар тавҳид ва ин ки ба далели ин ки зиндагии башар ба он сурат оғоз шуда, пас ба худоии Худо эътироф кунед. Албатта Қуръони Карим хилқати Одамро ба кайфияти хоссе баён фармуда, ки каму беш медонем ва назарияҳои илмулҳаёт ҳам ба фарзи ин ки ба ҳадди таҳқиқ расида бошад ва қонуни иштиқоқи анвоъ мусаллам бошад, далеле дар даст нест, ки мумкин нест як инқилоби дафъӣ пеш ояд ва як ҷаҳиши азим рух диҳад ва дар муддати каме як тӯда хок ба як

инсони мӯътадил табдил шавад, яъне мароҳиле, ки бояд дар тӯли қарнҳо ва наслҳо фароҳам шавад, дар таҳти як шароити дигар бо суръат фароҳам гардад ва ҳатто хилофи сунани ҷорияи кавн ҳам нест. Дар сунани кавн, бо ихтилофи шароит ва аҳвол, суръат ва бутъи як ҳаракат тағйир мекунад, ҳамон тавре, ки монеъе нест, баръакс, ҳаракатеро кундтар кунанд назири он ки дар шароити муайяне давраи кӯдакӣ ва ҷавонӣ ва пириро тӯлонитар кунанд ва хеле ҳам тӯлонитар кунанд. Ба ҳар ҳол, мақсуд тавзеҳ ин равиши таълимотии Қуръон буд, ки дар масъалаи тавҳид ба мавзӯъи оғози ҳаёт мутамассик нашуда ва нагуфта ба далели ин ки ҳаёт ва зиндагӣ оғозе ва шурӯъе дорад хоҳ он ки аз як селлул оғоз шуда бошад ё аз як мавҷуди чанд миллионселлулӣ ба ин далел Худоро бишносед.

Достони Одами Абулбашарро ҳам ба манзури дигаре баён карда. Манзур аз он достон таълимоти дигаре аст ва шояд камтар достоне аст монанди достони Одам пурнукта. Ин достон барои баёни боло бурдани мақоми инсон ва ин ки инсон агар ба мартибаи таълими асмои илоҳӣ бирасад, аз фариштагон болотар аст, фариштагон дар пешгоҳи чунин фарде хузӯъ мекунанд ва саҷда меоваранд, барои танбеҳ ба душмании шайтон ва огоҳ кардани башар, ки ба васвасаҳои дарунии худ таваҷҷӯҳ дошта бошад, ки ӯро аз роҳ бадар набарад, барои такаббур омада, ки як такаббур шайтонро аз қурби илоҳӣ берун ронд, барои танбеҳ ба хатароти тамаъ ва сукуте, ки инсон аз дараҷоти олӣ ба воситаи тахаллуфи амрҳои илоҳӣ мекунад омада, барои ишъор ба мақоми олӣ ва истеъдоди бузургтарин мақоме, ки инсон дорад омада ва он мақом хилофати илоҳӣ аст ва билохира ба як силсила таълимоти ахлоқӣ ва ирфонӣ дар он қазия ишора шуда:

وَإِذْ قَالَ رَبُّكَ لِلْمَلَائِكَةِ إِنِّي جَاعِلٌ فِي الْأَرْضِ خَلِيفَةً ۖ قَالُوا أَتَجْعَلُ فِيهَا مَنْ يُفْسِدُ فِيهَا وَيَسْفِكُ الدِّمَاءَ وَنَحْنُ نُسَبِّحُ بِحَمْدِكَ وَنُقَدِّسُ لَكَ ۖ قَالَ إِنِّي أَعْلَمُ مَا لَا تَعْلَمُونَ. وَعَلَّمَ آدَمَ الْأَسْمَاءَ كُلَّهَا ثُمَّ عَرَضَهُمْ عَلَى الْمَلَائِكَةِ فَقَالَ أَنْبِئُونِي بِأَسْمَاءِ هَٰؤُلَاءِ إِنْ كُنْتُمْ صَادِقِينَ. قَالُوا سُبْحَانَكَ لَا عِلْمَ لَنَا إِلَّا مَا عَلَّمْتَنَا ۖ إِنَّكَ أَنْتَ الْعَلِيمُ الْحَكِيمُ. قَالَ يَا آدَمُ أَنْبِئْهُمْ بِأَسْمَائِهِمْ ۖ فَلَمَّا أَنْبَأَهُمْ بِأَسْمَائِهِمْ قَالَ أَلَمْ أَقُلْ لَكُمْ إِنِّي أَعْلَمُ غَيْبَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَأَعْلَمُ مَا تُبْدُونَ وَمَا كُنْتُمْ تَكْتُمُونَ

(*Бақара/30-33*) (Яъне “*Он замон, ки парвардигор ба фариштагон гуфт: ман дар замин ҷонишин қарор хоҳам дод, гуфтанд: оё мехоҳӣ махлуқе дар замин қарор диҳӣ, ки фасод ва хунрезӣ мекунад ва ҳол он ки мо туро тасбеҳ ва ҳамд ва тақдис мекунем? Гуфт: ман чизе медонам, ки шумо намедонед. Тамоми номҳоро ба Одам ёд дод, баъд ононро бар фариштагон арза дошт ва гуфт: агар рост мегӯед, ба ман бигӯед номи инҳо чист? Гуфтанд: мо ҷуз он чи ту ба мо омӯхтаӣ намедонем, албатта туӣ доно ва ҳаким. Гуфт:*

эй Одам! Ту номҳои онҳоро ба инҳо бигӯ. Чун Одам номҳои онҳоро гуфт, Худованд гуфт: ман ба шумо нагуфтам, ки ман аз ниҳон ва сирри осмону замин огоҳам? Он чи шумо зоҳир созед ва он чи пинҳон доред, ҳамаро медонам?”)

Дар мазмуни ин оёт нукоти зиёде ҳаст, ки феълан маҷоли шарҳи он нест. Чизе, ки дар ин оёт ва ҳамчунин оёти дигаре, ки дар достони Одам аст зикр нашуда истидлол ба хилқати истисноии Одам бар тавҳид аст.

Гуфтори 18:

Дуо

Имшаб мусодиф аст бо шаби шаҳодати мавлои муттақиён ва пешвои Худопарастон, Алии Муртазо (а). Имшаб, илова бар ин ки шаби шаҳодати мавлост, эҳтимолан шаби қадр аст; шабе аст, ки зиндадилон ин шабро зинда медоранд ва ба намозу тавба ва истиғфору дуо субҳ мекунанд ва қалби худро дар мисли имшаб аз кудурати гуноҳон сайқал медиҳанд. Ба ҳамин муносибат чанд калимае дар атрофи ин ҳолати маънавӣ яъне дуо сӯҳбат мекунам.

Руҳонияти дуо

Қатъи назар аз аҷру подоше, ки барои дуо ҳаст ва қатъи назар аз асари истиҷобате, ки бар дуо мутараттиб аст, дуо агар аз ҳадди лақлақаи забон бигузарад ва дил бо забон ҳамоҳангӣ кунад ва руҳи инсон ба эҳтизоз ояд, як руҳонияти бисёр олӣ дорад. Мисли ин аст, ки инсон худро ғарқ дар нур мебинад. Шарофати гавҳари инсониятро дар он вақт эҳсос мекунад. Он вақт хуб дарк мекунад, ки дар соири авқот, ки чизҳои кӯчак ӯро ба худ машғул дошта буд ва ӯро озор медод, чӣ қадр пасту соқиту софил буда. Инсон вақте, ки аз ғайри Худо чизе мехоҳад, эҳсоси мазаллат мекунад ва вақте, ки аз Худо мехоҳад, эҳсоси иззат. Бинобар ин, дуо, ҳам талаб аст ва ҳам матлуб, ҳам васила аст ва ҳам ғоят, ҳам муқаддима аст ва ҳам натиҷа.

Авлиёи Худо ҳеч чизеро ба андозаи дуо хуш надоштанд, ҳамаи хоҳишҳо ва орзуҳои дилиро худро бо маҳбуби воқеӣ дар миён мегузоштанд ва беш аз он андоза, ки ба матлубҳои худ аҳаммият медоданд, ба худи талаб ва розу ниёз аҳаммият медоданд, ҳеч гуна эҳсоси хастагӣ ва малолат намекарданд, ба таъбири Амирулмӯъминин хитоб ба Кумайл Нахаъӣ:

هَجَمَ بِهِمُ الْعِلْمُ عَلَى حَقِيقَةِ الْبَصِيرَةِ وَبَاشَرُوا رُوحَ الْيَقِينِ وَاسْتَلَانُوا مَا اسْتَوْعَرَهُ الْمُتْرَفُونَ وَأَنِسُوا بِمَا اسْتَوْحَشَ مِنْهُ الْجَاهِلُونَ وَصَحِبُوا الدُّنْيَا بِأَبْدَانٍ أَرْوَاحُهَا مُعَلَّقَةٌ بِالْمَحَلِّ الْأَعْلَى

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 139*) (“*Ногаҳон илму огоҳӣ дар камоли ҳақиқати басират ва биниш бар онҳо ва қалбашон фуруд омад ва лаззати яқинро дарк карданд ва бо ҳақиқати он тамос гирифтанд ва бо он чи дунёдорон аз он дар ҳаросанд ва онро нохуш ва душвор медоранд, инон хушанд ва онро нарм ва дилписанд шумурданд ва ба он чи нодонон аз он гурезонанд маънус шуданд ва бо аҳли дунё бо баданҳое, ки руҳи он баданҳо мутаъаллиқ ба маҳалли аъло ва олами рубубӣ аст муошират карданд*.”)

Роҳе аз дил ба Худо

Ҳар касе аз дили худ бо Худо роҳ дорад. Даре аз ҳамаи дилҳо ба сӯйи Худо ҳаст. Ҳатто шақитарини афрод, дар мавориди гирифторӣ ва ибтило, дар вақте, ки асбоб ва иллатҳо ба куллӣ аз ӯ мунқатеъ мешавад, таконе мехӯрад ва ба Худо илтиҷо мебарад. Ин як майли фитрӣ ва табиӣ аст дар вуҷуди инсон. Пардаи гуноҳ ва шақоват гоҳе рӯйи онро мегирад. Дар сахтиҳо, ки парда зоил мешавад, худ ба худ ин майл таҳрик мешавад ва ба ҳаяҷон дармеояд.

Шахсе аз Содиқи Олулбайт алайҳимус-салом пурсид: чӣ далеле бар вуҷуди Худо ҳаст? Фармуд: оё то кунун киштӣ савор шудаӣ? Гуфт: бале. Фармуд: оё иттифоқ афтода, ки киштӣ тӯфонӣ шавад ва дар шуруфи ғарқ шудан бошад ва умеди ту аз ҳама ҷо бурида шавад? Гуфт: бале, якҳамчу иттифоқе афтод. Фармуд: оё дар он вақт дилат мутаваҷҷеҳ ба ҷойе буд ва малҷаъ ва паноҳе меҷуст ва аз як нуқтае хоҳиш мекард, ки туро наҷот диҳад? Гуфт: бале. Фармуд: ӯ ҳамон Худост.

Имом Содиқ (а) Худовандро аз роҳи дили худи ӯ ба ӯ шиносонд:

وَفِي أَنْفُسِكُمْ ۚ أَفَلَا تُبْصِرُونَ

(*Зориёт/21*) Ин майл ва ин таваҷҷӯҳ, ки дар фитрати башар ҳаст, ки дар мавоқеъи инқитоъи асбоб, мутаваҷҷеҳи қудрати қоҳираи ғолиби фавқи асбоб ва иллатҳои зоҳирӣ мешавад, далел бар вуҷуди чунин қудрате аст. Агар набуд, чунин майле вуҷуд пайдо намекард. Албатта фарқ аст байни ин ки майле дар вуҷуди инсон бошад ва байни ин ки инсон он майлро комилан бишносад ва ҳадафи онро бидонад. Майл ба шир хӯрдан аз ибтидо дар кӯдак ҳаст, вақте, ки гурусна мешавад ва ин эҳтиёҷ дар вуҷудаш пайдо мешавад, ин майл таҳрик мешавад ва ӯро ҳидоят мекунад, ки дар ҷустуҷӯи пистони надида ва нашнохта ва унсу одат нагирифта барояд. Ҳамон майл ӯро ҳидоят мекунад. Ин майл худаш худ ба худ роҳнамост, ӯро водор мекунад, ки даҳонашро боз кунад ва дар ҷустуҷӯ барояд, агар наёфт гиря кунад. Худи гиря кардан, истимдод ва кӯмак хостан аз модар аст, ҳамон модаре, ки ҳанӯз ӯро намешиносад ва аз вуҷудаш иттилоъ надорад. Вале худи тифл ҳеч намедонад, ки ҳадафи ин майл чист, ҳадафи ин гиря чист, барои чӣ ин майл дар вуҷудаш падид омада. Намедонад ҷиҳози ҳозимае дорад ва он ҷиҳоз моддаи ғизоӣ мехоҳад, бадан бадали мо ятаҳаллал мехоҳад. Ӯ намедонад барои чӣ мехоҳад ва намедонад фалсафаи гиря эъломи модар аст, ҳамон модари нашнохта, ки тадриҷан бояд ӯро бишносад.

Мо нисбат ба майлҳои олии инсоният, майли Худоҷӯӣ ва Худохоҳӣ, майл ба дуо ва илтиҷо ба Худои нодида, ҳолати ҳамон тифли навзодро дорем нисбат ба пистони надида ва нашнохта ва модари надида ва нашнохта.

Ҳамчу майли кӯдакон бо модарон,
Сирри майли худ надонад дар либон.
Ҳамчу майли муфрати ҳар навмурид,
Сӯйи он пири ҷавонбахти маҷид.
Ҷузви ақли ин аз он ақли кул аст,
Ҷунбиши ин соя з-он шохи гул аст.
Сояаш фонӣ шавад охир дар ӯ,
Пас бидонад сирри майлу ҷустуҷӯ.
(*Мавлоно*)

إِنَّا لِلَّهِ وَإِنَّا إِلَيْهِ رَاجِعُونَ

(*Бақара/156*)

أَلَا إِلَى اللَّهِ تَصِيرُ الْأُمُورُ

(*Шӯро/53*)

Албатта агар пистоне ва шире, ки муносиб бо меъдаи тифл аст набуд, ғариза ҳам ӯро ба он тараф ҳидоят намекард. Иртибот ва пайвастагӣ аст байни ин майл ва он ғизои мавҷуд. Ҳамчунин аст соири майлҳои вуҷуди инсон. Ҳеч майле ба абас дар вуҷуди инсон гузошта нашуда, ҳамаи майлҳо рӯйи эҳтиёҷ ва барои рафъи эҳтиёҷ гузошта шуда.

Инқитоъи изтирорӣ, инқитоъи ихтиёрӣ

Инсон дар ду ҳол мумкин аст Худоро бихонад: яке, дар вақте, ки асбоб ва иллатҳо аз ӯ мунқатеъ шавад ва дучори сахтӣ ва изтирор гардад. Ва яке, дар вақте, ки руҳи худаш авҷ бигирад ва худ хештанро аз асбоб ва иллатҳо мунқатеъ кунад. Дар ҳоли изтирор ва инқитоъи асбоб, инсон худ ба худ ба тарафи Худо меравад, эҳтиёҷ ба даъват надорад ва албатта ин камоле барои нафси инсон нест. Камоли нафс дар ин аст, ки худаш худро мунқатеъ созад ва авҷ бигирад.

Шароити дуо

Дуоро шароите аст. Шарти аввалаш ин аст, ки воқеан хостан ва талаб дар вуҷуди инсон пайдо шавад ва тамоми зарроти вуҷуди инсон, мазҳари хостан гардад, воқеан он чи

мехоҳад, ба сурати як эҳтиёҷ ва истидъо ва ҳоҷат дарояд, ҳамон тавре, ки агар дар як нуқтаи бадан як эҳтиёҷе пайдо шавад, тамоми аъзо ва ҷавореҳ шурӯъ мекунанд ба фаъолият ва ҳатто мумкин аст узве ба миқдори зиёде аз кори худ бикоҳад барои рафъи эҳтиёҷе, ки дар фалон нуқтаи бадан пайдо шудааст. Агар масалан ташнагӣ бар инсон ғалаба кунад, асари ташнагӣ дар ваҷаноташ пайдо мешавад, ҳалқу кабид ва меъда ва лабу забон ва ком ҳама об мегӯянд. Агар ҳам дар он ҳол бихобад, онро ба хоб мебинад, чун воқеан бадан мӯҳтоҷ ба об аст.

Эҳтиёҷи руҳӣ ва маънавии инсон, ки ҷузъе аз олами хилқат аст, нисбат ба кулли ҷаҳон ҳамин тавр аст. Руҳи инсон ҷузъе аст аз олами вуҷуд. Агар воқеан хоҳиш ва эҳтиёҷе дар вуҷудаш пайдо шавад, дастгоҳи азими хилқат ӯро мӯҳмал намегузорад.

Фарқ аст байни хондани дуо ва дуои воқеӣ. То дили инсон бо забон ҳамоҳангӣ надошта бошад, дуои воқеӣ нест. Бояд дар дили инсон ҷиддан ва воқеан хосту талаб пайдо шавад, ҳақиқатан дар вуҷуди инсон эҳтиёҷ падид ояд, ки:

Ҳар чи рӯйид, аз пайи мӯҳтоҷ руст,
То биёбад толибе чизе, ки ҷуст.
Ҳақ таъоло гар самовот офарид,
Аз барои дафъи ҳоҷот офарид.
Ҳар куҷо дарде, даво он ҷо равад,
Ҳар куҷо фақре, наво он ҷо равад.
Ҳар куҷо мушкил, ҷавоб он ҷо равад,
Ҳар куҷо киштест, об он ҷо равад.
Об кам ҷӯ, ташнагӣ овар ба даст,
То биҷӯшад об аз болову паст.
(*Мавлоно*)

أَمَّنْ يُجِيبُ الْمُضْطَرَّ إِذَا دَعَاهُ وَيَكْشِفُ السُّوءَ

(*Намл/62*) (“*Оё кист, ки музтарро ҳангоми ниёз иҷобат кунад ва бадиро аз вай дур созад?*”)

Имон ва эътимод ба истиҷобат

Шарти дигари дуо имон ва яқин аст, имон ба раҳмати бемунтаҳои зоти аҳадият, имон ба ин ки аз ноҳияи ӯ ҳеч манъе аз файз нест, имон дошта бошад, ки дари раҳмати илоҳӣ ҳеч гоҳ ба рӯйи бандае баста намешавад, нақс ва қусур ҳама аз ноҳия банда аст. Дар ҳадис аст:

إذا دعوت فظن حاجتك بالباب

(*“Биҳорул-анвор”, ч.93, с.305*) Яъне он гоҳ, ки дуо мекунӣ, ҳоҷати худро дами дар омода фарз кун.

Алӣ ибни Ҳусайн Зайнулобидин алайҳимас-салом дар дуои маъруфи Абӯҳамза, ки умед ва итминон дар он мавҷ мезанад ва он ҳазрат дар саҳари моҳи мубораки Рамазон мехондааст, инчунин ба Худои худ мегӯяд:

اللهم إني أجد سبل المطالب إليك مشرعة، ومناهل الرجاء لديك مترعة، والاستعانة بفضلك لمن أملك مباحة، وأبواب الدعاء إليك للصارخين مفتوحة، وأعلم أنك للراجين بموضع إجابة وللملهوفين بمرصد إغاثة، وأن في اللهف إلى جودك والرضا بقضائك عوضا من منع الباخلين، ومندوحة عما في أيدي المستأثرين، وأن الراحل إليك قريب المسافة، وأنك لا تحتجب عن خلقك إلا أن تحجبهم الأعمال دونك

Яъне бор илоҳо! Ман ҷоджаҳои талабро ба сӯйи ту бозу соф ва обишхӯрҳои умед ба туро моломол мебинам. Кӯмак хостан аз фазлу раҳмати туро муҷоз ва дарҳои дуоро ба рӯйи онон, ки туро бихонанд ва аз ту мадад бихоҳанд, боз ва кушода мебинам. Ва ба яқин медонам, ки ту омодаи иҷобати дуои дуокунандагон ва дар камини паноҳ додан ба паноҳхоҳандагон ҳастӣ. Ва низ яқин дорам, ки ба паноҳи бахшандагии ту рафтан ва ба қазои ту ризо додан, камбудҳои бухлу имсоки бухлкунандагон ва зулму таъаддии ситамкоронро ҷуброн мекунад. Ва ҳам яқин дорам, ки он кас, ки ба сӯйи ту кӯч кунад, роҳи зиёде то расидан ба ту надорад. Ва яқин дорам, чеҳраи ту дар парда нест, ин омол ва аъмоли ношоист бандагон аст, ки ҳиҷоби дидаи онҳо мегардад.

Ҳофиз мегӯяд:

Ба сирри ҷоми Ҷам он гаҳ назар тавонӣ кард,
Ки хоки майкада куҳли басар тавонӣ кард…
Гули муроди ту он гаҳ ниқоб бигшояд,
Ки хидматаш чу насими саҳар тавонӣ кард.
Гадойии дари майхона турфа иксирест,
Гар ин амал бикунӣ, хок зар тавонӣ кард.
Ба азми марҳалаи ишқ пеш неҳ қадаме,
Ки судҳо кунӣ, ар ин сафар тавонӣ кард.
Ту, к-аз саройи табиат намеравӣ берун,
Куҷо ба кӯйи тариқат гузар тавонӣ кард?
Ҷамоли ёр надорад ниқобу парда, вале
Ғубори раҳ бинишон, то назар тавонӣ кард.

Биё, ки чораи завқи ҳузуру назми умур
Ба файзбахшии аҳли назар тавонӣ кард.
Вале ту, то лаби маъшуқу ҷоми май хоҳӣ,
Тамаъ мадор, ки кори дигар тавонӣ кард.
Дило, зи нури ҳидоят гар огаҳӣ ёбӣ,
Чу шамъ хандазанон тарки сар тавонӣ кард.

Мухолиф набудан бо суннатҳои таквин ва ташреъ

Шарти дигари дуо ин аст, ки бар хилофи низоми таквин ё низоми ташреъ набошад. Дуо, истимдод ва истиъонат аст барои ин ки инсон ба ҳадафҳое, ки хилқат ва офариниш ва таквин барои ӯ қарор дода ва ё ташреъ ва қонуни осмонии илоҳӣ, ки бадрақаи таквин аст муайян карда, бирасад. Дуо агар ба ин сурат бошад, шакли як ҳоҷати табиӣ ба худ мегирад ва дастгоҳи хилқат ба ҳукми таъодул ва тавозуне, ки дорад ва ҳар ҷо эҳтиёҷе ҳаст файзу мадад мерасад, ӯро ёрӣ ва кӯмак мекунад. Ва аммо хостан ва талаби чизе, ки бар хилофи ҳадафи таквин ё ташреъ аст, монанди хостани хулуд дар дунё яъне умри ҷовидон, ки марг ҳаргиз ба суроғаш наёяд ё хостани қатъи раҳм, қобили истиҷобат нест, яъне ин гуна дуоҳо мисдоқи воқеии дуо намебошанд.

Ҳамоҳангии соири шуъуни дуокунанда

Шарти дигар ин ки соири шуъуни зиндагии инсон бо дуо ҳамоҳангӣ дошта бошад. Яъне онҳо бо ҳадафи таквин ва ташреъ ҳамоҳангӣ дошта бошанд. Дил поку соф бошад, касбу рӯзӣ ҳалол бошад, мазолими мардум бар гардан надошта бошад. Дар ҳадис аст аз Имом Содиқ (а):

إِذَا أَرَادَ أَحَدُكُمْ أَنْ يُسْتَجَابَ لَهُ فَلْيُطَيِّبْ كَسْبَهُ وَلْيَخْرُجْ مِنْ مَظَالِمِ اَلنَّاسِ وَإِنَّ اَللَّهَ لاَ يُرْفَعُ إِلَيْهِ دُعَاءُ عَبْدٍ وَفِي بَطْنِهِ حَرَامٌ أَوْ عِنْدَهُ مَظْلِمَةٌ لِأَحَدٍ مِنْ خَلْقِهِ

(*“Биҳорул-анвор”, ҷ.93, с.321*) Яъне ҳар гоҳ яке аз шумо бихоҳад дуояш мустаҷоб шавад, кору касб ва роҳи даромад ва рӯзии худро покиза кунад ва худро аз зери бори мазлимаҳое, ки аз мардум бар ӯҳда дорад халос кунад, зеро дуои бандае, ки дар шикамаш моли ҳаром бошад, ба сӯйи Худо боло бурда намешавад.

Мавриди дуо натиҷаи гуноҳ набошад

Шарти дигар ин ки ҳолате, ки билфеъл дорад ва орзу дорад он ҳолат тағйир ва ҳолати беҳтаре пайдо кунад, натиҷаи кӯтоҳӣ ва тақсир дар вазоиф набошад. Ва ба иборати дигар, ҳолате, ки дорад ва дуо мекунад он ҳолат иваз шавад, уқубат ва натиҷаи мантиқии тақсирот ва гуноҳони ӯ набошад, ки дар ин сурат, то тавба накунад ва иллатҳо ва мӯҷиботи ин ҳолатро аз байн набарад, он ҳолат иваз нахоҳад шуд.

Масалан амр ба маъруф ва наҳй аз мункар воҷиб аст. Салоҳу фасоди иҷтимоъ бастагии комил дорад ба иҷро ва адами иҷрои ин асл. Натиҷаи мантиқии тарки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ин аст, ки майдон барои ашрор боз мешавад ва онҳо бар мардум мусаллат мегарданд.

Агар мардум дар ин вазифа худ кӯтоҳӣ кунанд ва ба уқубат ва натиҷаи мантиқи ин кӯтоҳӣ мубтало шаванд ва он вақт бихоҳанд ибтилоҳои худро бо дуо рафъ кунанд, мумкин нест. Роҳи мунҳасир ин аст, ки тавба кунанд ва думартиба дар ҳудуди имконоти худ амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бикунанд, албатта дар ин сурат тадриҷан ба ҳадаф ва матлуби худ хоҳанд расид.

إِنَّ اللَّهَ لَا يُغَيِّرُ مَا بِقَوْمٍ حَتَّىٰ يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ

(*Раъд/11*) Суннати илоҳӣ ин аст, ки модоме, ки мардуме вазъ ва ҳолати худро дар он чи ба худашон марбут аст тағйир надиҳанд, Худованд сарнавишти онҳоро тағйир намедиҳад.

Дар аҳодиси мӯътабара ворид шудааст:

لتأمرن بالمعروف ولتنهن عن المنكر أو ليسلطن الله عليكم شراركم، فيدعو خياركم فلا يستجاب لهم

(*Кофӣ, ҷ.5*) (“*Бояд амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунед, вагарна бадони шумо бар шумо мусаллат хоҳанд шуд ва он гоҳ некони шумо дуо мекунанд ва дуоҳои онҳо мустаҷоб нахоҳад шуд*.”)

Дар ҳақиқат, ин гуна дуоҳо низ бар хилофи суннати таквин ва ташреъ аст.

Ҳамин тавр аст одаме, ки амал намекунад ва танҳо ба дуо мепардозад. Ӯ низ коре бар хилофи суннати таквин ва ташреъ мекунад. Амирулмӯъминин (а) мефармояд:

الداعي بلا عمل كالراعي بلا وتر

(*“Биҳорул-анвор”, ҷ.93, с.312*) Яъне он ки амал намекунад ва дуо мекунад, монанди касе аст, ки бо камоне, ки зеҳ надорад, мехоҳад тирандозӣ кунад. Яъне амал ва дуо мукаммили якдигаранд, дуои бидуни амал асар надорад.

Дуо набояд ҷонишини фаъолият қарор гирад

Шарти дигар ин аст, ки воқеан мазҳари ҳоҷат бошад. Дар мавриде бошад, ки инсон дастрасӣ ба матлуб надорад, оҷиз аст, нотавон аст, аммо агар Худованд калиди ҳоҷатеро ба дасти худи инсон дода ва ӯ куфрони неъмат мекунад ва аз ба кор бурдани он калид музояқа дорад ва аз Худо мехоҳад он дареро, ки калидаш дар дасти дуокунанда аст, ба рӯйи ӯ боз кунад ва заҳмати ба кор бурдани калидро аз дӯши ӯ бардорад, албатта чунин дуое қобили истиҷобат нест.

Ин гуна дуоҳоро низ бояд аз навъи дуоҳои мухолифи сунани таквин қарор дод.

Дуо барои таҳсили тавоноӣ аст. Дуо дар сурате, ки Худованд тавоноии матлубро ба инсон додааст, аз қабили талаби таҳсили ҳосил аст. Бинобар ин пешвоёни дин фармудаанд:

خمسة لا يستجاب لهم

(*“Биҳорул-анвор”, ҷ.93, с.356*) Яъне панҷ дастаанд, ки дуои онҳо мустаҷоб намешавад: яке дуои он кас, ки зане дорад, ки ӯро азият мекунад ва аз дасти ӯ ба танг омада ва тамаккун дорад, ки маҳри ӯро бипардозад ва ӯро талоқ бидиҳад, аммо талоқ намедиҳад ва пайваста мегӯяд: Худоё! Маро аз шарри ин зан роҳат кун! Дигар касе, ки бардае дорад, ки мукаррар фирор карда ва боз ҳам ӯро нигаҳ дошта ва мегӯяд: Худоё! Маро аз шарри ӯ роҳат кун! Дар сурате, ки метавонад ӯро бифурӯшад. Севвум касе, ки аз канори девори каҷи мушриф ба суқут убур мекунад ва мебинад анқариб суқут мекунад, аммо ӯ дур намешавад ва пайваста дуо мекунад, ки Худо ҷони ӯро ҳифз кунад. Чаҳорум касе, ки молашро ба дигаре қарз дода, аммо кӯтоҳӣ карда ва шоҳид нагирифта ва пулаш бидуни санад пеши тараф монда ва ӯ намедиҳад ва ин пайваста дуо мекунад ва аз Худованд мехоҳад, ки пулашро ба ӯ баргардонад, дар сурате, ки аз аввал дар ихтиёри худи ӯ буд, ки то санад ва шоҳид нагирад, он пулро ба қарз надиҳад. Панҷум касе, ки дар хонааш нишаста ва кору касбро раҳо карда ва пайваста мегӯяд:

اللهم ارزقني

(*“Худоё! Ба ман рӯзӣ бирасон!*”)

Бадеҳӣ аст, ки мунҳасир ба ин панҷ маврид нест. Ин панҷ маврид ба унвони мисол оварда шуда барои мавориде, ки инсон тамаккун дорад, ки аз роҳи амал ва тадбир ба ҳадаф ва мақсади худ бирасад ва бо вуҷуди ин, кӯтоҳӣ мекунад ва мехоҳад дуоро ҷонишини амал қарор диҳад.

Хайр, ин тавр нест. Дуо дар низоми хилқат барои ин нест, ки ҷонишини амал шавад. Дуо мукаммил ва мутаммими амал аст, на ҷонишини амал.

Дуо ва масъалаи қазо ва қадар

Дар бораи дуо дар қадиму ҷадид баҳсҳо ва суолоте шуда, аз қабили ин ки дуо мунофӣ бо эътиқод ба қазо ва қадар аст, бо қабули ин ки ҳар чизе бо қазо ва қадари илоҳӣ таъйин шуда, асари дуо чӣ метавонад бошад?

Дуо ва ҳикмати болиға

Ё ин ки дуо бо эътиқод ба ин ки Худованд ҳаким аст ва корҳоро бар вифқи маслиҳат мекунад мунофӣ аст. Ё он чи ҳаст, ки мехоҳем бо дуо тағйир диҳем, мувофиқи ҳикмат ва маслиҳат аст ё мухолифи он? Агар мувофиқи ҳикмат аст, на мо бояд аз Худо бихоҳем хилофи ҳикматро ва на Худо чунин дуоеро мустаҷоб мекунад. Ва агар мухолифи ҳикмат аст, чӣ гуна метавон қабул кард дар низоми олам, ки бар тибқи машияти ҳакимонаи Борӣ Таъоло ҷараён меёбад, амре бар хилофи ҳикмат ва маслиҳат воқеъ шавад?

Дуо ва мақоми ризо

Ё он ки дуо бо мақоми ризо ва таслим ва ин ки инсон ба он чи аз ҷониби Худо мерасад розӣ ва хушнуд бошад, мунофӣ аст.

Ин баҳсҳо ва суолот бисёр собиқа дорад, ҳатто бахше аз адабиёти моро ташкил медиҳад. Феълан маҷоли ин ки дар бораи инҳо баҳс бишавад нест. Ҳамаи ин ишколот аз ин ҷо пайдо шуда, ки гумон кардаанд худи дуо берун аз ҳавзаи қазо ва қадари илоҳӣ аст, берун аз ҳикмати илоҳӣ аст, дар сурате, ки дуо ва истиҷобати дуо низ ҷузъе аз қазо ва қадари илоҳӣ аст ва аҳёнан ҷилави қазо ва қадарҳоеро мегирад ва ба ҳамин далел на бо ризои ба қазо мунофӣ аст ва на бо ҳикмати илоҳӣ. Феълан маҷоли баҳси бештаре нест.

Шабҳои қадр

Бояд аз пешвоёни дин пайравӣ кард ва аз ин фурсат, ки алъон мавҷуд аст яъне шабҳои қадр ва шабҳои даҳаи охири моҳи мубораки Рамазон истифода кард ва баҳраманд шуд. Дар оғози сухан ин оятро тиловат кардам:

وَإِذَا سَأَلَكَ عِبَادِي عَنِّي فَإِنِّي قَرِيبٌ ۖ أُجِيبُ دَعْوَةَ الدَّاعِ إِذَا دَعَانِ ۖ فَلْيَسْتَجِيبُوا لِي وَلْيُؤْمِنُوا بِي لَعَلَّهُمْ يَرْشُدُونَ

(*Бақара/186*) Ин оят дар васати ояиҳои моҳи мубораки Рамазон яъне оёти рӯза аст. Шояд зикри ин оят дар хилоли оёти рӯза ва Рамазон барои ин аст, ки ин моҳ ихтисос дорад ба дуо ва истиғфор. Пешвоёни бузургвори дин ин шабҳоро, ки шабҳои қадр ва эҳё аст, хеле гиромӣ медоштанд. Расули Акрам (с) даҳаи охири моҳи Рамазон, ки мерасид, дастур медод, дигар бистараш то охири ин моҳ густарда нашавад, зеро дар масҷид эътикоф мефармуд ва яксара ба ибодат ва дуо ва розу ниёз бо холиқ мепардохт. Алӣ ибни Ҳусайн алайҳимас-салом дар моҳи мубораки Рамазон ҳеч шабе намехобид, шабро ё ба намоз ва дуо ва ё ба дастгирии фуқаро ва зуъафо мегузаронид ва дар саҳар дуои хоссе мехонд, ки ба “Дуои Абӯҳамзаи Сумолӣ” маъруф аст.

Лаззати дуо ва инқитоъ

Онҳо, ки лаззати дуо ва инқитоъ аз халқ ба холиқро чашидаанд, ҳеч лаззатеро бар ин лаззат муқаддам намедоранд. Дуо он вақт ба авҷи иззат ва азамат ва лаззат мерасад ва соҳиби худро ғарқ дар саодат мекунад, ки дуокунанда лутфи хосси илоҳиро бо худ бибинад ва осори истиҷобати дуои худро мушоҳида кунад.

وأنلني حسن النظر في ما شكوت، وأذقني حلاوة الصنع في ما سألت

(*Аз фақароти дуои ҳафтуми Саҳифаи Саҷҷодия*) (“*Худоё! Ҳусни назари худро дар он чи ба ту шикоят кардам ба ман иблоғ кун ва ҳаловати истиҷобати он чиро аз ту хостаам ба ман бичашон!*”)

Донишмандон мегӯянд, фарқ аст байни илмуляқин ва айнуляқин ва ҳаққуляқин.

Ин тавр мисол меоваранд, мегӯянд: фарз кунед оташе дар нуқтае афрӯхта шудааст. Як вақт шумо асари оташро — масалан дуде, ки баланд аст — мебинед ва ҳамин миқдор медонед, ки дар он ҷо оташе ҳаст, ки ин дуд аз он ҷо баланд аст, ин илмуляқин аст. Ва як вақт худи оташро аз наздик мебинед, ин айнуляқин аст ва болотар аз донистан аст, машҳуд аст. Ва як вақт ба қадре наздик мешавед, ки ҳарорати оташ ба бадани шумо мерасад ва шуморо гарм мекунад, дохили оташ мешавед, ин ҳаққуляқин аст.

Инсон мумкин аст Худоро комилан бишносад ва ба вуҷуди муқаддасаш имон ва эътироф дошта бошад, вале дар зиндагии хусусии худ, асари лутфи хосси Худо ва иноятҳои махсусае, ки гоҳе ба бандагонаш иноят мефармояд, набинад, ин мартибаи илмуляқин аст. Вале гоҳе ҳаст, ки амалан асари тавҳидро мушоҳида мекунад, дуо мекунад ва аз ғайри Худо эътимодашро қатъ мекунад ва асари ин таваккул ва эътимодро дар зиндагии худаш мебинад, асари тавҳидро шуҳуд мекунад, ин мартибаи айнуляқин аст. Он даста

аз бандагони Ҳақ лаззат мебаранд, ки аҳли дил ва аҳли таваккул ва эътимод ба Худо ҳастанд ва осори дуоҳои худ ва таваккулҳо ва эътимодҳои худро мушоҳида мекунанд, аз беҳӯатҳо баҳраманд мешаванд, ки барои мо камтар қобили тасаввур аст.

Албатта мартибаи болотар он аст, ки дуокунанда мустақиман худро бо зоти Ҳақ дар тамос мебинад, балки худе намебинад ва худе мушоҳида намекунад, феълро феъли ӯ, сифатро сифати ӯ ва дар ҳама чиз ӯро мебинад. Инсон вақте, ки як ҳунари кӯчакеро меомӯзад, илме ва фаннеро ёд мегирад, дарс мехонад, табиб ё муҳандис мешавад, баъд аз солҳо заҳмату ранҷ ҳамин ки аввалин бор асари ҳунари худашро мебинад, масалан маризеро муолиҷа мекунад ва ӯ беҳбудӣ меёбад, тарҳи сохтмонеро мерезад ва сохта мешавад ва хубу зарифу олӣ аз кор дармеояд, ғарқи суруру беҳӯат мегардад ва иззате дар худ эҳсос мекунад. Аз болотарини лаззатҳо ин аст, ки инсон асари ҳунарии худро бибинад. Чӣ ҳоле ба инсон даст медиҳад агар асари ҳунари имони худро, яъне лутфи хосси Худоро нисбат ба худ бибинад. Иззате, ки аз роҳи муваффақият дар тавҳид барои инсон даст медиҳад ва суруру беҳӯате, ки дар он ҳол даст медиҳад, ҳазорҳо дараҷа болотар аст, ҳазорҳо дараҷа лазизтар ва ширинтар аст.

Худованд моро шоистагӣ диҳад, ки тавфиқи дуо ва муноҷот бо ӯро пайдо кунем ва аз мавоҳиби ин ҳолати муқаддас ва руҳонӣ баҳраманд гардем!

Гуфтори 19:

Дастгоҳи идрокии башар

Шинохти ашё аз роҳи зидди онҳо

Ин ҷумла дар забони аҳли илм шойеъ аст, ки:

تعرف الأشياء بأضدادها

Яъне ашё аз роҳи нуқтаи мухолиф ва нуқтаи муқобилашон шинохта мешаванд ва ба вуҷуди онҳо пай бурда мешавад. Албатта мақсуд аз шинохтан, таърифи истилоҳии мантиқӣ нест, зеро дар мантиқ собит шуда, ки ашёро аз тариқи зидд ва нуқтаи муқобилашон намешавад таъриф кард, ҳамон тавре, ки мақсуд аз зидд дар ин ҷо мунҳасир ба зидди истилоҳӣ нест, ки дар фалсафа бо нақиз фарқ дорад.

Мақсуд аз зидд дар ин ҷо мутлақи нуқтаи муқобил аст ва манзур аз шинохтан, мутлақи пай бурдан аст. Агарчӣ дар ин ҷумла калимаи ҳасрӣ аз қабили “илло” ва “иннамо“ ба кор нарафта, аммо мақсуд, навъе ҳаср аст. Агар чизе нуқтаи муқобил надошта бошад, башар қодир нест ба вуҷуди ӯ пай барад, ҳарчанд он чиз махфӣ ва пинҳон набошад ва дар камоли зуҳур бошад.

Дар ҳақиқат, мақсуд, баёни як навъ заъф ва нуқсон дар дастгоҳи фаҳм ва идроки башарӣ аст, ки ба тавре сохта шуда, ки танҳо дар сурате қодир аст ашёро дарк кунад, ки нуқтаи муқобил ҳам дошта бошанд.

Масалан нур ва зулмат, ин дуро башар ба муқоисаи якдигар мешиносад. Агар ҳамеша ҷаҳон ва ҳар нуқтае аз ҷаҳон нуронӣ буд, ҳеч гоҳ торик намешуд, як нуронияти якнавохт дар ҳама нуқтаҳо буд ва зулмат ба ҳеч ваҷҳ набуд, инсон худи нурро ҳам намешинохт. Яъне наметавонист тасаввур кунад, ки нуре ҳам дар олам ҳаст; наметавонист бифаҳмад алъон, ки ҳама чизро мебинад, ба воситаи нур мебинад. Нур аз ҳама чиз зоҳиртар ва равшантар аст, айни зуҳур аст, вале зуҳури ӯ кофӣ набуд ва ин нақс аз мост, на аз нур. Акнун, ки нурро дарк мекунем, барои ин аст, ки нур заволу уфул дорад, зулмат ва торикӣ пайдо мешавад. Ба кӯмаки омадани зулмат ва уфули нур, мефаҳмем, ки қаблан чизе буд, ки ба василаи он чиз ҳама чиз ва ҳама ҷоро медидем ва агар ин нур уфулу ғуруб намедошт, ҳаргиз мавриди таваҷҷӯҳ ва илтифоти мо воқеъ намешуд. Пас нур ба кӯмаки зидди худаш, ки зулмат аст маъруф ва шинохта шуда ва агар ҳам саросар зулмат буд ва нур набуд, боз зулмат шинохта намешуд.

Ҳамчунин агар инсон дар ҳамаи умр ба таври якнавохт овозеро бишнавад, масалан садои як буқ локомотив якнавохт баланд бошад ва баччае дар наздикии он садо бузург шавад, ҳаргиз он садоро, ки ҳамеша ба гӯшаш мехӯрд, намешунавад ва ҳассосияти худро нисбат ба он аз даст медиҳад.

Яке аз ҳукамои қадим — зоҳиран Фисоғурес (Пифагор) аст — муддаъӣ буд, як мусиқии якнавохт аз ҳаракати афлок ҳамеша баланд аст, вале чун мардум ҳамеша мешунаванд, ҳеч вақт намешунаванд. Ҳамчунин агар инсон дар муҳите бадбӯ ё хушбӯ бошад, ҳеч вақт он бӯро эҳсос намекунад.

Ва низ ба ҳамин далел аст, ки ағниё ҳассосияти худро нисбат ба лаззатҳо ва хушиҳо аз даст медиҳанд ва фуқаро низ ҳассосияти худро нисбат ба сахтиҳо аз даст медиҳанд. Яъне онҳо, ки бештар ба мӯҷиботи лаззат мерасанд, камтар эҳсос мекунанд ва онҳо, ки камтар мерасанд, бештар. Ва ҳамчунин онҳо, ки бештар бо масоиб рӯ ба рӯ мешаванд, камтар сахтии онро ҳис мекунанд ва онҳо, ки камтар рӯ ба рӯ мешаванд, бештар эҳсос мекунанд.

Ҳамчунин аст қудрат ва аҷз. Агар фаразан башар ба ҳама чиз қодир буд ва дар баробари ҳеч чизе оҷиз ва нотавон набуд, на дар худаш ва на дар чизи дигаре аҷзро намедид, наметавонист бифаҳмад, ки қудрат ҳам мавҷуде аст аз мавҷудоти ин олам. Бо он ки ҳама корро бо қудрат мекард, худи қудратро намедид. Бо ин ки ғарқ дар қудрат буд, қудратро дарк намекард. Ва агар аҷзи мутлақ ҳам буд ва қудрат набуд, аҷз низ шинохта намешуд.

Ҳамчунин аст илм ва ҷаҳл. Агар фарз кунем ҷаҳл дар олам набуд ва башар ҳама чизро медонист ва дар баробари ҳеч ҳақиқате нодонии худро эҳсос намекард ва дар рӯшноии илм ҳама чиз барояш равшан ва ошкор буд, бо ин ки ғарқ дар илм буд ва ҳама чизро бо нури илм медид, аз худи илм ғофил буд. Ҳама чизро медид ва мефаҳмид ва ба ӯ илтифот дошт магар худи илм, ки наметавонист ба ӯ илтифот дошта бошад. Вале вақте, ки ҷаҳл дар баробари илм ошкор шуд ва ба кӯмаки дастгоҳи гирандаи фикрӣ омад, илтифот ва таваҷҷӯҳ нисбат ба илм ҳам пайдо мешавад, фаҳмида мешавад, ки ӯ ҳам мавҷуде аст аз мавҷудоти олам. Ва бинобар ин ҳайвон таваҷҷӯҳ ба илми худ надорад, зеро таваҷҷӯҳ ба ҷаҳли худ надорад.

Ҳамчунин аст соя ва шахс. Агар башар ҳамеша сояи як идда ашёро медид, на худи онҳоро ва ҳеч гоҳ он сояҳо аз назараш маҳв намешуд, ҳамон сояҳоро ашхоси воқеӣ хаёл мекард, вале чун ҳам шахсро мебинад ва ҳам сояро, мефаҳмад, ки ин шахс аст ва он соя.

Афлотун ақидаи фалсафии маъруфе дорад, ки ба номи “Мусули Афлотун” маъруф аст, мегӯяд: он чи дар ин ҷаҳон аст аз анвоъ, фаръе ва зилле аст аз асле ва ҳақиқате, ки дар ҷаҳони дигар аст, ӯ ҳақиқат аст ва инҳо партав, ӯ шахс аст ва инҳо соя. Мардум хаёл мекунанд, ин сояҳо ҳақиқат аст. Баъд масале меоварад, мегӯяд: фарз кунед, як идда

мардум аз аввали умр дар ғоре маҳбус бошанд ва онҳоро тавре дар он ғор ҳабс кунанд, ки рӯйи онҳо ба тарафи дохили ғор ва пушташон ба дари ғор бошад. Офтоб аз беруни ғор ба дохил битобад ва афроде аз ҷилави он ғор убур кунанд ва сояи он афрод ва ашхос, ки аз ҷилави ғор убур мекунанд, ба деворе, ки дар ҷилави он маҳбусон аст, биафтад. Ин маҳбусон қаҳран аз берун бехабаранд ва намедонанд беруне ҳам ҳаст, зеро аз аввали умр дар он ҷо ба ҳамин сурат ҳабс будаанд, қаҳран ҳамон сояаҳоеро, ки дар муқобили девор мебинанд, ки дар ҳаракатанд, ашхоси воқеӣ мепиндоранд ва намефаҳманд, ки инҳо чизе нестанд, сирфан намоишҳое ҳастанд аз ашхос ва ҳақоиқе, ки дар берун аст. Башар ҳам, ки дар ғори табиат маҳбус аст, афрод ва ашхоси ин оламро ҳақиқат медонад ва намедонад инҳо зилл ва сояи ҳақиқатанд, на худи ҳақиқат ва агар худи ашхосро бибинанд, он вақт мефаҳманд.

Ғараз, баёни он фикри Афлотун нест, ғараз баёни ин ҷиҳат аст, ки сохтмони оддӣ ва табиии инсон тавре аст, ки ашёро аз роҳи муқоиса бо ҳам ва муқоиса бо нуқтаи муқобилашон мешиносад ва агар нуқтаи муқобил набошад, наметавонад онҳоро бишносад, ҳарчанд дар камоли зуҳур буда бошанд.

Мисоли нур ва зулмат, илм ва ҷаҳл, қудрат ва аҷз ва шахс ва сояро барои ин зикр кардам. Ҳамин тавр аст хайру шарр, ҳаракат ва сукун, ҳудус ва қидам, фано ва абадият. Ҳамон тавре, ки ишора кардам, ин матлаб марбут ба сохтмони фаҳм ва идроки мост — мо ин тавр ҳастем, ки маъмулан то нуқтаи муқобили чизеро набинем, аз вуҷуди он чиз бохабар намешавем — на марбут ба шайъи мавриди шиносоии мо.

Пас агар фарз кунем, ҳамин нури ҳиссӣ ҳеч гоҳ уфул намедошт, ҳеч ҳиҷобе ва садде ҳам монеъи ӯ намешуд, даруни як хонаи дарбаста ҳам мисли берун равшан буд, рӯшноии мутлақ ва якнавохт ҳама оламро фаро мегирифт, он вақт агар як нафар пайдо мешуд ва мегуфт, ҳамаи оламро нур фаро гирифта ва шумо ҳар чизро, ки мебинед, ба василаи ӯ мебинед ва агар ӯ набошад, шумо ҳеч чизро намебинед, албатта барои мо, ки ғарқ дар нур будем бовар карданаш мушкил буд.

Моҳӣ ва об

Масали маъруфе аст, ки моҳие, ки ҳеч вақт аз об берун наомада буд ва ғайри об чизе надида буд, ба фикр афтод, ки ин об, ки ин қадр аз ӯ таъриф мекунанд ва мегӯянд, мояи ҳаёт аст, чист ва куҷост? Чаро ман ӯро намебинам? Дунболи касе мерафт, ки обро ба ӯ нишон бидиҳад, то ин ки рӯзе аз об берун афтод ва дар табу тоб қарор гирифт, он вақт

фаҳмид, ки об чист ва чӣ асаре барои ӯ дошта ва зиндагиаш вобаста ба ӯ буда. Яке аз шоирон ин мислро ба назм оварда мегӯяд:

Ба дарёе шиновар моҳие буд,
Ки фикрашро чу ман кӯтоҳие буд.
На аз сайёд ташвише кашида,
На ранҷе аз шиканҷи дом дида.
На ҷон аз ташнагӣ дар изтиробаш,
На дил сӯзон зи доғи офтобаш.
Дар ин андеша рӯзе гашт бетоб,
Ки мегӯянд мардум: об, ку об?
Кадом аст охир он иксири ҷонбахш,
Ки бошад мурғу моҳиро равонбахш?
Гар он гавҳар матоъи ин ҷаҳон аст,
Чаро ё Рабб! Зи чашми ман ниҳон аст?
Ҷуз обаш дар назар шому саҳар на,
Дар об осуда аз обаш хабар на.
Магар аз шукри неъмат гашт ғофил,
Ки мавҷ афкандаш аз дарё ба соҳил.
Бар ӯ тобид хуршеди ҷаҳонтоб,
Фиканд оташ ба ҷонаш дурии об.
Забон аз ташнагӣ бар лаб фитодаш,
Ба хок афтоду об омад ба ёдаш.

Худо, нури мутлақ ва зоҳири мутлақ

Зоти ақдаси аҳадият нури мутлақ аст, нуре аст, ки зулмати муқобил надорад. Ӯст нури ҳамаи ҷаҳон, нури осмону замин:

اللَّهُ نُورُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ

(*Нур/35*) Аз ҳар зоҳире зоҳиртар аст ва аз ҳар наздике, ба мо наздиктар. Зуҳури ҳама чиз ба зоти ӯст, зоҳири мутлақ ва биззот ӯст.

وبنور وجهك الذي أضاء له كل شيء

(*Аз фақароти дуои шарифи Кумайл*) Равшании ҳар чизе дар партави нури зоти ӯст. Вале нуре аст, ки собит аст, ғурубу уфул надорад. Нуре аст, ки ҳама ҷоро пур карда, ҳиҷобу монеъе надорад, ба ҳама чиз муҳит аст, нуқтаи муқобиле надорад, зидду нидде надорад.

Чун уфулу ғуруб надорад, заволу фано надорад, зулмате дар баробараш нест, башари заъифулидрок, ки ҳар чизеро бо муқоисаи нуқтаи муқобил ва нуқтаи мухолиф бояд бифаҳмад ва дастгоҳи гирандаи фаҳму идроки ӯ тавре сохта шуда, ки ба ҳар чизе бо кӯмаки нуқтаи муқобили он чиз таваҷҷӯҳ ва илтифот пайдо мекунад, аз илтифот ва таваҷҷӯҳ ба зоти Ҳақ ғофил аст.

Нуктаи ғарибе аст! Зоти Ҳақ чун ҳеч вақт пинҳон нест, аз назарҳо пинҳон аст. Агар гоҳе пинҳон буд ва гоҳе ошкор, аз назарҳо пинҳон набуд. Чун ғурубу уфул ва заволу тағйиру ҳаракат надорад, мавриди ғафлати башар аст.

Ин аст маънии сухани ҳукамо, ки мегӯянд: зоти Ҳақ аз касрати зуҳур ва шиддати зуҳур дар хафост.

يا من هو اختفى لفرط نوره

الظاهر الباطن في ظهوره

Аз ҳамон ҷиҳат, ки зоҳир ва ошкор аст, ботин ва пинҳон аст, ҷиҳати зуҳур дар ӯ айни бутун аст.

Чӣ қадр хуб ва олӣ ва латиф баён карда Алӣ (а):

وكل ظاهر غيره غير باطن، وكل باطن غيره غير ظاهر

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 64*) Яъне ҳар зоҳире ғайри Худо дигар ботин нест ва ҳар ботине ғайри Худо дигар зоҳир нест, аммо Худо дар айни ваҳдат ва басотат, ҳам ботин аст ва ҳам зоҳир. На ин ки қисмате аз ӯ зоҳир аст ва қисмате ботин, балки аз ҳамон ҳайсият, ки зоҳир аст, айнан ботин аст ва аз ҳамон ҳайсият, ки ботин аст, зоҳир аст.

Манбаъ ва сарчашмаи ин ҳақиқат худи Қуръони Карим аст, ки мефармояд:

هُوَ الْأَوَّلُ وَالْآخِرُ وَالظَّاهِرُ وَالْبَاطِنُ

(*Ҳадид/3*) (“*Аввалу охир Худост, зоҳиру ботин ҳам Худост*.”)

Ва боз Қуръон мефармояд:

فَأَيْنَمَا تُوَلُّوا فَثَمَّ وَجْهُ اللَّهِ

(*Бақара/115*) (“*Ба ҳар тараф, ки рӯ кунед, рӯ ба Худо ҳастед ва рӯйи Худо бо шумост*.”)

Расули Акрам (с) фармуд: агар бо ресмоне ба табақаи ҳафтуми замин ҳам фурӯ равед, боз ба сӯйи Худо рафтаед.

Дар ҳадис аст, ки Ҷосалиқ (олиме аз уламои масеҳӣ) ба Амирулмӯъминин Алӣ (а) гуфт:

أخبرني عن وجه الرب

Яъне ба ман бигӯ, чеҳраи Ҳақ, ки Қуръон мегӯяд ба ҳар тараф рӯ кунед, рӯ ба Худойед ва рӯйи Худо бо шумост яъне чӣ? Рӯйи Худованд кадом тараф аст?

فدعا علي بنار وحطب فأضرمه

Алӣ (а) дастур дод, ҳезум ва оташ оварданд. Ҳезумро оташ зад, муштаъил шуд, фазоро равшан кард.

فلما اشتعلت قال: أين وجه هذه النار

Пурсид: чеҳраи ин оташ кадом тараф аст? Гуфт: ҳама тараф ва ҳама ҷо чеҳра аст. Фармуд:

هذه النار مدبره مصنوعة لا يعرف وجهها

Ин оташ бо ин кайфият, ки дидӣ, маснуъе ва махлуқе аст аз махлуқоти Худо ва ҳама тараф рӯйи ӯст, ту мехоҳӣ Худованд ҷиҳати муайян дошта бошад?

وخالقها لا يشبهها

Ва албатта Худованд шабеҳи махлуқоти худ нест. Ӯ муназзаҳ аст аз шабеҳ ва мисл ва назир ва муқаддас аст аз ташбеҳ.

وَلِلَّهِ الْمَشْرِقُ وَالْمَغْرِبُ ۚ فَأَيْنَمَا تُوَلُّوا فَثَمَّ وَجْهُ اللَّهِ

(*Бақара/115*) Машриқу мағриб аз они Худост, ба ҳар куҷо, ки рӯ кунӣ, ба сӯйи Худост.

لا يخفى على ربنا خافية

(*Тавҳиди Садуқ, с.182*) Ҳеч чиз бар ӯ пӯшида нест.

Машриқу мағриби ҷаҳон милки Худост, зуҳур феъли ӯст, ӯ ба ҳама чиз иҳота дорад, ҳеч чиз аз ӯ холӣ нест, ба ҳар тараф рӯ кунед, ба Худо рӯ овардаед…

Башар хаёл накунад, Худо аз ӯ махфӣ шуда

Мегӯянд, худшиносӣ муқаддам бар Худошиносӣ аст, инсон то худро нашносад, наметавонад Худоро бишносад. Ин сухан аз ҷиҳоти мутаъаддид дуруст аст, на аз як ҷиҳат.

Як ҷиҳаташ ин аст, ки бояд вазъи дастгоҳи гирандаи фикрии худро бишносад; бояд худро ба заъф ва нақс ва қусур бишносад, то Худоро ба камол ва қувват ва лотаноҳӣ бишносад. Бояд қусури фаҳм ва идроки худро бишносад, ки то мавҷуде маҳдуд ва ноқис набошад ва то ӯро зидд ва нуқтаи муқобиле набошад, наметавонад ӯро бишносад.

Пас тамаъ накунад, ки ман бояд Худовандро бо ҳиссе аз ҳавосси худ дарк кунам. Бояд бидонад, ки маҳсусоташ ҳам агар ҳама якнавохт буд, агар ҳамеша як рангро медид, ӯро намешинохт. Агар ҳамеша як садоро якнавохт мешунид, боз ӯро намешинохт ва аз вуҷудаш огоҳ намешуд. Агар ҳамеша як бӯ ба як тарз ба машомаш мерасид, абадан мутаваҷҷеҳи он намешуд. Башар хаёл накунад, Худо аз ӯ махфӣ шуда, балки бояд бифаҳмад, ки танҳо зуҳури як ҳақиқат кофӣ нест барои фаҳм ва идроки башар. Вуҷуди нуқтаи муқобил ҳам кӯмак мекунад.

Нури зоти Худо муҳит ва азалӣ ва абадӣ аст, ғурубу уфуле надорад ва аз ҳамин ҷиҳат, идрокоти заъифи башар оҷиз аст, ки ӯро дарк кунад.

Башари маҳдуд, Худоро бо осори маҳдудаш мешиносад

Дастгоҳи гирандаи фикрии мо Худоро бо умуре мешиносад, ки мисли худаш ноқис ва маҳдуд аст, Худоро бо нурҳое мешиносад, ки дар як нуқта ҳаст ва дар як нуқта нест, мисли ҳаёти набот ва ҳайвон ва шуъуре, ки дар як нуқтаи модда пайдо мешавад. Худоро ба умуре мешиносад, ки дар як замон ҳаст ва дар як замон нест, яъне тулӯъу ғуруб дорад. Худовандро афъол ва махлуқоте аст, нурҳое аст, ки офаридаи ӯст. Он нурҳо тулӯъ мекунанд ва ғуруб мекунанд. Худованд худро аз роҳи нурҳои феълии худ ба мо мешиносонад. Ҳаёт ва зиндагӣ нури илоҳӣ аст; нуре аст, ки онро бар моддаи зулмонӣ баст медиҳад ва сипас қабз менамояд.

وَإِنَّا لَنَحْنُ نُحْيِي وَنُمِيتُ وَنَحْنُ الْوَارِثُونَ

(*Ҳиҷр/23*) (“*Мойем, ки нури ҳаётро ба ҷаҳон мегустаронем ва пасмегирем. Ҳама чиз ба мо бармегардад. Мо вориси ҳама чиз ҳастем*.”)

يُولِجُ اللَّيْلَ فِي النَّهَارِ وَيُولِجُ النَّهَارَ فِي اللَّيْلِ

(*Фотир/13*) (“*Шабро дар рӯз фурӯ мебарад ва рӯзро дар шаб*.”)

يُخْرِجُ الْحَيَّ مِنَ الْمَيِّتِ وَمُخْرِجُ الْمَيِّتِ مِنَ الْحَيِّ

(*Анъом/95*) (“*Зиндаро аз мурда берун меоварад ва мурдаро аз зинда*.”)

وَتَوَكَّلْ عَلَى الْحَيِّ الَّذِي لَا يَمُوتُ

(*Фурқон/58*) (“*Ва ту бар Худои зиндаи абадӣ, ки ҳаргиз намирид таваккул кун*.”)

وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ

(*Моида/120*) (“*Ӯ бар ҳар чиз қодир ва тавоност*.”)

Зиндагӣ, ки дар замин пайдо мешавад маҳдуд аст, ҳам аз лиҳози замон ва ҳам аз лиҳози макон, дар як лаҳза ё як нуқта пайдо мешавад ва наботу ҳайвону инсон аз ӯ баҳраманд мешаванд. Зиндагӣ бо ҳамаи шуъун ва ҷилваҳое, ки дорад: рушду нумӯ, зебоӣ ва тароват, ҳусни таркиб ва интизом, эҳсосу идрок, ақлу ҳуш, муҳаббату отифа, ғаризаҳои ҳидояткунанда зоти аҳадиятро ба мо менамоёнад. Ҳамаи инҳо оятҳо ва ойинаҳои зоти аҳадиятанд.

Қуръони Карим ғолибан ба ҳаёт ва осори ҳаёт истидлол мекунад, ба зебоиҳо ва тароватҳо ба ҳусни таркиб ва ҳусни интизом, ба илҳом ва ғариза, ба муҳаббат ва отифа, ба муҳаббати ҳар ҷондоре ба авлод ва фарзандони худ ва ба ҷуфти худ, ба ин умур истидлол мекунад. Аз забони Иброҳим нақл мекунад, ки ба Намруд гуфт:

رَبِّيَ الَّذِي يُحْيِي وَيُمِيتُ

(*Бақара/258*) (“*Парвардигори ман ҳамон аст, ки зинда мекунад ва мемиронад*.”) Аз забони Мӯсо нақл мекунад, ки ба Фиръавн гуфт:

رَبُّنَا الَّذِي أَعْطَىٰ كُلَّ شَيْءٍ خَلْقَهُ ثُمَّ هَدَىٰ

(*Тоҳо/50*) (“*Парвардигори мо ҳамон аст, ки ба ҳар чизе хилқати муносиби ӯро дода ва сипас ӯро ба сӯйи камолаш роҳнамоӣ кардааст*.”) Худои мо ҳамон аст, ки ҳар чизеро он чи лоиқ буд дод ва низоме чунин мутқан ба вуҷуд овардааст, ки мавҷудотро ба камоли лоиқи онҳо ҳидоят кард. Ӯст, ки ба ҳар гиёҳе нерӯе дод, ки монанди як муҳандиси моҳир нақшаи вуҷуди худро мекашад ва тарроҳӣ мекунад, худро ороиш медиҳад ва ҷилвагарӣ менамояд. Ӯст, ки ба ҳар ҳайвоне, аз кӯчактарини ҳашраҳо гирифта то ҳайвонот, ғариза ва илҳомоте дод, ки ақл аз идрок ва тавсифи онҳо оҷиз аст. Ӯст, ки ба занбӯри асал илҳом кард, ки барои худ дар кӯҳҳо хона бино кунад, бо муҳандисии махсусе аз дарахтҳо ва аз аршҳои чӯбӣ барои худ лона бисозад.

وَأَوْحَىٰ رَبُّكَ إِلَى النَّحْلِ أَنِ اتَّخِذِي مِنَ الْجِبَالِ بُيُوتًا وَمِنَ الشَّجَرِ وَمِمَّا يَعْرِشُونَ. ثُمَّ كُلِي مِنْ كُلِّ الثَّمَرَاتِ فَاسْلُكِي سُبُلَ رَبِّكِ ذُلُلًا ۚ يَخْرُجُ مِنْ بُطُونِهَا شَرَابٌ مُخْتَلِفٌ أَلْوَانُهُ فِيهِ شِفَاءٌ لِلنَّاسِ ۗ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَآيَةً لِقَوْمٍ يَتَفَكَّرُونَ

(*Наҳл/68-69*)

Ӯст, ки мӯрчаи заъифро ин қадр тавоно ва доно офарид ва роҳёбӣ дар вуҷуди ӯ қарор дод, ки солҳо башар мутолеа мекунад ва ҳайрат бар ҳайрататаш меафзояд.

Зиндагии мӯрча аз назари Алӣ (а)

Алӣ (а) дар “Наҳҷул-балоға” мефармояд:

أنظروا إلى النملة في صغر جثتها ولطافة هيئتها لا تكاد تنال بلحظ البصر ولا بمستدرك الفكر، كيف دبت على أرضها وصبت على رزقها

(“*Дар кори мӯрча дақиқ шавед; бибинед ин ҳайвон ба ин кӯчакӣ чӣ ҷур дар рӯйи замин такопӯ мекунад ва дунболи рӯзии худ меравад. Ишқу илҳоме ӯро ҳидоят мекунад, ки бо нақша ва ҳисоб, рӯзии худро таҳия мекунад ва онро нигаҳдорӣ мекунад*.”)

Донишмандони ҳайвоншинос, ки дар ин замина мутолеоте кардаанд, мегӯянд: баъзе аз мӯрчаҳо дар баъзе саҳроҳо ҳастанд, ки барои таҳияи рӯзии худ, ба пайдо кардани донаҳо қаноат намекунанд, балки мазореъе тартиб медиҳанд ва қорч дар он мекоранд ва ба масрафи ғизои худ мерасонанд. Ва аҷибтар ин ки мегӯянд: як даста аз мӯрчагон баъзе ҳашаротро аҳлӣ мекунанд. Ҳамон тавре, ки инсон асбу гову гӯсфандро аҳлӣ карда ва аз шири онҳо истифода мекунад, мӯрчагон ҳам аз як шираи ширине, ки аз ин ҳашарот медӯшанд истифода мекунанд.

تنقل الحبة إلى جحرها وتعدها في مستقرها، تجمع في حرها لبردها، وفي وردها لصدرها

(“*Донаро ба лонаи худ мебарад ва онро дар ҷойи муносибе, ки фосид нашавад ҷо медиҳад; ҷойе, ки рутубат онро фосид накунад ва ҳатто онро мешикофад, ки сабз нашавад ва нарӯяд*.”)

Боз донишмандони ҳашрашинос гуфтаанд: як тоифа аз мӯрчагон ҳастанд, ки дорои зиндагонии иҷтимоии муназзаме ҳастанд ва ҳар даста вазифаеро доранд, ки бояд анҷом диҳанд; як даста коргаранд, ки дона ҷамъ мекунанд ва ба лона меоваранд, то дар зимистон соирин аз он истифода кунанд. Барои ин манзур, ҳуҷраҳои махсуси осиёб фароҳам кардаанд ва дар он ҳуҷраҳо мӯрчагони махсуси дигаре ҳастанд, ки дорои фукҳои бузург ва қавӣ ҳастанд. Донаҳоро дар он ҷо осиёб мекунанд ва барои ғизои соирин омода месозанд.

ولو فكرت في مجاري أكلها وفي علوها وسفلها، وما في الجوف من شراسيف بطنها، وما في الرأس من عينها وأذنها، لقضيت من خلقها عجبا، ولقيت من وصفها تعبا

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 227*) Ва агар тафаккур кунӣ ва мутолеа намоӣ дар маҷории ғизои ин ҳайвони кӯчак, ки чӣ гуна ғизо мехӯрад ва ғизоро фурӯ мебарад ва онҳоро ҳам ҳазм мекунад ва дафъ менамояд, агар шикамашро дар назар бигирӣ ва ин ки чӣ гуна зилъҳо ва дандаҳо барои он ҷуссаи сағир сохта шуда ва агар дастгоҳи дид ва дастгоҳи шунидаш, ки дар сараш қарор дорад, агар дар ҳамаи инҳо дақиқ шавӣ ва комилан мутталеъ шавӣ, ки чӣ гуна аст, ҳайрат бар ҳайратат меафзояд, ба қадре аст, ки ба заҳмат метавон тавсиф кард, китобҳоро пур мекунад, солҳо бояд ранҷ бурд ва мутолеа кард.

Имрӯз донишмандоне дар ин замина мутолеоте кардаанд, садҳо нафар тамоми умри худро дар атрофи ҳамин мавзӯъ ба охир расондаанд, китобҳо навиштаанд, таъабҳо ва ранҷҳо кашидаанд ва хабарҳои аҷиб барои мо овардаанд, махсусан масоиле, ки марбут ба фаҳм ва шуъур ва тафоҳум байни афроди мӯрчагон аст, аз аҷибтарин масоили аст, ки қаръи самъ мекунад.

Дар Қуръони Карим қазияи аҷибе аз тафоҳуми мӯрчагон дар достони Сулаймон нақл мекунад. Дар он сура, ки ба номи сураи Намл (сураи мӯрча) аст, мефармояд:

حَتَّىٰ إِذَا أَتَوْا عَلَىٰ وَادِ النَّمْلِ قَالَتْ نَمْلَةٌ يَا أَيُّهَا النَّمْلُ ادْخُلُوا مَسَاكِنَكُمْ لَا يَحْطِمَنَّكُمْ سُلَيْمَانُ وَجُنُودُهُ وَهُمْ لَا يَشْعُرُونَ. فَتَبَسَّمَ ضَاحِكًا مِنْ قَوْلِهَا وَقَالَ رَبِّ أَوْزِعْنِي أَنْ أَشْكُرَ نِعْمَتَكَ الَّتِي أَنْعَمْتَ عَلَيَّ وَعَلَىٰ وَالِدَيَّ وَأَنْ أَعْمَلَ صَالِحًا تَرْضَاهُ وَأَدْخِلْنِي بِرَحْمَتِكَ فِي عِبَادِكَ الصَّالِحِينَ

(*Намл/18-19*) Яъне Сулаймон ва сипоҳиёнаш ба водии мӯрчагон расиданд. Дар ин вақт мӯрчае мӯрчагонро мухотаб қарор дод ва гуфт: эй мӯрчагон! Ба паноҳгоҳҳои худ дохил шавед, мабодо Сулаймон ва сипоҳиёнаш шуморо лагадмол кунанд, инҳо намефаҳманд ва тавақҷӯҳе ба шумо надоранд. Сулаймон, ки мутавақҷеҳи ин хитоби мӯрча шуд, аз гуфтаи ин мӯрча лабханде зад ва гуфт: Худоё! Маро тавфиқ деҳ, ки неъматҳои туро, ки ба ман ва падару модарам иноят кардаӣ, шукр кунам ва кори шоистае, ки мувофиқи ризои ту бошад анҷом диҳам. Худоё! Ба карам ва раҳмати худ маро аз бандагони солеҳи худат қарор бидеҳ!

Амирулмӯъминин (а) дар он ҷумлаҳо фармуд:

وما في الرأس من عينها وإذنها

Ишора мекунад, ки дастгоҳи дид ва шуниди ин ҳайвон дар сари ӯст.

Имрӯз ҳам донишмандон дар таҳқиқоти худ ба ин ҷо расидаанд, ки ин ҳайвон ба василаи шохакҳое, ки дар сар дорад хабар медиҳад ва хабар мегирад.

Дар охири сухани худ мефармояд:

ولو ضربت في مذاهب فكرك لتبلغ غاياته، ما دلتك الدلالة إلا على أن فاطر النملة هو فاطر النخلة لدقيق تفصيل كل شيء، وغامض اختلاف كل حي، وما الجليل واللطيف، والثقيل والخفيف، والقوي والضعيف في خلقه إلا سواء

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 227*) (“*Агар дар роҳҳои фикру андеша сайр кунӣ, то ба натиҷа бирасӣ, ҷуз ин дастгират нахоҳад шуд, ки холиқи мӯрчаи кӯчак ва холиқи дарахти тановари хурмо як қудрат аст. Ҳамон низоми дақиқе, ки дар ин ба кор рафта, дар он*

ҳам ба кор рафтааст. Дар муқобили қудрати халлоқияти ӯ кӯчаку бузург, сабуку сангин, қавӣ ва заъиф баробаранд.”)

Ба ҳар ҳол, Қуръони Карим дар айни ин ки мефармояд Худованд аз ҳар зоҳире зоҳиртар аст, балки зоҳири воқеӣ ӯст –

“Ҳама олам ба нури ӯст пайдо”

— дар айни ҳол, ба воситаи ин ки сохтмони фикрии башар тавре аст, ки маъмулан ашёро ба кӯмаки нуқтаи муқобил мешиносад, Худовандро аз тариқи таҷаллиёташ ва мазоҳираш, ки уфулу ғуруб доранд, гоҳе ҳастанд ва гоҳе нестанд, нурҳое ҳастанд ҳамоғӯш бо зулмат, ҳаётҳое ҳастанд макрун ва ҳамресмон бо марг, ба башар мешиносонад. Ин ки Қуръон ин ҳама ба ҳаёт ва осори ҳаёт ва таҷаллиёти ҳаёт ва шуъуни ҳаёт тазаккур медиҳад, барои ҳамин манзур аст.

Гуфтори 20:

Инкорҳои беҷо

Ҳадиси маъруфе аст, ки илм се пилла ва се марҳила дорад. Инсон ҳаминки ба марҳилаи аввали он мерасад, мағрур мешавад ва такаббур мекунад, маълумоташ дар назараш ҷилва мекунад, худро аз ҳама чиз ва ҳама кас бартар ва болотар мебинад. (Ин марҳила, марҳилаи илмбинӣ ва худбинӣ аст.) То ба марҳилаи дуввум мерасад.

Дар ин марҳила, бар маълумоташ афзуда мешавад, азамати хилқат ва офариниш дар баробараш намудор мешавад, худро ва маълумоти худро дар баробари дастгоҳи азими офариниш кӯчак мебинад ва ҳолати тавозӯъ дар ӯ пайдо мешавад, (ин марҳила, марҳилаи воқеъбинӣ ва ҷаҳонбинӣ аст, аз илмбинӣ ба ҷаҳонбинӣ мерасад), ба ҷойи он ки ба маълумоти худ назар афканад, ба ҷаҳон назар мекунад ва бо он маълумоти ҷаҳонро андоза мегирад. То он ки қадам ба марҳилаи севвум мегузорад.

Дар ин марҳила мефаҳмад, ки ҳеч чиз намедонад –

علم أنه لا يعلم شيئا

— ин марҳила, марҳилаи буҳту ҳайрат аст. — Дар ин марҳила ҳамин қадр мефаҳмад, ки миқёсҳои фикрӣ ва метру шоқулҳои фикрӣ, ки ӯ дар кисаи фикри худ таҳия карда кӯчактар ва норасотар аз ин аст, ки битавонад ҷаҳони азимро бо онҳо метр кунад ва андоза бигирад.

Медонад ва мефаҳмад, ки миқёсҳои илму фикри ӯ барои як муҳити маҳдуди зиндагии худаш фақат саҳеҳ аст ба кор бурда шавад, на бештар.

Гумон мекунам ин байт аз Мавлавӣ бошад дар Девони Шамс:

Ҳосили умрам се сухан беш нест:

Хом будам, пухта шудам, сӯхтам.

Ин марди ориф давраи сулуки руҳонӣ ва ақлонии худро маҷмӯан дар се марҳила хулоса карда: давраи хомӣ, давраи пухтагӣ, давраи сӯхтагӣ. Давраи хомӣ ва ғурур ва такаббур ва илмбиниро бисёре доранд, вале оё касе ба давраи пухтагӣ ва ба давраи сӯхтагӣ бирасад, матлаби дигаре аст.

Ғурури илми ноқис

Ҳамон тавре, ки инсон гоҳе ба моли худ мағрур мешавад ва ҷунуни сарват ӯро мегирад, хаёл мекунад, молу сарват, ки ба чанг оварда ӯро аз ҳама чиз бениёз мекунад ва метавонад ӯро дар дунё мухаллад созад –

يَحْسَبُ أَنَّ مَالَهُ أَخْلَدَهُ

(*Ҳумаза/3) (“Мепиндорад, ки сарват мӯҷиби умри ҷовиди ӯст.*”) ё гоҳе ба ҷоҳу мақоми худ мағрур мешавад, ҷунуни ҷоҳу мақом бар мағзаш муставлӣ мегардад, ба туғён ва фасод дар рӯйи замин мепардозад, кӯси:

أَنَا رَبُّكُمُ الْأَعْلَىٰ

(*Нозиъот/24*) мезанад, ҳамин тавр ҳам гоҳе ғурури илм бар инсон мусаллат мешавад ва як навъ ҷунун бар ӯ муставлӣ мекунад, бо ин фарқ, ки ҷунуни сарвату қудрат, аз сарвати зиёд ва қудрати зиёд пайдо мешавад ва ҷунуни илм, аз илми кам ва идроки заъиф. Мегӯянд, ҳар чизе вуҷуди ноқисаш беҳтар аст аз адами маҳз, магар илм, ки ҳеч надоштанаш аз ноқис доштанаш беҳтар аст. Зеро илми ноқис ҷунуновар ва сукровар ва масткунанда аст. Албатта молу ҷоҳ ҳам ҷунуновар ва сукроваранд, аммо ҷунуни инҳо аз зиёдӣ пайдо мешавад, бар хилофи сукри илм ва ҷунуни илм, ки аз камӣ ва нақси он бармехезад, на аз зиёдӣ ва ҳамин сукру мастӣ маншаъи такзибҳое ба ҳақоиқ мешавад.

Дар ин ҷо як ҳадиси дигар аз Имом Содиқ Саломуллоҳи алайҳ нақл кунам.

Ду паймони Худо аз башар

Имом Содиқ (а) фармуд: Худованд бо ду оят аз оёти Қуръони Карим, бандагони худро аз тасдиқҳо ва такзибҳои беҷо манъ кардааст: яке ин ки мефармояд:

أَلَمْ يُؤْخَذْ عَلَيْهِمْ مِيثَاقُ الْكِتَابِ أَنْ لَا يَقُولُوا عَلَى اللَّهِ إِلَّا الْحَقَّ

(*Аъроф/169*) Оё аз ин мардум дар китоби осмонӣ паймон гирифта нашуда, ки ҷуз он чи ҳақ ва собит аст, ба Худо нисбат надиҳанд ва аз пеши худ нагӯянд, ин ҳаром аст ва он ҳалол? Аз пеши худ нагӯянд, Худо дар ин ҷо чунин дастур дода ва дар он ҷо чунон дастур дода? Паймон гирифта шуда, ки дар он чи Худованд сукут карда ва таклифе наёварда, онҳо ҳам сукут кунанд, на он ки аз пеши худ бидъатҳое биёваранд ва дастурҳое вазъ кунанд ба номи дастурҳои Худо.

Башар гоҳе марази тасдиқ пайдо мекунад; дар мавориде, ки Худо дастуре надода ва мардумро рӯйи масолеҳ ва ҳукме озод гузошта, мехоҳад аз пеши худ дастуре вазъ кунад ва ба Худо нисбат диҳад ва ё гоҳе корҳои зиште, ки фақат мувофиқи шаҳавоти ӯст ва майл дорад он корҳоро анҷом диҳад, меояд дастурҳое аз пеши худ вазъ мекунад ва он гоҳ мегӯяд, Худо ин тавр дастур дода:

وَإِذَا فَعَلُوا فَاحِشَةً قَالُوا وَجَدْنَا عَلَيْهَا آبَاءَنَا وَاللَّهُ أَمَرَنَا بِهَا ۗ قُلْ إِنَّ اللَّهَ لَا يَأْمُرُ بِالْفَحْشَاءِ ۖ أَتَقُولُونَ عَلَى اللَّهِ مَا لَا تَعْلَمُونَ

(*Аъроф/28*) (“*Ҳар гоҳ амале зишт анҷом диҳанд, гӯянд: падаронамонро ҳамин тавр ёфтем, ки ин корҳоро мекарданд ва Худованд ҳам ба мо ҳамин тавр амр карда. Бешак Худованд ба иртикоби корҳои зишт фармон намедиҳад. Оё бар Худо надониста ифтиро мебандед?*“)

Ин як паймон аст, ки Худованд аз бандагони худ гирифта, ки то илму яқин надоранд, як чизеро нагӯянд, ки ҳукми Худо ва амри Худо ва аз тарафи Худост.

Паймони дигар он ҷост, ки мефармояд:

بَلْ كَذَّبُوا بِمَا لَمْ يُحِيطُوا بِعِلْمِهِ وَلَمَّا يَأْتِهِمْ تَأْوِيلُهُ

(*Юнус/39*) Масоиле, ки бар он масоил иҳота надоранд, руҳу ботини он масоилро дарк накардаанд, ба ҷойи он ки бигӯянд: мо намедонем, мо намефаҳмем, фикри мо ба он ҷо намерасад, аз рӯйи ғурур ва худписандӣ такзиб мекунанд, мегӯянд: ҳамчу чизе нест. Надониста ва иҳота пайдо накарда рад мекунанд.

Шайхураис Абуалӣ Сино ду ҷумла дорад наздик ба мазмуни ин ҳадис. Ӯ роҷеъ ба тасдиқҳои бедалели бемаврид мегӯяд:

من تعود أن يصدق بغير دليل فقد انخلع عن الفطرة الانسانية

Яъне он кас, ки одат карда бидуни далел ҳар чи ба ӯ гуфта мешавад қабул кунад, аз фитрати инсоният хориҷ шуда, номи инсон наметавон бар ӯ ниҳод.

Роҷеъ ба инкорҳои бедалел ҳам мегӯяд:

كل ما قرع سمعك من الغرائب فذره ف بقعة الإمكان ما لم يذدك عنه قائم البرهان

Яъне ҳарчанд ба назарат аҷибу ғариб меояд, ба сирфи ин ки аҷиб аст инкор макун, магар он ки бурҳони илмии қотеъе дар кор бошад.

Ҳаддшиносӣ

Ҳар касе ҳамон тавре, ки аз лиҳози ҷисму андом, ҳадде ва андозае дорад, аз лиҳози руҳу ақлу илм ҳам ҳадде ва андозае ва зарфияте дорад, беҳадд нест. Инсон бояд ҳадди худро бишносад ва аз он ҳадд таҷовуз накунад.

العالم من عرف قدره

(“*Доно касе аст, ки ҳадду андозаи худро бишносад.*”) Яъне мумкин аст як нафар бисёре аз чизҳоро дар дунё бидонад, ба бисёре аз масоили риёзӣ ва табиӣ ва иҷтимоӣ иҳота дошта бошад, аз ҳама ҷойи дунё бохабар бошад, аз таърих бохабар бошад, аз гузашта бохабар бошад, ҳадду андозаи бисёре аз умурро бидонад, вале ба як масъала ҷоҳил бошад ва он масъала ҳадду андозаи худаш аст, руҳи худ ва фикри худро метр накарда ва андоза нагирифтааст. Ҳамаи он масоиле, ки медонад дар баробари ин яке, ки намедонад, ҳеч аст. Ин якро надонистан маншаъи ҳазор надонистани дигар мешавад, маншаъи такзибҳо ба ҳақоиқи мусаллами офариниш мешавад, маншаъи ғурурҳо мегардад. Дар ҷаласаи пеш матлабе роҷеъ ба маҳдуд будани дастгоҳи фикри башар арз кардам, гуфтам: “Ин дастгоҳи гирандаи фикри мо тавре сохта шуда, ки ҳар ҳақиқате, ҳарчанд дар мунтаҳои зуҳур бошад, агар нуқтаи муқобил ва нуқтаи мухолифе надошта бошад, ки он дуро бо ҳам муқоиса кунад, наметавонад онро бигирад”. Ҳамин як ҷиҳат кофӣ аст, ки сукру ғурурро аз каллаи одамӣ берун кунад, надониста ҳақоиқеро такзиб накунад.

Дар ду се ҷаласаи пеш арз кардам, ки Қуръони Карим гоҳе мавзӯъи зинда шудани заминро дар фасли баҳор, барои шаҳодат бар тавҳид меоварад ва гоҳе ба унвони намунаи як растохези кӯчак ва табдили нашъае ба нашъаи дигар. Худованди Мутаъол башарро танбеҳ мефармояд, ки ҳамон тавре, ки дар низоми ҷузъии зиндагии замини шумо мурдан ва зинда шудан ҳаст, ҳар тухме ва базре, ки дар як фасли сол дар замин афшода шавад, дар фасли дигаре ҳамон базр рушд мекунад ва нумӯ менамояд, дар як фасл ба муносибати он фасл он тухм ҷомид ва афсурда ва беҷон аст ва дар фасли дигар ҳамон тухм ба сурати зиндаи ҷондор зуҳур мекунад, ҳамин тавр аст дар як низоми куллитар ва як табдили нашъаи куллитар ва як растохези бузургтаре.

وَيَوْمَ نَحْشُرُ مِنْ كُلِّ أُمَّةٍ فَوْجًا مِمَّنْ يُكَذِّبُ بِآيَاتِنَا فَهُمْ يُوزَعُونَ. حَتَّىٰ إِذَا جَاءُوا قَالَ أَكَذَّبْتُمْ بِآيَاتِي وَلَمْ تُحِيطُوا بِهَا عِلْمًا

(*Намл/83-84*) (“*Рӯзе, ки аз ҳар уммате дастае аз онҳоро, ки оятҳои моро дурӯғ шумурданд маҳшур кунем ва ба саф кашида шаванд ва чун биёянд, Худованд ба онҳо*

хитоб кунад: оёти маро, ки дониши шумо ба онҳо иҳота надошт чаро такзиб кардед?..”)

Ҳар чизе, ки зиёд шуд ва оддӣ шуд, аҳаммияташ аз назарҳо меафтад. Мурдан ва зинда шудани замин аз ҳамин қабил аст. Умри табиии мо тавре аст, ки дар давраи умр даҳҳо бор ин суннати ҷорияро мебинем ва бинобар ин дар назари мо муҳим нест.

Мо дар васати низомҳои кӯчактар ва низомҳои бузургтар қарор гирифтаем, аз ҳеч тараф намедонем ба куҷо мерасем, аз ҳама тараф ба “намедонем” мерасем. Аз тарафи кӯчактар ба низоми селлул ва малекула ва атом расидаем ва намедонем то куҷо пеш хоҳад рафт ва аз тарафи бузургтар ба низоми шамсӣ ва низоме, ки низоми шамсӣ ҷузъе аз он ва тобеъи он аст ва ҳеч барои мо маълум нест он низом тобеъи чӣ низоме аст ва он низом дигар тобеъи куҷост ва билохира ба куҷо мунтаҳӣ мешавад. Мисли мо ва олам, аз ин назар, мисли ҳамон кирме аст, ки дар як себ ё як чӯб пайдо мешавад. Дунёи ӯ ва замину осмони ӯ ҳамон себ ва ҳамон чӯб аст. Ӯ намедонад, ки ин себ ҷузъе аст аз як низом ба номи дарахт ва он дарахт ҷузъе аст аз як низоми бузургтар ба номи боғ, ки ӯ худ сарпараст ва боғбоне дорад ва он боғ ҷузъе аст аз низоми бузургтаре ва он минтақаи шаҳристон аст ва ҳамаи онҳо ҷузъе аз як кишвар ва мамлакат аст ва он кишвар ва он мамлакат ҷузъе аз замин аст ва замин кураи кӯчаке аст дар ин фазои бепоён. Ва ҳамчунин аст анкабуте, ки дар сақфи як утоқ пайдо мешавад ва дар он ҷо мемирад ва ҳаргиз намефаҳмад ин утоқ ҷузъе аз хона ва он хона ҷузъе аз шаҳр ва шаҳр ҷузъе аз кишвар аст ва ҳамин тавр…

Табъан идрокоти онҳо нисбат ба идрокоти инсон маҳдуд ва кӯчак аст ва он чи барои инсон қобили қабул, балки бадеҳӣ ва мусаллам аст барои онҳо боварнакарданӣ аст. Ҳамчунин аст ҳолати инсон нисбат ба оламҳо бузургтар аз мадори зиндагии ӯ.

Одамӣ донад, ки хона ҳодис аст,
Анкабуте на, ки дар вай обис аст.
Пашша кай донад, ки ин боғ аз кай аст?
К-ӯ баҳорон зоду маргаш дар дай аст.
Кирм, к-андар чӯб зояд сустҳол,
Кай бидонад чӯбро вақти ниҳол?
(*Мавлоно*)

Ин аз ин назар, яъне аз назари ҳаҷми олам ва вусъати олам, аммо аз назари оламҳое, ки бар мо иҳота дорад ва тадбиру тақдири ҳаёти мо бо он ҷо баста аст, маҷҳулоти башар басе афзунтар аст. Аз куҷо, ки оламҳое дар кор набошад, ки нисбати олами мавҷуди мо нисбат ба он оламҳо, нисбати олами хоб ба олами бедорӣ бошад?

Ғаззолӣ дар таҳаввули руҳӣ, ки барояш рух дод, мавзӯъи хобро ба миён кашид ва гуфт, мо дар хоб ҷаҳоне мебинем ва дар он ҳол фикр намекунем, ки алъон дар хобем ва ин ҳолат кайфияте аст, ки ҷузъи низоми зиндагии мо воқеъ аст ва асли бедорӣ аст, вале ҳаминки бедор мешавем, ба ҷузъ будани он ҳолат пай мебарем. Аз куҷо, ки ҳолати зиндагии мо дар дунё нисбат ба як зиндагии дигар, ҳолати хобро надошта бошад? Яқини мо ба асолати зиндагии дунявии худ беш аз яқини шахси хоб нест.

Ин ки мегӯем вақте, ки бедор мешавем мефаҳмем хобу хаёл буда ва ҳақиқат набуда, яъне нисбат ба зиндагии комилтар, ки ҷузъи кӯчаке аз он хоб ва ҷузъи бузургтаре бедорӣ аст беҳақиқат аст, вагарна нисбат ба худ ҳақиқат аст ва хаёл нест. Зиндагии дунё ҳам нисбат ба худ ҳақиқат аст, вале нисбат ба мадори бузургтаре хоб асту хаёл:

الناس نيام فإذا ماتوا انتبهوا

(*Сад калимаи Амирулмӯъминин алайҳиссалом, аз Ҷоҳиз*)

Ҳамчунон дунё, ки ҳулми ноим аст,

Хуфта пиндорад, ки ин худ доим аст.

То барояд ногаҳон субҳи аҷал,

Вораҳад аз зулмати занну дағал…

Он чи кардӣ андар ин хоби ҷаҳон,

Гардадат ҳангоми бедорӣ аён.

(*Мавлоно*)

الدنيا مزرعة الآخرة

(*Кунузул-ҳақоиқ, Мановӣ, боби дол*) Дар ин ҷо мекорем ва дар он ҷо бармедорем.

Мазраъи сабзи фалак дидаму доси маҳи нав,

Ёдам аз киштаи хеш омаду ҳангоми дарав.

(*Ҳофиз*)

Инсон гоҳе бидуни таваҷҷӯҳ донае аз дасташ меафтад рӯйи замин ва дар лобалои хокҳо гум мешавад, коҳро аз гандум ҷудо карда ва онро ба масрафи коҳгил мерасонад ва хаёл намекунад, ки донае ҳам дар ин ҷо мавҷуд аст. Вале фасли баҳор мерасад, гандуми гумшуда, ки ба чашм намеомад, сар аз хок берун меоварад ва худро ба сурати ҷондоре дароварда мегӯяд, ман ҳастам, ту хаёл кардӣ ман гум шудам, гум шудан дар кор нест:

وَيَقُولُونَ يَا وَيْلَتَنَا مَالِ هَٰذَا الْكِتَابِ لَا يُغَادِرُ صَغِيرَةً وَلَا كَبِيرَةً إِلَّا أَحْصَاهَا

(*Каҳф/49*) Вақте, ки тамоми аъмоли худро навишта ва сабтшуда ва ҳозир мебинанд, бо камоли тааҷҷуб мегӯянд: ин чӣ навиштае аст, ки кӯчаку бузурге боқӣ нагузошта магар

он ки ҷамъоварӣ кардааст? Бар инсон лозим аст қабл аз ҳар чизе ҳадди фикри худро аз ҷанбаи навъӣ яъне аз ин ҷанба, ки ҳадди фикри башар чӣ қадр аст ва ҳамчунин аз ҷанбаи шахсӣ яъне мизони маълумот ва иттилооти шахсии худаш ба даст оварад ва ҳудуди тавоноии худро биёзмояд ва дар ҳамон ҳудуд, нафю исбот ва тасдиқу инкор кунад, он вақт аст, ки аз хато ва лағзиш масун мемонад.

* * *

Поёни китоб